211319

М. БОЛТАЕВ

# МАНТИҚ

КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ
МАКТАБҲОИ ОЛИИ
ТОҶИКИСТОН

НАШРИЁТИ „ИРФОН"
·1965·

М. БОЛТАЕВ

# МАНТИҚ

КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СТУДЕНТОНИ ФАКУЛЬТЕТҲОИ ТАЪРИХУ ФИЛОЛОГИЯ ВА ҲУҚУҚШИНОСИИ МАКТАБҲОИ ОЛӢ

*Вазорати Маорифи Халқи РСС Тоҷикистон тасдиқ кардааст*

НАШРИЁТИ «ИРФОН»
Душанбе—1965

Китобхонаи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба
номи А. Фирдавсӣ
2113/19 16

## АЗ МУАЛЛИФ

Мувофиқи плани илмии Вазорати мактабҳои олӣ ва мактабҳои ихтисоси миёна, бояд донишҷӯёни факультетҳои таърих у филология ва ҳуқуқшиносӣ асосҳои илми мантиқро омӯзанд. Аммо дар айни замон ба забони тоҷикӣ китобе нест, ки вай асосҳои ин илмро дар бар гирифта бошад. Китоби дарсии С. Н. Виноградов ва А. Ф. Кузьмин дар бораи илми мантиқ, ки ба забони тоҷикӣ тарҷима шудааст, ду камбудии асосӣ дорад:

Якум, ин китоб мувофиқи программаи мантиқи мактабҳои олӣ навишта нашуда, балки бо мақсади бо мафҳумҳои оддии мантиқ шинос кардани талабагони мактабҳои миёна таълиф гардидааст. Бинобар ин, дар китоби дарсии номбаршуда масъалаҳои муҳимми мантиқ, ки донистани онҳо барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ зарур аст, ифода наёфтаанд.

Дуюм, дар ин китоб масъалаҳои мантиқи ҳозиразамон — мантиқи математикӣ акс наёфтааст.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки то ҳол дар соҳаи философия, мантиқ ягона терминологияи ба забони тоҷикӣ қабулшудае надорем. Қатъи назар аз ин, мо дар ин ҷо терминологияи муайянро қабул намудем, ки ин ҳанӯз мукаммал нест.

Дар китоби дарсӣ, асосан се чиз ба назар гирифта шудааст:

Якум, китоб мувофиқи программаи мактабҳои олӣ навишта шуда, баёни таълимоти илмии мантиқро ба қадри имкон мунтазам ва пурра дар бар мегирад. Дар вақти баён намудани асосҳои илми мантиқ ихтисоси мутахассисони оянда низ ба назар дошта шудааст.

Дуюм, дар китоб ба тариқи мухтасар ақида ва таълимоти баъзе мутафаккирон ва мантиқшиносони Осиёи Миёна ифода ёфтаанд. Бо ақида ва лаҳзаҳои пешқадами таълимоти мантиқии гузаштаи халқи худ шинос шудани хонандагон бешубҳа аҳамияти калони илмӣ ва тарбиявӣ дорад.

Сеюм, дар вақти баёни масъалаҳои мантиқӣ, хусусан дар он қисмҳое, ки мавзӯъҳои «Мафҳум ва калима», «Муҳокима

ва ҷумла», «Хулосабарории бевосита» ифода карда мешаванд, хусусиятҳои ба худ хоси забони тоҷикӣ ба эътибор гирифта шудаанд.

Мантиқ яке аз илмҳои инкишоф ёфтаистодаи замони ҳозира мебошад. Мантиқи умумӣ ба ҷузъҳои конкретии гуногун: мантиқи математикӣ, мантиқи конструктивӣ, мантиқи комбинаторӣ, мантиқи техникӣ ва ҳоказо тақсим мешавад. Дар ин китоб дар бораи инкишофи мантиқ ва таълимоти мантиқи математикӣ мухтасар маълумот дода мешавад.

Асари мазкур, дар асоси лекцияҳое, ки муаллиф дар факультетҳои таъриху филологияи ва ҳуқуқшиносии Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дар зарфи чанди сол хондааст, навишта шудааст ва дар соҳаи илми мантиқ таҷрибаи аввалин мебошад. Аз ин рӯ, китоби мазкур, албатта, аз камбудию нуқсонҳо холӣ нест. Ба шахсоне, ки бо мазмуни ин китоб шинос шуда, барои беҳтар намудани нашри оянда, он фикру мулоҳиза ва маслиҳатҳои пурқимати худро додаанд, миннатдорӣ баён менамоям.

Дар хотима ба рафиқи мӯҳтарам, профессор Баҳоваддинов А. М., ки барои беҳтар намудани мазмуни китоби мазкур борҳо маслиҳатҳои қиматбаҳо додааст, инчунин ба номзади фанҳои философӣ Раҷабов М., доктори фанҳои педагогӣ Ярошевский М. Г., номзади фанҳои филологӣ Арзуманов С. Ҷ. ва дигар рафиқони ҳамкасб, ки дастнависи ин китобро хонда фикру мулоҳизаҳои пурқимат гуфтаанд, ташаккур ва миннатдорӣ изҳор менамоям.

БОБИ I

# ПРЕДМЕТ ВА АҲАМИЯТИ ИЛМИ МАНТИҚ

## § 1. ВОҚЕИЯТИ МОДДӢ ВА ДОНИСТАНИ ОН

Олами моддӣ, предмет, ҳодиса, воқеаҳои сершумор ва гуногуну рангоранги ин олами моддӣ, ҳиссачаҳои гуногуни ҷисмонӣ, атом, молекула, сайёра, ситора, системаи ситораҳо, растанӣ, ҳайвонот, инсон, ҷамъияти инсонӣ беруи аз шуури инсон мавҷуд буда, ба он вобастагӣ надоранд. Одам ҳамеша кӯшиш менамояд, ки ин ҳодисаҳо ва предметҳои сершумор ва гуногуни олами моддии аз шуури вай беруи ва ба он вобаста набударо дониста гирад. Дониш аслиҳаи тавонои инсон ва ҷамъияти инсонӣ мебошад. Тамоми комьёбиҳои ҷамъият ба дониш вобаста аст.

Дониш инъикоси предмет ва ҳодисаҳои олами моддӣ дар майнаи инсон ва шуури вай мебошад. Предмет ва ҳодисаҳои олами моддиро дар шуур инъикос намуда, дар бораи онҳо дониш пайдо кардан, бо ёрии роҳҳои муайян ва воситаҳои гуногун ба амал меояд.

Дараҷаи аввалини дониш аз ҳиссиёт сар мешавад. Инсон бо ёрии органҳо — қувваҳои ҳиссиёт, ки онҳо панҷтоанд (чунончи: қувваи босира, сомеа, таъм, шомма, ломиса); хосиятҳо, нишонаҳои сершумору гуногуни предмет ва ҳодисаҳои конкретӣ: рангҳо — сурхӣ, сафедӣ, кабудӣ ва ҳоказо; шаклҳо — калонӣ, хурдӣ; садоҳо, ҳаҷмҳо ва ғайраҳоро дар шуури худ инъикос намуда, дар бораи онҳо дониш пайдо мекунад.

Донишҳое, ки бо ёрии органҳои ҳиссиёт — қувваҳои ҳиссиёт пайдо карда мешаванд, якчанд шакл доранд. Шаклҳои асосии ин донишҳо аз эҳсос, идрок ва тасаввур иборатанд.

Эҳсос якӯмин ва оддитарин шакли дониши бо ёрии органҳои ҳиссиёт пайдошаванда мебошад. Ранг, маза, шакл, ҳаҷм, садо ва дигар хосиятҳои предмет ва ҳодисаҳои дар атрофи инсон воқеъгардида ба органҳои ҳиссиёт таъсир расонида, дар шуур эҳсосро ба амал меоранд. Чунончи, одам сурхии қаламро мебинад ва дар натиҷа дар майнаи вай онд ба ҳамон сурхӣ эҳсос пайдо мешавад ё ки аз радио суруди форамеро ме-

шунавад ва дар бораи форамии овози шунидаистода эҳсос пайдо мешавад. Бинобар ин, эҳсос чунин шакли донишест, ки вай ин ё он хосият, нишонаи предмет ва ҳодисаҳои конкретиро инъикос менамояд.

Вале дар олами моддӣ ин ё он хосият ва нишонаҳои алоҳида аз ҳамдигар ҷудо нестанд, балки предмет ва ҳодисаҳоеанд, ки онҳо бо якдигар алоқаманд буда, ба ҳар кадомашон маҷмӯи хосиятҳо ва нишонаҳои муайян хос мебошад. Инсон одатан бо ёрии органҳои ҳиссиёташ бештар ин ё он хосияти алоҳидаро не, балки предмет ва ҳодисаҳои бутуне, ки дорои бисьёр хосиятҳо, нишонаҳо мебошанд, инъикос менамояд. Ҳамон донише, ки вай инъикоси предмет, ҳодисаи бутун мебошад, идрок ном дорад. Чунончи, талаба дар синф истода, ҳаҷм, равшанӣ, сохт ва дигар нишонаҳои синфро бо ёрии органи ҳиссиёташ инъикос намуда, дар бораи синф дониши пурра пайдо намояд — ин идрок мешавад. Дар идрок ҳамаи эҳсосот ҷамъбаст, муттаҳид гардонида мешавад. Идрок аз маҷмӯи эҳсосот ташкил меёбад. Пас идрок шакли дуйӯми донишест, ки ба воситаи қувваҳои ҳиссиёт ба вуҷуд меояд.

Одам на фақат дар бораи он чизҳое ки онҳоро дар айни замон ҳис мекунад, дониш дорад, балки дониши ӯ дар бораи он чизҳое ҳам, ки аз ин пеш бо ёрии органҳои ҳиссиёташ қабул карда буд, донише ҳосил мекунад. Чунончи, мо метавонем намуду шакли Китобхонаи республикавии ба номи А. Фирдавсии шаҳри Душанберо, ки чанд рӯз муқаддам дар он ҷо шуда ҳис карда будем, ҳоло дар шуури худ барқарор намоем. Чунин шакли донишро тасаввур меноманд. Бинобар ин тасаввур донишест, ки вай аз ин пеш дар шуури инсон бо ёрии органҳои ҳиссиёташ дар натиҷаи ба вуҷуд омадани эҳсосҳо, дарк карда шудани предметҳо, ҳодисаҳо пайдо шуда, дар айни ҳол аз назар дур шудааст ва метавонад аз нав барқарор гардад.

Тасаввур шакли нисбатан мураккабтари дониши ҳиссии одам мебошад, зеро бо ёрии тасаввур на фақат предмет ва ҳодисаҳои яккаю конкретӣ инъикос карда мешаванд, балки ин шакли дониш метавонад гурӯҳи муайяни предмет ва ҳодисаҳоро ҳам инъикос намояд. Чунончи, мо на фақат дар бораи китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, балки дар бораи умуман китобхона тасаввур дорем. Умуман китобхонаро тасаввур карда истода, нишона, хосиятҳои якчанд китобхонаҳои ба ин монандро, ки аз ин пеш бо ёрии органҳои ҳиссиёт қабул карда будем, ба пеши назар оварда, намуди умумии онҳоро дар шуурамон барқарор менамоем. Бинобар ин, дар тасаввур ҳамчун шакли нисбатан мураккабтари дониш лаҳзаҳои умумӣ вуҷуд доранд.

Дар зиндагонӣ, дар ҳаёти ҳаррӯза инсон ба воситаи тасавуроташ бо ҳамдигар муносибат мекунад. Пас, инсон бо ёрии органҳо — қувваҳои ҳиссиёташ хосият, нишонаҳои предмет ва

ҳодисаҳои олами моддӣ, ки аз шуур берун ва ба он новобаста вуҷуд дорад, дар майнаи худ инъикос намуда, дар бораи онҳо эҳсос, идрок ва тасаввур пайдо мекунад.

Аммо дар олами моддӣ, дар табиат ва ҷамъият, ин предмет ва ҳодисаҳо ҳамеша дар ҳаракат, тағйирот ва инкишоф буда, ба онҳо қонуниятҳои тағйирот ва тараққиёт хос мебошанд. Ин гуна ҳаракат, тағйирот, инкишофи предмет ва ҳодисаҳоро, моҳият ва қонунияти тараққиёти онҳоро одам ҳис карда наметавонад. Моҳият ва қонуниятҳои инкишофи предмет ва ҳодисаҳоро бо ёрии органҳои ҳиссиёт бевосита инъикос намуда, дар бораи онҳо дониш пайдо карда наметавонем. Барои дониста гирифтани моҳият ва қонуниятҳои инкишофи ҳодиса инсон бояд фикр кунад. Масалан, аз илми физика ба мо маълум аст, ки шуоъҳои офтоб дар як сония 300 000 км ҳаракат мекунанд.

Оё ин гуна ҳаракати шуоъҳо барои тасаввур кардани одам имконнопазир аст? Ин донишро дар бораи ҳаракати шуоъҳои офтоб инсон ба воситаи тафаккур пайдо кардааст. Инсон дар бораи қонуниятҳои тараққиёти табиат ва ҷамъият дониш дорад. Ҳамаи ин донишҳое, ки моҳият ва қонуниятҳои предмет ва ҳодисаҳои олами моддиро инъикос мекунанд, ба воситаи тафаккур ба амал омадаанд.

Тафаккур шакли олии дониш мебошад.

Тафаккур монанди эҳсос, идрок ва тасаввур инъикоси олами моддии аз шуур берун ва ба он новобаста мебошад. Вале дар айни замон тафаккур аз донишҳое, ки бо ёрии органҳои ҳиссиёт пайдо карда мешаванд, ба куллӣ фарқ дорад. Эҳсос, идрок ва тасаввур чунин донишҳое мебошанд, ки онҳо предмет ва ҳодисаҳои атрофи муҳитро бевосита инъикос менамоянд. Аз ҳамин сабаб онҳо донишҳои бевосита ном доранд. **Тафаккур бошад, инъикоси бавосита ва умумият додашудаи олами моддӣ мебошад.**

Тафаккур ҳамеша дар асоси донишҳои бевосита — эҳсос, идрок ва тасаввур ба амал меояд. Одам фикр карда истода, ба он фактҳо, донишҳое ки бо ёрии органҳои ҳиссиёташ пайдо карда буд, истинод мекунад. Бе эҳсосу тасаввур тафаккур ба амал намеояд. Асоси тафаккур эҳсосот аст. Дар ин ҷо эҳсосот барои ба амал омадани фикр ҳамчун восита хизмат мекунад.

Одам бо ёрии тафаккур дониста мегирад, ки процессҳои дохили ядрогӣ қонунҳои ба худ хос доранд. Масалан, раъду барқ дар байни худ алоқаи сабабӣ доранд, навъҳои растаниҳо ва ҳайвонотро мувофиқи мақсад тағйир додан мумкин аст, ҷамъияти коммунистӣ ҳам дар асоси қонунҳои махсуси худ инкишоф меёбад. Вале барои он ки дар бораи процессҳои дохили ядрогӣ дониш пайдо шавад, одам бояд ин ё он процесси дохили ядрогиро мушоҳида намуда, тадқиқ кунад. Барои алоқаи сабабии раъду баркро фаҳмидан, ин ё он раъду баркро

мушоҳида карда меомӯзем, барои навъҳои растаниҳо ва ҳайвонотро мувофиқи мақсад тағйир додан, бояд навъҳо, зотҳои алоҳидаи растаниҳо ва ҳайвонот омӯхта шаванд, барои қонунҳои тараққиёти ҷамъияти коммунистиро донистан, бояд ҷамъияти муайяни коммунистӣ тадқиқ карда шавад. Барои донистани предмет ва ҳодисаҳои конкретӣ бояд хосият ва нишонаҳои махсуси онҳо фаҳмида шаванд, ки ин бо ёрии органҳои ҳиссиёт ба амал меояд. Аммо барои дониши илмӣ на ин ки омӯхтани организми ягон ҳайвон ва ё ҷамъияти коммунистӣ, балки умуман организм ва қонунҳои тағйироти вай, формацияи иҷтимоӣ-иқтисодии коммунистӣ ва қонунҳои инкишофи онро тадқиқ намудан лозим аст. Ин гуна донишро бо ёрии органҳои ҳиссиёт пайдо кардан мумкин нест. Ин тавр дониш ба воситаи тафаккур ба амал меояд. Тафаккур ба фактҳо, донишҳое ки дар натиҷаи мушоҳида, ҳис кардани предмет ва ҳодисаҳои конкретӣ пайдо мешаванд, вобаста аст. Одам онҳоро бо ҳамдигар муқоиса намуда чизҳои муҳим ва асосиро аз он чизҳое ки муҳим нестанд, дуюмдараҷаанд, ҷудо карда мегирад ва чизҳои беаҳамиятро соқит мекунад. Мо тафаккурро аз он сабаб инъикоси бавосита ва умумият додашудаи олами моддӣ меномем, ки бо ёрии тафаккур инсон на фақат чизи ҳис мекардагиашро дониста мегирад, балки чизҳоеро низ дониста мегирад, ки инсон онҳоро бевосита ҳис намекунад ва онҳо бо чизҳои ҳисшаванда алоқаи муайяне доранд. Дар тафаккур нишона, хосиятҳои муҳим ва умумии гурӯҳи муайяни ҷинси предмет ва ҳодисаҳо ҷамъбаст карда мешаванд.

Тафаккур ҳам чун дараҷаи дуюми процесси дониш, монанди он донишҳое, ки бо ёрии органҳои ҳиссиёт пайдо карда мешаванд, ҳамчун дараҷаи мантиқии процесси дониш шаклҳои махсус дорад. Шаклҳои махсуси тафаккур: мафҳум, муҳокима, хулосаи ақлӣ мебошанд. Дар рафти тафаккур мафҳумҳо ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ба тарзи махсус предмет ва ҳодисаҳои воқеиятро инъикос менамоянд. Ташкильёбии мафҳумҳо ба фикран ҷудо кардани нишонаҳо, хусусиятҳои умумии муҳимми предмет ва ҳодисаҳое, ки ин донишҳо дар охир ба дониста гирифтани алоқаҳои зарурӣ, қонунӣ оварда мерасонанд, вобаста аст.

Инъикос кунонидани алоқа, муносибат ва нишонаҳои предмет ва ҳодисаҳо ба тафаккур хос мебошад. Инсон алоқа, муносибат, предмет ва нишонаҳои онҳоро дар тафаккур инъикос намуда, ҳамеша бо воқеият мувофиқ будан ва ё мувофиқ набудани фикри худро муайян мекунад. Мо ба воситаи тафаккур муҳокима меронем. **Фикрҳое ки алоқа, муносибат, предмет ва нишонаҳои онҳоро инъикос менамоянд, муҳокима ном дорад.** Муҳокимаҳо асоснокиро талаб менамоянд, яъне ҳақиқатии онҳо бояд муайян карда шавад.

Муайян намудан ва асоснок кардани ҳақиқат ва ё дурӯғ будани фикрҳо, фикрҳои ҳақиқиро аз фикрҳои бардурӯғ ҷудо кардан ба воситаи амалиёти инсон исбот карда мешавад. Модоме ки бо ёрии фаъолияти амалӣ ҳақиқии фикрҳо муайян карда шуда, фикрҳои ҳақиқӣ аз фикрҳои бардурӯғ ҷудо карда мешаванд, амалиёт — меъёри ҳақиқат мебошад. Танҳо фаъолияти амалӣ-истеҳсолии инсон ҳақиқат ва ё дурӯғ будани ҳар навъ фикрро муайян мекунад. Амалиёт на фақат меъёри ҳақиқат, балки фаъолияти амалӣ ҳамчун асос ва мақсади дониш ҳам мебошад.

Ин фикр чунин маъно дорад, ки маҳз дар рафти амалиёти инсон дар соҳаҳои гуногуни саноат, хоҷагии қишлоқ, лабораторияҳои илмӣ дониш пайдо карда, онро дар амалиёт истифода бурдан аст. Дониш фаъолияти ҷамъиятии инсонро ниҳоят пурқувват мегардонад.

Инсон дар фаъолияти амалии худ бо оламе, ки вайро иҳота кардааст, бевосита муносибат мекунад. Дар процесси амалан таъсир расонидан ва дигаргун сохтан дар пеши назари инсон хусусиятҳои пеш аз ин номаълуми ашьёҳо ва предметҳо зоҳир ва ошкор мешаванд. Аз ашьёҳо ва предметҳо истифода бурдан дар айни замон маънии дониста гирифтани онҳоро дорад.

Амалиёт чи қадаре ки гуногун ва бой бошад, дониш ҳам ҳамон қадар васеъ ва чуқур мешавад.

Дар рафти фаъолияти амалӣ донишҳо, фикрҳои тахминӣ, таҷрибаҳои пештара санҷида мешаванд. Аз тарафи дигар, худи амалиёти инсон аниқ кардани мувофиқати мазмуни фикрро бо воқеият, ташкильёбии мафҳум, муҳокима ва фарқи фикри ҳақиқию дурӯғро металабад.

Ҳар навъ меҳнат ва фаъолияти амалӣ дар асоси донишҳои муайян ба миён меояд.

Дар вақти фикр кардан одам аз он донишҳое, ки дар амалиёт санҷида шудаанд, истифода бурда, дар асоси онҳо, бо ёрии онҳо, донишҳои худро боз ҳам зиёдтар ва васеътар менамояд. Чунончи, одам дар ягон ҷо дудро дида, дар бораи дар ҳамон ҷо вуҷуд доштани оташ хулоса мебарорад, ҳол он ки дар айни замон оташро надидааст. Дар ин гуна маврид инсон донишҳои дар амалиёт ва таҷрибаи пештара пайдо кардаашро (яъне ба чунин фикр: «дар он ҷое ки дуд ҳаст, оташ ҳам ҳаст») ба эътимод мегирад.

Ё ин ки мо аз радио ягон суруди форамро мешунавему дар бораи овози фалон артисти шинос буданаш хулоса мебарорем, зеро пеш аз ин, ин овоз ба мо маълум буд.

Аз донишҳое ки пеш аз ин пайдо шуда, дар амалиёт санҷида шудаанд, истифода мебарем ва аз ин сабаб барои санҷидани ҳар як фикр эҳтиёҷ надорем. Мазмуни донишҳои пеш аз ин пайдо намудаамонро таҳлил ва онҳоро бо далелҳо, ҳуҷ-

чатҳои нав алоқаманд карда, ҳамчун хулоса дониши нав пайдо менамоем. Барои ин гуна дониш бевосита ба амалиёт ва таҷриба эҳтиёҷ надорем, балки бо ёрии ақл пайдо мекунем. Бинобар ки, инсон вақте ки фикр мекунад, аз хулосаи ақлӣ истифода мебарад.

Тафаккур бо забон, нутқи инсон алоқаи узвӣ дорад. Тафаккур ва забон ҳодисаҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Нутқ, забон ва тафаккур дар процесси фаъолияти амалии инсон, бо пайдоиш, ташаккул ва инкишофи ҷамъият пайдо шуда, инкишоф ёфтаанд. Ф. Энгельс ба туфайли амалиёти меҳнатӣ дар одамизод забон ва тафаккур пайдо шуданро маънидод карда навишта буд: «Мухтасар карда гӯем, одамшудаистодагон рафтарафта ба дараҷае расиданд, ки дар онҳо *эҳтиёҷи ба якдигар чизе гуфтан* пайдо шуд. Ин эҳтиёҷ ба худ органи худро ба вуҷуд овард: ҳалқуми тараққинокардаи маймун оҳиста-оҳиста ҳам бошад, аммо пай дар пай бо роҳи модуляцияи торафт бештар тараққикардатаре дигаргун мешуд ва органҳои даҳон оҳиста-оҳиста ба талаффуз кардани як садои дигар омӯхта мешуданд»[1]. Ҳамин тавр нутқи саҳеҳ, забон ва вобаста ба вай тафаккури инсон ба вуҷуд омад.

Нутқ, забон натиҷаҳои фаъолияти дониш пайдо кардани одамро пойдор ва устувор мегардонад. Забон барои пайдоиши фикрҳо воситаи асосӣ мебошад. Забон чунин аслиҳа, воситаест, ки бо ёрии вай фикрҳо ифода карда мешаванд. Ҳар як фикр, ҳар як шакли фикр: мафҳум, муҳокима, хулосаи ақлӣ ба воситаи забон, калима ва алоқамандиҳои калима — бо ҷумлаҳо ифода меёбанд. Бе забон тафаккур вуҷуд дошта наметавонад. Фикр ҳамеша бо ёрии забон ифода карда мешавад. Хоҳ ин фикр дар майнаи сари инсон пайдо шавад, хоҳ онро одам нақл кунад ва хоҳ нависад, ҳамеша дар асоси забон, калима ва ҷумлаҳо ба вуҷуд омада, ифода карда мешавад. Забон шакли зоҳирии фикр мебошад. Реалияти тафаккур дар забон зоҳир мегардад. Мазмуни дохилии забонро тафаккур ташкил медиҳад. Забон на фақат барои ташкилъёбии тафаккуре, ки яке аз шаклҳои махсуси инъикоси воқеият мебошад, роли муҳимро бозидааст. Роли забон барои пайдоиши фикрҳо ба ҳар як шахс ҳам калон аст.

Олими машҳури рус И. П. Павлов дар таълимоти худ оид ба ду системаи сигналҳо барои тафаккур аҳамияти бузург доштани калимаро исбот намуда буд. Дар ин бобат ӯ навишта аст:

«Дар олами инкишофъёбандаи ҳайвонот, дар фазаи инсон, дар механизмҳои фаъолияти асаб иловаҳои фавқулоддае ба амал омад. Воқеият барои ҳайвон танҳо ба воситаи мутаас-

[1] Ф. Энгельс. Роли меҳнат дар процесси ба одам табдил ёфтани маймун. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, Душанбе, соли 1958, саҳ. 4.

сиршавӣ ва осори он дар нимдоираҳои калон сигнализация мешавад, ки аз он ҷо бевосита ба ҳуҷайраҳои махсуси биноӣ, шунавоӣ ва рецепторҳои дигари узвҳои организм мегузарад. Ин ҳам мисли таассурот, эҳсосот ва тасаввурот дар бораи муҳити атрофи ҷи умумитабиӣ ва ҷи иҷтимоӣ чизе мебошад, ки мо низ дороӣ он ҳастем, вале калимаи дида ва шунидашаванда аз ин соқит аст. Ин аввалин системаи сигналии воқеият мебошад, ки барои инсон ва ҳайвонот умумист. Аммо сухан системаи дуйуми сигналҳои махсуси моро ташкил дода, сигналҳои аввалин шудааст»[1].

Ҳамаи ин ба он шаҳодат медиҳад, ки ҳеҷ фикре бе забон ба вуҷуд намеояд. Ҳар як фикр дар асоси забон ба вуҷуд меояд ва бо ёрии калима ва ҷумлаҳо ифода карда мешавад. Забон ва тафаккур бо ҳам алоқаи зич доранд, вале онҳо айнан як ҳодиса намебошанд. Фикр, шакли махсуси инъикоси воқеият дар майнаи сари инсон мебошад. Вале забон воситаест, ки инсон бо ёрии вай фикри худро ифода мекунад.

Фарқияти тафаккур ва забон боз дар он аст, ки як фикр дар забонҳои халқҳои гуногун бо ёрии суханҳои гуногун ифода карда мешавад. Ҳатто, дар худи як забон ҳам баъзан як фикрро бо ёрии якчанд калимаҳои шаклан гуногун (синонимҳо) ифода мекунем. Масалан, шамс, хуршед, офтоб ва ғайра. Баъзан бо ёрии як калима якчанд фикрҳо (омонимҳо) (чунончи: дари хона, дар — пешоянд; бар — феъли фармоиш; бар — хушкӣ ва ғайра) ифода карда мешаванд. Ин фактҳо фарқи забону тафаккурро нишон медиҳанд.

Чунин аст таълимоти мантиқи материалистӣ дар бораи забон ва тафаккур.

Чи навъе ки дар боло зикр шуд, шаклҳои тафаккур: мафҳум, муҳокима ва хулосабарорӣ мебошанд. Ин шаклҳои фикр, ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати шакли худ инъикоси ҷиҳатҳои муайяни воқеият дар майнаи инсон мебошанд.

Чунончи, барои мисол хулосабарории зеринро аз назар мегузаронем: «Ҳамаи гражданинҳои СССР ҳуқуқи илмгирӣ доранд. Тоҷикҳо — гражданҳои СССР мебошанд. Пас, тоҷикҳо ҳуқуқи илмгирӣ доранд».

Дар ин ҷо на фақат мазмуни муҳокимаҳои зикршуда инъикоси ҳақиқии воқеият мебошанд, балки алоқаи онҳо ҳам ифодаи алоқаи чизҳои олами моддӣ мебошад.

Барои ташкильёбии шаклҳои фикр фаъолияти амалии одам роли ҳалкунандаро мебозад. Одам дар рафти таҷрибаи истеҳсолии худ, масалан, дониста мегирад, ки санг — яроқест, ки бо он бар зидди ҳайвонҳои дарранда мубориза бурдан мумкин аст. Дар натиҷаи борҳо такрор шудани фаъолияти амалӣ, дуруст будани ин фикр тасдиқ мешавад. Бинобар ин, одам хулоса ба-

---

[1] И. П. Павлов, Асарҳои мунтахаб, Москва, соли 1949, саҳ. 527.

роварда мегӯяд, ки санг аслиҳаест, ки ба воситаи он бар зидди ҳайвонҳои дарранда мубориза бурда мешавад.

Ин гуна тарзи алоқаи фикр дар таҷриба зуд-зуд вомехӯрад: дар он мавриде, ки одамон бо як чизи конкретӣ кор доранд ё дар бораи он чиз фикр мекунанд ва дар мавриде, ки онҳо бо дигар чиз, ҳодиса кор доранд ва ё дар бораи он фикр мекунанд, дар бораи чизи сейӯм, чаҳорӯм ва ҳоказо.

Чандин бор такрор шудани ин тарзи алоқаи фикрҳо ба пайдоиш, ташкилъёбии шакли зерини хулосабарорӣ меорад:

$$\frac{\begin{array}{l} A-B \text{ аст} \\ C-A \text{ аст} \end{array}}{C-B \text{ аст}}$$

Бинобар ин, пайдоиши ин шакли хулосабарорӣ ва дигар шаклҳои оддии хулосабарорӣ низ бевосита дар фаъолияти амалии инсон асос ёфтаанд.

В. И. Ленин навишта буд, ки «Фаъолияти амалии инсон миллиардҳо бор мебоист шуури инсонро ба такрори фигураҳои гуногуни мантиқӣ оварда мерасонд, то ки ин фигураҳо маънои аксиомаҳоро пайдо карда тавонанд»[1].

## § 2. ИЛМИ МАНТИҚ

Мантиқ ( منطق ) калимаи арабӣ буда, маъноаш нутқ, забон мебошад. Лекин дар ин ҷо мантиқ ҳамчун илм ба дигар маъно кор фармуда мешавад. Илми мантиқ тафаккури инсонро меомӯзад. Вале ҳама ҷиҳатҳои тафаккурро илми мантиқ намеомӯзад. Тафаккурро ғайр аз мантиқ дигар фанҳо ҳам — илми психология, физиологияи асабҳои олӣ, материализми диалектикӣ ва дигар илмҳо меомӯзанд. Ҳар яке аз ин фанҳо ҷиҳатҳои муайяни тафаккурро меомӯзад.

Психология ҳамаи ҳодисаҳои рӯҳии инсон ва хусусиятҳои ин ҳодисаҳои рӯҳиро тадқиқ менамояд. Тафаккур ҳам предмети омӯзиши ин фан мебошад. Аммо психология ҷиҳатҳои муайяни тафаккурро тадқиқ менамояд. Психология он сабабҳо ва шароитҳоеро меомӯзад, ки онҳо ба амал омадан ва инкишофи тафаккури шахси алоҳидаро ифода мекунанд. Ин фан сабабҳо ва шароитҳои тараққиёти тафаккури як шахсро меомӯзад. Психология инчунин сабабҳои солимию мӯътадилӣ ва ё нуқсонию вайрон шудани тафаккурро ошкор мекунад. Ин фан ба тафаккури инсон чӣ навъ таъсир расондани дигар ҳодисаҳои рӯҳӣ: ирода, эмоция, характер, хотира ва ғайра маълумот медиҳад.

Физиологияи асабҳои олӣ процессҳои моддии майнаи сар, ки асоси тафаккурро ташкил медиҳанд, меомӯзад.

---

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 38, саҳ. 190.

Материализми диалектикӣ ҷаҳонбинии Партияи коммунистӣ буда, масъалаи муносибати тафаккурро ба олами моддӣ, пайдоиш ва тараққиёти тафаккур ва шаклҳои онро ҳал мекунад. Ин фан манбаи дониш ва инкишофи он, чӣ будани ҳақиқат, усулҳои санҷидани донишҳо, роли дониши ҳиссӣ ва дониши ақлӣ ва ғайраро муайян менамояд.

Диалектикаи материалистӣ ягона методи умумии дониш мебошад. Қонунҳои умумитарини инкишофи донишро мантиқи диалектикӣ меомӯзад. Қонунҳои мантиқи диалектикӣ: қонуни гузаштани тағйироти миқдорӣ ба тағйиротҳои сифатӣ ва баръакс; қонуни ягонагӣ ва муборизаи бо ҳам зидҳо, қонуни инкори инкор, инъикоси қонунҳои инкишофи ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур мебошанд. Мувофиқи ин қонунҳои диалектикӣ тамоми чизҳо ва ҳодисаҳои олам ҳамеша дар ҳаракат, тағйирот ва тараққиёт мебошанд; инкишоф дар асоси муборизаи зиддиятҳои дохилӣ ба вуҷуд меояд, ки ин сабаби аз байн рафтани сифати кӯҳна ва пайдоиши сифати нав мегардад. Азбаски қонунҳои диалектикӣ инъикоси ҷиҳатҳои гуногуни олами моддӣ мебошанд, онҳоро қонунҳои тафаккур ҳам мегӯянд.

Агар ҳамаи чизҳо дар инкишоф бошанд, пас ин ҳол ба тафаккур ва шаклҳои он ҳам, ки ин чизҳоро инъикос мекунанд, тааллуқ дорад. Барои ҳамин ҳам диалектикаи марксистӣ ҳамчун илм, қонунҳои умумии ҳаракати олами берунӣ ва тафаккури инсонро меомӯзад.

Қонунҳо ва таълимоти материализми диалектикиро татбиқ кардан, мувофиқи онҳо амал кардан — шарти ҳартарафа ва чуқур дониста гирифтани ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият мебошад, ки онҳо дар рафти тараққиёти илм ва амалиёти ҷамъиятӣ ба миён меоянд. Диалектикаи материалистӣ барои омӯхтан ва тадқиқ намудани ҳодисаҳои воқеият методи муҳимтарини тафаккур мебошад.

Илми мантиқ тарафҳои дигари тафаккурро меомӯзад. Вай, тафаккур ва шаклҳои он: мафҳум, муҳокима, хулосабарориро фақат аз ҷиҳати сохти дохилӣ, тартиби ботинӣ меомӯзад. Ин фан шаклҳои мантиқии фикрҳоро муайян менамояд. Мантиқ қонун ва қоидаҳоеро ошкор ва муайян менамояд, ки ҳангоми пайдо намудани дониш бо роҳи хулосабарорӣ, мувофиқи онҳо амал кардан шарти асосии ба даст даровардани ҳақиқат аст.

Азбаски ин фан фикрҳои одамро қатъи назар аз мазмуни конкретии онҳо, фақат аз ҷиҳати шакли мантиқиашон меомӯзад, онро мантиқи шаклӣ меноманд.

Чи навъе ки дар боло зикр ёфт, шаклҳои фикрро (мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ) на фақат мантиқи шаклӣ, балки мантиқи диалектикӣ ҳам меомӯзад. Аммо аз ҷиҳати шакли мантиқӣ, аз ҷиҳати тартиб, сохт, мафҳум, муҳокима, хулосабаро-

риро фақат илми мантиқи шаклӣ меомӯзад, ки вай тағйирот, тараққиёти онҳоро дар айни ҳол ба эътибор нагирифта, шаклҳои фикрро ҳамчун ташаккульёфта меомӯзад. Мантиқи шаклӣ бештар ҳаҷми шаклҳои фикрро таҳлил менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, тафаккур ва шаклҳои онро танҳо мантиқи шаклӣ намеомӯзад.

## § 3. ШАКЛҲОИ МАНТИҚӢ

Шаклҳои мантиқии фикр — тартиб ва сохти фикрҳо мебошад. Барои фаҳмида гирифтани шакли мантиқӣ фикрҳои мазмунашон гуногун, вале сохти дохилиашон якхеларо бо якдигар муқоиса мекунем.

Масалан, муҳокимаҳои зерини мазмунашон гуногунро дида мебароем:

1. Ҳамаи нависандагони советӣ — мубориЗи сулҳ мебошанд.
2. Ҳамаи гражданҳои СССР ҳуқуқи баробари интихобот доранд.
3. Ҳамаи капиталистон истисморкунанда мебошанд.

Ин муҳокимаҳои мазмуни конкретии гуногун доштаро бо ҳамдигар муқоиса мекунем. Дар ҳар кадоми он се муҳокимаи мубтадои мантиқӣ мавҷуд аст, ки предмети фикрро ифода менамояд. Дар муҳокимаи якӯм мубтадои мантиқӣ мафҳуми «...нависандагони советӣ» мебошад, дар муҳокимаи дуйӯм мафҳуми «гражданинҳои СССР», дар муҳокимаи сейӯм мафҳуми «капиталистон» мебошад. Ғайр аз ин ҳар яке аз ин муҳокимаҳо хабари мантиқӣ доранд. Ҳар як муҳокима нишонаеро ифода менамояд, ки он ба предмети фикр хос аст. Дар муҳокимаи якӯм хабари мантиқиро мафҳуми «мубориЗи сулҳ», дар муҳокимаи дуйӯм мафҳуми «ҳуқуқи баробари интихобот», дар муҳокимаи сейӯм мафҳуми «истисморкунанда» ифода мекунад.

Мубтадои мантиқӣ бо ёрии *S* ишора карда мешавад, ки ин ҳарфи якӯми калимаи юнонӣ subjectum буда, маънои ин калима ва *мубтадо* мебошад. Хабари мантиқӣ бо ёрии P ишора карда мешавад, ки ин ҳарфи якӯми калимаи юнонӣ praedicatum буда, маънояш *хабар* аст.

Алоқаи байни предмети фикр ва он нишонае ки бо хабари мантиқӣ инъикос ёфтааст, муносибати мутааллуқии нишона ба предмет мебошад, ки дар ин мавридҳо ба воситаи калимаҳои «доранд», «мебошанд» ифода шудааст.

Бинобар ин муҳокимаҳои дар боло зикршуда, қатъи назар аз мазмуни гуногуни конкретии ҳар яки онҳо, як хел тартиб ва сохт доранд, ки ин сохт, тартиби онҳоро бо формулаи зерин ифода менамоем:

«Ҳамаи *S*-ҳо — *P* мебошанд».

Акнун се хулосабарории зеринро таҳлил карда мебинем:

1. Ҳамаи империалистон — истисморкунандаанд.
   Ин шахсон империалист мебошанд.
   
   ---
   Пас, ин шахсон истисморкунанда мебошанд.

2. Ҳамаи давлатҳои социалистӣ — давлатҳои демократӣ мебошанд.
   Булғория давлати социалистӣ аст.
   
   ---
   Пас, Булғория давлати демократӣ мебошад.

3. Ҳамаи ҷумлаҳои мураккаб аз якчанд ҷумлаҳои содда иборатанд.
   Ин ҷумла — ҷумлаи мураккаб мебошад.
   
   ---
   Пас, ин ҷумла аз якчанд ҷумлаи содда иборат аст.

Ин хулосабарориҳое ки мазмуни конкретиашон гуногун аст, сохт ва тартиби умумӣ доранд. Ҳар яке аз ин хулосабарориҳо аз се муҳокима иборат буда, ду муҳокимаҳои аввалин муқаддима, охиринаш аз мафҳумҳое, ки дар таркиби муқаддима вуҷуд доранд. ташкил ёфтааст.

Дар таркиби муҳокимаҳои муқаддимавии ин хулосабарориҳо як мафҳуми умумӣ вуҷуд дорад, ки вай дар муҳокимаи хулосавӣ дида намешавад. Дар таркиби хулосабарории якӯм ҳамин гуна мафҳум — мафҳуми «империалист», дар хулосабарории дуюм мафҳуми «давлати социалистӣ» ва дар хулосабарории сеюм мафҳуми «ҷумлаи мураккаб» мебошад.

Ин умумияте ки дар байни хулосабарориҳои мазмуни конкретиашон гуногун вуҷуд дорад — сохт, тартиби дохилии онҳоро ташкил медиҳад.

Бинобар ин, шакли мантиқии фикрҳои мазмунашон конкретӣ: сохт, тартиби онҳо, яъне тарзи алоқаи қисмҳои таркибии фикрҳои конкретӣ мебошад.

Дар илми мантиқ монанди дигар илмҳо шакл аҳамияти калон дорад. Ба воситаи шакл муносибат, алоқаи умумии чандин чизҳо, чандин фикрҳо мухтасар ифода карда мешавад. Дар асоси ин шаклҳо қоида ва қонунҳои мантиқӣ ташкил меёбанд.

Қоида ва қонунҳои мантиқӣ нисбат ба ин ё он фикри конкретӣ мутааллуқ набуда, балки ба тамоми фикрҳои конкретие, ки дорои як хел шакли мантиқианд, тааллуқ доранд.

Чунончи, барои ҳамаи муҳокимаҳои конкретие, ки шакли «ҳамаи *S*-ҳо — *P* мебошанд», қоидаи мантиқии зерин амал мекунад: агар муҳокимае, ки шакли «ҳамаи *S*-ҳо — *P* мебошанд» ҳақ бошад, он гоҳ муҳокимаи «Баъзе *S*-ҳо — *P* мебошанд» ҳам ҳақ мешавад. Масалан: аз муҳокимаи «ҳамаи драматургҳо нависанда мебошанд» хулосаи ҳақиқии «Баъзе нависандагон драматург мебошанд» баровардан мумкин аст. Ва боз дигар мисолро мебинем. Яке аз қоидаҳои як навъи хулосабарорӣ чунин ифода карда мешавад. «Агар *A*-*B* бошад, он гоҳ *C*-*D* мешавад» ҳақ бошад ва агар муҳокимаи «*A*-*B* аст» ҳақ бошад, он гоҳ, ал-

батта, муҳокимаи «*C-D* аст» ҳақ мешавад. Ин қоида нисбат ба ҳамаи муҳокимаҳое, ки ҳамин навъ шакл доранд, амал мекунад. Масалан: «Агар ҷисм тафсонда шавад, он гоҳ ҳаҷми вай васеъ мешавад». Маълум гардид, ки «ҷисм тафсонда шуд». Пас, аз ин ҷо чунин муҳокимаи ҳақ — «ҳаҷми ҷисм васеъ шуд», мебарояд.

Хулосабарориро ҳамин хел тартиб дода, қатъи назар аз он ки дар бораи адабиёт ё забон, ҳуқуқшиносӣ ва ё дигар чиз сухан ронда истодаем, хулосаи ҳақ мебарорем.

На фақат хулосабарорӣ, муҳокима, балки мафҳум ҳам шакли фикрест, ки нишонаҳои муҳимми предмет ва ё ҳодисаҳоро инъикос намуда сохти умумиро дорад. Вақте ки мо таърифи мафҳумҳои «грамматика», «давлат», «психология»-ро таҳлил мекунем, мебинем, ки дар ин ҳар се маврид ҳам таъриф аз як хел усули фикрӣ сар мешавад. Таърифкунандаи ин мафҳум дар вақти таҳлил чунин гурӯҳи предмет ва ҳодисаҳоро меёбад, ки мафҳумҳои «грамматика», «давлат», «психология» нисбат ба онҳо ҳамчун мафҳуми навъӣ ба ҳаҷми онҳо дохил мешаванд. Акнун худи таърифҳои дурусти мафҳумҳои «грамматика», «давлат» ва «психология»-ро мебинем.

«Грамматика илмест, ки маҷмӯаи қоидаҳои тағйирёбӣ ва алоқамандии калимаро дар ҷумла меомӯзад».

«Давлат — ташкилоти сиёсии ҷамъият мебошад, ки мақсадаш ҳукмронии як синфро нисбат ба дигар синф дастгирӣ карда, муқобилияти дигар синфҳоро фурӯ нишондан аст».

«Психология илмест, ки процессҳои психикӣ ва хусусиятҳои психикии одамро меомӯзад».

Дар ҳамаи ин се таърифҳо, қатъи назар ба мазмуни конкретии мафҳумҳои таърифшаванда, як хел усули фикрӣ истифода бурда шудааст, яъне гурӯҳҳои ҷинсии («илм», «ташкилоти сиёсӣ», «илм») онҳо муайян карда шуда, ба ҳаҷми онҳо ҳамчун навъ мафҳумҳои навъӣ («грамматика», «давлат», «психология») дохил мешаванд.

Қисми дуйӯми ин таърифҳои мафҳум ҳам аз ҷиҳати сохт, тартиби худ, қатъи назар аз мазмуни конкретии гуногуншон, як хел мебошанд.

Шаклҳо, қоида ва қонунҳои мантиқӣ характери умумихалқӣ доранд. Қонун ва қоидаҳои мантиқӣ мисли қонун ва қоидаҳои грамматикӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Ба қоидаҳои грамматикии ин ва ё он забон ҳамаи одамоне, ки бо забони мазкур сухан меронанд ва ё менависанд, қатъи назар аз он, ки дар бораи чӣ нақл мекунанд ва ё менависанд, бояд ба он риоя кунанд. Ин аз он сабаб аст, ки қоидаҳои грамматикӣ нисбат ба ин ва ё он калимаю ҷумлаи конкретӣ асос наёфта, балки нисбат ба бисьёр калима ва ҷумлаҳои конкретӣ, ки як хел шакли грамматикӣ доранд, асос ёфтааст. Қоидаҳои грамматикӣ дар асоси фикран ҷудо кардани он умумияте, ки дар тарзи ифодаи нутқии

фикрҳои конкретӣ мавҷуданд ва дар натиҷаи ҷудо кардани шаклҳои грамматикие ки ба онҳо мувофиқанд, ташкил меёбанд.

Дар мавриди ташкильёбии қонун ва қоидаҳои мантиқӣ ин ё он мазмуни конкретӣ аз назар дур карда мешавад. Аммо агар дар ташкильёбии қонун ва қоидаҳои грамматикӣ ин ва ё он тарзи конкретии ифодаи нутқии фикр аз назар дур карда шавад, дар рафти ташкильёбӣ, тартиб додани қонун ва қоидаҳои мантиқӣ мо тарзи алоқамандии умумии худи фикрҳоро ҷудо карда, мазмуни конкретии ин ва ё он фикрро аз назар дур менамоем.

Бо ин сабаб қонун ва қоидаҳои мантиқ ва грамматика васеъ амал карда, васеъ истифода бурда мешаванд. Ин монандии қонунҳои мантиқӣ ва қонунҳои грамматикӣ бо он вобастаанд, ки дар байни фикр ва нутқ алоқаи ҷудонашавандаи узвӣ мавҷуд аст.

Аммо дар байни қонунҳои мантиқ ва грамматика фарқи ҷиддӣ вуҷуд дорад. Ин фарқият аз он иборат аст, ки қонунҳои грамматикӣ фақат ба он шахсоне ки бо забони мазкур гап мезананд, умумӣ мебошад, зеро ҳар як забон сохти грамматикӣ ва қоидаҳои ба худ хосро дорад. Қонун ва шаклҳои мантиқӣ бошанд, барои ҳама умумӣ буда, характери миллӣ, синфӣ ва партиявӣ надорад.

## § 4. ДОНИШИ ХУЛОСАВӢ

Дар рафти донисти гирифтан, тадқиқ намудани предмет ва ходисаҳо, ё ин ки амалан ҳал намудани ин ё он масъала бевосита ба таҷриба, мушоҳидакунӣ муроҷиат накарда, балки донишҳоро, ки аз ин пеш пайдо карда будем, ба асос мегирем. Донишҳои аз ин пеш пайдо кардаамонро бо ҳамдигар алоқаманд намуда, онҳоро бо якдигар муқоиса карда, донишҳои навро ҳамчун хулоса пайдо мекунем. Бо ёрии ин донишҳо баъзан фикру ақидаҳое ки ҳақ буданашон муайян нашудааст, исбот мекунем.

Бинобар ин, дар вақти фикр кардан, донисти гирифтан ва тадқиқ намудани предмету ходисаҳо мо бештар аз хулосабарории ақлӣ истифода мебарем. Хулосабарориро амалиёти ақлӣ меноманд, зеро онро дар процесси тафаккур ба кор мебарем. Дониши хулосавӣ бо ёрии ақл, зеҳн аз донишҳое ки аз ин пеш ба воситаи ҳиссиёт пайдо намуда будем, бароварда мешавад.

Чунончи, одам масофаи аз замин то ҷисмҳои осмониро бевосита андоза накардааст, вале ӯ ин масофаро дар асоси хулосабарорӣ медонад. Ё ин ки таърихчиён фактҳои археологиро мушоҳида намуда, онҳоро омӯхта дар бораи ҳодисаҳо, воқеаҳои таърихие ки бевосита мушоҳида карда наметавонанд, бо ёрии хулосабарорӣ дониш пайдо мекунанд. Хулосабарорӣ чунин усули мантиқиест, ки вай дар асоси донишҳои аз ин пеш пайдо

кардашуда, санчида шуда, дар ҳар як соҳаи илму амалиёт барои баровардани дониши нав ба кор бурда мешавад. Масалан, забоншиносон лаҳча, шеваҳои маҳаллиро омӯхта, дар борэи хусусиятҳои нави бевосита мушоҳида карданашавандаи забони мазкур, хулоса мебароранд. Муаллим дар рафти таълим он чизҳое ки барои донишҷӯён маълум нест, ба воситаи дониш ва фикрҳое ки пеш нақл карда буд, исбот мекунад.

Мо дар вақти хулосабарорӣ, дониши нав пайдо карда истода, бевосита ба таҷриба, амалиёт муроҷиат намекунем, дар ин маврид мо ба донишҳое, ки ҳақ будани онҳо бевосита дар таҷриба, амалиёт санҷида шудаанд, такья мекунем. Бо ҳамин роҳ, яъне ба донишҳои дар амалиёт санҷидашуда истинод карда, (такья карда) дониши нав пайдо менамоем. Масалан, ба мо ҳақ будани ду фикри зерин маълум аст: — Ҳамаи асарҳои шоири Б бо услуби С навишта шудаанд. «Ин асар бо услуби С навишта нашудааст». Аз ин муҳокимаҳо мо дониши нав — «Ин асар асари шоири Б намебошад»-ро бевосита ба таҷриба муроҷиат накарда, хулоса мебарорем. Дар ин ҷо ҳам, албатта, ҳақ будани фикрҳои пештара — муқаддимаҳо дар вақташ бо таҷриба исбот шудаанд.

Бинобар ин, **доnише ки бевосита ба таҷриба, амалиёт муроҷиат накарда, ба донишҳои пештараи бо таҷриба, амалиёт муайян гардида, санҷида шуда ва бо татбиқ намудани қонунҳои мантиқӣ ба миён меояд, дониши хулосавӣ ном дорад.**

Яке аз вазифаҳои асосии илми мантиқ, омӯхтани қонун, қоидаҳои алоқаи фикрҳо дар рафти хулосабарорӣ мебошад. Аз ин рӯ хулосабарорӣ, шаклҳо ва навъҳои гуногуни он қисми муҳимтарини илми мантиқро ташкил медиҳад. Илми мантиқ ғайр аз хулосабарорӣ дигар шаклҳои мантиқӣ — мафҳум, муҳокима ва қонунҳои мантиқиро меомӯзад.

## § 5. ҚОНУНҲОИ МАНТИҚӢ

Ҳар як шакли мантиқӣ: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ қоидаҳои ба худ хос дорад. Ин қоидаҳои махсуси мантиқӣ алоқамандии фикрҳоро дар ҳар як шакли мантиқӣ муайян менамоянд. Ба ин қоидаҳои махсуси шаклҳои мантиқӣ риоя кардан шарти асосии пайдо намудани хулосаи ҳақ мебошад.

Аммо ғайр аз қоидаҳои махсуси ҳар як шакли мантиқӣ чунин қоидаҳои алоқаи фикре ҳастанд, ки онҳо дар ҳамаи шаклҳои мантиқӣ амал мекунанд.

Ин гуна қоидаҳои умумии алоқаи фикрро қонунҳои мантиқӣ меноманд. Дар илми мантиқ чор қонуни умумии мантиқӣ маълум аст: 1) қонуни айният; 2) қонуни зиддият; 3) қонуни истиснои салоса ва 4) қонуни асоси басанда.

Дар процесси тафаккур, хулосабарорӣ ва исботкунӣ ба ин қонунҳои мантиқӣ риоя кардан шарти зарурии донистани ҳақиқат мебошад. Агар ба ин қонунҳо риоя карда нашаванд, фикри

моро касе фаҳмида наметавонад ва гуфтаҳоямон маъни намедиҳанд. Мана як мисол аз романи нависандаи бузурги рус Л. Н. Толстой — «Анна Каренина». Дар байни ду қаҳрамони ин роман Сергей Иванович Қознышев ва Константин Левин дар бораи фоида ва аҳамияти маърифат барои халқ, баҳсу мунозира мерафт. Қознышев мегуфт, ки дар бораи фоидаи мактабу маърифат шубҳае надорад. «Пас деҳқони босавод, барои ту коркуни хеле зарур ва азизтар аст».

— Не, хоҳӣ аз ҳар кас, ки мехоҳӣ бипурс,— бо қатъият ҷавоб дод Константин Левин,— одами босавод, ба сифати коргар бад аст. Роҳҳоро ҳам таъмир кардан имкон надорад; пулро бошад, ҳамин ки сохтанд, ҳамон дам дуздида мебаранд.

Сергей Иванович зиддияти гуфторро хусусан дар мавқее, ки муттасил аз як далел ба далели дигар гузашта ва бе ҳеҷ муносибат далелҳои нав оварда мешавад, дӯст намедошт, чунки дар ин маврид кас ба чӣ ҷавоб доданашро намедонад. Бинобар ин ӯ рӯяшро турш карда:

— Ба ҳар ҳол, гап дар ин ҷо нест,— гуфт ӯ.— Оё ту хайрияти маорифро барои халқ эътироф мекунӣ ё не?

— Эътироф мекунам,— гуфт Левин баногоҳ ва ҳамон дам фикр кард, ки ин гапро беҷо гуфтааст. Ҳис мекард, ки агар инро эътироф мекарда бошад, дарҳол ба вай гапи пучу бемаъно гуфтанашро исбот хоҳанд кард. Ӯ намедонист, ки бародараш инро ба вай чӣ гуна исбот хоҳад кард, аммо ҳамин қадарашро медонист, ки ин бешубҳа ба таври мантиқӣ исбот карда мешавад ва ӯ мунтазири ин субот буд...

— Аммо ман ҳанӯз ин корро кори хуб гуфта эътироф намекунам,— сурх шуда гуфт Константин Левин.

— Чӣ навъ? Худат-ку ҳозир ҳаминро гуфтӣ...[1].

Акнун дигар мисолро дида мебароем.

Дар байни ду қаҳрамони романи нависандаи машҳури рус Тургенев «Рудин» дар бораи вуҷуд доштан ва ё вуҷуд надоштани эътиқод баҳсу мунозира мерафт. Яке аз ин қаҳрамонҳо Рудин мегуфт, ки эътиқод вуҷуд дорад, қаҳрамони дигар Пигасов мехост, ки вуҷуд надоштани эътиқодро исбот кунад.

Ин лаҳзаи роман чунин баён карда шудааст:

«— Бисьёр хуб! — гуфт Рудин. Пас ба қавли шумо, эътиқод гуфтанӣ чиз нест?»

— Нест ва вуҷуд ҳам надорад.

— Ин эътиқоди шумост?

— Бале.

— Пас чӣ тавр шумо мегӯед, ки эътиқод гуфтанӣ чиз нест? Мана дар аввали кор ба шумо як эътиқод.

«Аҳли хона ҳама бо табассум ба якдигар нигаристанд».

---

[1] Л. Н. Толстой. «Анна Каренина». Тарҷимаи Раҳим Ҳошим, Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, соли 1960, саҳ. 342.

Дар ин мисолҳо шахсони гуногун дар бораи масъалаҳои гуногун сухан рондаанд. Дар мисоли якӯм сухан дар бораи аҳамияти маърифат ва мактаб меравад. Дар мисоли дуйӯм фикр дар бораи вуҷуд доштан ва ё вуҷуд надоштани эътиқод меравад, вале хатоҳои Левин ва Пигасов шаклан як хел мебошанд. Ҳар дуи онҳо ҳам мехоҳанд дар як вақт фикрҳои ба ҳам зид, ки айнан дар бораи як чиз гуфта шудааст, алоқаманд намоянд.

Левин аввал гуфт, ки маърифат ва босаводӣ кори бад аст. Вале баъд аз фаҳмонда додан мегӯяд, ки маърифату босаводӣ кори нек аст. Фикрҳои «ин кори нек» ва «ин кори бад» бо якдигар зид буда, ҳамдигарро истисно мекунанд.

Барои ҳамин ҳам Қознышев ин фикрҳои Левинро гӯш карда дар ҳайрат монд.

Дар мисоли дуйӯм Пигасов аввал гуфт, ки эътиқод вуҷуд надорад, вале дар айни замон ин фикри худро рад карда, изҳор намуд, ки ӯ эътиқод дорад. Муҳокимаҳои «эътиқод вуҷуд дорад» ва «эътиқод вуҷуд надорад» фикрҳои бо ҳам зид мебошанду якдигарро истисно мекунанд. Агар яке аз ин фикрҳо ҳақ бошад, дигараш дурӯғ аст. Одамоне ки дар вақти баҳсу мунозираи байни Рудин ва Пигасов ҳозир буданд, нодурустии фикри Пигасовро фаҳмиданд.

Аз ин мисолҳо фаҳмидан душвор нест, ки дар як мулоҳиза, фикр, муҳокима, гуфтаҳои бо ҳамдигар зидро ҳақ донистан мумкин нест. Агар шахсе ки ду фикри бо ҳам зидди дар бораи як чиз гуфташударо ҳақ шуморад, ӯ ҳақиқатро фаҳмида наметавонад. Ду фикри бо ҳам зидди дар бораи як чиз гуфташударо ҳақ ҳисоб кардан, талаби яке аз қонунҳои мантиқиро вайрон кардан аст. Ин қонун — қонуни зиддият мебошад. Ин қонунҳои мантиқиро дар қисмҳои оянда китоб муфассал дида мебароем. Дониши қонунҳои мантиқӣ барои баровардани хулосаи дуруст, барои муҳокимаҳо ва гуфтаҳои худро дуруст исбот кардан, аҳамияти калон дорад. Ин қонунҳои умумии алоқаи фикрӣ ҳам предмети омӯзиши илми мантиқ мебошанд.

## § 6. БА ҚОНУН ВА ҚОИДАҲОИ МАНТИҚӢ РИОЯ КАРДАН — ШАРТИ ЗАРУРИИ ДОНИСТАНИ ҲАҚИҚАТ МЕБОШАД

Ба қонун ва қоидаҳои мантиқӣ риоя кардан, талаби онҳоро ба ҷо оварда фикр кардан шарти зарурии диниста гирифтани ҳақиқат дар рафти хулосабарорӣ ва исботи мантиқӣ мебошад.

«Агар муқаддимаҳои мо ҳақ бошанд,— навишта буд Ф. Энгельс,— ва агар мо нисбат ба онҳо қонунҳои тафаккурро дуруст татбиқ намоем, он гоҳ натиҷа бояд бо воқеият мувофиқ ояд...».[1]

[1] Ф. Энгельс, «Анти-Дюринг», Нашриёти давлатии адабиётии сиёсӣ, 1953, саҳ. 317.

Ин фикр чунин маънӣ дорад, ки барои аз хулосабарорӣ ёфтани дониши ҳақиқӣ, бояд ба ду шарти зерин риоя карда шавад:

1) Муҳокимаҳо, фикрҳое, ки аз онҳо хулоса бароварда мешавад, бояд ҳақ бошанд;

2) Дар рафти хулосабарорӣ бояд ин муқаддимаҳо мувофиқи қоида ва қонунҳои мантиқӣ алоқаманд бошанд.

Яке аз ин шартҳо ба ҷо оварда нашавад, хулосаи ҳақ баровардан мумкин нест.

Ду хулосабарориҳи нодурустро дида мебароем:

1. Ҳамаи забоншиносон қоидаҳои грамматикиро нағз медонанд.
Ин шахс қоидаҳои грамматикиро нағз медонад.

---

Пас, ин шахс забоншинос мебошад.

2. Ҳамаи нависандагон асарҳои драмавӣ менависанд.
Абдураҳмони Ҷомӣ асарҳои драмавӣ нанавиштааст.

---

Пас, Абдураҳмони Ҷомӣ нависанда намебошад.

Дар мисоли якӯм ҳар ду муқаддима ҳам ҳақ мебошанд, вале хулоса нодуруст аст, зеро мумкин ин шахс забоншинос набошаду аммо қоидаҳои грамматикаро нағз донад. Ин хулоса нодуруст аст, барои он ки яке аз қоидаҳои хулосабарорӣ вайрон карда шудааст.

Дар мисоли дуйӯм хулосаи дурӯғ («Абдураҳмони Ҷомӣ нависанда намебошад») ҳосил шуд, чунки яке аз муқаддимаҳо («Ҳамаи нависандагон асарҳои драмавӣ менависанд») — дурӯғ буд ва қатъи назар аз он ки дар ин ҷо ба қоидаҳои мантиқӣ риоя карда шуд, хулоса ғалат баромад. Фикрҳои зикршуда ба он шаҳодат медиҳанд, ки барои хулосабарориҳи ҳақ ба қоидаҳои мантиқӣ риоя кардан ҳанӯз кифоя нест, илова бар он муқаддимаҳо бояд ҳақ бошанд.

Фикрҳо, муҳокимаҳое ки аз онҳо хулоса бароварда мешаванд, бояд мазмунан ҳақ бошанд, бо воқеият мувофиқ оянд ва алоқамандии онҳо мувофиқи қонун ва қоидаҳои мантиқӣ бошад.

Фикри мантиқӣ бояд аз илми мантиқ фарқ карда шавад. Инсон дар давоми ҳазорҳо сол, аз даврай пайдоиш ва ташаккульёбии тафаккур, мувофиқи қонунҳои мантиқӣ фикр мекард, вале илми мантиқ танҳо баъди ошкор ва кашф кардани ин қонунҳо ба вуҷуд омадааст.

## § 7. ТАЪРИФИ ИЛМИ МАНТИҚ

Баъд аз муайян кардани шаклҳои фикр, қонунҳои мантиқӣ, пайдо шудани донишҳои хулосавӣ ва аҳамияти иҷро кардани талаботи қонунҳои мантиқӣ барои дониста гирифтани ҳақиқат, метавонем таърифи илми мантиқро баён намоем.

**Мантиқи шаклӣ илмест дар бораи шаклҳои тафаккур, қонунҳои алоқамандии фикрҳо дар хулосабарорӣ ва исботкунӣ. Мантиқ чунин илмест, ки вай шаклҳои фикрро аз ҷиҳати сохт, тарзи алоқамандии онҳо, қатъи назар аз тағйирот ва тараққиёти онҳо меомӯзад. Илми мантиқ, қонун ва қоидаҳоеро меомӯзад, ки онҳо дар рафти хулосабарорӣ амал мекунанд. Мантиқ, ҳамчун илм чунин усулҳои мантиқиро муайян менамояд, ки онҳо нисбат ба шаклҳои гуногуни фикри дорои мазмуни конкретӣ амал мекунанд.**

Мантиқи шаклӣ яке аз қисмҳои таркибии философияи марксистӣ намебошад. Агарчи ин илм қисми таркибии философияи марксистӣ — материализми диалектикӣ набошад ҳам, нисбат ба дигар фанҳо бо назария ва методи философӣ алоқаи наздик дорад.

Назарияи материалистӣ ва методи диалектикии философияи марксистиро ба асос нагирифта, масъалаҳои мантиқро дуруст фаҳмидан ва шарҳ додан имконнопазир аст.

Маълум аст, ки мувофиқи назарияи философияи материалистӣ материя, табиат, олами моддӣ якӯмин буда, аз шуур берун ва ба вай новобаста вуҷуд дорад. Тафаккур ва шаклҳои гуногуни дониши бошанд, ҳамчун инъикоси предмет ва ҳодисаҳои олами моддӣ дар майнаи инсон вуҷуд дошта, дуйӯмин мебошанд.

Бинобар ин, назарияи материалистӣ-марксистӣ ягона назарияи философии илмиест, ки дар асоси вай масъалаҳои мантиқӣ дуруст фаҳмонида ва шарҳ дода мешаванд.

Методи философияи марксистӣ методи диалектикӣ мебошад. Мувофиқи ин метод тамоми ҳодисаҳои олам қонунан ҳаракат карда инкишоф меёбанд. Бинобар ин фақат ҳамин методи илмии диалектикиро ба асос гирифта, пайдоиш ва тараққиёти тафаккур, шаклҳо ва қонунҳои мантиқро дуруст маънидод кардан ва эзоҳ додан лозим аст.

Мантиқ дар замони ҳозира илми шаҳ шудамонда намебошад. Ин илм дар баробари комьёбиҳои илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ тараққӣ карда, инкишоф меёбад. Хусусан як қисми мантиқи умумӣ, ки вай ҳоло мантиқи математикӣ номида шудааст, дар зарфи тақрибан як аср бо суръат инкишоф меёбад.

Мантиқи математикӣ дар натиҷаи дар илми мантиқ татбиқ намудани методҳои шаклии математика ва ба ҷои забони муқаррарӣ кор фармудани забони аломатҳо ва формулаҳо ба вуҷуд омадааст. Дар мантиқи математикӣ тафаккур ва шаклҳои он — муҳокима, хулосабарорӣ ва исботкунӣ ба воситаи дар системаҳои шаклии мантиқӣ, формулаҳои ҳисобкунӣ ифода намудани он, омӯхта мешавад. Бинобар ин, мантиқи математикӣ аз ҷиҳати предмети омӯзиши худ мантиқ буда, аз ҷиҳати методи худ математика мебошад. Дар мантиқи математикӣ таълимот, идеяҳо ва методҳои мантиқи классикӣ хеле инкишоф дода шу-

даанд, пас, вай давраи тараққии ҳозиразамони мантиқ ба шумор меравад.

Мантиқи математикӣ ҳамчун як қисми мантиқи шаклӣ дар асри XIX ба миён омад. Таълимоти мантиқи математикиро мантиқшинос ва философ Лейбниц кор карда баромадааст. Лейбниц барои тартиб додани ҳисобкуниҳои мантиқӣ саъю кӯшиш карда буд. Асосгузори мантиқи математикӣ, математики англис Ҷ. Бул буд, ки тадқиқотҳои ӯро математики немис Э. Шредер, математики рус П. С. Порецкий ва дигарҳо давом додаанд. Мантиқи математикӣ дар асоси математикаи замони ҳозира тараққӣ карда бошад ҳам, аммо масъалаҳои он характери мантиқӣ доранд.

Мантиқи математикӣ чунин масъалаҳоро ба миён гузошта ҳал менамояд, ки онҳо дар мантиқи умуми дида намешаванд. Чунончи, ин фан дар баробари омӯхтани ҷиҳати шаклии ҳисобкуниҳои мантиқӣ (синтаксиси мантиқӣ), мафҳумӣ, маънои ифодаҳои забониро аниқ таҳлил менамояд (семантикаи мантиқӣ).

Мантиқи математикӣ дорои аҳамияти назарӣ мебошад. Ин фан исбот намуд, ки воситаҳои мантиқии илм бо мазмуни соҳаи тадқиқшаванда вобаста аст.

Мантиқи математикӣ бо роҳҳои гуногун дар соҳаи техника татбиқ карда мешавад. Агар муваффақиятҳои мантиқи математикӣ ба вуҷуд намеомаданд, ихтироъ намудани мошинаҳои мантиқии (информатсионии) замони ҳозира имконнопазир мебуд. Мантиқи математикӣ бо математикаи мошинӣ, назарияи автоматҳо, кибернетика ва лингвистикаи математикӣ вобаста аст, ки ин соҳаи илм ва техника дорои аҳамияти бузурги амалӣ мебошад.

## § 8. АҲАМИЯТИ ИЛМИ МАНТИҚ

Барои дуруст сухан рондан, бе хато навиштан ва дуруст муҳокима рондан бояд ҳар як одам таълими забонро аз худ кунад, қоидаҳои грамматикиро донисга гирад. Баъзе шахсон қоидаҳои грамматикаро надонанд ҳам, дар баъзе мавридҳо фикрашонро дуруст баён карда метавонанд. Вале, агар ин шахсон қоидаҳои грамматикиро бошуурона ва чуқуртар аз худ намоянд, ҳеҷ гоҳ ба хатоҳо роҳ намедиҳанд ва бо камоли боварӣ сухан меронанд.

Барои дуруст фикр кардан, аз фикрҳо, гуфтаҳои худ хулосаи ҳақ баровarда тавонистан ва фикру муҳокимаҳои ҳақро исбот карда, ақидаҳои дурӯгро рад кардан, бояд мо илми мантиқро омӯзем ва қонуну қоидаҳои мантиқиро донисга гирем.

Олими машҳур ва мантиқшиноси тоҷик — Насриддини Тӯсӣ мегӯяд, ки сохтани тахт ба шахсе, ки ҳунар ва таҷрибаи наҷҷорӣ надорад, супорида шавад, шояд ӯ барои сохтанаш душвориҳои зиёде кашад. Аммо сохтани ҳамон тахт ба наҷҷори мо-

хире супорида шавад, вай ба ҳунару таҷрибаи наҷҷории худ такья карда, ин корро бо осонӣ анҷом медиҳад. Айнан мисли ҳамин, шахсе ки мантиқро намедонад, ӯ мувофиқи қонунҳои ин фан фикр мекунаду вале дар баъзе мавридҳо ба хатоҳое роҳ медиҳад ва сабаби хатоҳояшро намефаҳмад. Касе ки мантиқро медонад, хатоҳои содиршударо бартараф намуда, бо камоли боварӣ дуруст фикр мекунад.

Мувофиқи ақидаи мантиқшинос Лейбниц мантиқ восита, олатест, ки дарккунии инсонро пурзӯру пурқувват менамояд. Нақшакаши бад аз чунин асбоб чун ҷадвал истифода бурда, хатти ростро дуруст мекашад, вале нақшакаши беҳтарин бе ин асбоб ба ин кор муваффақ шуда наметавонад. Илми мантиқ ҳам айнан ҳамин тавр аст.

Агар мо ба қонунҳои мантиқӣ риоя карда мувофиқи он амал кунем, фикри мо муайян, равшан, возеҳ ва мунтазам мешавад, он аз зиддиятҳо озод гардида, асоснок мебарояд. Донистани мантиқ, дар вақти баҳсу мунозира рад кардани фикрҳои нодуруст ва ғалат ёрӣ мерасонад.

Ҳар як шахс, қатъи назар аз касбу кораш — хоҳ вай коргар, хоҳ деҳқон, хоҳ инженер, хоҳ олим, хоҳ муаллим, хоҳ хизматчии идораю муассиса бошад, бояд қонуну қоидаҳои мантиқро дониста гирад.

Қонунҳои мантиқӣ дар процесси тафаккур дар ҳама соҳаҳои дониш амал мекунанд. Қонунҳои дониши хулосавӣ бояд дар ҳамаи соҳаҳои илм: математика, физика, забоншиносӣ, таърих, ҳуқуқшиносӣ ва дигар илмҳо риоя карда шаванд. Қонунҳои фанҳои ҷудогона бошанд, фақат дар соҳаи маҳдуд, яъне дар доираи масъалаҳои худи ҳамон фан амал мекунанд.

Масалан, қонунҳои грамматикаи забони тоҷикӣ танҳо ба соҳаи забони мазкур хосанд. Қонунҳои мантиқ бошанд, дар ҳама ҷо, дар он ҷое ки фикр ва фикркунӣ ҳасту дониши хулосавӣ бароварда мешавад, амал мекунанд.

Касе ки мехоҳад, бе хато ва дуруст фикр кунад, қатъи назар аз миллат, намояндаи кадом синф буданаш ва забони миллиаш ва ғайра, бояд илми мантиқро донад ва аз худ намояд.

Ҳамаи мутафаккирон, олимони замонҳои гузашта ва ҳозира ба илми мантиқ баҳои калон дода, аҳамияти онро барои баланд бардоштани маданиятнокии одамон қайд намудаанд.

Эҷодкорони таълимоти марксизм-ленинизм зарурияти дониста гирифтани қонунҳои мантиқро борҳо таъкид кардаанд. Ф. Энгельс дар бораи таърихи философия ва фарқияти ҷиддии философияи марксистӣ ва таълимоти кӯҳнаи философӣ чунин навишта буд: «Аз тамоми философияи пештара ҳоло таълимот дар бораи тафаккур ва қонунҳои он — мантиқи шаклӣ ва диалектикӣ дорои аҳамияти мустақил мебошад» [1].

[1] Ф. Энгельс, Анти-Дюринг, с. 1950, саҳ. 25.

В. И. Ленин аҳамияти мантиқро барои тафаккур нишон дода, ба шахсоне ки қонунҳои мантиқро дар муҳокимаронӣ ва хулосабарориҳо ва исботкунӣ вайрон мекарданд, зарурияти донистани мантиқро таъкид менамуд. Чунончи, В. И. Ленин мантиқан нодуруст будани фикрҳо, ақидаҳои вакилони бундро ошкор намуда, аз «Фауст» ном асари нависандаи машҳури немис Гёте суханони зеринро оварда буд:

«Дӯсти азизам, ба шумо маслиҳат ҳамин, ки аввало мантиқро омӯзед»[1].

Қонунҳои мантиқиро донистан ва талаботи онҳоро дар рафти тафаккур иҷро кардан, барои мунтазам, саҳеҳ ва равшан ифода кардани фикр аҳамияти калон дорад. Касе ки дуруст, бе хато ва равшан фикр мекунад, вай фикрҳояшро ҳам дуруст ва равшан ифода мекунад. Ин ақида, бешубҳа, маълум аст, зеро фикр бо нутқ алоқаи узвӣ дорад.

Барои донишҷӯён донистани қонунҳои мантиқӣ аҳамияти хеле калон дорад, чунки ба талаботи қонунҳои мантиқӣ риоя кардан — қобилияти онҳоро ба дониш ва қобилияти фикрии онҳоро инкишоф медиҳад.

Яке аз талабагони мактаби миёна дар бораи аҳамияти илми мантиқ навиштааст: «Ман фаҳмидам, ки бе мантиқ, бе тафаккури мантиқӣ, бе системаи фикрҳо ҳеҷ як илм вуҷуд дошта наметавонад. Илм аз ҳар ҷиҳат ба далел ва исбот асос ёфтааст. Исботҳо бошанд — натиҷаи тафаккури мантиқӣ, натиҷаи мушоҳида ва таҷрибаанд. Менделеев бе мушоҳида ва таҷриба, бе тафаккури мантиқӣ, ҷадвали даврии элементҳои химиявиро тартиб дода наметавонист. Бе тафаккури мантиқӣ кашфиётҳои бузурги илмӣ мумкин набуд»[2].

Пас, омӯхтани қонуну қоидаҳои мантиқӣ, шарти асосии тафаккури равшан, муайян ва мунтазам мебошад.

## § 9. МУХТАСАР ДАР БОРАИ ТАЪРИХИ МАНТИҚ

Мантиқ яке аз илмҳои қадимтарин аст, бинобар ин фанни мазкур таърихи дуру дарозе дошта, вай бисёр асрҳоро дар бар мегирад.

Таълимот дар бораи шакл ва қонунҳои тафаккур бо пайдоиши донишҳои ибтидоии инсон ба вуҷуд меояд. Азбаски дар дунёи қадим философия дигар донишҳои илмии алоҳидаи конкретиро дар бар мегирифту илми мантиқ бо масъалаҳои назарияи дониш алоқаи узвӣ дошт, бинобар ин бисёр мутафаккирони гузашта мантиқро илми философӣ мешумориданд. Аз ин сабаб дар маънидодкунӣ ва шарҳ додани масъалаҳои мантиқӣ, масалан, дар бораи моҳияти тафаккур, шакл ва қонунҳои он дар

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 23, саҳ. 30.
[2] Журнали «Советская педагогика», соли 1948, № 9.

байни материалистону идеалистон ҳамеша муборизаи оштинопазири бошиддат мерафт.

Маълум аст, ки дар байни фикр ва нутқ муҳокима ва ҷумла, мафҳум ва калима алоқаи узвӣ вуҷуд дорад, бинобар ин донишмандони қадими илми мантиқ масъалаҳои мантиқиро бо таълимоти грамматикӣ алоқамандона тадқиқ мекарданд. Аз ин рӯ, онҳо донишро дар бораи масъалаҳои мантиқӣ ва грамматикӣ илми ягонаи том медонистанд.

Мутафаккирон ва файласуфони Ҳиндустон ва Юнони қадим бо омӯхтан ва тадқиқ намудани шакл ва қонуну қоидаҳои мантиқӣ машғул мешуданд.

Дар Ҳиндустони қадим аввалин донишҳои философӣ ва мантиқӣ дар асрҳои IX—XI пеш аз милод пайдо шуда, ин таълимотҳо дар ёдгориҳои Ведҳо («Донишҳо») ва Упанишадҳо ва дигар асарҳое ки то давраи мо омада расидаанд, баён карда шудаанд.

Мантиқшиносони қадими Ҳиндустон масъалаҳои манбаи дониш, роли ақл, хирад дар рафти дониш, шаклҳои фикр: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ ва навъҳои онҳоро чуқур таҳлил намудаанд.

Мантиқшиносони Ҳиндустон яке аз шаклҳои хулосабарориро ошкор намудаанд, ки ба ақидаи онҳо таркиби он аз 5 қисм иборат аст. Чунончи, мувофиқи таълимоти мактаби философии Ньяйи, хулоса ҳамчун исботи ҳалкунанда аз панҷ муҳокима иборат мебошад, ки ин муҳокимаҳоро аъзоҳо (узвҳо) меноманд. Барои хулосабарории панҷқисмнок чунин мисолро меорем:

1. Рама фавтшаванда (пратиджна).
2. Чунки ӯ одам (хету).
3. Ҳамаи одамон фавтшавандаанд (масалан, Суқрот, Кант, Гегель) (удахарана).
4. Рама низ одам (упаная).
5. Пас, ӯ фавтшаванда аст (нигамана).

Муҳокимаи якӯм чизеро тасдиқ менамояд, дуюмаш асоси ин тасдиқро нишон медиҳад. Удахарана муҳокимаи умумӣ мебошад, ки алоқаи байни асос ва факти тасдиқшавандаро, ки бо мисолҳои муайян пурқувват карда мешавад, нишон медиҳад; упаная — ин чизи умумиро нисбат ба ҷузъӣ татбиқ кардан аст; нигамана — хулосаест, ки аз муҳокимаҳои аввалин мебарояд.

Дар асри VII милод мутафаккир Дармакирти «Қатраҳои мантиқ» ном китоби дарсии мантиқро навишта буд, ки дар асри IX Дармоттара ба ин китоб шарҳ навиштааст.

Дар Юнони қадим бо масъалаҳои мантиқу философия материалисти машҳур Демокрит (тахминан солҳои 460—370 пеш аз милод) машғул шудааст. Ин мутафаккир ба масъалаҳои дониши таҷрибавӣ хулосабарории индуктивӣ, қиёс, таърифи мафҳум диққати махсус додааст. Демокрит ва ҳамфикри ӯ Левкипп якӯмин маротиба мазмуни назарии қонуни асосии басан-

даро баён намуда, навишта буданд: «Ҳеҷ як чиз бе сабаб ба вуҷуд намеояд, лекин ҳама чиз бо ягон асос ва бо амри зарурат пайдо мешавад».

Дар дуньёи қадим масъалаҳои мантиқиро аз ҳама васеътар ва чуқуртар Аристотель (с. 384—322 пеш аз милод) таҳлил намуда, тадқиқ карда буд, ки дар ҳақиқат асарҳои вайро қуллаи олии тараққиёти философияи дуньёи қадим мешуморанд.

Ин донишманди бузург, тамоми таълимоти мантиқии давраи худро омўхта, ба комьёбиҳои илмҳои замонаш истинод карда, дар асарҳояш тамоми масъалаҳои асосӣ ва муҳимтарини илми мантиқро кор карда баромад, ки ин натиҷаҳои тадқиқотии вай ба таркиби илми мантиқ абадӣ дохил гардиданд.

Таълимоти мантиқии Аристотель (Арасту) дар «Категорияҳо», «Дар бораи маънидодкунӣ», «Аналитикаи якўм», «Аналитикаи дуйўм», «Топика», «Дар бораи инкори сафсата» ном асарҳои ў баён карда шудаанд, ки ҳамаи ин асарҳоро пайравони вай якҷоя намуда ба онҳо «Органон» (аслиҳаи дониш) ном додаанд.

Дар «Категорияҳо» таълимот дар бораи мафҳум: «Дар бораи маънидодкунӣ» таълимот оид ба назарияи муҳокима; дар «Аналитикаҳо» таълимоти хулосабарорӣ ва исботкунӣ, дар «Топика» таълимот дар бораи категорияҳои асосии мантиқӣ ва усулҳои мантиқие ки дар тафаккур татбиқ карда мешаванд; «Дар бораи инкори сафсатаҳо» хатоҳои дар хулосабарорӣ ва исботкунӣ содиршаванда ва воситаҳое ки ин хатоҳоро ошкор менамоянд, баён карда шудаанд. Дар асари бузургтарини философии Аристотель, ки вай «Метафизика» ном дорад, дар баробари масъалаҳои гуногуни философӣ, таълимоти ў оид ба қонунҳои мантиқии фикр: қонуни айният, зиддият, истиснои салоса ва қонуни асоси басанда ифода карда шудааст.

Дар таърихи мантиқ якўмин маротиба Аристотель тафаккурро ҳамчун предмети омўзиши илми алоҳида — илми мантиқ шуморида, мантиқро илми исботкунӣ ва асосноккунии ҳақиқат меномид.

Ба қавли Аристотель ҳақиқат мувофиқ омадани фикр бо воқеият буда, фикри дурўғ нодуруст инъикосьёбии воқеият аст. Мувофиқи таълимоти ин донишманди бузург шакл ва қонунҳои фикр хусусияти аслӣ, зотии инсон набуда, балки инъикоси алоқамандии чизҳои воқеият мебошанд.

Дар замони қадим бо илми мантиқ алоқаи мантиқ бо грамматика ва илми маонӣ мактаби философии стоикҳо (ин мактаб дар охири асри IV пеш аз милод ба вуҷуд омадааст), ки асосгузори он философ Зенон мебошад, машғул буд. Стоикҳо масъалаҳои хулосабарориҳои шартӣ ва муфассилро ошкор ва муайян намудаанд.

Дар соҳаи тараққиёти илми мантиқ асарҳои философҳо ва донишмандони барҷастаи халқҳои Осиёи Миёна ва дигар мам-

лакатҳои Шарқ Абӯ Насри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Но-
сири Хисрав, Абул Баракоти Бағдодӣ, Умари Хайём, Фахрид-
дини Розӣ ва Насриддини Тӯсӣ аҳамияти калон доранд.
Ин олимони машҳури мо таълимоти илмии замони худро
ба асос гирифта, якчанд масъалаҳои мантиқиро инкишоф до-
данд.

Философ ва донишманди барчастаи давраи феодализм Абӯ
Насри Форобӣ (873—950) дар як қатор асарҳояш: «Китоб
дар бораи муқоисаи фикрҳои ду философ — Платон ва Арис-
тотель», рисола оид ба «Муносибати байни Аристотель ва Га-
лен», «Манбаъҳои философӣ», «Рисола дар бораи ақл», «Пеш
аз философия чиро бояд омӯхт?» — «Ҷавҳарнома» ва ғайра
дар баробари дигар масъалаҳо таълимоти мантиқии худро низ
баён намудааст.

Мутафаккири бузург Форобӣ асари мантиқии Аристотель
«Органон»-ро шарҳ дода, таълимоти мантиқии худро дар яке
аз қисмҳои китобаш «Эҳсон-ул-улум» баён намудааст.
Яке аз бузургтарин олим, философ ва мантиқшиноси халқ-
ҳои Осиёи Миёна Абӯалӣ ибни Сино (980—1037) мебошад. Ин
олими барҷаста тамоми донишҳои пешқадами гузашта ва за-
мони худро омӯхта оид ба соҳаҳои гуногуни илмҳо асарҳои сер-
шумор навиштааст. Ибни Сино мантиқи юнониён, аз ҷумла
мантиқи Аристотель, таълимоти мантиқии халқҳои Шарқро аз
худ намуда, оид ба ин фан якчанд асарҳо эҷод менамояд.
Дар асарҳои «Шифо», «Наҷот», «Донишнома», ки он ба за-
бони тоҷикӣ-форсӣ навишта шудааст, фикрҳои мантиқии худро
баён намуда дар айни ҳол, хусусиятҳои забони тоҷикӣ-форсиро
бо таълимоти мантиқиаш вобаста мекунад.
Ибни Сино бар хилофи баъзе философон, ки тарзи омӯхтани
ин фанро нодуруст шарҳ медиҳанд, чунин навиштааст: «Ман-
тиқ илмест, ки зеҳнро дар ҳар тасаввур ва тасдиқ аз ҳар гуна
хатоҳо ҳифз мекунад». Ибни Сино мегӯяд, ки мантиқ воситаест,
ки роҳи дониста гирифтани фикрҳои ҳақиқиро муайян мекунад.
Аҳамияти ин илмро барои тафаккури дуруст ва дониши ҳақ
шарҳ дода ибни Сино менависад, ки муносибати мантиқ бо та-
факкур чун муносибати сарфу наҳв (грамматика) ба калом
(нутқ) ва ё арӯз ба шеър аст. Агар ҳуши солим бе сарфу
наҳв ва арӯз вуҷуд дошта бошад, вале ҳуши инсонӣ ба ҳар
шакле ки бошад, бе илми мантиқ вуҷуд дошта наметавонад.
Нисбат ба мантиқшиносони ғарбӣ Ибни Сино ба тадқиқ наму-
дани масъалаи исботи мантиқӣ бештар аҳамият медиҳад. Вай
таълимоти худро дар бораи исбот (бурҳон) баён намуда, 13
навъи фикрро номбар кардааст, ки онҳо дар вақти исбот ҳамчун
асоси мантиқӣ ба кор бурда мешаванд. Таълимоти ибни Сино
на танҳо дар бораи исбот, балки дар бораи мафҳум, муҳокима,
хулосабарорӣ ҳам бо фикру мулоҳизаҳои нави худ аз таълимот-
ҳои мантиқии дигар мантиқшиносон ба куллӣ фарқ мекунад.

Асарҳои ибни Сино, хусусан китоби «Мантиқ-ул-машриқин»-и ӯ, барои инкишофи илми мантиқ дорои аҳамияти бузург мебошад. Ҳуди асар то давраи мо омада нарасида бошад ҳам, шиносоӣ бо сарсухан ва номи китоб, фикри закршудаи моро тасдиқ мекунад.

Нависандаи намоён ва философи машҳур Носири Хисрав (1003—1088) дар асарҳояш оид ба масъалаҳои мантиқ, роли тафаккур дар дониш ва ғайра якчанд фикрҳои навро баён намудааст. Махсусан дар «Ваҷҳи дин», «Зод-ул-мусофирин» ном асарҳои философӣ ва дар ашъори ин мутафаккири бузург масъалаҳои мантиқ ифода ёфтаанд. Яке аз қисмҳои «Зод-ул-мусофирин» ба масъалаи моҳияти мафҳум бахшида шудааст. Дар шеъри «Гуфтор дар бораи зоҳирӣ ва ботинӣ» Носири Хисрав роли ҳиссиёт ва фикри мантиқиро дар процесси дониш дида мебароед.

Мутафаккир ва олими барҷаста Умари Ҳайём (1048—1123) ҳам дар баробари дигар масъалаҳои философӣ ба тафаккур ва шаклҳои он эътибори махсус дода, дар асарҳои сершумори философӣ ва илмиаш оид ба масъалаҳои мантиқӣ ақидаҳояшро баён намудааст. Ақидаҳои Умари Ҳайёмро дар бораи фикр аз шаклҳои он дар «Рисолат-ал-кауи ва-т-таклиф» («Рисола оид ба ҳастӣ ва зарурият») «Ал-ҷавоб-ан-салос масоъил» («Ба се савол ҷавоб»), «Ад-диша-ал-ақлӣ фӣ мауду' ал-илм ал-куллӣ» («Нури ақл дар бораи мавзӯи илми умумӣ»), «Рисола фи-ал-вуҷуд» («Рисола оид ба вуҷудият») ва ғайра ном асарҳои ӯ дидан мумкин аст.

Яке аз машҳуртарин мантиқшиноси асрҳои миёна Муҳаммад Насириддини Тӯсӣ мебошад. Дар тараққиёти илми мантиқ ҳиссаи ин мутафаккир хеле бузург аст. Ӯ дар «Асос-ал-иқтибос» ном асари мантиқии худ, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шуда, қариб ҳамаи масъалаҳои илми мазкурро дар бар мегирад, комьёбиҳои илмии мантиқи замонашро ба асос гирифта, як қатор таълимотҳои мантиқиро, аз он ҷумла баъзе мафҳумҳои мантиқи математикиро хеле инкишоф дода, мантиқро аз якчанд ҷиҳатҳо бой намудааст. Ӯ дар асари мазкур ҳамчун математик дар соҳаи мантиқ методҳои математикаро татбиқ намуда, терминҳои мантиқии тағйирёбанда ва инчунин муносибатҳои мантиқӣ — доимиҳои мантиқиро ба воситаи аломатҳо ва формулаҳо ифода намуда, бо ҳамин системаи шаклии мантиқи гузаштагони худро хеле инкишоф додааст.

Аксарияти тадқиқотчиёни эҷодиёти мутафаккирони Осиёи Миёна таълимоти мантиқии Абӯ Насри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Насриддини Тӯсӣ ва дигар мантиқшиносонро баёни назарияи мантиқи Аристотель ва шарҳи он мешуморанд.

Маълум, ки мантиқи Аристотель мантиқи терминҳо, яъне аз назарияи силлогизм иборат аст. Ғайр аз ин назарияи Аристотель дар илми мантиқ таълимоти хеле бузург ва асоснок — ман-

тики ҷумлаҳо вуҷуд дорад, ки онро гурӯҳи дигари мантиқшиносони Юнон — стоикҳо ба вуҷуд овардаанд. Таълимоти мантиқии мутафаккирони Осиёи Миёна на фақат назарияи силлогизми Аристотель, инчунин мантиқи ҷумлаҳоро дар бар мегирад, ки он аз назарияи силлогизм ба куллӣ фарқ дорад.

Мантиқшиносони Осиёи Миёна бо баён ва шарҳ додани тамоми мантиқи Юнон маҳдуд нагардидаанд. Хизмати калони мантиқшиносони Осиёи Миёна аз он иборат аст, ки онҳо ҷиҳатҳои мусбат ва беҳтарини назарияҳои мантиқии юнониҳо ва дигар мамлакатҳои Ғарбу Шарқро инкишоф дода, бо баробари терминҳои ғайридоимии мантиқиро бо аломатҳо ифода намудан, константҳои (доимиҳои) мантиқиро низ ба воситаи аломатҳои махсус баён кардаанд. Масалан, Абӯалӣ ибни Сино, Насриддини Тӯсӣ ва дигар мантиқшиносони мо терминҳои мантиқии ғайридоимиро бо аломатҳо ва ҳарфҳои арабии ابج ва ғайра ифода намудаанд. Тӯсӣ сифати муҳокимаҳо ва кванторҳои умумият ва мавҷудиятро бо аломатҳо ифода намуда, чунин менависад: «Мувозоти ҳатҳо аломати эҷоб буд ва адами мувозот аломати салб. Ва мувозоти маҳмул ҳама мавзӯъро аломати куллӣ ва баъзеро аломати ҷузвӣ» [1].

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки системаҳои мантиқии мутафаккирони Осиёи Миёна ба тарзи аксиоматикӣ тартиб дода шудааст.

Бинобар ин, ҷиҳатҳои зикршудаи таълимоти мантиқии мутафаккирони Осиёи Миёна дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки назарияҳои мантиқии онҳо бо илми мантиқи ҳозиразамон хеле наздиканд.

Барои инкишофи илми мантиқ, асарҳои философон — материалистони асри XVII, хусусан асарҳои материалисти англис Фрэнсис Бэкон (1561—1626) аҳамияти калон доранд. Бэкон дар асари машҳури худ «Новый органон» («Аслиҳаи нави дониш») бар зидди философоне ки ҷиҳатҳои мусбати мантиқи Аристотельро партофта, ҷиҳатҳои манфии таълимоти ӯро ривоҷ дода, паҳн мекарданд, муқобил баромада, як қисми муҳимми мантиқи замони ҳозира — таълимотро дар бораи хулосабарориҳои индуктивӣ тадқиқ намудааст. Ба фикри Бэкон индукция методест, ки бо ёрии вай алоқаҳои сабабии ҳодисаҳои табиат муайян ва исбот карда мешаванд. Бэкон методҳои хулосабарории индуктивии илмӣ — методҳои монандӣ, тафовут, тағйироти ҳамроҳа ва методи муттаҳидшудаи монандию тафовутро ошкор карда буд.

Тадқиқоти масъалаҳои хулосабарории индуктивии илмиро дар асри XIX философи англис Ҷон Милль, олимон ва мантиқшиносон Гершель, Уэвелл давом доданд.

---

[1] Насриддини Тӯсӣ, «Асос-ул-иқтибос», чопи Донишгоҳи Теҳрон, соли 1326 ҳиҷрӣ, саҳ. 190.

Барои тараққиёти илми мантиқ, олим ва философи машҳури француз Рене Декарт (1596—1650) ва мутафаккири немис И. Г. Лейбниц (1646—1716) ҳиссаи калон гузоштаанд. Декарт роҳҳои фикри саҳеҳ, возеҳро муайян намуда, бар зидди ақидаҳои динӣ ва фикрҳои хушку холии бе мазмун дар мантиқ мубориза бурда буд. Лейбниц ҳамчун математики машҳур дар соҳаи тафаккури мантиқӣ татбиқ намудани методи математикии хулосабарорӣ ва исботро нишон дода, якӯмин бор дар таърихи мантиқ идеяи ҳисобкуниҳои мантиқиро ба миён гузошта буд ва қонуни асоси басандаро ҳамчун яке аз қонуни умумии ҳар як фикр муайян намуда буд.

Аз мавқеи философияи идеалистӣ бо шарҳдиҳиҳои қонун ва шаклҳои фикр яке аз асосгузорони философияи классикии немис Э. Кант (1724—1804) баромад карда буд. Ў қонунҳои мантиқиро хусусияти аслии тафаккур ва онро бо реалияти объективӣ новобаста мешуморид. Ба қавли Кант бо ёрии қонун ва қоидаҳои мантиқӣ на ин ки ҳақиқат дониста мешавад, балки фақат тасаввурҳо бо ҳамдигар алоқаманд карда шуда, бо якдигар мувофиқ кунонида мешаванд. Ба фикри Кант мантиқ ба мазмуни фикр алоқае надорад, гӯё вай танҳо барои бо ҳамдигар мувофиқ гардонидани фикрҳо хизмат мекунад.

Философи бузурги немис Г. Гегель (1770—1831) дар процесси тафаккур амал кардани қонунҳои диалектикиро — бо ақидаи идеалистӣ маънидод мекард. Ў қатъи назар аз он ки методи метафизикиро дуруст танқид кардааст, бо вуҷуди ин инкишофи ҳақиқии фикрро аз мавқеи назарияи идеалистии худ фаҳмонида наметавонист.

Аҳамияти асарҳои дар соҳаи философия навиштаи мутафаккирони машҳур, материалистони асри XIX-и Россия — Герцен, Белинский, Чернышевский ва дигарон барои тараққиёти таълимоти мантиқ ниҳоят калон аст. Хизмати олимон — табиатшиносони машҳури рус Сеченов, Павлов, Тимирязев, педагоги бузург К. Д. Ушинский ва мантиқшиносони рус Каринский, Рутковский ва дигарон дар соҳаи тараққиёти фикрҳои мантиқӣ аз он иборат аст, ки онҳо аз нуқтаи назари материализм қонун ва шаклҳои фикрро фаҳмонида, бар зидди ақидаҳои идеалистии мантиқӣ мубориза мебурданд. Дар асри XIX ба туфайли асарҳои мантиқшинос ва математики англис Ҷорҷ Буль (1815—1864) мантиқи математикӣ ҳамчун фанни алоҳида ба вуҷуд меояд. Ў бори аввал якӯмин системаи мантиқи математикиро кор карда баромад, ки баъдтар ба ин система алгебраи мантиқ ном дода шуд.

Идеяҳои алгебраи мантиқи Ч. Буль дар асарҳои мантиқшиноси англис У. С. Ҷевонс (1835—1882), мантиқшиноси немис Э. Шредер, олими америкоӣ Ч. С. Пирс ва математики рус П. С. Порецкий ривоҷ дода, ҷамъбаст карда шудаанд.

тики ҷумлаҳо вуҷуд дорад, ки онро гурӯҳи дигари мантиқшиносони Юнон — стоикҳо ба вуҷуд овардаанд. Таълимоти мантиқии мутафаккирони Осиёи Миёна на фақат назарияи силлогизми Аристотель, инчунин мантиқи ҷумлаҳоро дар бар мегирад, ки он аз назарияи силлогизм ба куллӣ фарқ дорад.

Мантиқшиносони Осиёи Миёна бо баён ва шарҳ додани тамоми мантиқи Юнон маҳдуд нагардидаанд. Хизмати калони мантиқшиносони Осиёи Миёна аз он иборат аст, ки онҳо ҷиҳатҳои мусбат ва беҳтарини назарияҳои мантиқии юнониҳо ва дигар мамлакатҳои Ғарбу Шарқро инкишоф дода, бо баробари терминҳои ғайридоимии мантиқро бо аломатҳо ифода намудан, константҳои (доимиҳои) мантиқиро низ ба воситаи аломатҳои махсус баён кардаанд. Масалан, Абӯалӣ ибни Сино, Насриддини Тӯсӣ ва дигар мантиқшиносони мо терминҳои мантиқии ғайридоимиро бо аломатҳо ва ҳарфҳои арабии ا ب ج ва ғайра ифода намудаанд. Тӯсӣ сифати муҳокимаҳо ва кванторҳои умумият ва мавҷудиятро бо аломатҳо ифода намуда, чунин менависад: «Мувозоти хатҳо аломати эҷоб буд ва адами мувозот аломати салб. Ва мувозоти маҳмул ҳама мавзӯъро аломати куллӣ ва баъзеро аломати ҷузвӣ» [1].

Ҳамиро бояд қайд намуд, ки системаҳои мантиқии мутафаккирони Осиёи Миёна ба тарзи аксиоматикӣ тартиб дода шудааст.

Бинобар ин, ҷиҳатҳои зикршудаи таълимоти мантиқии мутафаккирони Осиёи Миёна дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки назарияҳои мантиқии онҳо бо илми мантиқи ҳозиразамон хеле наздиканд.

Барои инкишофи илми мантиқ, асарҳои философон — материалистони асри XVII, хусусан асарҳои материалисти англис Фрэнсис Бэкон (1561—1626) аҳамияти калон доранд. Бэкон дар асари машҳури худ «Новый органон» («Аслиҳаи нави дониш») бар зидди философоне ки ҷиҳатҳои мусбати мантиқи Аристотельро партофта, ҷиҳатҳои манфии таълимоти ӯро ривоҷ дода, паҳн мекарданд, муқобил баромада, як қисми муҳимми мантиқи замони ҳозира — таълимотро дар бораи хулосабарориҳои индуктивӣ тадқиқ намудааст. Ба фикри Бэкон индукция методест, ки бо ёрии вай алоқаҳои сабабии ҳодисаҳои табиат муайян ва исбот карда мешаванд. Бэкон методҳои хулосабарориҳои индуктивии илмӣ — методҳои монандӣ, тафовут, тағйироти ҳамроҳа ва методи муттаҳидшудаи монандию тафовутро ошкор карда буд.

Тадқиқоти масъалаҳои хулосабарориҳои индуктивии илмиро дар асри XIX философи англис Ҷон Милль, олимон ва мантиқшиносон Гершель, Уэвелл давом доданд.

---

[1] Насриддини Тӯсӣ, «Асос-ул-иқтибос», чопи Донишгоҳи Теҳрон, соли 1326 ҳиҷрӣ, саҳ. 190.

Барои тараққиёти илми мантиқ олим ва философи машҳури француз Рене Декарт (1596—1650) ва мутафаккири немис И. Г. Лейбниц (1646—1716) ҳиссаи калон гузоштаанд. Декарт роҳҳои фикри саҳеҳ, возеҳро муайян намуда, бар зидди ақидаҳои динӣ ва фикрҳои хушку холии бе мазмун дар мантиқ мубориза бурда буд. Лейбниц ҳамчун математики машҳур дар соҳаи тафаккури мантиқӣ татбиқ намудани методи математикии хулосабарорӣ ва исботро нишон дода, якўмин бор дар таърихи мантиқ идеяи ҳисобкуниҳои мантиқиро ба миён гузошта буд ва қонуни асоси басандаро ҳамчун яке аз қонуни умумии ҳар як фикр муайян намуда буд.

Аз мавқеи философияи идеалистӣ бо шарҳдиҳиҳои қонун ва шаклҳои фикр яке аз асосгузорони философияи классикии немис Э. Кант (1724—1804) баромад карда буд. Ў қонунҳои мантиқиро хусусияти аслии тафаккур ва онро бо реалияти объективӣ новобаста мешуморид. Ба қавли Кант бо ёрии қонун ва қоидаҳои мантиқӣ на ин ки ҳақиқат дониста мешавад, балки фақат тасаввурҳо бо ҳамдигар алоқаманд карда шуда, бо якдигар мувофиқ кунонида мешаванд. Ба фикри Кант мантиқ ба мазмуни фикр алоқае надорад, гўё вай танҳо барои бо ҳамдигар мувофиқ гардонидани фикрҳо хизмат мекунад.

Философи бузурги немис Г. Гегель (1770—1831) дар процесси тафаккур амал кардани қонунҳои диалектикиро — бо ақидаи идеалистӣ маънидод мекард. Ў қатъи назар аз он ки методи метафизикиро дуруст танқид кардааст, бо вуҷуди ин инкишофи ҳақиқии фикрро аз мавқеи назарияи идеалистии худ фаҳмонида наметавонист.

Аҳамияти асарҳои дар соҳаи философия навиштаи мутафаккирони машҳур, материалистони асри XIX-и Россия — Герцен, Белинский, Чернышевский ва дигарон барои тараққиёти таълимоти мантиқ ниҳоят калон аст. Хизмати олимон — табиатшиносони машҳури рус Сеченов, Павлов, Тимирязев, педагоги бузург К. Д. Ушинский ва мантиқшиносони рус Каринский, Рутковский ва дигарон дар соҳаи тараққиёти фикрҳои мантиқӣ аз он иборат аст, ки онҳо аз нуқтаи назари материализм қонун ва шаклҳои фикрро фаҳмонида, бар зидди ақидаҳои идеалистии мантиқӣ мубориза мебурданд. Дар асри XIX ба туфайли асарҳои мантиқшинос ва математики англис Ҷорҷ Буль (1815—1864) мантиқи математикӣ ҳамчун фанни алоҳида ба вуҷуд меояд. Ў бори аввал якўмин системаи мантиқи математикиро кор карда баромад, ки баъдтар ба ин система алгебраи мантиқ ном дода шуд.

Идеяҳои алгебраи мантиқи Ҷ. Буль дар асарҳои мантиқшиноси англис У. С. Ҷевонс (1835—1882), мантиқшиноси немис Э. Шредер, олими америкоӣ Ч. С. Пирс ва математики рус П. С. Порецкий ривоҷ дода, ҷамъбаст карда шудаанд.

Даврап нави тараққиёти илми мантиқи математикӣ бо номҳои олимон математикҳо — мантиқшиносон Ч. Пеано, Г. Фреге, Б. Рассел ва А. Н. Уайтхед вобаста аст. Ин олимон на фақат идея ва методҳои математикаро дар мантиқ татбиқ кардаанд, балки мантиқро барои асоснок намудани мафҳум ва тарзҳои исботи математика кор фармудаанд. Ба туфайли асарҳои мантиқшиносони мазкур ва математики немис Д. Гильберт дар ин давра системаҳои бузурги мантиқӣ — ҳисобкуниҳои мулоҳизаҳо (исчисление высказываний) ва ҳисобкуниҳои хабарҳои мантиқии классикӣ ба амал меоянд.

Даврап нави тараққиёти мантиқи математикӣ аз солҳои 30-ўми асри XX сар мешавад, ки ин давра бо ҳал намудани чунин масъала — дар кадом вақт бояд проблема ҳал гардида функция ҳисоб карда мешавад, вобаста аст.

Дар ҳалли масъалаҳои зикршуда асарҳои математики немис К. Гедел, олимони америкоӣ С. Клин, А. Тьюринг, Е. Пост, А. Черч, математики венгер Р. Петер ва математикони советӣ П. С. Новиков, А. А. Марков, С. А. Адян, ки назарияи алгоритмҳоро кор карда баромадаанд, аҳамияти калон дорад.

Мантиқи математикӣ, ки мантиқи ҳозиразамон ба шумор меравад, дорои аҳамияти калони амалӣ-техникӣ мебошад. Дар вақти ҳозира мантиқи математикӣ дар соҳаи электротехника (дар тадқиқоти схемаҳои релей-контактӣ ва электронӣ), ҳисобкуниҳои техникӣ (программагузорӣ), кибернетика (назарияи автоматҳо), нейрофизиология, забоншиносӣ ва ғайра татбиқ карда мешавад.

БОБИ II

# МАФҲУМ

## § 1. ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ МАФҲУМ

Тафаккур инъикоси предмет ва ҳодисаҳои олами моддӣ мебошад. Мафҳум яке аз шаклҳои тафаккур аст. Азбаски тафаккур инъикоси предмет ва ҳодисаҳои олами моддист, пас, мафҳум ҳам инъикоси предмет ва ҳодисаҳои олами моддӣ мебошад.

Дар олам чизҳои сершумору ададашон беохиру гуногун электрон, атом, молекула, растанӣ, ҳайвонот, одам, ҷамъият, давлат, миллат, забон ва ҳоказоҳо вуҷуд доранд. Ҳамаи ин чизҳое ки инсонро иҳота кардаанд, дар олами моддӣ мавҷуданд, предмет ном доранд.

Предметҳо, чизҳои олами моддӣ ба ҳамдигар монанд буда, дар айни замон аз якдигар фарқ мекунанд. Чунончи, як одам ба дигар одам монандӣ дорад ва дар байни онҳо фарқ ҳам ҳаст; як давлати халқии демократӣ бо дигар давлати халқии демократӣ монандӣ дорад ва дар айни замон ин давлатҳои демократии халқӣ ба тарзи куллӣ аз давлатҳои буржуазӣ фарқ мекунанд; як забон бо дигар забон монандӣ дорад ва дар айни замон аз якдигар фарқ ҳам дорад.

Он чизе ки предметҳоро бо якдигар монанд ва аз якдигар фарқ мекунонад, нишона ном дорад.

Як нишона дар айни замон ҳам монандӣ ва ҳам фарқи байни предметҳоро муайян мекунад, чунончи, нутқи бо ёрии калимаҳои саҳеҳ ифодашуда нишонае мебошад, ки вай бо якдигар монанд будани одамон ва фарқи байни онҳою ҳайвонотро муайян мекунад; дар дасти синфи коргар ва оммаи меҳнаткашон будани ҳокимият нишонаи монандии давлатҳои социалистӣ мебошад ва дар айни замон бо ин нишона давлатҳои социалистӣ аз дигар давлатҳои ғайрисоциалистӣ фарқ мекунанд.

Нишонаҳои умумӣ ва фардӣ мавҷуданд. Нишонаи умумӣ ба гурӯҳи предметҳо тааллуқ дорад, нишонаи фардӣ бошад танҳо ба як предмет тааллуқ дорад. Масалан, нишонаи «нависандаи халқи тоҷик» умумӣ мебошад, вале нишонаи «сардафтари адабиёти классикии халқи тоҷик» нишонаи фардӣ.

Ҳар як предмет дорои нишонаҳои сершумору гуногун мебошад. Ҳамаи ин нишонаҳо як хел аҳамият ва қимат надоранд. Нишонаҳо ба нишонаҳои муҳим ва ғайримуҳим (дуйўмдарача) тақсим мешаванд. Нишонаи муҳим ва ё ин ки ҷамъи нишонаҳои муҳим монандӣ ва фарқияти предметҳоро муайян мекунад. Бе ҳамин нишонаи муҳим ва ё бе ҷамъи нишонаҳои муҳим предмети мазкур вуҷуд дошта наметавонад. Бо нишонаҳои муҳим як предмет аз предмети дигар фарқ карда мешавад. Чунончи, нишонаҳои муҳимми миллат: умумияти забон, территория, ҳаёти иқтисодӣ ва хусусиятҳои психикӣ мебошанд. Бо ҳамин нишонаҳо як миллат ба миллати дигар монандӣ дорад ва дар айни замон аз чунин умумиятҳои таърихии одамон — қабила, халқият фарқ мекунад.

Нишонаи муҳимми мол аз он иборат аст, ки вай, аввалан, ягон талаботро қонеъ мегардонад, сониян, бо дигар чизҳо иваз карда мешавад. Нишонаи муҳим дигаргуннашаванда, тағйирнаёбанда нест. Ин нишонае ки ҳоло аз ҳамин ҷиҳат, муносибат муҳим аст, дар дигар вақт, аз дигар ҷиҳат ва ё муносибат гирифта шавад, характери муҳимми худро гум мекунад. Ҳар як чиз, предмет бо дигар предметҳо, ҳодисаҳо аз даҳҳо, садҳо ҷиҳат алоқадор, вобастагӣ ва ё муносибат дорад, пас он нишонае ки дар як нисбат муҳим аст, дар дигар нисбат муҳим намешавад. Муҳиммӣ ва номуҳиммии нишонаро амалиёти истеҳсолоти ҷамъияти инсон исбот менамояд.

**Мафҳум чунин шакли фикрест, ки вай нишонаҳои муҳим ва асосии предметҳо ва ҳодисаҳои олами моддиро инъикос менамояд.**

Мафҳум шакли олии дониши фикрии инсон мебошад. Мафҳум ҳамчун шакли олии фикр нишонаҳои муҳимми як предмет ва ё нишонаҳои муҳим ва умумии як гурўҳ предметҳо, чизҳоро инъикос мекунад. Ҳар як фикр мафҳум намешавад. Мафҳум дар бораи предмет, чунин фикрест, ки ба воситаи он монандӣ ва фарқияти предмети дар он мафҳум инъикос гардида аз дигар чизҳо фаҳмида мешавад.

Дар ин ҷо мо пеш аз ҳама мафҳумро аз назар мегузаронем. Вале ин ҳаргиз чунин маъно надорад, ки мафҳум шакли аввалини тафаккур бошад. Мафҳум шакли ибтидо, шакли якўмини фикр нест. Мафҳум одатан ҳамчун қисмҳои таркибии дигар шакли фикр — муҳокима хизмат мекунад. Масалан, аз мафҳумҳои «Нависандагони советӣ» ва «Мубориזони сулҳ» муҳокимаи «Нависандагони советӣ муборизони сулҳ мебошанд» ба вуҷуд меояд; аз мафҳумҳои «Ҳуқуқшиносони советӣ» ва «Ҳомиёни қонунҳои Давлати Советӣ» муҳокимаи «Ҳуқуқшиносони советӣ ҳомиёни қонунҳои Давлати Советӣ мебошанд» ба вуҷуд меояд. Ин мафҳумҳои зикршударо мо алоҳида дида метавонем, зеро онҳо ролли узви муҳокимаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Ин мафҳумҳо на фақат дар қисмҳои таркибии муҳокимаҳои дар боло зикр

гардида, балки онҳоро мо дар дохили муҳокимаҳои «Нависандагони советӣ инженерони рӯҳияи инсонӣ мебошанд», «Мубориэони сулҳ одамони пешқадами замони ҳозираанд», «Ҳуқуқшиносони советӣ — коркунони давлатӣ мебошанд», «Муфаттишони советӣ — ҳомиёни қонунҳои Давлати Советӣ мебошанд» ва ғайра дида метавонем. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои мафҳум аз он иборат аст, ки вай узвҳои таркибӣ, қисмҳои таркибии муҳокима мебошад. Лекин мафҳум ҳамеша ва танҳо вазифаи қисми таркибии муҳокимаро иҷро намекунад. Мафҳумро ҳамчун фикри алоҳидаи мустақил беруи аз таркибӣ муҳокима ҳам дидан мумкин аст.

Вазифаи мафҳум боз аз он иборат аст, ки вай фикри ифодашаванда ва натиҷаи тадқиқоти дуру дароз ва чуқури илмӣ, ва, чун натиҷаи чандин муҳокимаҳо, хулосабарориҳо, исботҳо ҳам мебошад. Мафҳумҳои забон, грамматика, синтаксис, давлат, синф, формацияи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ, коммунизм, атом, электрон, қонуни ҷозиба ва ҳоказоҳо дар натиҷаи тадқиқотҳои илмии чуқури дуру дароз ба миён омадаанд. Масалан, эҷодкунандагони таълимоти марксистӣ барои пайдо намудани мафҳуми «давлат» таърихи ҷамъиятҳои инсонӣ, давлатҳо, формацияҳои ҷамъиятӣ-иқтисодии гуногун, моҳият ва вазифаҳои давлатҳои гуногуни таърихиро чуқур ва ҳаматарафа тадқиқ намудаанд.

Дар физикаи замони ҳозира мафҳумҳои атом, электрон ва ғайра баъд аз тадқиқ намудани сохт ва хусусиятҳои гуногуни модда, дар натиҷаи таҷрибаҳои сершумори илмӣ, ба вуҷуд омадааст. Маҳз аз ҳамин сабаб В. И. Ленин таъкид намуда буд, ки мафҳум натиҷаи инкишофи илм аст, ин бошад, хусусияти муҳимми вай мебошад.

Ин таълимот на фақат ба табиатшиносӣ, балки ба дигар фанҳо ҳам тааллуқ дорад; пас метавон гуфт, ки натиҷаҳои ҳар як илм, хоҳ вай илми табиатшиносӣ бошад, хоҳ илми ҷамъиятшиносӣ — онҳо мафҳумҳо мебошанд.

Дар процесси тафаккур мафҳум ва муҳокима бо ҳамдигар алоқаманд аст. Алоқамандии онҳо иборат аз он аст, ки муҳокимаҳо аз мафҳумҳо пайдо мешаванд ва айни замон аз муҳокимаҳо мафҳумҳо ба вуҷуд меоянд.

Мантиқи шаклӣ мафҳумро ҳамчун натиҷаи донишҳо ва тадқиқоти илмӣ намеомӯзад. Мантиқи шаклӣ фақат як ҷиҳати мафҳумро, яъне мафҳумро ҳамчун қисми таркибии муҳокима ва хулосабарорӣ омӯхта, тадқиқ менамояд.

## § 2. МАФҲУМ ВА ТАСАВВУР

Ҳар як мафҳум дар асоси он донишҳое ки бо ёрии органҳои ҳиссиёт ба вуҷуд меоянд, ташаккул меёбад. Бинобар ин, мафҳум ҳамчун шакли фикр бо шаклҳои ҳиссиёт — эҳсос, идрок ва

тасаввур зич алоқаманд аст. Аммо дар айни замон мафҳум аз тамоми шаклҳои донишҳои ҳиссӣ ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад. Тасаввур яке аз шаклҳои нисбатан мураккабтари дониши ҳиссӣ мебошад. Мафҳум аз ҳамин шакли мураккабтари дониши ҳиссӣ, яъне тасаввур ҳам фарқи куллӣ дорад.

Мафҳум нишонаҳои предметро инъикос менамояд. Лекин мафҳум на ҳар навъ нишонаҳои предметҳоро инъикос мекунад. Мафҳум чун шакли олии дониш нишонаҳои асосӣ ва муҳимми чизҳоро инъикос менамояд. Тасаввур бошад, ҳар навъ нишонаҳои предметҳоро ифода мекунад. Дар тасаввур нишонаи муҳимму номуҳим, хусусиятҳои асосӣ ва ғайри асосии чизҳо инъикос меёбанд. Масалан, агар гурӯҳи муайяни одамон тасаввуроти худро дар бораи мактаб нақл кунанд, он гоҳ мо мебинем, ки як шахс дар бораи мактаби ибтидоӣ, талабагон, муаллимони вай ва ғайраҳо нақл мекунад; шахси дигар дар бораи мактаби кӯҳнаи пеш аз Революцияи Октябрь вуҷуд дошта сухан меронад; шахси сеюм тасаввуроти худро дар бораи фалон мактаби миёнаи шаҳри Душанбе, ки вай дар он ҷо таҳсили илм кардааст, нақл мекунад ва ҳоказо. Чунин аст шаклҳои ҳиссии дониши мо дар бораи мактабҳои гуногун.

Мафҳум доимо характери умумӣ дорад, яъне агар дар бораи ин ва ё он предмет одамон мафҳум пайдо карда бошанд, пас ин мафҳуми онҳо барои ҳама як хел мешавад. Характери умумӣ доштани мафҳум боз аз он иборат аст, ки вай бештар инъикоси нишонаҳои асосӣ ва умумии ин ё он предмети яккелаи танҳо не, балки инъикоси нишонаҳои умумӣ ва асосии гурӯҳи муайян, ҷинси муайяни предметҳо ва чизҳо мебошад.

Тасаввур бошад характери индивидуалӣ, фардӣ дорад.

Характери фардӣ доштани тасаввур танҳо дар инъикосъёбии нишонаҳои фардӣ, индивидуалӣ дида намешавад, зеро ғайр аз тасаввур, мафҳум ҳам баъзан дар баробари нишонаҳои умумӣ, нишонаҳои фардӣ, индивидуалии предметҳоро инъикос менамояд. Чунончи, мафҳуми «Грамматикаи забони тоҷикӣ» на фақат умуман нишонаҳои грамматикаи забонро, балки нишонаи махсус, нишонаҳои фардии грамматикаи забони тоҷикиро ҳам инъикос мекунад.

Хусусияти фардӣ доштани тасаввур аз он иборат аст, ки дар бораи айнан як предмет ва ё як ҳодиса ҳар як шахс тасаввури ба худ хос дорад. Масалан, мо агар ба як гурӯҳ хонандагон дар бораи Китобхонаи республикавии ба номи А. Фирдавсӣ тасаввуроти худро нақл кунед гӯем, як хонанда дар бораи як ҷиҳат, масалан, як зали хонандагон, хонандаи дигар бошад, дар бораи зали дигари хонандагон, дар бораи хусусиятҳо, коркунони китобхона, китобҳо ва ғайра сухан меронад. Бинобар ин, ҳар як шахс дар бораи як чиз тасаввури худро дорад. Характери фардии тасаввур ҳам дар ҳамин аст.

Фарқи мафҳум ва тасаввур боз аз он иборат мебошад, ки тасаввур шакли аёнӣ дорад.

Дар тасаввур инсон шакли ин ва ё он предмет, чизе ки аз ин пеш ҳис карда буд, аз нав барқарор менамояд. Ин ва ё он предметро мо ҳис мекунем, ба воситаи органҳои ҳиссиёти худ ба майнаи сари худ инъикос менамоем. Шакли ҳамин чизи ҳис кардаамонро дар вақти дигар, ки он чиз дар назди мо вуҷуд надорад, аз нав ба пеши назар оварда, дар шуури худ шакли онро барқарор мекунем ва ин тасаввур ном дорад.

Ғайр аз он, мафҳум ҳамеша қисми узвии тафаккури мантиқӣ мебошад. Мафҳумро дар таркиби ягон шакли мантиқӣ, муҳокима, хулосабарорӣ ва исбот дидан мумкин аст. Агар мафҳум аз дигар шакли мантиқӣ алоҳида ҷудо карда гирифта шавад ҳам, вай натиҷаи бисьёр муҳокимаҳо, хулосабарориҳо ва исботҳо мебошад. Тасаввур бошад бо шаклҳои мантиқӣ вобаста нест. Тасаввур ҳамчун мафҳум: узвӣ, қисми муҳокима, хулосабарорӣ ва ё исботи мантиқӣ шуда наметавонад.

Албатта, дар байни тасаввур ва дигар шаклҳои ҳиссиёти шахсӣ, масалан, ирода, хаёл ва ғайраҳо алоқамандӣ мавҷуд аст. Ин алоқамандӣ ва қонуниятҳои тасаввуротро илми психология меомӯзад. Ин гуна алоқамандии тасаввурот алоқамандии мантиқӣ нест. Тасаввур ҳамчун шакли дониши ҳиссӣ дар таркиби муҳокима, хулосабарорӣ дида намешавад.

## § 3. МАФҲУМ ВА КАЛИМА

Ҳар як шакли фикр ва забон байни худ зич алоқамандаанд. Монанди фикр ва забон, дар байни мафҳум ва калима ҳам алоқаи мустаҳками узвӣ вуҷуд дорад. Ҳар навъ мафҳум дар асоси калима ва терминҳои забон ба миён меояд. Мафҳуме ки пайдо мешавад, бо ёрии забон, калима ва терминҳо ифода меёбад. Хоҳ мафҳум дар майнаи сари одам пайдо шавад, хоҳ мафҳумро одам нақл карда истода бошад ва хоҳ онро нависад, вай ҳамеша ба воситаи калима ва терминҳо ифода мегардад. Калима шакли зоҳирии мафҳум мебошад, мафҳум бошад мазмуни ботинии калима ва терминҳоро ташкил медиҳад.

Масалан, бо ёрии калимаи «Морфология» мо мафҳумро дар бораи як қисми илми забоншиносие ки шаклҳои гуногуни калимаҳоро меомӯзад, ифода менамоем; ба воситаи ибораи «Назарияи адабиёт» мафҳумро дар бораи илме ки он моҳият, хусусият, қонунияти тараққиёт, аҳамияти иҷтимоии адабиёти бадеиро омӯхта, қоидаҳои онҳоро дида баромада, ба асарҳои бадеӣ баҳо медиҳад, ифода менамоем.

Калимаи «Коммунизм» мафҳумро дар бораи ҷамъияте ки дар вай фарқи ҷиддии байни қишлоқу шаҳр, меҳнати фикрию ҷисмонӣ, фарқи иҷтимоии байни аъзоёни ҷамъият барҳам хӯрдааст ва дар он одамон озод буда мувофиқи қоидаи «Аз ҳар

кас мувофиқи қобилияташ ва ба ҳар кас мувофиқи талаботаш» амал мекунанд, ифода менамояд.

Мафҳум на фақат бо ёрии як калима, балки ба воситаи ду-се ва ё якчанд калимаҳо ҳам ифода карда мешавад. Чунончи, мо мафҳумро дар бораи органи олии ҳукуматии мамлакатамон, ягона органи қонунбарории Давлати Советӣ, ки халқ вакилони онро дар асоси ҳуқуқи баробарӣ, умумӣ ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муддати чор сол интихоб мекунад, бо калимаҳои «Совети Олии СССР» ифода менамоем.

Мафҳумро дар бораи яке аз мактабҳои олии калонтарини республикаамон, ки мо ҳоло дар ин ҷо мехонем, ба воситаи калимаҳои «Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин» ифода менамоем. Бинобар ин, дар байни мафҳум ва калима алоқаи узвӣ, алоқаи ҷудонашаванда мавҷуд аст.

Аммо мафҳум ва калима айнан як чиз нестанд, дар байни онҳо фарқи куллӣ мавҷуд аст. Мафҳум шакли олӣ, шакли мантиқии дониши мост.

Калима бошад воситаест, ки бо ёрии он мафҳум ифода карда мешавад. Ифода кардани мафҳум яке аз вазифаҳои калима аст. Калима — воҳиди асосии забон аст, ки ба он ҳодисаҳои воқеияти ҳаёти психикии одам шарҳ дода мешавад ва калимаро гурӯҳи одамоне, ки бо як забон гап мезананд, таърихан дар байни худ алоқамандӣ доранд, як хел мефаҳманд [1].

Калима барои ифодаи мафҳум ҳамчун восита хизмат мекунад. Лекин на ҳамаи калимаҳо мафҳумҳоро ифода карда метавонанд. Бо ёрии калима ҳиссиётҳои гуногун ҳам ифода карда мешаванд. Ин гуна вазифаҳои гуногуни калимаро илми забоншиносӣ меомӯзад.

Фарқи мафҳум ва калима боз дар он аст, ки на фақат дар забонҳои гуногун, ҳатто дар доираи як забон ҳам баъзан як мафҳум ба воситаи калимаҳои шаклашон гуногун (синонимҳо) ифода карда мешавад. Чунончи, мо мафҳумро дар бораи дунё бо ёрии калимаҳои «олам», «коинот», «ҷаҳон» ва ғайра ифода менамоем; мафҳумро дар бораи ҷисми марказии системаи офтоб бо калимаҳои «Офтоб», «Хуршед», «Шамс» ифода мекунем ва ҳоказо.

Баъзан, баръакс, бо ёрии калимаҳои шаклан якхела мафҳумҳои мазмунашон гуногун (омонимҳо) ифода меёбанд.

Масалан, бо ёрии калимаи «хор» се навъ мафҳумро ифода кардан мумкин аст:

1) Мафҳум дар бораи навъи растаний, ки нӯги тез дорад ва мехалад; 2) Мафҳум дар бораи одами мазлум, қашшоқгардида; 3) Мафҳум дар бораи дастаи муайяни сароянадагон. Агар дар вақти муҳокимаронӣ, хулосабарорӣ ва мулоҳиза калима-

---

[1] Р. А. Будагов. Муқаддима онд ба забоншиносӣ, Москва, с. 1958, саҳ. 8.

ҳои омоним вохӯранд, бояд онҳо дар ҳамин хулосабарорӣ фақат ба як маъно кор фармуда шаванд, зеро агар ин гуна калимаҳо дар дохили як мулоҳиза ва ё хулосабарорӣ ба маъноп гуногун кор фармуда шаванд, хатогиҳои мантиқӣ содир мешавад.

Ҳамин тариқ, мафҳум ва калима бо ҳамдигар алоқаи узвии мустаҳкам доранд ва дар айни ҳол дар байни онҳо фарқи куллӣ ҳам мавҷуд аст.

## § 4. МАЗМУН ВА ҲАҶМИ МАФҲУМ

Ҳар як мафҳум, қатъи назар аз он ки вай кадом предметро ифода менамояд, ду ҷиҳат — дорои мазмун ва ҳаҷм аст.

Мазмуни мафҳум — аз ҷамъи нишонаҳои муҳимми предмет ва ё гурӯҳи предметҳои як ҷинсе ки дар шуур инъикос ёфтааст, иборат аст.

Чунончи, нишонаҳои муҳимми мафҳуми «таърихи адабиёт» тадқиқ намудани ҷараёни тараққиёти бадеӣ, муайян кардани мавқеъ ва аҳамияти ин ё он асари бадеӣ, нависандагони алоҳида ва методҳои гуногуни бадеӣ, навъҳо ва жанрҳои бадеӣ мебошад.

Ин нишонаҳои муҳимми таърихи адабиёт мазмуни мафҳум «таърихи адабиёт»-ро ташкил медиҳанд. Мазмуни мафҳуми «ҳуқуқи советии социалистӣ» маҷмӯи қоидаҳои рафторе мебошад, ки онҳоро Давлати Советӣ муқаррар кардааст, ҳимоя мекунад ва он иродаи меҳнаткашони СССР-ро ифода менамояд.

Бинобар ин, мазмуни мафҳум инъикоси нишонаҳои муҳимми предметҳои олами моддӣ дар шуури одам мебошад. Предмет ва ҳодисаҳои воқеият доимо тағйир меёбанд. Бо тағйир ёфтани предмет бояд мазмуни мафҳум ҳам тағйир ёбад. Агар мазмуни мафҳум тағйир наёбад, дар он маврид вай бо нишонаҳои муҳимми предмет номувофиқ мегардад, яъне предметро дар шуури инсон нодуруст инъикос мекунад.

Дар рафти фаъолияти амалии худ одамон предметҳо, чизҳоро чуқуртар, пурратар дониста гирифта, нишонаҳои нав ба нави онҳоро ошкор мекунанд. Аз ин сабаб мазмуни мафҳумҳо ҳам тағйир меёбанд. Масалан, мафҳуми «Иттифоқи Советӣ» дар айни замон нисбат ба солҳои бисту панҷум аз бисёр ҷиҳатҳо тағйир ёфтааст. Дар он давра мамлакати мо аз ҷиҳати иқтисодӣ, маданӣ ва ғайра нисбатан қафомонда буд, ҳоло ба яке аз мамлакатҳои пешқадамтарин табдил ёфтааст, ки вай аз бисёр ҷиҳатҳои ҳаёти иқтисодӣ, маданӣ дар ҷаҳон ҷои якӯмро мегирад, дар мо социализм пурра ва қатъиян ғалаба кардааст ва ҳоло базаи моддӣ-техникии пешқадамтарин ҷамъияти инсонӣ — коммунизм ба вуҷуд омада истодааст.

Барои шарҳ додани мазмуни мафҳум бояд таълимоти диалектикаи материалистӣ, ки бар хилофи методи метафизика тамо-

ми предметҳоро, ничунин мазмуни мафҳумро дар тағйирот ва тараққиёт медонад, ба асос гирифт.

Методи метафизика тағйирот ва инкишофи оламро инкор мекунад, аз ин рӯ олимони метафизик мегӯянд, ки мазмуни мафҳумҳо ҳам на тағйир меёбанд ва на инкишоф. Бар хилофи ин методи метафизикии ғайриилмӣ, диалектикаи материалистӣ таълим медиҳад, ки дар олами моддӣ ҳамаи предметҳо дар чараёни тағйирот, дигаргунӣ ва тараққиёти диалектикӣ мебошанд, пас мафҳумҳои одам ҳам, ки инъикоси ҳамон предметҳои олами беруна мебошанд, дар баробари тағйир ва тараққӣ ёфтани предметҳо аз ҷиҳати мазмун ҳам дигаргун шуда, инкишоф меёбанд.

Мантиқи шаклӣ чунин мешуморад, ки дар байни ҳаҷм ва мазмуни мафҳум алоқаи узвӣ мавҷуд аст, зеро бо баробари тағйир ёфтани мазмуни мафҳум ҳаҷми он ҳам тағйир меёбад.

Дар байни ҳаҷм ва мазмуни мафҳум муносибати баръакси ҳамдигарии онҳо вуҷуд дорад. Ин муносибатро дар илми мантиқ, қонуни акси муносибати байни ҳаҷм ва мазмуни мафҳум меноманд. Мувофиқи қонуни акси муносибати байни ҳаҷм ва мазмуни мафҳум дар баробари тағйир ёфтани ҳаҷми мафҳум мазмуни он ҳам тағйир меёбад ва, баръакс, бо баробари тағйир ёфтани мазмуни мафҳум ҳаҷми он низ тағйир меёбад. Аниқтараш, тағйирёбии мазмун ва ҳаҷми мафҳум аз он иборат аст, ки ҳаҷми мафҳум чи қадаре ки васеътар шавад, мазмуни он ҳамон қадар тангтар, хурдтар мегардад ва, баръакс, мазмуни мафҳум чи қадаре ки васеътар гардад, ҳаҷми он ҳамон қадар тангтар ва хурдтар мешавад. Масалан, мафҳумҳои «адабиёти бадеӣ» ва «адабиёти бадеии халқи тоҷик» ва мафҳумҳои «ҳуқуқ» ва «ҳуқуқи советӣ»-ро аз назар мегузаронем. Мафҳуми «адабиёти бадеӣ» нисбат ба мафҳуми «адабиёти бадеии халқи тоҷик» аз ҷиҳати ҳаҷм васеътар, зиёдтар буда, аз ҷиҳати мазмун тангтар, хурдтар мебошад ва, баръакс, мафҳуми «адабиёти бадеии халқи тоҷик» нисбат ба мафҳуми «адабиёти бадеӣ» аз ҷиҳати ҳаҷм тангтар буда, аз ҷиҳати мазмун васеътар мебошад, чунки мазмуни ин мафҳум на фақат нишонаҳои умуман адабиёти бадеиро, балки нишонаҳои махсусе, ки танҳо ба адабиёти бадеии халқи тоҷик тааллуқ доранд, дар бар мегирад ва ба ҳамин тариқ, мафҳуми «ҳуқуқи советӣ» нисбат ба мафҳуми «ҳуқуқ» аз ҷиҳати ҳаҷм тангтар, хурдтар буда, аз ҷиҳати мазмун васеътар мебошад, чунки мазмуни вай на танҳо нишонаҳои асосии умуман ҳуқуқро, балки нишонаи махсусе ки фақат ба ҳуқуқи советӣ тааллуқ доранд, дар бар мегирад.

Бинобар ин, мувофиқи қонуни акси муносибати байни ҳаҷм ва мазмуни мафҳум, чи қадаре ки ҳаҷми мафҳум васеъ шавад, мазмуни он ҳамон қадар танг мешавад ва, баръакс, чӣ қадаре ки мазмуни мафҳум васеъ шавад, ҳаҷми он ҳамон қадар танг мешавад.

Аммо набояд аз хотир фаромўш кард, ки ин қонуни мантиқӣ танҳо нисбат ба он мафҳумҳо амал мекунад, ки агар аз ин мафҳумҳо ҳаҷми яке ба ҳаҷми дигаре дохил шуда тавонад (монанди мафҳумҳои «илми таърих» ва «илми таърихи Тоҷикистон» «грамматика» ва «грамматикаи забони тоҷик», «халқ» ва «халқи тоҷик» ва ҳоказо).

Агар мафҳумҳои ҳаҷмашон мувофиқат надошта масалан, мафҳумҳои «давлат», «морфология» ва дигарҳо гирифта шаванд, дар ин маврид қонуни баръакси нисбати байни ҳаҷм ва мазмуни мафҳум амал намекунад.

Маҳз аз ҳамин сабаб ҳаҷми мафҳуми давлатро ҳарчанд тағьир диҳем, васеъ кунем ҳам, мазмуни мафҳуми «морфология» тағьир намеёбад, маҳдуд намегардад.

## § 5. АМАЛҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛЬЕБИИ МАФҲУМ

Мафҳум ҳамчун шакли фикр, дониши олии мо нишонаҳои асосӣ ва муҳимми як предмет ё як ҷинс, гурўҳи предметҳоро инъикос менамояд. Барои пайдо намудани мафҳуми ин ва ё он предмет бояд ҳамон предмет аз ҳар ҷиҳат васеъ ва чуқур тадқиқ карда шавад. Бо мақсади предметро ҳарҷониба васеъ ва чуқур тадқиқ намуда, дар бораи он мафҳум пайдо кардан дар процесси тафаккур амалҳои мантиқии зерин: муқоиса, анализ (таҳлил), синтез, абстракциякунӣ ва умумиятдиҳӣ ба кор бурда мешаванд.

Маълум аст, ки предмет ва ҳодисаҳои воқеият бо ҳамдигар монандӣ ва фарқият доранд.

Ин монандӣ ва фарқияти онҳо ба ҷиҳатҳои гуногуни онҳо: миқдор, сифат, хусусият, вазифа, ҳолат ва ғайра вобаста аст.

Барои пайдо намудани мафҳум, пеш аз ҳама, бояд ҳамин монандӣ ва фарқи предметҳо омўхта, тадқиқ карда шаванд. Ба ин мақсад усули мантиқии фикрӣ — муқоиса кор фармуда мешавад.

*Муқоиса чунин амали мантиқиест, ки бо ёрии он фикран монандӣ ва фарқи предметҳо тадқиқ ва муайян карда мешаванд.*

Фаҳмида гирифтани ҳар як предмет аз муайян намудани монандӣ ва фарқи он аз предметҳои дигар, яъне аз муқоиса сар мешавад.

Масалан, барои пайдо намудани мафҳуми «калима» бояд монандии калимаҳо аз ҷиҳати вазифаашон дар ҷумла, ба чӣ гуна савол ҷавоб доданашон, таркиби онҳо ва ғайра муайян карда шаванд; инчунин фарқи калима аз ҳиҷо, ибора, ҷумла ва ҳоказоҳо аниқ карда шавад.

Барои пайдо намудани мафҳуми «давлати социалистӣ» бояд монандии давлатҳои социалистӣ Ҳокимияти Советӣ ва давлатҳои халқии демократие ки ҳамаашон аз ҷиҳати моҳияти худ ҳокимияти синфи коргару оммаи меҳнаткашон мебошанд ва

максад, манфиати аслии оммаи халкро муҳофизат мекунанд, муқаррар карда шуда, пас фарқи куллии онҳо аз давлатҳои буржуазии замони ҳозира, ки қатъи назар аз шаклҳои гуногунашон, аз ҷиҳати моҳият ҳокимияти синфи буржуазияи империалистӣ буда, барои истисмор кардани оммаи меҳнаткашон дар дасти ин синф ҳамчун аслиҳа хизмат мекунад, муайян карда шавад.

Дар рафти тадқиқ набояд ҳар навъ предметҳо муқоиса карда шаванд. Бояд инчунин предметҳои воқеият муқоиса карда шаванд, ки онҳо бо ҳамдигар ягон наздикӣ ё умумият дошта бошанд. Агар предметҳое ки бо якдигар алоқамандӣ надоранд, муқоиса карда шаванд, ин амал бефоида мешавад.

Чунончи, муқоисаи мафҳумҳои «қаҳрамонӣ» ва «ях», «мубодила» ва «пуд» ва ғайра на аз ҷиҳати назария ва на аз ҷиҳати амалия ягон фоидае надорад.

Нишонаҳо, хусусиятҳои дуюмдараҷаи номуҳим не, балки нишонаҳои муҳимми предметҳо муқоиса карда шаванд. Масалан, таърихчиёни буржуазӣ сохти ҷамъияти як мамлакатро бо сохти ҷамъияти мамлакати дигар дар асоси чунин нишонаҳое ки барои тараққиёти сохти ҷамъиятӣ аҳамияти ҳалкунанда надоранд (масалан: иқлим, мавқеи географии мамлакат, зичӣ ва ё афзоиши аҳолӣ ва ғайра), муқоиса мекунанд. Ин гуна нишонаҳо барои сохти ҷамъият, инкишофи ҳаёти ҷамъият роли ҳалкунандаро надоранд. Маълум аст, ки СССР ва ШМА аз ҷиҳати иқлими худ фарқи куллӣ надоранд, вале тараққиёти сохти ҷамъияти ШМА нисбат ба сохти ҷамъияти СССР ба як давраи томи таърихӣ қафо мондааст.

Барои сохти ҷамъияти ду мамлакатро муқоиса кардан на ин ки нишонаҳои ғайри муҳим, дуюмдараҷа, балки нишонаҳои муҳим, яъне тарзи истеҳсолот, муносибатҳои истеҳсолотӣ ва ғайра муқоиса карда шаванд.

Мисоли дигарро мебинем. Ҳанӯз дар асри XVIII забоншиносон барои тадқиқ забонҳоро муқоиса менамуданд, лекин ин муқоиса характери илмӣ надошт, зеро онҳо дар муқоиса нишонаҳои муҳимро ба асос намегирифтанд. Одатан он забоншиносон фақат калимаҳоро, илова бар ин, на танҳо калимаҳои фонди асосии луғавиро, балки ҳар навъ калимаҳоро ва аз он ҷумла калимаҳои аз дигар забонҳо гирифташударо муқоиса мекарданд. Ин гуна муқоиса дар асоси монандии рӯякии калимаҳо ба анҷом мерасид. Маълум аст, ки Н. Я. Марр ҳамин гуна муқоисаи нодурустро кор мефармуд. Маҳз аз ҳамин сабаб онҳо хулосаҳои дурӯғ ва беасос мебаровардаанд.

Забоншиносони марксист нишон доданд, ки барои фаҳмида гирифтани забонҳо, бояд ҷиҳатҳои муҳимми онҳо — сохти грамматикӣ ва фонди асосии калимаҳо муқоиса карда шаванд.

Бо ёрии муқоиса, ки фарқ ва монандии предметҳо муқаррар мегардад, фақат муносибатҳои берунии онҳо ошкор карда ме-

шаванд. Дар рафти муқоиса танҳо баъзе ҷиҳатҳои предметҳо ба назар дошта мешавад. Ҷиҳатҳои дохилӣ, қисмҳои таркибии предметҳо ва алоқамандии онҳо бо ёрии дигар амали мантиқӣ — анализ тадқиқ карда мешаванд.

Ҳар як предмет, ҳодиса ҳамчун чизи том аз қисмҳо, ҷиҳатҳои дохилии таркибии худ иборат буда, ин қисмҳои таркибӣ бо ҳамдигар алоқаи мустаҳкам доранд ва ҳар яке аз онҳо барои предмети мазкур аҳамияти махсус доранд.

Барои предметро тадқиқ намуда, дар бораи вай мафҳум пайдо кардан, анализ (таҳлил) ба кор бурда мешавад.

**Анализ чунин амали мантиқиест, ки бо ёрии он предмет, ҳодисаи омӯхтаистода фикран ба қисмҳо, элементҳо, ҷиҳатҳои таркибӣ, дохилии он ҷудо карда шуда, ҳар яке аз он қисмҳои таркибӣ алоҳида ва ҳарҷониба тадқиқ карда мешавад.**

Масалан, барои он ки дар бораи ягон машина ё механизм мафҳум пайдо кунем, бояд аввало қисмҳои таркибии онро аз якдигар ҷудо карда, ҳар яки он қисмҳоро алоҳида омӯзем, аҳамияту вазифаҳои онро нағз фаҳмида гирем. Барои он ки дар бораи ҷумлаи грамматикӣ мафҳум пайдо кунем, бояд қисмҳои таркибии онро тадқиқ намоем.

Анализ (таҳлил) бояд аз чизи оддӣ сар шуда, ба чизи мураккаб гузарад.

В. И. Ленин мазмуни анализи (таҳлили) марксистии ҷамъияти капиталистиро қайд намуда нишон дода буд, ки К. Маркс дар асари худ «Капитал» анализро (таҳлилро) аз чизи хеле оддӣ, вале асосии ба ҳама маълум, ки ба он миллиардҳо бор дучор шудааст, муносибатҳои молии ҷамъияти буржуазӣ: мубодилаи молҳо сар кардааст.

Таҳлил — анализро ҳар як тадқиқотчии соҳаи илм кор мефармояд. Масалан, адабиётшинос барои он ки дар бораи ин ё он роман мафҳум пайдо кунад, вайро ба қисмҳои таркибиаш: масъалаҳои ғоявӣ, хатҳои сюжетӣ, қаҳрамонҳо, шахсони иштироккунанда ва ғайра ҷудо карда меомӯзад.

Лекин барои оид ба як предмети том мафҳум пайдо намудан қисмҳои таркибии онро омӯхтан ҳанӯз кифоя нест. Қисмҳои таркибиро омӯхтан — ҳанӯз ибтидои тадқиқот мебошад. Предмети том фақат аз ҷамъи қисмҳо иборат нест, балки ин қисмҳо дар вай вазифаи муайянро иҷро мекунанд, онҳо бо ҳам алоқаманд буда, ба якдигар таъсир мерасонанд.

Дар ҳар машина, механизм қисмҳои таркибии он дар ҳаракат аст, бе он машина чизи том шуда наметавонад. Бинобар ин, бояд қисмҳо, ҷиҳатҳои анализ кардашуда аз нав якҷоя, муттаҳид гарданд. Ин вазифа бо роҳи дигар ба воситаи амали мантиқӣ — синтез ҳал карда мешавад.

**Синтез чунин амали мантиқиест, ки бо ёрии он қисмҳо, ҷиҳатҳои таркибии ба воситаи анализ ҷудо гардида, фикран як-**

**ҷоя, муттаҳид карда мешавад ва алоқамандӣ, ба ҳам таъсиррасонии қисмҳои таркибии предмети том омӯхта мешавад.**

Дар вақти анализ (таҳлил) предмет фикран ба қисмҳои таркибӣ ҷудо карда мешавад. Бо ёрии синтез ин қисмҳои таркибӣ фикран якҷоя карда мешаванд. Лекин синтез на танҳо фикран якҷоякунии қисмҳо мебошад. Дар рафти синтез боҳамтаъсиррасонии қисмҳои таркибии предмети том фаҳмида гирифта мешавад.

Набояд аз хотир фаромӯш кард, ки анализ (таҳлил) танҳо як ҷиҳати дониш буда, ҷиҳати дуюми он синтез мебошад. Дар рафти дониш анализро аз синтез ҷудо кардан мумкин нест. Анализ ва синтез ду ҷиҳати аз ҳамдигар ҷудонашавандаи ягона процесси дониш мебошанд.

Дар вақти таълиму тарбия, дарсдиҳӣ ин ду усули мантиқӣ — анализ ва синтез якҷоя ба кор бурда мешаванд.

Чунончи, муаллими адабиёт таҳлили ягон асари бадеиро сар карда, аввало диққати хонандагонро ба мазмун ва маънои умумӣ ҷалб мекунад ва баъд аз он асар ба қисмҳои таркибӣ ҷудо карда мешавад. Дар айни ҳол муносибати ҳар як қисм бо қисмҳои дигари асар алоқамандона омӯхта мешавад.

Таърихшинос ҳам дар бораи воқеаҳои алоҳидаи таърихӣ нақл карда, дар айни замон характеристикаи давраи муайянро баён менамояд ва лаҳзаҳои асосӣ, ҳалкунандаро махсус қайд мекунад. Хонанда ҳам воқеаҳои алоҳидаи таърихии фикрҳои баъд аз он баён шударо на ҳамчун ҳодисаҳои тасодуфӣ, балки ҳамчун давраҳои алоқаманди давраи мазкури таърихӣ қабул мекунад.

Узван алоқаманд будани анализ ва синтез барои дониш ва барои бомуваффақият ба анҷом расонидани тадқиқот аҳамияти калон дорад.

Барои донистани предмет бояд ҳамаи хусусиятҳои он бо предметҳои дигар алоқамандона омӯхта шаванд. Мукаммал дониста гирифтани ин ҷиҳатҳо ҳатмист, зеро ҳар як предмет дорои хусусиятҳои сершумору беинтиҳо мебошад, вале ҳамин талаботи ҳарҷониба, ҳаматарафа омӯхтан — чи тавре ки В. И. Ленин гуфта буд,— моро аз хатогиҳо нигоҳ медорад.

Дар вақти тафаккур анализ ва синтезро ба кор бурда, предмет фикран ба қисмҳо ҷудо карда шуда, ин қисмҳо муттаҳид гардонида мешаванд. Ҳар як предмет ва ҳодиса дорои қисмҳо, ҷиҳатҳо, хусусиятҳо, нишонаҳои сершумор мебошад. Баъзеи онҳо муҳим буда, дигарашон номуҳим мебошанд.

Одамон дар рафти фаъолияти амалии худ бо предметҳо, ҳодисаҳои гуногуни табиат дучор шуда, нишонаҳои муҳимро аз нишонаҳои ғайри муҳим фарқ мекунанд. Чунончи, ҳанӯз аз замонҳои қадим одамон медонанд, ки нисбат ба чӯби дарахт аз санг яроқ, аслиҳаи пуриқтидортар сохтан беҳтар аст, пӯсти ҳайвонот тани одамро аз хунукӣ нигоҳ медорад: чӯби дарахт ба

таги об фурӯ намеравад ва аз вай дарғоту қаиқ сохта аз дарьёю кӯлҳо гузаштан мумкин аст ва ғайра. Ин хусусиятҳои фоиданокро ба хотир нигоҳ дошта, одам ба авлоди наврас вогузор мекунад. Аз ин сабаб одамон нишонаҳои фоиданок ва муҳимми предметҳоро аз хусусиятҳои номуҳим ва бефоидаи онҳо ҷудо карда абстракция менамоянд.

Дар оянда қобилияти ҷудо карда гирифтани хосиятҳо, нишонаҳои фоиданоки предметҳо такмил меёбад.

Таҷрибаи дониш шаҳодат медиҳад, ки тамоми донишҳо бо ҳамин роҳ ба вуҷуд омадаанд. Донишҳои одам натиҷаи нишонаҳои муҳимро аз хусусият ва нишонаҳои номуҳим фикран ҷудо карда гирифта, онҳоро аз назар дур кардан аст.

Дар процесси тафаккур одам ҷиҳатҳои номуҳим, тасодуфии предмет ва ҳодисаро аз назар дур карда, ҷиҳатҳои муҳим ва зарурии онҳоро дониста мегирад.

**Хусусиятҳои предметро фикран ҷудо карда гирифтан абстракциякунӣ номида шудааст.**

**Абстракциякунӣ чунин амали мантиқиест, ки дар рафти он нишона, хусусиятҳои муҳимми предметҳо, ҳодисаҳо фикран ҷудо карда шуда, дигар нишонаҳо, хусусиятҳо, алоқа ва ҷиҳатҳои ҳамон предмет аз назар дур карда мешавад.**

Нишонаҳо, хусусиятҳои муҳимтарини предметҳоро абстракция карда ва онҳоро ҷудо карда гирифтан барои пайдо намудани дониш аҳамияти калон дорад.

Қ. Маркс дар сарсухани асари худ «Капитал» менависад, ки барои таҳлили шаклҳои иқтисодӣ на аз микроскоп истифода бурда мешавад ва на аз реактивҳои химиявӣ, балки ҳар дуи онҳоро ҳам қувваи абстракциякунӣ иваз мекунад.

Тафаккур аз чизҳои аёнӣ ва конкретӣ ба чизҳои абстрактӣ гузашта аз ҳақиқат дур не, балки баръакс, агар ин абстракциякунӣ дуруст бошад, ба вай наздик мешавад. Чи тавре ки В. И. Ленин гуфта буд, абстракцияи материя, қонуни табиат, абстракцияи арзиш ва ғайра, хулоса ҳамаи абстракцияҳои (дуруст, ҷиддӣ, ғайрибемаъниӣ) илмӣ табиатро чуқуртар, дурусттар ва пурратар инъикос мекунанд.

Ҳамаи типҳои адабиёти бадеӣ мувофиқи қонунҳои абстракциякунӣ ба вуҷуд меоянд. М. Горький гуфта буд, ки танҳо «абстракция карда мешаванд» (яъне ҷудо карда мешаванд), корнамоиҳои ба назар намоёни бисьёр қаҳрамонҳо, дар намуди як қаҳрамон, масалан, Геркулес ё Илья Муромеци рязанӣ ҷамъбаст карда мешаванд: хислатҳои бештар табиии ҳар як савдогар, ашроф, деҳқон ҷудо карда шуда, он ба шахсияти як савдогар, ашроф ё деҳқон ҷамъбаст карда мешавад.

Бо ҳамин роҳ типи бадеӣ ба вуҷуд меояд. Агар адабиётшинос аз таассурот ва хиссиёти бисьёру бетартиби худ чизи асосӣ, объективӣ ва типиро аз ҷиҳатҳои ноором мувакқатии гузаран-

ла чудо карда нитавонад, асари вай бемазмуну хом мебарояд аз аҳамияти иҷтимоӣ-тарбиявӣ пайдо намекунад.

Бо ёрии абстракциякунӣ нишонаҳо, хусусиятҳои муҳим аз ғайри муҳим фикран чудо карда, дониста гирифта мешаванд. Аммо дар воқеияти реалӣ ҳар як предмет, ходиса қисми муайян, тараф, навъи гурӯҳ, чинс, авлод, зот,— яъне қисми ягон чизи умумӣ мебошад. Тафаккур барои дониста гирифтани алоқаи предмети омӯхтаистода ба ягон умумият равона карда мешавад. Ин умумият, ҷиҳатҳо, хусусиятҳои умумии предметҳо бо ёрии амали мантиқӣ-умумиятдиҳӣ дониста гирифта мешаванд.

**Умумиятдиҳӣ чунин амали мантиқиест, ки ба воситаи он фикран ин ё он хусусиятҳои умумие, ки ба ҳамин навъ ва ё ҷинси предметҳо тааллуқ дорад, чудо карда гирифта, хулоса бароварда мешавад, ки он ба ҳар як предмети ҷинси мазкур хос мебошад.**

Дар рафти умумиятдиҳӣ ҷиҳатҳо, хусусиятҳои махсуси ҳар як предмети алоҳида аз назар дур карда шуда, хусусияти умумии ҳамаи предметҳои алоҳидаи ҷинси муайян ҷамъбаст карда мешавад. Ба воситаи умумиятдиҳӣ фикран аз якка ба умумӣ мегузарем.

Чунончи, дар мафҳуми «растанӣ» ҳамаи хусусиятҳои умумии навъҳои гуногуни растанӣ, дар мафҳуми «ҳайвонот» нишонаҳои умумии ҳамаи хелҳои ҳайвонҳо, дар мафҳуми «забон» хусусиятҳои умумии ҳамаи забонҳои халқҳо, дар мафҳуми «формацияи ҷамъияти иқтисодӣ» нишонаҳои умумии ҳамаи ҷамъиятҳои инсонӣ инъикос ёфтаанд ва ҳоказо.

Дар мафҳуми «забони гурӯҳи эронӣ» нишонаҳои ҷинсӣ ва умумии забонҳои алоҳида (забонҳои эронӣ, тоҷикӣ, курдӣ, белуҷӣ, татӣ, талишӣ, осетинӣ, яғнобӣ, помирӣ) ҷамъбаст карда шудааст.

Дар бораи предмети тока мафҳум пайдо намудан он қадар душвор нест. Барои мафҳуми предмети токаро пайдо кардан танҳо як нишонаи муҳимми вайро дониста гирифтан кифоя аст. Масалан, мафҳуми «Москва»-ро бо ёрии нишонаи муҳимми он инчунин таъриф кардан мумкин аст: «Москва — пойтахти Иттифоқи Советӣ мебошад». Аммо дар бораи як гурӯҳи ҷинси предметҳо мафҳум ба вуҷуд овардан хеле душвор аст.

Дар ин маврид, аввало, нишонаи муҳимми ҳар яктои ҷинси мазкури предметҳо муқаррар ва абстракция карда мешавад. Баъд, аз ин нишонаҳо чунин нишонаҳое интихоб карда мешаванд, ки онҳо умумӣ, бояд ба ҳар як предмети ҳамин ҷинс хос бошанд. Маҳз ҳамин гуна амали мантиқӣ у м у м и я т д и ҳ и и н и ш о н а ҳ о ном дорад.

Барои умумиятдиҳӣ бояд аввало фактҳо, донишҳо оид ба предметҳои алоҳида муқаррар карда шаванд. Умумиятдиҳӣ ба

фактҳо асос мебад. Масалан, Садриддин Айнӣ дар образи «Қорӣ Ишкамба» бисёр хислат ва хусусиятҳои одамони хасисро моҳирона ҷамъбаст намудааст. Ин образ таҷассуми ҳамин гуна образҳост.

М. Горький мегуфт, шахсоне ки ҷиҳатҳои махсуси характерноки синфиро ҷудо карда гирифта, онро ба як образи бадеии умумӣ ҷамъбаст карда метавонанд, нависандагони истеъдоднок-анд.

М. Горький таъкид мекард, ки ҳар як санъаткор бояд барои умумикунонӣ, ходисаҳои такроршавандаи воқеиятро дар образи типӣ ҷамъбаст карда тавонад. Нависанда бо ёрии образи алоҳида чизи типиро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, ба воситаи умумиятдиҳӣ нишонаҳо, хусусиятҳои муҳим ва умумии предметҳо фикран ҷамъбаст карда мешаванд, ки ин амал барои пайдошавии мафҳум аҳамияти калон дорад.

Инак, барои дар бораи предметҳо, ходисаҳо мафҳум пайдо намудан, онҳо чуқур ва ҳарҷониба омӯхта шуда амалҳои мантиқӣ: муқоиса, анализ, синтез, абстракцияқунӣ ва умумиятдиҳӣ ба кор бурда мешаванд.

## § 6. НАВЪҲОИ МАФҲУМ

Маълум аст, ки ҳар як мафҳум дорои ҳаҷм ва мазмун аст. Аз нуқтаи назари ҳаҷм ва мазмун мафҳум ба якчанд навъҳо тақсим мешавад. Аз ҷиҳати ҳаҷми худ мафҳум аввало ба ду навъ: мафҳуми тоқа ва умумӣ тақсим мешавад.

Мафҳуме ки нишонаҳои муҳим ва асосии предмети алоҳидаро инъикос мекунад, мафҳуми тоқа ном дорад. Мафҳуми тоқа ба ҷинс, гурӯҳ тааллуқ дорад, вале қатъи назар аз ин вай танҳо ба як предмети он мансуб аст.

Чунончи, мафҳумҳои «Станцияи электрикии обии Қайроққум, ба номи «Дӯстии халқҳо»», «Абулқосим Фирдавсӣ», «Киштии яхшикани атомии ба номи В. И. Ленин», «муаллифи романи «Субҳи ҷавонии мо»» ва ғайраҳо мафҳумҳои тоқа мебошанд.

**Мафҳуме ки нишонаҳои муҳимми ҷинси муайян, як гурӯҳ предметҳоро инъикос менамояд, мафҳуми умумӣ номида мешавад.** Мафҳуми умумӣ на ин ки ба як предмет, балки ба ҷинс, гурӯҳи предметҳо тааллуқ дорад. Масалан, мафҳумҳои «давлат», «ҷамъият», «забон», «рубоёт», «республикаи халқӣ» ва ҳоказоҳо мафҳумҳои умумӣ мебошанд.

Мафҳумҳои умумӣ дар навбати худ ба мафҳумҳои умумии қайдшаванда ва умумии қайднашаванда тақсим мешавад. Мафҳуме ки миқдори предметҳои инъикоскунандаи он маҳдуд аст, мафҳуми қайдшаванда номида мешавад. Чунончи, мафҳумҳои «мамлакатҳои социалистии замони ҳозира», «забони халқҳои

Осиёи Миёна», «Мактаби миёнаи Тоҷикистон», «Сайёраи системаи Офтоб» мафҳумҳои умумии қайдшавандаанд.

Мафҳуме ки миқдори предметҳои дарбаргирифтааш ҳаҷман беинтиҳо буда, ҳисоб кардани адади онҳо имконнопазир аст, мафҳуми умумии қайднашаванда ном дорад. Масалан, «ситора», «растанӣ», «дарахт», «нуқта», «молекула», «атом», «калима» ва ғайраҳо мафҳумҳои умумии қайднашаванда мебошанд.

Ғайр аз он, мафҳуми умумӣ ба мафҳуми умумии оддӣ ва умумии ҷамъкунанда тақсим мешавад. Мафҳуми умумии оддӣ як ҷинс ё гурӯҳи муайяни предметҳоро дар бар мегирад. Масалан, «миллат», «одам», «ҷумла», «ҳуқуқ» ва ҳоказо.

Мафҳуме ки ҳаҷмаш маҷмӯи ҷинсӣ, гурӯҳи предметҳоро инъикос менамояд, мафҳуми умумии ҷамъкунанда ном дорад. Чунончи, «маҷлиси комсомолӣ», «китобхона», «бешазори мамлакат» ва ғайраҳо мафҳумҳои умумии ҷамъкунандаанд.

Мафҳумҳои тоқа дар навбати худ боз ба мафҳумҳои тоқаи фардӣ ва тоқаи ҷамъкунанда тақсим мешаванд. Ҳаҷми мафҳуми тоқаи фардӣ фақат як предмети алоҳидаро инъикос менамояд. Масалан, «Шӯриши Восеъ», «Муаллифи романи «Дони Ором»», «Сардафтари адабиёти советии тоҷик» ва ғайра.

Мафҳуме, ки ҳаҷмаш на ин ки предмети тоқаю алоҳидаро, балки як предмете, ки маҷмӯи предметҳоро дар бар гирифта, онро инъикос мекунад, мафҳуми тоқаи ҷамъбасткунанда меноманд. Чунончи, «Китобхонаи Республикавии ба номи А. Фирдавсӣ шаҳри Душанбе», «Гурӯҳи якӯми тамомкунандагони Университети Давлатии Тоҷикистон», «Коллективи муаллимони мактаби № 10 шаҳри Тошкент» ва ғайра.

Аз нуқтаи назари мазмун мафҳумҳо ба ду навъ: мафҳуми конкретӣ ва абстрактӣ тақсим мешаванд.

Мафҳуми конкретӣ нишонаҳои муҳимми предметҳои мустақилона ва реалона вуҷуд доштаро инъикос мекунад. Масалан, «санъаткор», «шоир», «мамлакат», «арбоби давлат» ва ғайра. Мафҳуми абстрактӣ бошад, танҳо ягон тараф, хусусият, ҳолат, муносибати предметҳоро ҳамчун предмети алоҳида ифода мекунад. Чунончи, «қаҳрамонӣ», «далерӣ», «касалӣ», «баробарӣ» ва ҳоказо мафҳумҳои абстрактӣ мебошанд.

Албатта, ҳар ду ин навъи мафҳумҳо ҳам дар натиҷаи амали мантиқии абстракциякунӣ пайдо мешаванд, вале онҳо аз ҳамдигар бо дараҷаи типи абстракциякунӣ фарқ мекунанд.

Боз мафҳум аз ҷиҳати мазмун ба мафҳумҳои мусбат ва манфӣ тақсим мешавад. Баъзан мафҳум на ин ки бо роҳи нишонаҳои алоҳидаашро ҷудо карда инъикос намудан, балки бо роҳи нишон додани дорои нишонаи муайян ё номуайяни предмет пайдо карда мешавад. Агар мафҳум нишонае, ки ба предмет мансуб аст, инъикос кунад, мафҳуми мусбат ном дорад ва агар мафҳум ба предмет дахл надоштани ягон нишонаро инъикос кунад, мафҳуми манфӣ номида мешавад. Мафҳумҳои «боақлӣ»,

«зебой», «босавод» мафҳуми мусбат буда, мафҳумҳои «беақлӣ», «бесаводӣ», «берӯӣ» манфӣ мебошанд.

Ғайр аз он, мафҳумҳо ба мафҳумҳои нисбатдор ва бенисбат тақсим мешаванд. Мафҳумҳои нисбатдор чунин предметҳоро инъикос мекунанд, ки якеи он бе дигараш вуҷуд дошта наметавонад. Ин мафҳумҳо фақат нисбат ба дигар мафҳумҳо дорои маъно мебошанд. Масалан, мафҳуми модар бе мафҳуми фарзанд маъное надорад, мисли ин мафҳуми пролетариат бе мафҳуми буржуазия, мафҳуми ботинӣ бе мафҳуми зоҳирӣ вуҷуд дошта наметавонанд.

Мафҳумҳои бенисбат бо дигар мафҳумҳо муносибате надоранд, вале дорои маънои мустақиланд. Масалан, мафҳумҳои «китоб», «асар», «драма», «колхоз» ва ғайраҳо мафҳумҳои бенисбатанд.

## § 7. АЛОҚАИ БАЙНИ МАФҲУМҲО

Дар байни предметҳои воқеияти реалӣ муносибатҳои гуногун мавҷуданд. Азбаски мафҳумҳо инъикос, нусхаи предметҳои воқеият мебошанд, бинобар ин дар байни онҳо ҳам муносибатҳои гуногун дида мешаванд. Дар ин ҷо муносибатҳои асосии мафҳумро дида мебароем. Мазмун ва ҳаҷм — ду ҷиҳати мафҳум мебошанд.

Ҳамин ду ҷиҳат — мазмун ва ҳаҷми мафҳумро ба назар гирифта, мафҳумҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд:

1. Мафҳумҳои муқоисашаванда.
2. Мафҳумҳои муқоисанашаванда.

Агар дар байни мафҳумҳо ягон ҷиҳати умумӣ, аз нуқтаи назари ҳаҷм ва мазмун ягон монандӣ мавҷуд бошад, ин тавр мафҳумҳоро мафҳумҳои муқоисашаванда меноманд. Масалан, дар мазмуни мафҳумҳои «инженер» ва «коргар» нишонаҳои умумӣ аз он иборат аст, ки ҳар дуи онҳо ҳам вакилони меҳнаткашон мебошанд, дар истеҳсолот иштирок мекунанд; фарқи онҳо иборат аз он аст, ки коргар танҳо бо меҳнати ҷисмонӣ машғул, инженер бошад, қисман бо меҳнати фикрӣ машғул аст ва дар соҳаи ихтисоси худ соҳиби маълумоти баланд мебошад.

**Мафҳумҳое, ки дар байни худ аз ҷиҳати ҳаҷм ва мазмун ҳеҷ гуна наздикӣ, монандӣ надоранд, мафҳумҳои муқоисанашаванда меноманд.** Масалан, мазмуни мафҳумҳои «революцияи иҷтимоӣ» ва «дарахти бед» ҳеҷ наздикӣ надорад, ягона умумияти байни онҳо аз он иборат аст, ки ҳам революцияи иҷтимоӣ, ҳам дарахти бед дар воқеият мавҷуданд.

Мафҳумҳои муқоисашаванда дар навбати худ ба ду гурӯҳ: 1) мувофиқоянда ва 2) мувофиқнаоянда тақсим мешаванд.

Ду мафҳуме, ки мазмунан аз ҳамдигар фарқ дошта, ҳаҷми онҳо бо якдигар мувофиқ ё қисман мувофиқ меоянд, мафҳумҳои мувофиқоянда ном доранд. Мазмуни мафҳумҳои мувофиқ-

оянда нисбатан фарқ дошта бошанд ҳам, ҳаҷман якдигарро истисно намекунанд. Чунончи, «нависанда» ва «олим». Мазмуни ин мафҳумҳо гуногунанд, зеро нишонаи гуногунро инъикос мекунанд, вале ҳаҷмашон қисман ба якдигар мувофиқ меоянд, чунки нависандаҳое ҳастанд, ки онҳо дар айни замон олим ҳам мебошанд ва олимоне ҳам ҳастанд, ки дар айни замон нависанда мебошанд. Масалан, Абуалӣ ибни Сино ва Умари Хайём аз ҳамин қабил мутафаккирон буданд.

Мафҳумҳое ҳастанд, ки мазмунан дар байни худ чунин тафовуте доранд, ки дар ин асос ҳаҷмашон қисман бо якдигар мувофиқ намеоянд. Ин гуна мафҳумҳо мувофиқнаоянда номида мешаванд. Масалан, мафҳумҳои «шахсе ки истеъдоди шоирӣ дорад» ва «шахсе ки истеъдоди шоирӣ надорад» мафҳумҳои мувофиқнаоянда мебошанд.

Нишонаҳои мазмуни мафҳумҳои мувофиқнаоянда ҳамдигарро истисно мекунанд.

Мафҳумҳои мувофиқоянда ва мувофиқнаоянда ба якчанд навъҳо тақсим мешаванд.

## Мафҳумҳои айниятдор

**Чунин мафҳумҳое, ки мазмунан фарқ доранду ҳаҷмашон якхел мебошад, мафҳумҳои айниятдор меноманд.** Масалан, «Сардафтари адабиёти советӣ» ва «М. Горький». Мазмуни ин мафҳумҳо гуногун мебошанд, вале ҳар дуи ин мафҳумҳо ҳам ба як предмет — як шахс тааллуқ доранд.



Расми 1.

Мисолҳои дигар: «Душанбе» ва «Пойтахти Тоҷикистон», «В. И. Ленин» ва «Асосгузори якӯмин дар ҷаҳон давлати социалистӣ» ва ғайра. Дар мантиқ, одатан муносибати байни мафҳумҳоро ба воситаи доираҳо ишора мекунанд (нигар ба расми 1). Ин доираҳоро бо мақсади ишора кардани муносибати байни мафҳумҳо якӯмин бор олими машҳур — математик ва мантиқшинос Эйлер истифода бурда буд.

Муносибати айниятдор бо ёрии доираҳо ишора карда мешавад.

Дар ин ҷо ду мафҳум (мафҳумҳои «А» ва «В») бо ёрии ду доира тасвир карда шуда бошад ҳам, дар назар як доира менамояд, чунки ҳаҷмҳои онҳо бо ҳам комилан мувофиқ меоянд.

## Муносибати тобеият

Масалан, дар байни мафҳумҳои «одам» ва «нависанда» муносибати тобеият мавҷуд аст. Дар муносибати тобеият ҳаҷми як мафҳум ба ҳаҷми мафҳуми дигар дохил мешавад ва нишонаҳои муҳимми як мафҳум ба мазмуни мафҳуми дигар дохил

мешавад ва ин мафҳуми охирин дорои нишонаи алоҳидаи ба худ хос ҳам мебошад. Дар ин мисол мазмуни мафҳуми «одам» чун қисми таркибӣ ба мазмуни мафҳуми «нависанда» дохил мешавад, зеро нависанда дорои нишонаҳои умумии одамият ва нишонаҳои махсусе дорад, ки онҳо танҳо ба худи нависандагон хос мебошанд. Агар ҳаҷми онҳоро муқоиса кунем, мебинем, ки ҳаҷми мафҳуми «нависанда» ҳамчун қисми таркибӣ ба ҳаҷми мафҳуми «одам» дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, агар дар байни мафҳумҳои А ва В чунон муносибате бошад, дар асоси он мазмуни мафҳуми А чун як қисми таркибӣ ба мазмуни мафҳуми В дохил шавад ва ҳаҷми мафҳуми В чун қисми таркибӣ ба ҳаҷми мафҳуми А дохил шавад, он гоҳ дар байни онҳо муносибати тобеият пайдо мешавад.

Мафҳуме, ки ҳаҷмаш зиёдтар аст, *мафҳуми умумӣ* ном дошта, мафҳуме, ки ҳаҷмаш хурдтар аст, *мафҳуми алоҳида* ном дорад. Мафҳуми умумӣ — ҳаҷмаш калонтар буда, мазмунаш хурдтар аст, вале мафҳуми алоҳида ҳаҷмаш хурдтар буда, мазмунаш бойтар, васеътар мебошад. Мафҳуми умумӣ тобеъкунанда буда, мафҳуми алоҳида тобеъшаванда аст.

Муносибати тобеият дар байни ду мафҳуми умумӣ, инчунин дар байни мафҳуми умумӣ ва тоқа низ вучуд дошта метавонад. Дар мавриди якум мафҳуми ҳаҷмаш нисбатан васеътар (А) *мафҳуми ҷинсӣ* ном дошта, мафҳуми ҳаҷмаш нисбатан хурдтар (В) *мафҳуми навъӣ* ном дорад.

Муносибати байни мафҳумҳои ҷинсӣ ва навъӣ бо доираҳо тасвир карда мешавад, ки дар он ҳаҷми мафҳуми навъӣ ба ҳаҷми мафҳуми ҷинсӣ дохил мешавад (нигар ба расми 2).



Расми 2.

Одатан ҳаҷми мафҳуми алоҳида ҳамчун қисми таркибӣ ба ҳаҷми мафҳуми умумӣ дохил мешавад. Лекин ин мафҳуми умумӣ, дар навбати худ, ба ҳаҷми мафҳуми боз ҳам умумитар дохил мешавад, бинобар ин, мафҳумҳо нисбатан — мафҳумҳои ҷинсӣ ва навъӣ номида мешаванд. Чунончи, ҷамъияти синфӣ нисбат ба ҷамъияти капиталистӣ мафҳуми ҷинсӣ буда, нисбат ба мафҳуми ҷамъият навъӣ мебошад.

Дараҷаи умумиятнокии гурӯҳи муайяни мафҳумҳоро ба назар дошта чунин ифода кардан мумкин аст, ки дар вай ҳар як мафҳум нисбат ба мафҳуми умумитар навъӣ шуда ва нисбат ба мафҳуми хурдтар ҷинсӣ мешавад (нигар ба расми 3). Масалан:

Одам
Коркуни меҳнати ақлӣ
Шоир

Шоири советӣ
Шоири советии тоҷик
Боқӣ Раҳимзода

Мафҳуми «шоир» нисбат ба «шоири советӣ» ҷинсӣ бошад, нисбат ба мафҳуми «коркуни меҳнати ақлӣ» навъӣ мешавад. Лекин «шоир» дар айни замон нисбат ба дигар мафҳумҳое, ки аз вай ҳаҷман хурдтаранд, чунончи, нисбат ба мафҳумҳои «шоири советии тоҷик», «Боқӣ Раҳимзода» ҷинсӣ мебошад.

Мафҳуми А нисбат ба ҳамаи дигар мафҳумҳо — Б, В, Г, Д, Е ҷинсӣ аст, ин мафҳумҳо бошанд, навъи мафҳуми А мешаванд ва ғайр аз он ҳамаи мафҳумҳои А, Б, В, нисбат ба мафҳуми Д мафҳуми ҷинсианд. Аз ҳамаи ин ҷинсҳо нисбат ба ҳамин мафҳуми навъи ҷинси наздик он мафҳуме мешавад, ки вай ҳаҷман аз ин навъ тамоман кам фарқ дорад.



Расми 3.
*А* — одам, *Б* — коркуни меҳнати ақлӣ. *В* — шоир. *Г* — шоири советӣ. *Д* — шоири советии тоҷик. *Е* — Боқӣ Раҳимзода.

Масалан, мафҳуми «шоири советӣ» ҷинси наздики мафҳуми «шоири советии тоҷик» мебошад, мафҳуми «олим» ҷинси наздики мафҳуми «олими забоншинос» мебошад.

## Муносибати чилликӣ

Ду мафҳуме, ки мазмунан фарқ доранду ҳаҷмашон қисман бо якдигар мувофиқ меоянд, ин гуна мафҳумҳо дар байни худ муносибати чилликӣ доранд.

Барои ин муносибат чунин мафҳумҳо мисол мешаванд: «Қаҳрамонони Меҳнати Социалистӣ» ва «колхозчиён», «духтурон» ва «занон», «студентон» ва «комсомолон», «лауреатҳои Мукофоти Ленинӣ» ва «санъаткорони советӣ» ва ҳоказо.

Ҳаҷми мафҳуми «қаҳрамонони меҳнати социалистӣ» ва «колхозчиён» айнан як хел нест, чунки қаҳрамонҳои меҳнати социалистие ҳастанд, ки колхозчӣ нестанд ва колхозчиёне ҳастанд, ки Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ нестанд, вале колхозчиёне ҳам ҳастанд, ки қаҳрамонони меҳнати социалистӣ мебошанд ва баръакс, Қаҳрамонони Меҳнати Социалистие ҳастанд, ки колхозчӣ мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат ин гурӯҳи предметҳо бо ҳам қисман мувофиқ меоянд.



Расми 4.
*А* — Лауреати мукофоти Ленинӣ. *В* — санъаткорони советӣ.

Муносибати чилликии мафҳум бо доираҳо тасвир карда мешавад (нигар ба расми 4).

Дар байни мафҳумҳои мувофиқнаоянда муносибатҳои зерин мавҷуданд:

## Тобеияти муштарак

Муносибати байни мафҳумҳо метавонанд тобеияти муштарак бошанд. Агар якчанд мафҳумҳои навъӣ як ҷинси умумӣ дошта бошанд, ин мафҳумҳо муносибати тобеияти муштарак доранд, чунки онҳо ба ҳамон мафҳуми ҷинсӣ баробар тобеъ мешаванд. Дар байни мафҳумҳои мувофиқоянда ва мафҳумҳои мувофиқнаоянда ҳам муносибати тобеъияти муштарак мавҷуд аст.

Чунончи, мафҳумҳои чиликӣ «шоири советӣ» ва «шоири тоҷик» ба мафҳуми «коркуни маданияти советӣ» тобеъанд. Мафҳумҳои мувофиқнаоянда «сафед» ва «сафед не» ба мафҳуми умумии «ранг» тобеъанд.

Муносибати тобеияти муштарак бо доираҳо тасвир карда мешавад (нигар ба расми 5).




Расми 5.
А — мафҳуми ҷинсӣ, «а» ва «в» — мафҳумҳои навъӣ.

## Муносибати муқобилият

Агар мазмуни як мафҳумро мазмуни мафҳуми дигар рад кунаду мафҳуми радкунанда дорои нишонаҳое, ки муқобили нишонаҳои мафҳуми радшаванда бошад, дар байни онҳо муносибати муқобилият пайдо мешавад. Масалан, мафҳумҳои «гармӣ» ва «хунукӣ», «саломатӣ» ва «касалӣ», «баландӣ» ва «пастӣ», «сафедӣ» ва «сиёҳӣ» дар байни ҳамдигар муносибати муқобилият доранд (нигар ба расми 6).




Расми 6.

Мафҳумҳои ба ҳам муқобил дорои чунин хислат мебошанд, ки як мафҳум дигар мафҳумро рад мекунад ва дар айни ҳол мафҳуми радкунанда дорои нишонаҳои мусбат мебошад.

## Муносибати зиддият

Агар мазмуни як мафҳумро мафҳуми дигар рад кунад ва мазмуни мафҳуми радкунанда номаълум монад, дар байни ин гуна мафҳумҳо муносибати зиддият вуҷуд дорад. Масалан, дар байни мафҳумҳои «ҷамъияти социалистӣ» ва «ҷамъияти ғайри-

социалистӣ», «ҷамъияти синфӣ» ва «ҷамъияти бесинф» муносибати зиддият ҳаст.

Дар мазмуни яке аз ин мафҳумҳо нишонаҳои муайяни муҳим инъикос ёфтааст, вале мазмуни дигари онро ҳамон нишонаҳои мафҳуми якӯме ки маълум нест, ташкил медиҳад:




Расми 7.

Барои муносибати зиддият боз чунин мафҳумҳо мисол шуда метавонанд: синфҳои антагонистӣ ва ғайриантагонистӣ; ҷамъияти синфӣ ва бесинф, ҷангҳои боадолат ва беадолат ва ҳоказо.

Муносибати зиддият ба воситаи доираҳо ишора карда мешавад (нигар ба расми 7).

Чунинанд муносибатҳои асосии байни мафҳумҳои муқоисашаванда.

БОБИ III

# АМАЛҲОИ МАНТИҚӢ БО МАФҲУМ

## § 1. МАҲДУДКУНӢ ВА УМУМИЯТДИҲИИ МАФҲУМ

Дар процесси тафаккур баъзан аз мафҳумҳое, ки ҳаҷмашон васеътар аст, ба мафҳумҳои ҳаҷмашон хурдтар мегузаранд ва баъзан, баръакс, аз мафҳумҳое, ки ҳаҷмашон хурдтар аст, ба мафҳумҳои ҳаҷмашон васеътар мегузаранд.

Масалан, дар вақти фикр кардан аз мафҳуми драматург ба мафҳуми драматурги советӣ ва боз аниқтар карда, ба мафҳуми драматурги советии Лауреати мукофоти Ленинӣ ва баъд аз ин ба мафҳуми драматург Корнейчук А. Е. мегузарем.

Ин гуна амали мантиқӣ *маҳдудкунӣ* ном дорад.

**Маҳдудкунӣ чунин амали мантиқиест, ки дар асоси он аз мафҳумҳои ҳаҷман васеътар ба мафҳумҳои ҳаҷман хурдтар мегузаранд.** Ин гуна гузариш ба воситаи ба мафҳуми аввалин илова кардани нишонаҳои наве, ки фақат ба як қисми предметҳое, ки онҳоро ҳаҷми мафҳуми аввалин дар бар мегирад, тааллуқ доранд, ба вуҷуд меояд.

Мафҳумҳое ки дар рафти маҳдудкунӣ ба вуҷуд меоянд, торафт ҳаҷман хурдтар мешаванд ва ҳар як мафҳуми минбаъдаи ба миён оянда, як қисми мафҳуми аввалинро ташкил медиҳад. Чунончи, дар вақти маҳдудкунӣ аз мафҳуми таърихшинос ба мафҳуми таърихшиноси советӣ мегузарем ва дар ин ҷо таърихшиноси советӣ қисми мафҳуми таърихшиносро ташкил медиҳад ва аз ин мафҳуми таърихшиноси советӣ ба мафҳуми таърихшиноси советии тоҷик мегузарем. Мафҳуми «таърихшиноси советии тоҷик» як қисми мафҳуми «таърихшиноси советӣ»-ро ташкил медиҳад. Ва боз аз мафҳуми «таърихшиноси советии тоҷик» ба мафҳуми «муаллифи якумини китоби таърихи халқи тоҷик» мегузарем, ки ин мафҳуми охирин як қисми мафҳуми таърихшиноси советии тоҷикро ташкил медиҳад. Дар охири маҳдудкунӣ мафҳуми тоқаи фардӣ ба миён меояд, ки он ҳудуди охирини маҳдудкунӣ мебошад.

**Баъзан дар рафти фикркунӣ аз мафҳумҳои ҳаҷмашон хурдтар ба мафҳумҳои ҳаҷмашон васеътар мегузарем, ки ин амали мантиқӣ-умумиятдиҳии мафҳум ном дорад.** Масалан, аз мафҳуми «Давлати Советӣ» ба мафҳуми «Давлати Социалистӣ» ва аз он мафҳум ба мафҳуми «Давлат» ва аз ин мафҳуми охирин боз ба мафҳуми «Ташкилоти сиёсии ҷамъият» мегузарем, ки ин барои умумиятдиҳии мафҳум мисол мешавад.

Боз як мисол: Мо аз мафҳуми «забоншинос академик Виноградов В. В.» ба мафҳуми «Забоншиноси советӣ», аз ин мафҳум ба мафҳуми «олими советӣ» ва аз он ба мафҳуми «олим» ва аз мафҳуми охирин ба мафҳуми «коркуни меҳнати фикрӣ» мегузарем. Ба воситаи кам кардани нишонаҳои мафҳуми аввалин аз мафҳуми ҳаҷмаш хурдтар ба мафҳуми ҳаҷмаш васеъ мегузарем. Чунончи, мафҳуми «забоншиноси советӣ академик Виноградов В. В.» нишонаҳои зеринро дар бар мегирад: «одам», «коркуни меҳнати фикрӣ», «олими советӣ», «олими забоншинос», «тадқиқотчии машҳури забони адабии рус» ва ғайраҳо. Мо нишонаҳое ки танҳо ба олими советӣ тааллуқ доранд, партофта мафҳуми олими забоншиносро пайдо мекунем.

**Бинобар ин, умумиятдиҳии мафҳум чунин амали мантиқиест, ки ба воситаи он мо ба роҳи камкунӣ ва партофтани нишонаҳои мафҳуми умумият ёфтаистода аз мафҳумҳои ҳаҷмашон хурдтар ба мафҳумҳои ҳаҷмашон васеътар мегузарем.**

Муносибати байни мафҳумҳои 1) «академик Виноградов В. В.»; 2) «тадқиқотчии машҳури забони адабии рус»; 3) «олими забоншиноси советӣ»; 4) «олими советӣ»; 5) «олим»; 6) «коркуни меҳнати фикрӣ»; 7) «одам»-ро бо ёрии доираҳо тасвир кардан мумкин аст (нигар ба расми 8).



Расми 8.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки умумиятдиҳии мафҳумро беохир, давом додан имконнопазир аст. Дар охири умумиятдиҳӣ чунин мафҳуми ҳаҷмаш ниҳоятдараҷа васеъ ба вуҷуд меояд, ки онро дигар умумият додан мумкин нест. Ин гуна мафҳумҳои ҳаҷмашон ниҳоятдараҷа васеъ категорияҳо номида мешаванд.

Масалан, «материя», «сифат», «миқдор», «муносибат», «хусусият» ва ғайра категория мебошанд.

Ҳамин тариқ, мо дар вақти тафаккур ба воситаи амалҳои мантиқии маҳдудкунӣ ва умумиятдиҳии мафҳум аз мафҳумҳои ҳаҷмашон васеътар ба мафҳумҳои ҳаҷмашон хурдтар ва, баръакс, аз мафҳумҳои ҳаҷмашон хурдтар ба мафҳумҳои ҳаҷмашон васеътар мегузарем.

## § 2. ТАЪРИФИ МАФҲУМ

Пайдо кардани мафҳумҳои илмӣ ва аниқ намудани мазмуни онҳо кори мураккаб ва душвор аст. Пеш аз ҳама нишонаҳои муҳимро аз нишонаҳои номуҳим ҷудо кардан масъалаи асосӣ мебошад. Пас, аз байни ҳамои нишонаҳои муҳимми сершумор нишонаҳои асосие, ки барои таъриф заруранд, ҷудо карда мешаванд. Нишонаҳои муҳимми мафҳум — инъикоси нишонаҳои муҳимми предмет аст.

Маълум аст, ки мафҳум натиҷаи муҳокимаҳо, хулосабароиҳо ва исботҳо мебошад. Дар рафти донista гирифтани нишонаҳои нави предметҳо ошкор мегарданд ва ин дониш бо муҳокима ифода карда мешавад. Дар натиҷа, дар бораи предмет мафҳуми возеҳ ва саҳеҳ ба вуҷуд меояд, ки ин мафҳум каму беш моҳияти ҳамон предметро инъикос мекунад. Предмет ва ҳодисаҳои воқеият тағйир ва инкишоф ёфта, нишонаҳои нав пайдо мекунанд, пас, донишҳои мо ҳам дар бораи предмет тағйир ва инкишоф меёбанд; он чизе ки муҳим буд, дар рафти тағйирот ва тараққиёт ба чизи номуҳим мубаддал мешавад ва он чизе ки номуҳим буд, дар натиҷаи тағйирот ва тараққиёт ба чизи муҳим табдил меёбад. Бинобар ин мазмуни мафҳум ҳам тағйир меёбад. Дар баробари тараққиёт мафҳум ҳам тағйир ёфта инкишоф меёбад. Як мафҳум бо дигар мафҳум иваз карда мешавад, ба ҷои як мафҳум мафҳуми дигаре ба миён меояд.

Аммо, қатъи назар аз ин тағйирот ва инкишоф, дар айни замон маъно ва мазмуни ин ё он мафҳумро муқаррар кардан мумкин аст.

**Амали мантиқие, ки ба воситаи он мазмуни мафҳум муайян ва ошкор карда мешавад, таърифи мафҳум меноманд.** Бинобар ин, таъриф ҳамаи нишонаҳои предмети таърифшавандаро, алоқа ва муносибатҳои як предметро бо предметҳои дигар ошкор ва муқаррар намекунад, балки он нишонаҳое, ки дар айни замон ҳамчун нишонаҳои муҳим ба шумор мераванд, муқаррар менамояд.

Маҳз аз ин сабаб таъриф ифодаи дониши муқаррааргардида набуда, балки натиҷаи дар муддати дуру дароз донista гирифтани воқеият аст. Ба воситаи таъриф моҳияти предмети таърифшаванда ва фарқи он аз дигар предметҳо муқаррар карда мешавад.

Масалан, илми археологияро, ки он дар асоси ёдгориҳои маданияти моддӣ-таърихӣ ҷамъияти инсониро меомӯзад, таъриф намуда, бо ин мазмуни асосии археология ва фарқи онро аз дигар фанҳо оид ба таърих муқаррар мекунем.

Мо забонро ҳамчун восита, аслиҳае, ки бо ёрии вай одамон бо ҳамдигар муносибат мекунанд ва фикрашонро ба ҳамдигар мефаҳмонанд, таъриф карда истода, бо ҳамин моҳияти забон-

ро чун ҳодисаи ҷамъиятӣ ва фарқи онро аз дигар ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ошкор менамоем. Масалан, ҳуқуқи граждании СССР нормаҳое мебошад, ки он муносибатҳои молумулкии байни ташкилотҳои социалистӣ, байни ташкилотҳои социалистию гражданинҳо ва муносибатҳои онҳоро дар бар мегирад. Чи тавре ки дида шуд, мо нишонаҳои ҳуқуқи гражданиро саҳеҳтар фаҳмида мегирем ва нишонаҳои онро аз дигар навъҳои ҳуқуқ фарқ мекунем.

Ҳамин тариқ, мо дар натиҷаи таъриф нишонаҳо, хислатҳои муҳимми предмети таърифшавандаро ошкор намуда, дар баробари ин предмети таърифшавандаро аз дигар предметҳои ба вай монанд фарқ мекунем.

Дар вақти таърифи мафҳум нишонаҳои муҳимми ҳамин предмет ва гурӯҳи предметҳое, ки дар мафҳуми мазкур инъикос ёфтаанд, муқаррар карда мешаванд. Маълум аст, ки ҳар як предмет нишонаҳои муҳимми бисьёре дорад, аз ин сабаб муайян кардани онҳо душвор аст.

Илми мантиқ дар асоси садҳо таърифи дурусти мафҳум чунин тарзи таърифи мафҳумро муқаррар кардааст, ки бо ёрии он мазмуни мафҳуми таърифшаванда бе ҳеҷ душворӣ ошкор карда мешавад. Ин тарзи таъриф — таъриф бо ёрии ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ ном дорад.

а) Таъриф ба воситаи ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ. Барои мафҳумро бо ёрии ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ таъриф кардан, пеш аз ҳама, бояд ҷинси наздики онро муқаррар кард. Барои таъриф нишонаи ҷинсӣ нишонаи асосӣ мебошад, зеро вай на фақат мутааллуқии предмети таърифшавандаро ба ҳамон ҷинс муайян мекунад, дар айни замон фарқи он предметҳое, ки ба ҳамин ҷинс дохил намешавад, нишон медиҳад. Баъд аз муқаррар кардани нишонаи ҷинсӣ нишонаи (ва ё нишонаҳои) навъии мафҳуми таърифшавандаро аниқ мекунанд. Барои таъриф ҳамаи нишонаҳои навъиро ошкор кардан шарт аст, чунки ҳар як мафҳуми ҷинсӣ якчанд мафҳумҳои навъиро дар бар мегирад. Барои мафҳуми навъии таърифшавандаро аз дигар навъҳои ҷинси мазкур фарқ кардан нишонаи навъии онро муқаррар намудан лозим аст.

Бинобар ин, таърифи мафҳум бо ёрии ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ аз қисмҳои зерин иборат аст: 1) мафҳуми таърифшавандаи навъӣ (баъзан ин мафҳуми таърифшаванда навъӣ не, балки мафҳуми тоқа мебошад); 2) ҷинси наздики мафҳуми таърифшаванда; 3) нишонаи навъии мафҳуми таърифшаванда.

Ин тарзи таърифи мафҳумро бо чунин мисол шарҳ медиҳем. Масалан, дар таърифи «феъл» — ҳиссаи нуткест, ки ҳаракат ва ҳолатро ифода мекунад, «феъл» — мафҳуми навъии таърифшаванда аст. Ин мафҳум — мафҳуми навъӣ мебошад, зеро ғайр аз феъл дигар ҳиссаҳои нутқ ҳам ҳастанд. Дар ин таъриф «ҳиссаи нутқ», ҷинси наздик мебошад ва хусусиятҳои «ҳаракат

ва ҳолатро ифода кардан» нишонаҳои навъӣ мебошанд, ки бо ёрии онҳо феъл ҳамчун мафҳуми навъӣ аз навъҳои дигари ҳиссаи нутқ фарқ карда мешавад. Дар таърифи «ҳарф — аломати хаттиест, ки барои ифода намудани овози алоҳидаи нутқ хизмат мекунад», «ҳарф» мафҳуми навъии таърифшаванда мебошад. «Аломати хаттӣ», ҷинси наздик ва «барои ифода намудани овози алоҳидаи нутқ, хизмат кардан», нишонаи навъӣ мебошад.

Дар таърифи «гипербола — чунин ибораи маҷозиест, ки бо вай бо мақсади пурқувват намудани фасоҳати нутқ, муболиға ба кор бурда мешавад», «гипербола» мафҳуми таърифшавандаи навъӣ: «ибораи маҷозӣ» — ҷинси наздик буда, «бо мақсади пурқувват намудани фасоҳати нутқ, муболиғаро ба кор бурдан» нишонаҳои навъӣ мешаванд.

Ба воситаи ин тарзи таъриф на фақат мафҳумҳои нисбатан оддӣ, балки баъзан мафҳумҳои мураккаб ҳам таъриф карда мешаванд.

Мутафаккирон ва олимон барои ошкор намудани мафҳумҳои мураккаб дар баробари дигар усулҳои тадқиқотчигӣ аз ин амали таърифи мафҳум — таъриф бо ёрии ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ ҳам васеъ истифода мебаранд.

Ин тарзи таърифро мо дар асарҳои эҷодкорони марксизм ҳам мебинем.

Бо ҳамин тарзи таъриф, масалан мафҳуми «давлат» чунин таъриф карда мешавад: «Давлат — ташкилоти сиёсии синфи ҳукмронест, ки вай барои мустаҳкам намудани ҳукмронии ҳамин синф ва фурӯ нишондани муқобилияти дигар синфҳо хизмат мекунад».

Мисоли дигар: «Капитализм чунин формацияи иҷтимоӣ-иқтисодии антагонистиест, ки дар вай истеҳсолот характери ҷамъиятӣ дошта, азонихудкунии маҳсулоти истеҳсолот характери хусусӣ дорад».

Дар ҳар кадоми ин таърифҳои зикршуда ҷинси наздик ва нишонаҳои навъӣ муқаррар карда шудаанд. Бисьёрии мафҳумҳои илмӣ бо ҳамин роҳ — ҷинси наздик ва муайян намудани нишонаҳои навъӣ таъриф карда мешаванд. Албатта, ин гуна таърифҳо тамоми ҷиҳатҳои предмет ва ҳодисаҳои воқеиятро инъикос намекунанд. Ин гуна таърифҳо тараққиёти ҳодисаҳо, алоқа ва муносибатҳои гуногуни байни онҳоро ошкор наменамоянд. Ин тарзи таъриф танҳо баъзе ҷиҳатҳои ҳодисаҳоро муқаррар менамоянд, ки ин хусусият маҳдудияти онро нишон медиҳад. Бинобар ин, чунин таърифҳо барои мукаммал донista гирифтани воқеият кифоя нестанд. Вале ин гуна вазифа ҳам дар назди таъриф ба миён гузошта намешавад.

Мафҳумҳо аксар вақт бо роҳи муқаррар намудани ҷинси наздик ва нишонаҳои навъӣ таъриф карда мешаванд. Аммо ин

амали мантиқӣ — амали умумии таърифи ҳамаи мафҳумҳо шуда наметавонад.

Маҳдудиятнокии ҳамин усули таърифи мафҳумро В. И. Ленин таъкид намуда буд. Мафҳуми материяро таъриф намуда, В. И. Ленин навишта буд, ки ««таъриф додан» чӣ маънӣ дорад? Маънои он — пеш аз ҳама, як мафҳумро ба мафҳуми дигари васеътаре дохил кардан аст. Масалан, вақте ки ман: хар — ҳайвон аст гуфта таъриф медиҳам, ман мафҳуми «харро» ба мафҳуми васеътар дохил мекунам. Акнун чунин саволе ба миён меояд, ки оё аз мафҳумҳои: ҳастӣ ва тафаккур, материя ва эҳсос, чизи физикӣ ва чизи психикӣ дида мафҳумҳои васеътаре, ки онҳоро назарияи дониш кор фармуда метавониста бошад, мавҷуданд? Не, мавҷуд нестанд. Ин мафҳумҳо — мафҳумҳои ниҳоятдараҷа васеъ, аз ҳама васеътар мебошанд, ки дар асл гносеология (агар тағйироти ҳамеша имконпазири номҳоро номенклатураро дар назар надошта бошем) то ҳол аз онҳо онсӯтар нарафтааст»[1].

Ҳамин тариқ, мафҳумҳои ҳаҷмашон ниҳоятдараҷа васеътар ҳастанд, ки барои онҳо мафҳуми ҷинсиро ёфтан мумкин нест ва ин гуна мафҳумҳо бо тарзи зикршуда таъриф карда намешаванд.

Мафҳумҳое низ ҳастанд, ки барои онҳо нишонаҳои навъиро ёфта ошкор кардан мумкин нест.

Аз дигар ҷиҳат боз мафҳумҳое мавҷуданд, ки онҳо бо ин тарз ҳеҷ гоҳ таъриф карда намешаванд. Ин тарзи таъриф ин тавр ба амал меояд: мафҳуми таърифшаванда бо ёрии дигар мафҳумҳо, яъне ба воситаи ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ таъриф карда мешавад. Он мафҳумҳое, ки бо ёрии онҳо мафҳуми таърифшаванда таъриф карда шуд, бояд таъриф карда шаванд. Бинобар ин, як мафҳум бо ёрии дигар мафҳум, мафҳуми дигар бо ёрии мафҳуми сеюм ва ғайра таъриф карда шаванд. Пас, мафҳумҳое мавҷуданд, ки онҳоро бо ёрии ин амал таъриф кардан мумкин нест, вале ба воситаи ин мафҳумҳо мафҳумҳои дигар таъриф карда мешаванд.

Мафҳумҳое ки бо ёрии ҷинси наздик ва нишонаҳои навъӣ таъриф намешаванд, онҳоро ё бо роҳи ба ҳисоб гирифтани нишонаҳои муҳим, ё ба воситаи муқаррар кардани нишонаи предмет, ё бо роҳи муайян намудани алоқа ва муносибати ҳамин предмет бо дигар предметҳо таъриф карда мешаванд.

Таъриф бо ёрии муқаррар намудани ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ **таърифи реалӣ** ном дорад. Баъзан барои ошкор намудани мазмуни мафҳум дигар тарзҳои таъриф — таърифҳои генетикӣ ва номиналӣ ҳам истифода бурда мешаванд.

б) Т а ъ р и ф и  г е н е т и к ӣ. Баъзан барои ошкор намудани мазмуни мафҳум таърифи генетикӣ ба кор бурда мешавад. Ба

---

[1] В. И. Л е н и н. Асарҳо, ҷилди 14, саҳ. 161—162.

воситаи таърифи генетикӣ пайдоиш ва ташкильёбии предметро муқаррар менамоянд. Ин амали таърифро ҳанӯз Аристотель муайян намуда буд. Масалан, «гирифтани Офтоб дар натиҷаи ба миёни Офтоб ва Замин гузаштани Моҳ ва ба замин афтодани сояи Моҳ пайдо мешавад». Ин таърифи генетикии гирифтани Офтоб мебошад, ки бо ёрии он пайдоиши ҳамин ҳодиса муқаррар карда шудааст.

Ҷиҳати мусбати таърифи генетикӣ аз он иборат аст, ки он танҳо терминро (истилоҳро) таъриф накарда, балки ҳамон предметеро, ки дар мафҳум ифода ёфтааст, таъриф менамояд. Дар ин бобат таърифи генетикӣ ҳам таърифи реалӣ мебошад.

в) Таърифи номиналӣ. Ба воситаи таърифи номиналӣ ҳамон термин, калимае, ки бо ёрии он мафҳум ифода карда шудааст, шарҳ дода мешавад. Бо мақсади иваз кардани тасвири муфассали предмет бо калима, термине, ки ҳамон маъноро мефаҳмонад, таърифи номиналӣ ба кор бурда мешавад. Масалан, «демократия — ҳокимияти халқ мебошад», «тактика — ба тартиб овардан» аст. Бо таърифи номиналӣ танҳо маънои калимае ки бо он мафҳум ифода меёбад, муқаррар карда мешавад.

«Пейзаж» калимаи французӣ буда, маъноиш маҳал, мамлакат мебошад». Ин ҳам таърифи номиналӣ мебошад ва бо ёрии ин таъриф маънои калима фаҳмонда шудааст. Дар таърифи реалӣ нишонаҳои асосӣ ва муҳим муқаррар мегарданд. Бинобар ин, таърифи реалии мафҳуми пейзаж чунин аст: «Пейзаж чунин шакли санъат аст, ки ба воситаи он табиат тасвир карда мешавад». Бинобар ин, таърифҳои номиналӣ ҷои таърифҳои реалиро иваз карда наметавонанд.

Аммо таърифи номиналӣ аз нуқтаи назари методӣ барои шарҳ додани терминҳое, ки аз дигар забонҳо гирифта шудаанд, дорои аҳамияти хеле муҳим мебошад.

г) Қоидаҳои таъриф. Барои дуруст ба анҷом расонидани таърифи реалӣ, яъне таъриф бо ёрии ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ бояд ба чор қоидаи зерин риоя карда шавад:

***Қоидаи якум*. Таъриф бояд мутаносиб бошад.** Ин қоида дар таъриф набудани чизи зиёдатӣ, яъне чизи ба мафҳуми дигар тааллуқ надоштаро металабад. Аммо таъриф бояд ҳамаи нишонаҳои заруриро дар бар гирад. Аниқтараш, бояд ҳаҷми мафҳуми таърифшаванда ва таърифкунанда мутаносиб бошад. Агар ба ин қоида риоя карда нашавад, он гоҳ таъриф ё хеле танг ва ё аз ҳад зиёд васеъ мегардад. Баъзан таъриф дар айни замон хеле танг ва аз ҳад зиёд васеъ ҳам шуда метавонад. Барои таърифи хеле маҳдуд чунин таъриф мисол шуда метавонад: «Фонетика чунин қисми илми грамматикиест, ки вай овозҳои садоноки забонро меомӯзад». Дар ҳақиқат фонетика на танҳо овозҳои садонок, балки овозҳои бесадо ва умуман овозҳои забонро аз ҷиҳатҳои физиологӣ ва физикӣ меомӯзад. Ба-

рои таърифи хеле васеъ таърифи дигар мисол шуда метавонад: «Мантиқ — илм дар бораи тафаккур мебошад». Дар ин ҷо нишонаи муҳим системаҳои шаклии хулосабарорӣ «дуруст» (яъне дуруст фикр кардан) ба назар дошта нашудааст. Ин таъриф аз ҳад зиёд васеъ мебошад, зеро на фақат мантиқ, балки илми психология, материализми диалектикӣ ва ғайра ҳам дар бораи тафаккур баҳс мекунанд.

Барои таърифи хеле танг ва аз ҳад зиёд васеъ чунин мисолро мегирем: «Одам — мавҷудоти зиндаест, ки чашмҳои сиёҳ дорад».

***Қоидаи дуюм.*** **Таъриф набояд давр занад.** Ин қоида талаб менамояд, ки мафҳуми таърифшаванда набояд ба ҷои мафҳуми таърифкунанда такроран оварда шавад. Масалан, «одам мавҷудоти зиндаест, ки вай дорои хусусиятҳои инсонӣ мебошад», «мантиқ — илм дар бораи тафаккури мантиқӣ мебошад» ва ҳоказо таърифи нодуруст мебошанд.

Вазифаи таърифи мафҳум, муқаррар намудани нишонаҳои муҳимми предмет аст, бинобар ин, агар дар таъриф даврзанӣ рӯй диҳад, вай ин вазифаро иҷро карда наметавонад.

Ин гуна хатои мантиқие, ки ба ҷои мафҳумҳои таърифкунанда дар таъриф худи мафҳуми таърифшаванда такрор карда мешавад, тавтология ном дорад.

***Қоидаи сеюм.*** **Таъриф набояд радкунанда бошад.** Дар таърифи радкунанда мазмуни мафҳуми таърифшаванда ошкор карда намешавад, зеро ба воситаи он нишонаҳое, ки ба предмет дахл доранд, муайян карда намешаванд. Бинобар ин, таърифи радкунанда — таърифи ҳақиқии предмет шуда наметавонад. Масалан, «социализм — ин капитализм нест», «ҳуқуқшинос забоншинос намебошад» ва ғайра таърифҳои ҳақиқии мафҳум шуда наметавонад. Таъриф бояд нишонаҳои муҳимми социализм, ҳуқуқшиносро дар бар гирад, на ин ки дар бораи аз чӣ чиз иборат набудани онҳо сухан ронад. Ин қоида ҳам чун ҷиҳати мусбат муқаррар намудани мазмуни мафҳумро мувофиқи матлуб мешуморад.

***Қоидаи чорум.*** **Таъриф бояд аниқ ва саҳеҳ бошад.** Мувофиқи ин қоида бояд мазмуни мафҳуми таърифшаванда ба воситаи мафҳумҳои таърифкунандаи аниқ ва саҳеҳ, ки дорои ду маъно намебошанд, муқаррар карда шавад. Баъзан ба ҷои таъриф ибораҳои маҷозӣ, суханҳои думаънидорро ба кор мебаранд, ки онҳо таърифи мафҳум шуда наметавонанд. Масалан, «кӯдакон гули ҳаёт мебошанд», «такрор модари дониш аст», «шер шоҳи ҳайвонот аст» ва ҳоказо таърифи илмии мафҳум шуда наметавонанд.

д) усулҳое, ки бо таърифи мафҳум монанданд. Дар қатори таърифи мукаммали мафҳум барои муқаррар намудани ин ё он ҷиҳати мазмуни предмет, аз усулҳое истифо-

да бурда мешавад, ки онҳо ба таъриф то як дараҷа монандӣ доранд. Ин гуна усулҳо шаш хел мешаванд:

Якӯм — **нишондод**; дуйӯм — **фарқкунӣ**; сейӯм — **шарҳдиҳӣ**; чорӯм — **муқоиса** (ташбеҳ); панҷӯм — **тасвиркунӣ**; шашӯм — **характеристика.** Ҳар яке аз ин усулҳоро алоҳида-алоҳида дида мебароем.

Нишондод чунин усулест, ки барои шинос шудан бо предмет кор фармуда мешавад. Бо нишон додани ягон хосият, бо ҷиҳати муҳимми предмет шинос карда мешавад. Ин хосияти предмет мумкин аст, ки нишонаи ҷинсӣ ва ё ягон хислати муҳим бошад. Масалан, ман гӯям, ки «гурба ҳайвони хонагӣ мебошад», ин нишон додани ҷиҳат, хислати муҳимми гурба аст, ки вай ба ҷинси ҳайвонҳои хонагӣ тааллуқ дорад. Ҳамин ҷиҳати предметро нишондод меномем. Нишондод асоси исбот ва назарияи илмӣ шуда наметавонад, вай фақат барои бо предмет шинос кардан лозим аст. Нишондод дар адабиёти бадеӣ ва дигар соҳаҳои фан васеъ истифода бурда мешавад.

**Фарқкунӣ** (муқобила). Ду предмет муқоиса карда шуда, монандии онҳо не, балки фарқашон муқаррар карда мешавад. Мирзо Турсунзода барои тафовути байни Шарқи Советӣ ва Шарқи хориҷие, ки аз зулму асорат ҳанӯз пурра халос нашудааст, бо ёрии фарқкунӣ ин тавр баён мекунад:

«Намоянд Шарқи туро дер боз,
Лагадкӯбу помол мисли палос.
Ба сӯи ту оянд монанди «дӯст»,
Кананд аз тани дардноки ту пӯст.
Ғами зиндагонӣ, ғами рӯзгор
Туро об созад чу барфи баҳор.
Шабу рӯз бадхоҳи ваҳшимазоқ,
Бихезонад аз сарзаминат нифоқ.
Зи Нью-Йорк,
Лондон фиристад мудом
Аҷалро ба халқи ту «боэҳтиром».
Туро нест боис, ки завқӣ аз он,
Аз ӯ сарбаландӣ кунӣ дар ҷаҳон.
Ту донӣ, ки Шарқи ман аз ин бало,
Раҳо ёфт кайҳо,
Дар он халқҳо
Ба ҳам дӯстӣ, меҳрубонӣ кунанд.
Чу як ҷону тан зиндагонӣ кунанд.
Дар ин ҷост як хонадони азим,
Дар ин ҷост эмин кас аз хавфу бим.
Дар ин ҷост инсон азизу шариф
Дар ин ҷост ҳар чиз хубу латиф;
Дар ин ҷо саодат ба воя расид,
Ғаму кулфати халқ шуд нопадид...»

Мисоли дигар: дар парчаи зерини достони «Лайлию Маҷнун»-и Ҳилолӣ бо ёрии муқобилгузорӣ (таззод) ду қаҳрамони асосии асари мазкур чунин тасвир карда шудаанд:

Лайлию карашма бар карашма,
Маҷнуну ду чашм чун ду чашма.

Лайлию ба дил хазор роҳат,
Маҷнуну ба сина сад ҷароҳат.
Лайлию шароби ҳусн дар сар,
Маҷнуну дили кабоб дар бар.
Лайлию зи ҳусн боғ дар боғ,
Маҷнуну зи ишқ доғ бар доғ.

**Шарҳдиҳӣ.** Шарҳдиҳӣ бо ягон мақсад нишонаи предметро ошкор менамояд ва баъзе ҷиҳатҳо, хислатҳои онро махсусан таъкид мекунад. Масалан, калимаи «диалектика» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои аввалинаш санъати баҳсу мунозира мебошад, ки дар натиҷаи ба ҳам дучор шудани фикрҳои ба якдигар зид ҳақиқат дониста гирифта мешавад.

**Муқоиса** (ташбеҳ). Бо ин усул монандӣ ва фарқи ягон предмет бо предметҳои дигар муайян карда мешавад.

Масалан, дар эҷодиёти халқ малах чунин муқоиса карда мешавад:

«Як савол бо ту дорам, эй рафиқи боҳунар,
Дар биёбоне бидидам як аҷоиб ҷонвар.
Мурғпову морчашм, лайлакпару аждаршикам,
Шутурзону, шерсина, филгардан, аспсар».

Шоир Рӯдакӣ ҳусни маъшуқаро бо чунин монандкуниҳо тасвир намудааст:

Рӯят — дарьёи ҳусну лаълат — марҷон,
Зулфат — анбар, садаф — даҳон, дурр — дандон.
Абру — киштию чини пешона — мавҷ,
Гирдоби бало — ғабғабу чашмат — тӯфон.

**Тасвир**. Тасвиркунӣ барои баъзе илмҳо ва аз он ҷумла дар адабиёт, таърих, аҳамияти калон дорад. Тасвиркунӣ дар бисьёр мавридҳо барои бо предметҳои алоҳида шинос кардан истифода бурда мешавад.

Тасвирҳои беҳтаринро мо дар асарҳои адабиёти классикӣ ва асарҳои таърихӣ мебинем. Шоир Мирзо Турсунзода боғи шаҳри Бомбайро чунин тасвир мекунад:

«Дидаам дар Бомбай
боғи муаллақ чун биҳишт,
Бо қалам тавсифи онро кай тавонад кас навишт.
Боғ сабзу
Акси он рӯзу шабон дар об сабз,
Дар даруни об гӯё шуълаи маҳтоб сабз.
Дар лабони хубрӯён ханда ҳусни дигар аст,
Ҷилваи ин боғ ҳам дар нозукӣ нозуктар аст.
Рӯбаҳу оҳуву фил аз навдаҳо сабзидаанд,
Ҷонварон дар баргҳо тасвири худро дидаанд.
Бофта қолини сабз аз сабзаҳо дасти ҳунар,
Бар рухи ҳар барг шабнам медурахшид чун гуҳар.
Дидаам ду боғ мақ,
Ду гунбази сабзу кабуд,
Дар баландӣ он якею
В-он дигар дар об буд».

Бо тасвир на фақат нишонаҳои муҳим, асосӣ, балки нишонаҳо, ҷиҳатҳои номуҳим ва ғайриасосӣ ҳам баён карда мешаванд.

Тасвир бо инъикосдиҳии айнӣ наздик аст, бинобар ин вай бештар бо тасаввурот вобаста аст. Вале тасвир баъзан ба таърифи мафҳум низ наздик шуда метавонад. Баъзан тасвир чунин ҷиҳат ва хусусиятҳои муҳимми предметро ифода менамояд, ки он вазифаҳои таърифро иҷро мекунад.

**Характеристика**. Дар характеристика нишонаҳои намоёнтарини предмет оварда мешаванд. Ва ин нишонаҳо тасодуфӣ не, балки интихоб карда гирифта мешаванд. Барои характеристика чунин ҷиҳатҳое гирифта мешаванд, ки онҳо бо мақсади аниқ хислатҳои муҳимми ҳамин предметро ошкор мекунанд. Дар ин бобат характеристика аз тасвир ва нишондод фарқ мекунад. Агар барои ягон шахс характеристика навишта шавад, бояд нағз фикр карда фаҳмид, ки он шахс бо кадом сифатҳояш аз дигар одамҳои ба вай монанд фарқ мекунад. Агар ба предмет характеристикаи дуруст дода шавад, ин гуна характеристика бо таърифи илмӣ аз бисёр ҷиҳатҳо мувофиқ меояд. Ҳамин тавр, характеристика аз таърифи илмӣ танҳо бо дараҷаи мукаммалии худ фарқ мекунад, вале баъзан вай таърифи илмии хеле аниқ ҳам мешавад.

Масалан, С. Айнӣ дар асараш «Ятим» ба қаҳрамон Юрий Сенчиков чунин характеристика медиҳад: «Дар машқи ҷанг ба Ятим Юрий Сенчиков командири хурди полки саворӣ буда, дар ташкилоти комсомолии ин полк котиб ҳам буд. Сенчиков гӯё аз диловарӣ, аз қаҳрамонӣ, аз муҳаббати ватани социалистӣ, аз дӯстдории одамҳо сохта шуда буд. Ӯ ҳамеша ба фидо кардани ҳаёти худ барои нигоҳдории ҳаёти дигарон, ки барои мудофиаи Ватан, ё сохтмони социалистӣ ба кор оянд, тайёр буд.

Ӯ ҳамеша бачагони калонсолтарро дар гирди худ ғун карда, ба онҳо машқи ҷангро меомӯхт ва дар айни ҳол кӯшиш мекард, ки ҳамаи сифатҳои хуби худро ҳам ба онҳо гузаронад.

Юрий Сенчиков дар ҷангҳои ба муқобили босмачиён ҳамеша дар сафи пеш мегашт. Дар вақтҳое ки атроф осуда бошад, вақти худро бо сарҳадчиён мегузаронид ва дар амалиёти сарҳаддорӣ ҳамроҳӣ мекард. Дар ин гуна вақтҳо бачагони калонсоли сағирхонаеро, ки дар сарҳад буд, машқи ҷанг меомӯхт».[1]

Чунинанд усулҳое, ки бо таърифи мафҳум монандӣ доранд. Барои ошкор кардани мазмуни предмет на танҳо таъриф ба кор бурда мешавад, балки усулҳои зикршуда ҳам истифода бурда мешаванд. Донista гирифтани ин гуна усулҳо ҳамеша дар фаъолияти амалӣ ва илмӣ лозиманд.

---

[1] С. Айнӣ. Куллиёт, Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, Душанбе, 1961, ҷ. 4, саҳ. 322.

## § 3. ТАҚСИМИ МАФҲУМ

Маълум аст, ки ҳар як мафҳум дорои мазмун ва ҳаҷм аст. Мазмуни мафҳум дар таърифи он, ҳаҷми мафҳум дар тақсими он ошкор мегардад.

**Бинобар ин, тақсими мафҳум чунин амали мантиқиест, ки ба воситаи он ҳаҷми мафҳум ошкор карда мешавад.**

Дар вақти тақсим мафҳуми ҷинсӣ ба мафҳуми навъӣ ҷудо карда мешаванд. Мафҳуме, ки ҳаҷмаш тақсим мешавад, мафҳуми тақсимшаванда ном дошта, мафҳумҳои тобеи навъие, ки дар натиҷаи тақсим ба амал меоянд, узвҳои тақсим ном доранд. Мафҳуми тақсимшаванда ҳамчун мафҳуми ҷинсӣ муайян гурӯҳи предметҳоро дар бар мегирад.

Ба воситаи ягон нишона ҳамин мафҳуми ҷинсӣ ба мафҳумҳои навъие, ки ба вай тобеъанд, тақсим карда мешаванд. Масалан, одамонро бо нишонаи нажодӣ, миллат, маълумот, ҷинс, синну сол, давлатро аз ҷиҳати моҳият ва шаклҳои идоракунӣ тақсим кардан мумкин аст. **Нишонае ки бо ёрии он ҳаҷми мафҳум ба мафҳумҳои тобеӣ, навъӣ тақсим мешавад, асоси тақсим ном дорад.**

Ҳар як нишона асоси тақсим шуда метавонад, вале бо мақсади фаъолияти илмӣ ва амалӣ барои тақсим бояд нишонае гирифта шавад, ки вай аз ягон ҷиҳат муҳим бошад. Дар рафти тақсим асоси тақсимро бо ду роҳ ба кор бурдан мумкин аст:

1) Ҳаҷми мафҳумро бо тағьирьёбии нишона тақсим кардан мумкин аст. Масалан, ҷумла аз ҷиҳати таркиб ба ҷумлаҳои содда ва мураккаб; ҷумлаҳои содда дар навбати худ аз ҷиҳати маъно ба ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ ва хитобӣ тақсим мешаванд; муносибатҳои истеҳсолотӣ дар асоси тағьироти тарзи истеҳсолӣ ба муносибатҳои ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва коммунистӣ тақсим мешаванд ва ҳоказо.

2) Мафҳумро аз ҷиҳати ба вай хос будан ё хос набудани ягон нишона тақсим кардан мумкин аст. Чунончи, адабиётро ба адабиёти бадеӣ ва адабиёти ғайрибадеӣ, хонандагонро ба аълочиён ва ғайриаълочиён, давлатҳои ҳозиразамонро ба давлатҳои социалистӣ ва ғайрисоциалистӣ ва ҳоказо тақсим кардан мумкин аст.

**Тақсими мафҳум дар асоси тағьирьёбии нишона.** Барои ин гуна тақсими мафҳум нишонае, ки ба ҳамаи предметҳои мафҳуми тақсимшаванда хос аст, гирифта шуда, аз рӯи он тақсим ба анҷом расонда мешавад. Муқаррар намудани нишонае ки аз рӯи он ҳаҷми мафҳуми тақсимшаванда ба навъҳо тақсим карда мешавад, шарти асосии тақсими мафҳум мебошад.

Нишонае, ки муқаррар карда мешавад, бояд қобили тағьирьёбии навъӣ бошад. Дар рафти тақсим ин тағьирьёбии навъиро дар назар дошта ҳамаи навъҳое, ки онҳоро мафҳуми ҷинсӣ

дар бар мегирад, ба вуҷуд меоранд. Яъне дар асоси ҳамин нишона мафҳуми ҷинсӣ ба мафҳумҳои навъӣ тақсим мешавад. Чунончи, мафҳуми формацияи иҷтимоӣ-иқтисодиро дар асоси тағйирёбии нишонаи «тарзи истеҳсолот» ҳаҷми мафҳуми «ҳиссаи нутқ»-ро дар асоси тағйирёбии нишонаи «маъно», «шароитҳои моддии ҳаёти ҷамъият»-ро аз ҷиҳати тағйирёбии нишонаи «аҳамияти барои тараққиёти ҷамъият» ба ҳамин роҳ тақсим мекунанд.

Масалан:

- I. Формацияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ . . .
  - Ибтидоӣ-қавмӣ
  - Ғуломдорӣ
  - Феодалӣ
  - Капиталистӣ
  - Коммунистӣ
- Ҳиссаи нутқ . . . . . . . . . . . . . .
  - Исм
  - Сифат
  - Шумора
  - Ҷонишин
  - Феъл
  - Зарф
  - Пешоянд
  - Пайвандак
  - Ҳиссача
  - Нидо
- Шароитҳои моддии ҳаёти ҷамъиятӣ . .
  - Муҳити географӣ
  - Афзоиш ва зичии аҳолӣ.
  - Тарзи истеҳсолотӣ
  - Неъматҳои моддӣ.

Дар вақти тақсими мафҳум баъзан хатоҳо содир мешаванд. Барои ба хатоҳо роҳ надодан ва тақсимро дуруст ба анҷом расонидан, бояд ба қоидаҳои зерини тақсим риоя кард:

а) Тақсим бояд аз рӯи як нишона ба анҷом расонида шавад. Албатта, як мафҳумро дар мавридҳои гуногун аз рӯи нишонаҳои гуногун тақсим кардан мумкин аст. Масалан, мафҳуми «Студент»-ро аз рӯи нишонаи миллат, синну сол, ҷинс ва ғайра тақсим карда метавонем, вале агар мафҳум аз рӯи ягон нишона тақсим шуда истода бошад, дар рафти ин тақсим набояд ҳамин нишона бо дигар нишона иваз карда шавад. Масалан, тақсими мафҳуми «студент» ба тоҷикҳо, бистсолагиҳо, писарон нодуруст аст, зеро ин тақсим аз рӯи се нишона: миллат, синну сол, ҷинс ба амал оварда шудааст. Ин

тақсим хато мебошад, барои он ки ҳаҷми мафҳуми тақсимшавандаро мунтазам ба итмом намерасонад ва предметҳои дар бар гирифта дар айни замон ба навъҳои гуногун ҷудо мешаванд.

б) Ҳаҷми ҷамъи узвҳои тақсим бояд бо ҳаҷми мафҳуми таксимшаванда баробар ояд. Дар вакти тақсим бояд ҳаҷми мафҳуми тақсимшаванда ба навъҳои ба он тобеъ ҷудо карда шавад. Аз ин сабаб агар ҳамаи навъҳои мафҳуми ҷинсӣ ба ҳисоб гирифта шаванд, тақсим дуруст мешавад. Масалан, мафҳуми илми адабиётшиносиро ба таърихи адабиёт ва назарияи адабиёт тақсим кардан нодуруст аст, чунки дар ин тақсим яке аз навъҳои мафҳуми тақсимшаванда, яъне танқиди адабиёт ба назар гирифта нашудааст.

в) Узвҳои тақсим бояд ҳамдигарро истисно кунанд. Ҳар як предмети дар дохили ҳаҷми мафҳуми тақсимшаванда мавҷудбударо бояд танҳо як узви тақсим дар бар гирад. Ин қоида аз қоидаи якӯм сар мезанад, зеро агар тақсим аз рӯи як асос ба анҷом расонида шавад, он гоҳ узвҳои он ҳам ҳамдигарро истисно мекунанд. Масалан, мафҳуми давлатро ба давлатҳои социалистӣ, бузург, демократӣ тақсим кардан хато аст, чунки худи як давлат мумкин аст хам социалистӣ, ҳам демократӣ ва ҳам бузург бошад, бинобар ин дар ин ҷо узвҳои тақсим якдигарро истисно намекунанд. Мисли ҳамин мафҳуми романро ба романи завқовар ва ғоявӣ тақсим кардан нодуруст аст, зеро роман мумкин аст ҳам завқовар ва ҳам ғоявӣ бошад.

г) Асоси тақсим бояд аниқ бошад. Асоси тақсим ҳамеша ягон нишонаи мафҳуми тақсимшаванда мебошад, вале ҳар хел нишона асоси тақсим шуда наметавонад. Нишонае, ки дар асоси вай тақсим ба анҷом расонида мешавад, бояд тавре аниқ ва равшан бошад, ки он бо ҳар хел маъно фаҳмида нашавад. Масалан, мафҳуми китобро ба китобҳои нағзтар ва нағзтарин тақсим кардан нодуруст аст, зеро мумкин аст як китоб нисбат ба китоби дигар нағзтар буда ва боз нисбат ба китоби сейӯм нағзтар набошад ва баръакс.

д) Тақсим бояд мунтазам ба анҷом расонида шавад. Бояд мафҳуми тақсимшаванда аввал ба навъҳои ҳаҷмаш нисбатан васеътар ва баъд ин навъҳо дар навбати худ боз тақсим карда шаванд.

Агар ба ин қоида риоя карда нашавад, дар тақсим ҷаҳиш ба амал меояд, ки ин чиз дар бораи хатогии тақсим гувоҳӣ медиҳад. Масалан, асарҳои бадеиро ба наср ва ғазал, рубоӣ, тақсим кардан нодуруст аст, зеро дар ин ҷо бояд аввал асарҳои бадеӣ ба наср ва назм тақсим карда шуда ва баъд асарҳои манзум ба ғазал, рубоӣ ва ғайра тақсим карда шаванд.

Чунинанд шартҳои дуруст ба анҷом расониданӣ тақсими мафҳум.

**Тақсими мафҳум аз ҷиҳати хос будан ва ё хос набудани ягон нишона (тақсими дихотомӣ)**. Тақсими мафҳум аз ҷиҳати хос будан ва хос набудани нишона — ҳаҷми мафҳумро ба ду мафҳуми навъии ба ҳам зид тақсим кардан аст.

Барои ин ҳаҷми мафҳуми тақсимшаванда ба як мафҳуми навъӣ ҷудо карда мешавад, ки ба вай ягон нишона хос аст ва ҳаҷми мафҳум ба ҳамин мафҳуми навъӣ ва дигар мафҳуми навъие, ки ба вай ҳамин нишонаи мазкур хос намебошад, тақсим карда мешавад. Масалан, мафҳуми адабиёт ба муфҳумҳои адабиёти бадеӣ ва ғайрибадеӣ, мафҳуми давлатҳои ҳозиразамон ба давлатҳои демократӣ ва ғайридемократӣ, мафҳуми аъзоҳои ҷумла ба сараъзоҳои ҷумла ва ғайри сараъзоҳо тақсим мешавад.

Дар натиҷаи ин ҳар як амали тақсим ду мафҳуми навъии ба ҳам зидро ба миён меорад. Ин гуна тақсими мафҳум тақсими дуаъзодор ва ё дихотомӣ ном дорад.

## § 4. КЛАССИФИКАЦИЯ

Классификация тақсими мураккаби предмет ва мафҳум мебошад.

Классификация тақсими ҷинси предметҳо, мафҳумҳо аз рӯи монандӣ ва фаркашон аз дигар предметҳо мебошад, ки ҳар яке аз ин гурӯҳҳо нисбат ба дигараш макони доимӣ ва аниқро ишғол мекунад.

Классификация дар ҳамаи соҳаҳои фан ва фаъолияти амалӣ ба кор бурда мешавад.

Классификация ду навъ мешавад:

1. Классификацияи сунъӣ;
2. Классификацияи табиӣ.

Классификацияи сунъӣ дар асоси ягон нишонаи сунъӣ ба анҷом расонида мешавад ва ин навъи классификация барои бо осонӣ ёфта гирифтани предметҳои ҷудогонаи гурӯҳ ё ягон ҷинси муайин ёрӣ мерасонад. Дар журнал аз рӯи ҳарфҳои алифбо тақсим кардани хонандагон ба классификацияи сунъӣ мисол шуда метавонад.

Дар классификацияи табиӣ предметҳо аз рӯи нишонаҳои муҳим ба гурӯҳҳо, ҷинсҳо тақсим карда мешаванд. Масалан, дар илми забоншиносӣ классификацияҳои гуногуни забон: классификацияҳои генеологӣ (насабӣ), морфологӣ, психологӣ, даврагӣ ва ғайра маълум аст. Чунончи, дар асоси классификацияи генеологии худ — аз рӯи нишонаи умумияти пайдоиш — забонҳо ба якчанд гурӯҳҳо: забонҳои ҳинди-европоӣ, угро-финӣ, туркӣ, муғулӣ, сомӣ ва ҳоказо тақсим мешаванд. Ин гурӯҳҳои забонҳо боз дар навбати худ ба дигар гурӯҳҳо, масалан, ба за-

бонҳои чинси ҳиндӣ-европоӣ ба гурӯҳҳои забонҳои ҳиндӣ, эронӣ, славянӣ, балтикӣ, германӣ, романӣ тақсим мешаванд.

Дар асоси классификацияи морфологии забонҳо аз рӯи нишонаи сохти морфологии калимаҳои забонҳо ба чор тип: изоляцияшаванда (чудошаванда), агглютинативӣ, флективӣ ва полисинтетикӣ тақсим мешаванд.

Классификация дар дигар соҳаҳои илм ва амалиёт ҳам истифода бурда мешавад. Чунончи, ҳуқуқи чиноятии советӣ классификацияро ба кор бурда, чинояткоронро ба ду категория тақсим мекунад: 1) чинояткороне ки фаъолияташон бар зидди сохти советӣ нигаронида шудааст ва бинобар ин хеле хавфнок ба шумор мераванд ва 2) дигар хел чинояткорон.

Барои классификацияро дуруст ба анчом расонидан бояд ба ҳама қоидаҳои тақсими мафҳум риоя карда шавад. Дурустии классификация талаб мекунад, ки бояд ин амал дар асоси нишонае, ки барои фаъолияти амалӣ аҳамиятнок ва муҳим мебошад, ба анчом расонида шавад.

Агар ҳамчун асоси классификация нишонаи номуҳим ва ё тасодуфӣ гирифта шавад, он гоҳ ин гуна системаи тақсимоти предметҳо ба зудӣ аҳамияти худро гум мекунад. Ва, баръакс, агар асоси классификацияро нишонаи муҳим, асосӣ ташкил диҳад, ин гуна классификация барои пешравии инкишофи илму амалиёт роли бузург мебозад. Ин гуна классификация дониста гирифтани чизҳо, ҳодисаҳои воқеиятро осон карда, барои кашф кардани қонуниятҳои онҳо имконият медиҳад. Классификацияи предметҳо абадӣ нест. Бо инкишофи дониш классификация ҳам тағьир меёбад ва сареҳтар мегардад.

## § 5. АМАЛИ МАНТИҚИИ ИНКОРИ МАФҲУМ

Амали инкори мафҳум чунин амали мантиқист, ки ба воситаи он аз ин мафҳум, мафҳуми дигаре ба миён меояд. Масалан, мафҳуми *А*-ро инкор карда истода мафҳуми ғайри *А*-ро ба миён меоварем. Дар натичаи инкори мафҳуми адабиёти бадеӣ мафҳуми адабиёти ғайрибадеӣ ташкил меёбад ва дар айни ҳол мафҳумҳои адабиёти бадеӣ ва мафҳуми адабиёти ғайрибадеӣ мафҳуми адабиётро ташкил медиҳанд, ки мо дар бораи он дар айни замон фикр карда истодаем. Аниқтараш, агар мафҳуми *А* ва ғайри *А* ҳамдигарро инкор намоянд, дар он сурат чамъи мафҳуми *А* ва ғайри *А* ба мафҳуми 1 баробар аст. Дар ин чо мафҳуми 1 адабиёт бошад, пас он мафҳуми адабиёти бадеӣ ва адабиёти ғайрибадеӣ, яъне адабиёти илмӣ ва техникӣ баробар аст.

Дар натичаи инкори мафҳуми ғайри *А*, ки аз мафҳуми аввалӣ (аз мафҳуми *А*) ташкил ёфтааст, боз мафҳуми *А*-ро пайдо мекунем. Ин кори дукаратаи *А* боз мафҳуми *А*-ро пайдо мекунад, ки ин амал бо формулаи зерин тасвир карда мешавад:

[На (ғайри А) = А].

## § 6. НАЗАРИЯҲОИ МАФҲУМ

Маълум аст, ки агар сухан дар бораи эҳсосот ва ё тасаввур равад, мо бешубҳа мегӯем, ки онҳо инъикоси предметҳои воқеият мебошанд. Агар сухан дар бораи мафҳум равад, ба саволи чӣ чизро инъикос кардани он ҷавоб додан душвортар аст. Мафҳум он чизи умумие, ки дар байни предметҳо мавҷуд аст, инъикос мекунад. Мафҳум инъикоси умумият, моҳияти предметҳост. Оё он умумият ва моҳият дар воқеият мавҷуд аст? Агар мавҷуд бошад, вай чӣ навъ вуҷуд дорад?

Ин масъала яке аз масъалаҳои асосии мантиқ ва философия мебошад.

Дар бораи моҳияти мафҳум дар илми мантиқ кайҳо боз баҳсу мунозира меравад ва оид ба ин масъалаҳо бисьёр назарияҳо ба вуҷуд омадаанд. Шахсе, ки мантиқро меомӯзад, барои моҳияти мафҳумро дуруст ва хубтар фаҳмидан бояд онҳоро дониста гирад. Дар таърихи илми мантиқ оид ба моҳияти мафҳум асосан се назарияи зерин хеле маъмул аст.

а) Назарияи реализм. Ақидаи мантиқшиносоне, ки назариячиёни реализм ном доранд, аз он иборат аст, ки гӯё дар худи воқеият, берун аз шуури инсон ва новобаста бо он идеяҳои (фикрҳои) умумӣ вуҷуд дошта бошанд.

Умумият, кулл ҳамчун моҳияти чизҳои фардӣ, пеш аз онҳо вуҷуд доранд. Пеш аз ҳама «умуман одам», яъне «идеяи» одам мавҷуд буда, баъд аз он одамони фардӣ ҳамчун зуҳуроти ҳамон идея пайдо мешаванд. Философи идеалисти Юнони қадим Платон (Афлотун) асосгузори ин гуна назария мебошад.

Аз рӯи ақидаи Платон, идея инъикоси воқеият набуда, балки худи воқеиятро ташкил медиҳад. Идея аз вақт берун мавҷуд аст. Чизҳои офаридашуда бошанд, дар вақт дорои маҳдудиятанд.

Сонитар Аристотель (Арасту) ақидаи «реализм»-ро ба тарзи дигар маънидод кард.

Аз рӯи ақидаи Аристотель умумият бе чизи алоҳида вуҷуд надорад. Мисли он ки зебогиро бе чизи зебо, шириниро бе чизи ширин, шатранҷро бе бозикунандагони шатранҷ тасаввур кардан мумкин нест, умумият ҳам бе чизи алоҳида тасаввур карда намешавад.

Аристотель материя ва шаклро аз якдигар ҷудо мекард. Масалан, кӯзаи сафолиро мегирем. Сафол дар ин ҷо — материя буда, намуде, ки ба кӯза кулолгар медиҳад — шакли он мебошад. Азбаски кӯза шакл дорад, вай ҳамчун чизи муайян аз дигар чизҳо фарқ мекунад. Шакл моҳияти чиз аст. Ба воситаи шакл як чиз аз чизи дигар фарқ карда мешавад. Шакли ҳар як чиз моҳият, ҷавҳари ҳамон чиз ва якӯмин аст. Шакл чизи моддӣ аст, умумият бошад чизи моддӣ нест. Пеш аз он ки кулолгар кӯзаро созад, материя дар намуди сафол ва шакли кӯза

вуҷуд доранд, кулолгар фақат онҳоро бо ҳам вобаста мекунад. Одам сафол ва шакарро намесозад. Ҳамаи чизҳо моддӣ нестанд ва дар чизҳо ягон материя абадӣ нест. Материя бо ёрии шакл зоҳир мегардад, бе шакл вай дар ҳолати ҳастӣ вуҷуд надорад. Чунин аст, хулосаҳои нодурусти Аристотель.

Философҳо, мантиқшиносони буржуазии замони ҳозира ақидаҳои идеалистии Платон ва дигар идеалистонро аз нав барқарор намуда, дар воқеияти реалӣ мавҷуд будани умумиятро рад мекунанд. Умумият ба фикри онҳо характери моддӣ не, характери маънавӣ дорад. Чизе ки дар фазо ва вақт вуҷуд дорад, чизи реалӣ мебошад. Фазо, вақт бошад ба умумият дахл надорад. Умумият аз фазо ва вақт беруи аст, пас, вай маънавӣ мебошад ва ҳастии реалӣ дар асоси маънавӣ мавҷуд аст. Ин гуна назарияҳои беасоси идеалистиро тарафдорони назарияи концептуализм кайҳо танқид кардаанд.

б) Концептуализм. Мувофиқи ин назария дар воқеияти реалӣ предмет, ҳодисаҳои якка (тоқа, фардӣ) мавҷуданд.

Аз ин ҳодисаҳои сершумору гуногуни тоқа, фардии воқеият чизҳои ба ҳам монанд, чунончи одам, дарахт, мева ва ғайри ҷудо карда гирифта мешаванд ва онҳоро муқоиса карда, нишонаҳои фарқнокашонро партофта, нишонаҳои монандашон ҳамчун чизи том муттаҳид карда мешаванд. Ин чизи томе ки аз нишонаҳои монанд ташкил ёфтааст, мафҳуми ҳамон ҷинси ҳодисаҳо мебошад.

Бинобар ин, дар воқеият умумият нест, балки чизҳо, ҳодисаҳои фардӣ ҳастанд. Умумият — маҳсули тафаккур (концептус) мебошад. Умумиятро тафаккур месозад, пас, умумият инъикоси воқеияти реалӣ нест ва дар ҳастӣ ба он чизе мувофиқ намеояд. Мафҳум чи қадар умумияттар бошад, вай ҳамон қадар аз воқеият дуртар аст. Аммо ҷиҳати мусбати ин назария аз он иборат аст, ки тарафдорони вай (масалан, философи француз Пьер Абеляр 1079—1142)) саъю кӯшиш менамоянд, ки пайдоиши умумиро дар асоси чизи ғайриумумӣ, тоқаи реалӣ фаҳмонанд. Агар ҳодисаҳо, чизҳо, танҳо, тоқа, якка бошанд, аз онҳо умумият пайдо намешавад. Чунончи, агар одамон, дарахтон, меваҳо фақат чизҳои тоқа, фардӣ бошанд, дар байни одамон ҳеҷ як умумияте набошад, пас аз онҳо умумият ба вуҷуд овардан мумкин нест.

Аммо намояндагони назарияи концептуализм мегӯянд, ки чизҳои тоқа умумият, яъне нишонаҳои монанд доранд. Вале онҳо дар айни замон моҳияти мафҳуми монандиро фаҳмида наметавонанд.

Дар ҳақиқат, агар дар байни онҳо айнияти муайяне набошад, монандӣ ҳам шуда наметавонад. Монандии чизҳо дар бораи аз ягон ҷиҳат айният доштани онҳо гувоҳӣ медиҳад. Дар воқеият Карим ва Раҳим монананд, чунки онҳо одаманд, бед ва чинор монананд, чунки онҳо дарахтанд, ШМА ва Англия монананд, чунки онҳо давлатҳои империалистӣ мебошанд. Асоси

монандиро ҷиҳати айният ташкил медиҳад. Ду чиз ба ҳам монанд аст, чунки онҳо аз ягон ҷиҳат айнан як хел мебошанд.

Айниятро ҳамчун асоси монандӣ эътироф намудан чунин маъно дорад, ки дар худи чизҳои тоқа, фардӣ умумияте ҳаст, ки ин умумият моҳияти ҳамин чизҳои тоқа, фардиро ташкил карда, дар мафҳум инъикос мейбад.

Азбаски умумият, айният дар худи предметҳо, ҳодисаҳо мавҷуд аст, мо онҳоро ба ҳамдигар монандӣ доранд, мегӯем. Намояндагони концептуализм ҳамин ҷиҳати масъаларо фаҳмида натавонистаанд.

в) Номинализм. Дар байни назарияҳои концептуализм ва номинализм тафовути ҷиддие нест. Намояндагони номинализм дар асрҳои миёна (масалан, Дунс Скот, Уильям Оккам ва ғайра) мегуфтанд, ки дар воқеияти реалӣ чизҳои тоқа, фардӣ мавҷуданд. Умумият ва чизи куллӣ вуҷуд надорад. Дар тафаккури мо дар бораи чизҳо танҳо тасаввуроте мавҷуд аст. Вале мо калимаҳоро истифода бурда, ба воситаи онҳо предметҳои бо ҳам монандро ифода намуда, дар бораи ҷинси предметҳо фикр карда метавонем. Масалан, калимаи «одам» мафҳуми одамро ифода намекунад, балки танҳо аломат, исм мебошад[1].

Мафҳумҳои умумӣ, пас, фақат ном, исмҳо мебошанд. Мо ба гурӯҳи муайяни чизҳо, ҳодисаҳои тоқа, фардӣ номи умумие медиҳем. Бинобар ин, умумият дар худи воқеият мавҷуд нест. Номинализм ба таълимоти агностицизм[2] наздик аст. Мувофиқи ақидаи номиналистҳо моҳияти ҳодисаҳоро донистан мумкин нест.

Аз рӯи таълимоти номинализм танҳо чизҳо, ҳодисаҳои тоқа мавҷуданд, ки дар байни онҳо ҳеҷ як алоқамандӣ нест, зеро дар байни онҳо умумият вуҷуд надорад. Бинобар ин, назарияи мазкур аз сар то охир хаёлӣ буда, дар воқеият вуҷуд доштани қонуниятро инкор мекунад.

Намоянда ва пайравони номинализм ба мисли концептуалистҳо мегӯянд, ки калима гурӯҳи чизҳои монандро муттаҳид мекунад. Бинобар ин чизҳои тоқа, фардӣ ба ҳам монандӣ доранд. Вале онҳо мегӯянд, ки монандӣ дар бораи вуҷуд доштани айният ва умумият гувоҳӣ намедиҳад.

Дар ҳақиқат, монандӣ дар бораи айнияти предметҳо шаҳодат медиҳад ва айният чунин маъно дорад, ки умумият дар худи предметҳо мавҷуд бошад.

Дар асрҳои миёна номинализм аҳамияти муайян дошт ва он бар зидди назарияи реализм нигаронида шуда буд. Аммо сонитар дар философияи идеалистони субъективӣ Беркли ва Юм, хусусан дар баъзе равияҳои философии буржуазияи замони ҳо-

---

[1] Номина — калимаи лотинӣ буда, маъноаш ном — исм аст, ки номи ин назария ҳам аз ҳамин ҷо пайдо шудааст.

[2] Агностицизм аз калимаи лотинии а — на, гносис — дониш (чунин назарияест, ки вай имконияти донисга гирифтани олам ва қонуниятҳои онро рад мекунад), гирифта шудааст.

зира, чунончи, дар философияи неопозитивизм роли реакциониро мебозад.

Номиналистҳои замони ҳозира (чунончи, Карнап, Ричардс ва дигарон) мегӯянд, ки калимаҳо аломатҳои шартӣ, символ буда, нафақат ягон чизи умумиро, балки ҳеҷ як чизи тоқаро ҳам ифода намекунанд ва калимаҳо маънӣ надоранд. Ба фикри онҳо калимаҳо ягон маъно доранд ва ягон предмет ва ҳодисаҳоро инъикос мекунанд гуфтан, гӯё бемаънигист. Ба қавли онҳо фикр ҳеҷ гоҳ воқеиятро инъикос намекунад. Фикрҳоро на ин ки бо чизҳо, балки танҳо бо фикрҳо муқоиса кардан мумкин аст. Калимаҳо символҳое мебошанд, ки аз маъно маҳрум буда, бо воқеият ягон алоқае надоранд. Семантикҳо вазифаи илм ва философия фақат аз таҳлил кардани калимаҳо — символҳои аз маъно маҳрум иборат аст гуфта, аз илм ва дониш тамоман дур мешаванд.

Мантиқи материалистие, ки ба философияи марксистӣ такья мекунад, ин гуна ақидаҳои беасос ва реакциониро рад намуда, таълим медиҳад, ки мафҳумҳои умумӣ инъикоси худи воқеияти реалӣ мебошанд. Дар воқеияти реалӣ натанҳо чизҳо, ҳодисаҳои тоқа, фардӣ ҳастанд, балки дар байни онҳо умумият мавҷуд аст. Ҳамин ҷиҳатҳои умумиро мафҳум инъикос мекунад. Тоқа ва умумиятро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест.

В. И. Ленин мегӯяд, ки чизи тоқа «алоҳида беруи аз он робитае ки ба сӯи кулл мебарад, вуҷуд надорад. Кулл фақат дар алоҳида, ба воситаи алоҳида вуҷуд дорад. Ҳар кадом алоҳидагӣ (ба ин тарз набошад, ба тарзи дигар) кулл аст. Ҳар кадом кулл ҳамаи предметҳои алоҳидаро фақат тахминан дар бар мегирад. Ҳар кадом алоҳида ба кулл нопурра медароял ва ғайра ва ҳоказо. Ҳар кадом алоҳида ба ҳазорҳо ришта бо дигар навъ алоҳидаҳо (бо чизҳо, зуҳурҳо, процессҳои алоҳида) вобаста аст ва ҳоказо» [1].

Бинобар ин, тоқа, алоҳида ва умумӣ дар худи воқеияти реалӣ мавҷуд мебошанд.

Карим, Раҳим, Одина, Аҳмад дар давраҳои гуногун ва ҷойҳои гуногун зиндагонӣ мекунанд, вале қонунияти сохти организми онҳо як хел, умумист. Қонуният, умумият дар воқеияти реалӣ вуҷуд дорад.

Одамон дар давраҳои гуногун ва ҷойҳои гуногун зиндагонӣ мекунанд, вале моҳияти онҳо «асбобу олотро сохта, бо он ба табиат бо мақсади дигаргун кардани он таъсир расониданл» дар воқеияти реалӣ вуҷуд дорад.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати умумӣ, ҳамчун моҳият дар байни чизҳои тоқа, алоҳида дар воқеияти реалӣ вуҷуд доранд, ки онро мафҳум инъикос мекунад.

---

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 38, саҳ. 381.

БОБИ IV

# МУҲОКИМА

## § 1. ТАЪРИФИ МУҲОКИМА

Муҳокима яке аз шаклҳои тафаккур мебошад. Муҳокима ҳам мисли мафҳум инъикоси воқеияти реалие мебошад, ки берун аз шуури инсон ва новобаста ба он вуҷуд дорад.

**Муҳокима чунин шакли тафаккур мебошад, ки вай алоқа, муносибати предметҳо ва нишонаҳои онҳоро бо ёрии тасдиқ ва рад кардан инъикос мекунад.**

Дар муҳокима ҳамеша дар бораи ба предмет хос будани ягон нишона, хусусият тасдиқ карда мешавад ва ё ба предмет хос набудани ягон нишона, хусусият рад карда мешавад. Барои муҳокима чунин мисол овардан мумкин аст.

1. «Классикони адабиёт — нависандагони машҳур мебошанд».
2. «Давлатҳои социалистӣ — давлатҳои демократитарини ҳозиразамонанд».
3. «Ҳеҷ як одами советӣ ҷангро намехоҳад».

Муҳокима доимо ё ҳақ ва ё дурӯғ мешавад. Мазмуни муҳокима бо воқеияти реалӣ мувофиқ ояд, яъне олами берунаро дуруст инъикос кунад, чунин муҳокима ҳақ мешавад. Мазмуни муҳокима бо воқеияти реалӣ мувофиқ наояд, олами берунаро дуруст инъикос накунад, ин гуна муҳокима дурӯғ мешавад.

Асосгузори илми мантиқ Арасту (Аристотель) ҳақ ва дурӯғ будани муҳокимаро шарҳ дода, навишта буд, ки агар чизе дар воқеият алоқаманд бошад, дар муҳокима ҳам алоқаманд карда шавад ва чизе ки дар воқеият алоқаманд нест, дар муҳокима ҳам алоқаманд карда нашавад, пас муҳокима ҳақ мешавад. Агар чизе, ки дар воқеият алоқаманд асту дар муҳокима алоқаманд карда нашавад ва чизе ки дар воқеият алоқаманд нест, вале дар муҳокима алоқаманд карда шавад, муҳокима дурӯғ мешавад.

Чунончи, муҳокимаи «қисми зиёди аҳолии ҷаҳон дар Шарқ зиндагонӣ мекунад» ҳақ мебошад, зеро Шарқ ва қисми бисёри аҳолии ҷаҳон дар худи воқеият алоқаманданд. Агар, баръакс, «Қисми зиёди аҳолии ҷаҳон дар Шарқ зиндагонӣ намекунанд»

гўем, ин муҳокима дурўғ мешавад, чунки дар ин ҷо чизе ки дар воқеият алоқаманд аст, дар муҳокима алоқаманд карда нашудааст.

Мисоли дигар. Агар мо гўем, ки «Ҳамаи забоншиносон қонунҳои физикаро намедонанд», ин муҳокима ҳақ мешавад, зеро дар ин ҷо чизе ки дар воқеият алоқаманд нест (яъне забоншиносон ва одамоне ки қонунҳои физикаро медонанд), алоқаманд карда нашудааст. Баръакс, агар «Ҳамаи забоншиносон қонунҳои физикаро медонанд» гўем, пас, ин муҳокимаи дурўғ мешавад, чунки дар ин ҷо чизе ки дар воқеият алоқаманд нест, алоқаманд карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳар як муҳокима ё ҳақ ва ё дурўғ мешавад. Ҳақ ва дурўғ будани муҳокима сифати муҳимтарини он мебошад. Дар муҳокима предмет ва ҳодисаҳои гуногуни воқеият, алоқа, муносибат ва нишонаҳои онҳо инъикос меёбад.

Муҳокима нафақат предметҳои реалона вуҷуд доштаи воқеиятро, балки предметҳоеро ҳам, ки реалона вуҷуд надоранд, инъикос менамояд. Масалан, муҳокимаҳо воқеаҳои афсонавиро ҳам инъикос мекунанд. Ин гуна муҳокимаҳо ҳамчун инъикоси дурусти тасаввуроти одамони қадим дуруст, ҳақ буда, вале ҳамчун инъикоси ҳақиқии воқеият дурўғ мебошанд.

Илми мантиқ муҳокимаро танҳо аз ҷиҳати сохт меомўзад ва ба тарафҳои дигари муҳокима дахл надорад. Мантиқи шаклӣ бошад, ҳамчун шакли тафаккур, масъалаҳои тағйирот ва тараққиёти муҳокима, аз чӣ иборат будани мазмуни конкретии муҳокима ва ғайраҳоро намеомўзад.

## § 2. ТАРКИБИ МУҲОКИМА

Ҳар як муҳокимаи содда, қатъи назар аз мазмуни конкретии худ аз се қисми таркибӣ иборат аст:

1. Мубтадои мантиқӣ.
2. Хабари мантиқӣ.
3. Бандаки мантиқӣ.

Дар муҳокима он чизе ки дар бораи вай фикр рафта истода аст, мубтадои мантиқӣ ном дорад.

Чизе ки оид ба фикри рафтаистода тасдиқ (ё рад) карда шавад, хабари мантиқӣ ном дорад. Хабари мантиқӣ ба предмет хос будан ва ё хос набудани ягон нишонаро тасдиқ (ва ё рад) менамояд. Бандаки мантиқӣ муносибати байни мубтадои мантиқӣ ва хабари мантиқиро муқаррар мекунад.

Масалан, чунин муҳокимаро таҳлил менамоем: «Аъзоёни бригадаҳои меҳнати коммунистӣ пешқадамони истеҳсолот мебошанд».

Дар ин ҷо фикр дар бораи аъзоёни бригадаҳои меҳнати коммунистӣ меравад, бинобар ин мафҳуми «аъзоёни бригадаҳои

меҳнати коммунистӣ» мубтадои мантиқӣ мешавад. «Пешқадами истеҳсолот» ишонаест, ки ба предмети фикр тааллуқ доштани онро бо ёрии бандак тасдиқ мекунад, бинобар ин, дар ин ҷо мафҳуми «пешқадами истеҳсолот» хабари мантиқӣ мешавад. Бандаки мантиқӣ бо калимаи «мебошанд» ифода гардида, он муносибати байни мубтадо ва хабари мантиқиро муқаррар намудааст.

Мисоли дигар: «Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон яке аз республикаҳои бародарии комилан баробарҳуқуқи Иттифоқи Советӣ аст». Дар ин ҷо мафҳуми «Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон» мубтадои мантиқӣ буда, мафҳуми «Яке аз республикаҳои бародарии комилан баробарҳуқуқи Иттифоқи Советӣ» хабари мантиқӣ ва «аст» бандаки мантиқӣ мебошад.

Мубтадои мантиқӣ ва хабари мантиқӣ терминҳои муҳокима ном доранд. Одатан терминҳои муҳокима бо ёрии ҳарфҳои алоҳида ишора карда мешаванд.

Мубтадои мантиқӣ бо ёрии ҳарфи лотинии *S* (ин ҳарф, ҳарфи якӯми калимаи лотинӣ Subjectum мебошад, ки маънояш мубтадо аст) ишора карда мешавад. Хабари мантиқӣ ба воситаи ҳарфи лотинии *P* (ин ҳарф — ҳарфи якӯми калимаи лотинӣ Praedicatum мебошад, ки маънояш хабар аст), ишора карда мешавад.

Бандаки мантиқӣ дар забони тоҷикӣ бо феълҳои «аст», «мебошад», «мешавад» ва ғайра ифода карда мешавад. Баъзан бандаки мантиқӣ ифода карда нашавад ҳам, вай фикран ба назар дошта мешавад. Чунончи, «Ҳамаи студентони мо — таърихшинос», дар ин ҷо «мебошанд» бандаки мантиқӣ, зоҳиран ифода нашуда, фикран ба назар дошта шудааст.

Бинобар ин, муҳокимаро бо ёрии формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$$S - P \text{ аст;}$$
$$\text{ё ин ки танҳо } S - P.$$

Агар дар муҳокима ягон чиз рад карда шавад, бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$S - P \text{ нест.}$$

Чунин қисмҳои таркибии муҳокима, ки онҳо каму беш бо қисмҳои таркибии ҷумлаи грамматикӣ монандӣ доранд ва дар байни онҳо дар айни ҳол фарқи ҷиддӣ низ мавҷуд аст, ки мо ҳоло ин масъаларо дар поён дида мебароем.

## § 3. МУҲОКИМА ВА ҶУМЛА

Ба мисли вобастагии тафаккуру забон, дар байни муҳокима ва ҷумла низ алоқаи узвӣ вуҷуд дорад.

Ин алоқа дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як муҳокима ба воситаи ҷумла ифода карда мешавад. Қатъи назар аз он ки му-

ҳокима дар майнаи сар пайдо шудааст, мо онро нақл мекунем ва ё менависем, ҳамеша бо ёрии ҷумла ифода меёбад. Муҳокима бе ҷумла вуҷуд дошта наметавонад. Ҷумлаи грамматикӣ шакл, киёфаи берунӣ ва зоҳирии муҳокима аст. Ҷумлаи грамматикӣ восита, аслиҳаест, ки бо ёрии он муҳокима ифода карда мешавад. Бинобар ин, муҳокима ва ҷумларо аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест. Муҳокима ва ҷумла мисли тафаккур ва забон дар ягонагӣ мебошанд.

Ғайр аз он, дар байни муҳокима ва ҷумла тафовут ҳам мавҷуд аст. Баъзан мубтадои грамматикӣ бо мубтадои мантиқӣ мувофиқ меояд. Масалан, «Ҳокимияти Советӣ — давлати коргару деҳқон мебошад» дар ин ҷо «Ҳокимияти Советӣ» мубтадои мантиқӣ ва дар айни замон мубтадои грамматикӣ мебошад.

Баъзан хабари мантиқӣ бо хабари грамматикӣ мувофиқ меояд. Чунончи, «Москва — пойтахт», дар ин ҷо мафҳуми «пойтахт» ҳам аз нуқтаи назари мантиқӣ ва ҳам аз нуқтаи назари грамматикӣ хабар мебошад. Аммо баъзан ин мувофиқ омадани мубтадои мантиқӣ бо мубтадои грамматикӣ ва хабари мантиқӣ бо хабари грамматикӣ мушоҳида карда намешавад. Масалан, дар муҳокимаи «Ин гулдастаи калони гулҳои зебои ранг ба ранг азони шумо мебошад», мафҳуми «Ин гулдастаи калони гулҳои зебои ранг ба ранг» мубтадои мантиқӣ мафҳуми «азони шумо» хабари мантиқӣ ва «мебошад» бандаки мантиқӣ аст. Агар ин муҳокимаи зикршуда аз нуқтаи назари грамматикӣ дида шавад, ҷонишини «ин» мубтадои грамматикӣ, феъли «мебошад» хабари грамматикӣ буда, калимаҳои дигар аъзоёни пайрави ҷумлаанд.

Дар муҳокима танҳо се қисм: мубтадо, хабар ва бандаки мантиқӣ мавҷуданд. Маълум аст, ки дар баъзе ҷумлаҳо ғайр аз сараъзоёни ҷумла аъзоёни пайрави ҷумла (муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол) ҳам доранд. Дар муҳокима ин ҳол дида намешавад.

Аз нуқтаи назари грамматика ҷумлаҳои бешахс, бемубтадо мавҷуданд. Агар ин гуна ҷумлаҳои бемубтадо мантиқан таҳлил карда шаванд, маълум мегардад, ки бисёрии онҳо мубтадои мантиқӣ доранд. Масалан, агар ҷумлаи бемубтадои «Аҷаб нест»-ро мантиқан таҳлил намоем, мебинем, ки дар ин ҷо «аҷаб» хабари мантиқӣ ва предмете ки дар бораи он аз ин пеш фикр баён карда шуд (масалан, аз ин пеш гуфта шуда буд, ки дар Иттифоқи Советӣ киштии ҳамроҳи сунъии Замин сар дода шудааст), мубтадои мантиқӣ мешавад. Мисоли дигар. Дар байни халқи маҳаллӣ чунин ибора, ҷумлаи бемубтадо машҳур гардидааст: «Омаданду заданду хӯрданду гирифтанду рафтанд». Дар ин ҷо мубтадои мантиқиро мафҳуми «муғулҳои истилогар» ташкил мекунад.

Баъзан дар бораи ягон кор сухан ронда истода мегӯянд, ки «дидӣ ки нашуд, мон ки равад». Иборан охирин аз нуқтаи назари грамматика ҷумлаи бемубтадо мебошад. Аммо мантиқан дар

ни чо мубтадои мантикӣ «ин кор» буда зоҳиран баён карда нашудааст.

Ҳар як муҳокима бо ҷумла ифода карда мешавад. Лекин ҳамаи навъҳои ҷумла, муҳокимаро ифода намекунанд. Одатан муҳокима бисьёр вакт бо ҷумлаи хабарӣ (ҳикоягӣ) баён карда мешавад. Дар муҳокима ҳамеша нисбат ба предмет ягон чиз тасдик ва ё рад карда мешавад. Ҷумлаҳои хабарӣ ҳамин гуна фикреро, ки дар вай нисбат ба предмет ягон чиз ё тасдиқ ва ё рад карда мешавад, ифода мекунанд. Вале ҷумлаҳое ҳастанд, ки дар онҳо на тасдиқ дида мешавад ва на рад кардани ягон чиз. Масалан, ҷумлаҳои саволии «Имрӯз меравед-мӣ?», «Кай рафта будед?», «Иҷозат диҳед?» ва ғайра ҳастанд, ки дар онҳо на тасдиқ дида мешавад ва на рад кардани ягон чиз. Ин гуна ҷумлаҳоро мо на ҳақ гуфта метавонем ва на дурӯғ. Бинобар ин, чунин ҷумлаҳо муҳокимаро ифода намекунанд.

Сохти муҳокима барои ҳамаи халқҳои гуногунзабон як хел мебошад. Аммо ҳамаи забонҳо як хел нестанд. Ҳар як забон сохти грамматикии ба худ хосе дорад. Бинобар ин, муҳокима дар забонҳои гуногун бо шаклҳои гуногуни грамматикӣ ифода карда мешавад.

Фарқи муҳокима ва ҷумларо дар он дидан мумкин аст, ки баъзан бо ёрии як ҷумла муҳокимаҳои мазмунашон гуногун ифода карда мешаванд. Масалан, ба воситаи ҷумлаи «Душанбе — пойтахти Тоҷикистон мебошад» се маъноро, яъне 1) ягон шаҳри дигар не, балки **Душанбе** пойтахти Тоҷикистон аст; 2) Душанбе маркази ягон район ё вилоят не, балки **пойтахти** Тоҷикистон мебошад; 3) Душанбе пойтахти республикаҳои дигар ва ё ягон мамлакати хориҷӣ не, балки **Тоҷикистон** мебошад, ифода кардан мумкин аст. Бинобар ин, дар ин ҷо ҷумлаи грамматикӣ якто буда, бо ёрии он маъноҳои гуногун, муҳокимаҳои гуногун, ки мубтадо ва хабари мантикиашон ҳар хел аст, ифода карда шудаанд. Баъзан маънои муҳокимае, ки бо ҷумла ифода шудааст, муайян кардан душвор аст. Чунки бо як ҷумла муҳокимаҳои гуногун ифода карда мешаванд. Барои муайян кардани маънои муҳокима, мубтадо ва хабари мантикии он бояд ба задаи мантикӣ диккат карда шавад. Ба кадом калимае ки задаи мантикӣ афтида бошад, ҳамон калима (ва ё ибора) мубтадои мантикиро ифода менамояд.

## § 4. НАВЪҲОИ АСОСИИ МУҲОКИМА

Дар муҳокима предмет, алоқаҳои предмет ва хусусияти он инъикос меёбанд. Аммо миқдори ин предметҳо гуногун мешавад. Мумкин аст, ки муҳокима як предмет ё як гурӯҳ, ҷинси предметҳоро инъикос намояд. Хабари мантикӣ ва бандак ба предмет дахл доштан ва ё дахл надоштани ягон хусусиятро инъикос мекунад. Муносибати байни мубтадои мантикӣ ва хабари ман-

тикй инъикоси алоқаҳои гуногуни предметҳо мебошад. Ҳамчун чиҳатҳо: миқдори предметҳо, характери алоқа, муносибати байни онҳо, хусусиятҳои гуногуни предметҳоро ба назар гирифта, муҳокимаро ба гурўҳҳои зерин тақсим мекунанд:

1. Аз ҷиҳати мазмун ё сифати худ муҳокима ба ду навъ: муҳокимаи тасдиқӣ ва муҳокимаи инкорӣ тақсим мешавад.

2. Аз чиҳати ҳаҷм ё миқдори худ муҳокима ба муҳокимаҳои тоқа, умумӣ, ҷузъӣ тақсим мешавад.

3. Аз чиҳати мазмуни хабари мантиқӣ ба муҳокимаҳои мавҷудӣ, хусусият ва муносибат тақсим мешавад.

4. Аз ҷиҳати сига (модальность), ба муҳокимаҳои эҳтимолӣ ва муҳокимаи эътиборнок тақсим шуда, дар навбати худ, онҳо боз ба муҳокимаҳои воқеият ва заруият ҷудо мешаванд.

5. Муҳокимаи мантиқӣ бо таркиби худ ба муҳокимаҳои содда ва мураккаб тақсим мешавад.

## § 5. ТАҚСИМИ МУҲОКИМА АЗ ҶИҲАТИ СИФАТ ВА МИҚДОР

Аз нуқтаи назари мазмун ва ё сифати худ муҳокима ба ду навъ: 1) Муҳокимаи тасдиқӣ; 2) Муҳокимаи инкорӣ тақсим мешавад.

Дар муҳокимаи тасдиқӣ ба предмет хос будани ягон нишона тасдиқ карда мешавад. Барои муҳокимаи тасдиқӣ мисолҳои зеринро меоварем: 1. «Забон воситаи мубориза ва тараққиёти ҷамъият мебошад».

2. «Ҳамаи мамлакатҳои халқии демократӣ ҷамъияти социалистӣ месозанд».

3. «Ҳофизи Шерозӣ» — шоири бузурги халқҳои Шарқ мебошад.

4. «Грамматика аҳамияти амалӣ дорад».

Дар муҳокимаи инкорӣ дар байни предметҳо мавҷуд набудани алоқа ва ё ягон нишона инъикос карда мешавад.

Барои муҳокимаи инкорӣ чунин мисолҳо меоварем:

1. «Дар СССР синфҳои истисморкунанда ва истисморшаванда нестанд».

2. «Халқҳои советӣ ҷангро намехоҳанд».

3. «Ин студентҳо табиатшинос намебошанд».

Ба ҳамин тариқ, дар муҳокимаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ ба предмет тааллуқ доштан ва тааллуқ надоштани нишона муқаррар карда мешавад. Муҳокимаи тасдиқӣ бо формулаи зерин ишора карда мешавад:

$$S — P \text{ acт.}$$

Муҳокимаи инкорӣ бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$S — P \text{ нест.}$$

а) Тақсими муҳокима аз ҷиҳати миқдор

Муҳокимаҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ё миқдори худ ба се навъ тақсим мешаванд:

1. Муҳокимаи тоқа.
2. Муҳокимаи умумӣ.
3. Муҳокимаи ҷузъӣ.

Дар муҳокимаи **тоқа** нисбат ба предмети тоқа — якка таалluқ доштани ягон чиз тасдиқ (ё рад) карда мешавад:

1. «Восеъ сардори шӯриши машҳури халқи тоҷик мебошад».
2. «Ленинград яке аз шаҳрҳои калонтарини СССР аст».
3. «Л. Н. Толстой муаллифи романи «Ҷанг ва Сулҳ» мебошад».
4. «Фрунзе қаҳрамони машҳури ҷанги гражданӣ мебошад».

Барои дониста гирифтани олами моддӣ муҳокимаҳои тоқа аҳамияти калон доранд. Бо ёрии онҳо хусусиятҳои алоҳидаи предметҳо инъикос кунонида мешаванд. Донишҳо дар бораи предметҳои алоҳида ва нишонаи онҳо ба воситаи муҳокимаи тоқа ифода карда мешаванд. Муҳокимаи тоқа барои дониста гирифтани гурӯҳ, ҷинси предметҳо замина тайёр мекунанд. Пеш аз он ки ҷинси предметҳо фаҳмида шаванд, бояд ба қисми муайяни предметҳо тааллуқ доштани ягон нишона дониста гирифта шаванд.

Ба ягон қисми предметҳо тааллуқ доштан ё надоштани ягон нишона бо ёрии муҳокимаи ҷузъӣ ифода карда мешавад. Дар муҳокимаи **ҷузъӣ** нисбат ба он қисми предметҳо дахл доштан ва дахл надоштани ягон нишона тасдиқ (ё рад) карда мешавад. Мисол барои муҳокимаҳои ҷузъӣ:

1. «Баъзе санъаткорони советӣ Лауреати мукофоти Ленинӣ мебошанд».
2. «Баъзе хонандагони университети мо таърихро дӯст медоранд».
3. «Баъзе мамлакатҳои Шарқ давлатҳои социалистӣ мебошанд».
4. «Баъзе шахсони давлатҳои империалистӣ сулҳро намехоҳанд».

Мазмуни конкретии ин муҳокимаҳоро ба назар нагирифта, онҳоро бо ёрии формулаи зерин ишора кардан мумкин аст.

Баъзе *S—P* мебошад (ва ё намебошад).

Одатан муҳокимаи ҷузъӣ бо калимаи «баъзе» ифода карда мешавад. Ин калимаи «баъзе» бо ду маъно кор фармуда мешавад. Калимаи «баъзе» дар як маврид фақат қисми хурдтари ҷинси предметҳоро мефаҳмонад. Дар ҳамин маврид ин муҳокима фақат баъзеи предметҳоро дар бар мегирад. Масалан: «Баъзе нависандагони Тоҷикистон Лауреати Мукофоти Ленинӣ мебошанд», «Баъзе колхозчиёни колхози мо Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ мебошанд», «Баъзе коркунони фабрикаи мо депутати Совети Олии СССР мебошанд».

Муҳокимаи ҷузъие ки дар вай танҳо дар бораи як қисми муайяни ҷинси предметҳо ягон чиз тасдиқ ё рад карда меша-

вад, муҳокимаи **ҷузъии муайян** ном дорад. Муҳокимаи ҷузъии муайян бо формулаи зерин ишора карда мешавад:

«Танҳо баъзе $S—P$ мебошад (ё намебошад)».

Дар дигар мавриди калимаи «баъзе» қисми бисёри ҷинси предметҳо, ҳатто ғайр аз якто ҳамаи предметҳои ҷинси муайянро мефаҳмонад. Ин гуна муҳокимаро муҳокимаи **ҷузъии номуайян** меноманд. Масалан, агар дар як синф ғайр аз як нафар хонанда дигар ҳамааш аъзои комсомол бошад, ин донишро мо бо муҳокимаи ҷузъии зерин ифода менамоем: «Баъзе хонандагони синфи мо аъзои комсомол мебошанд». Ин шакли муҳокимаи ҷузъиро бо формулаи зерин ифода мекунем:

«Қамаш баъзе (эҳтимол ҳамаи) $S—P$ мебошад».

Муҳокимаи ҷузъӣ алоқаи нишонаро бо қисми предметҳо ошкор менамояд. Вале ин муҳокима характери номуайянӣ дорад. Ин муҳокима алоқаи ягон нишонаро бо тамоми предметҳои гурӯҳ, ҷинс, навъ ошкор намекунад. Ба ҳамаи предметҳои гурӯҳ, ҷинс тааллуқ доштан ё тааллуқ надоштани нишонаро муҳокимаи умумӣ ифода мекунад.

Дар муҳокимаи умумӣ нисбат ба ҳамаи предметҳои гурӯҳ, ҷинс ягон чиз тасдиқ ё рад карда мешавад. Масалан:

«Ҳамаи гражданҳои СССР ба таҳсили илм ҳуқуқ доранд», «Ҳеҷ давлати буржуазӣ барои меҳнаткашон баробарҳуқуқӣ намедиҳад», «Ҳамаи шоирони боистеъдод асарҳои завқовар эҷод менамоянд».

Дар муҳокимаи умумӣ алоқаи ҳар як предмети ҷинс, гурӯҳ бо ягон нишона ифодаи худро меёбад. Муҳокимаи умумӣ барои дониш хеле аҳамияти калон дорад, зеро ба воситаи ин муҳокима донишҳои умумӣ ифода карда мешаванд.

в) Тақсими муҳокима аз ҷиҳати муттаҳидии сифат ва миқдор. Ҳар як предмети олами моддӣ дорои миқдор ва сифат мебошад. Муҳокима инъикоси олами моддист. Бинобар ин, муҳокима ҳам миқдор ва ҳам сифатро дар як вақт ифода мекунад. Агар миқдор ва сифат ба назар дошта шавад, он гоҳ мо ба вуҷуд омадани чор навъи зерини муҳокимаро мебинем:

1. **Муҳокимаи умумии тасдиқӣ.** Ин муҳокима аз ҷиҳати миқдор умумӣ буда, аз ҷиҳати сифат тасдиқӣ мебошад. Масалан: «Ҳамаи Қаҳрамонони Меҳнати Социалистӣ одамони пешқадами ҷамъияти советианд».

2. **Муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ.** Ин муҳокима аз ҷиҳати миқдор ҷузъӣ буда, аз ҷиҳати сифат тасдиқӣ мебошад. Масалан, «Баъзе студентон шоирони навқалам мебошанд».

3. **Муҳокимаи умумии инкор.** Ин муҳокима аз ҷиҳати миқдор умумӣ буда, аз ҷиҳати сифат инкорӣ мебошад. Масалан: «Ҳеҷ як ҳодиса бе сабаб ба миён намеояд».

**4. Муҳокимаи ҷузъии инкорӣ**. Ин муҳокима аз ҷиҳати миқдор ҷузъӣ буда, аз ҷиҳати сифат инкорӣ мебошад. Масалан: «Баъзе давлатҳои Европа давлатҳои демократӣ намебошанд».

Муҳокимаи умумии тасдиқӣ бо формулаи зерин ишора карда мешавад:

«Ҳамаи $S-P$ мебошад».

Формулаи муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ чунин аст:

«Баъзе $S-P$ мебошад».

Муҳокимаи умумии инкорӣ чунин формула дорад:

«Ҳеҷ як $S-P$ нест».

Муҳокимаи ҷузъии инкорӣ чунин формула дорад:

«Баъзе $S-P$ нест».

Дар илми мантиқ ҳар як навъи ин чор муҳокима бо ёрии ҳарфҳои алоҳида ишора карда мешаванд. Муҳокимаи умумии тасдиқӣ бо ҳарфи *A* ишора карда мешавад, ки ин ҳарф — ҳарфи якӯми садоноки калимаи юнонӣ Affirmo буда, маънои ин калима «тасдиқ менамоям» аст. Муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ ба воситаи ҳарфи *«i»* ифода карда мешавад, ки ин ҳарфи дуйӯми садоноки ҳамон калима аст. Муҳокимаи умумии инкорӣ бо ҳарфи *«E»* ишора карда мешавад, ки ин — ҳарфи якӯми садоноки калимаи юнонӣ Nego буда, маънояш «инкор мекунам» аст. Муҳокимаи ҷузъии инкорӣ бо ҳарфи *«O»* ишора карда мешавад, ки ин — ҳарфи дуйӯми садоноки ҳамон калима мебошад.

## § 6. ҲАҶМИ ТЕРМИНҲО ДАР МУҲОКИМА

Дар муҳокима ягон нишона нисбат ба як предмет, ё ба якчанд предметҳо ва ё ба ҳамаи предметҳои ҷинс, гурӯҳ, тасдиқ ва ё инкор карда мешавад. Яъне термини мубтадо ва хабари як ё якчанд предметҳо (як қисм) ва ё ҳамаи предметҳои ҷинси муайянро инъикос менамояд.

Агар термини мубтадо ҳамаи предметҳои ҷинсро инъикос кунад, ин термин ба ҳаҷми пуррааш гирифта мешавад, агар як қисми предметҳои ҷинсро инъикос кунад, ба ҳаҷми пуррааш гирифта намешавад. Айнан, мисли ҳамин агар термини хабар ҳамаи предметҳои ҷинси муайянро инъикос кунад, ба ҳаҷми пуррааш гирифта мешавад ва агар як қисми предметҳои ҷинсро инъикос намояд, ба ҳаҷми пуррааш гирифта намешавад. Термини ба ҳаҷми пуррааш гирифташуда термини муштарак ва термини ба ҳаҷми пуррааш гирифтанашуда термини номуштарак номида мешавад. Дар муҳокима муштарак ва номуштарак будани терминҳои мубтадо ва хабарро донистан барои аз

худ кардани хулосабарорй ва характери хулоса аҳамияти калон дорад.

Бинобар ин, мо дар поён чй навъ будани ҳаҷми терминҳои мубтадо ва хабарро дар чор навъи муҳокима дида мебароем:

1. Дар муҳокимаи умумии тасдиқй термини мубтадо муштарак буда, термини хабар номуштарак мебошад. Масалан, «Ҳамаи драматургон нависанда мебошанд». Дар ин муҳокима термини мубтадо «ҳамаи драматургон» ба ҳаҷми пуррааш гирифта шудааст, зеро сухан дар бораи ҳамаи драматургон меравад. Бинобар ин, термини мубтадои ин муҳокима муштарак мебошад. Термини хабари ин муҳокима «нависандагон» ба ҳаҷми пуррааш гирифта нашудааст, чунки дар ин ҷо фикр дар бораи ҳамон қисми нависандагон рафта истодааст, ки онҳо ҳамаи драматургҳоро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, термини хабари ин муҳокима номуштарак мебошад.

Аммо аз ин қоида таърифи мафҳум истисно мебошад. Таърифи мафҳум ҳам ба воситаи муҳокима ифода карда мешавад. Агар муҳокима таърифи мафҳум бошад, он гоҳ термини хабари он ҳам муштарак мешавад. Масалан, «Сатира — навъҳои гуногуни асари бадей мебошад, ки дар вай иллат, нуқсони ҳодисаҳои ҷамъиятй ва ҳаёти шахсй бо қаҳру ғазаб маҳкуму масхара карда мешаванд».

Дар ин ҷо термини хабари мантиқй ҳам муштарак мебошад, зеро ҳаҷми хабари мантиқй бо ҳаҷми мубтадои мантиқй мутаносиб аст. Дар ин муҳокима ҷои терминҳо иваз карда шаванд ҳам, мазмуни вай тағьир намеёбад.

Лекин ҳамчун қоида дар муҳокимаи умумии тасдиқй термини мубтадо муштарак буда, термини хабар номуштарак мебошад, зеро дар аксарияти муҳокимаҳои умумии тасдиқй ҳаҷми термини хабар аз ҳаҷми мубтадо васеътар мебошад ва ҳаҷми термини мубтадо ба ҳаҷми термини хабар дохил мешавад.



Расми 9.

Ҳаҷми терминҳои мубтадо ва хабари муҳокимаи умумии тасдиқй ба воситаи доираҳо ишора карда мешавад. (Нигар ба расми 9).

2. Дар муҳокимаи ҷузъии тасдиқй, ҳам термини мубтадо ва ҳам термини хабар номуштарак мебошад. Масалан, «Баъзе муаллимон ҳуқуқшинос мебошанд.». Дар ин ҷо термини мубтадо «баъзе муаллимон» ба ҳаҷми пуррааш гирифта нашудааст, зеро фикр дар бораи як қисми муаллимон меравад, пас, термини мубтадои ин муҳокима номуштарак аст. Термини хабари ин муҳокима «ҳуқуқшинос» ҳам ба ҳаҷми пуррааш гирифта нашудааст, чунки дар ин ҷо фикр дар бораи танҳо

он қисми ҳуқуқшиносон меравад, ки онҳо баъзеи муаллимонро ташкил медиҳанд, ғайр аз онҳо дигар олимон, коркунони амалии соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҳастанд. Бинобар ин, термини хабари муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ ҳам номуштарак мебошад.

Фақат дар баъзе мавридҳо термини хабари муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ муштарак мебошад. Дар муҳокимаи ҷузъие, ки ҳаҷми термини хабари он ба ҳаҷми термини мубтадо дохил мешавад, термини хабар муштарак аст. Масалан, дар муҳокимаҳои «Баъзе одамон — шахсони гениалӣ мебошанд», «Баъзе шаҳрҳо — пойтахтҳои давлатӣ мебошанд» термини хабар муштарак мебошад.



Расми 10.

Ҳаҷми терминҳои мубтадо ва хабари муҳокимаи ҷузъии тасдиқиро бо доираҳо ишора мекунем. (Нигар ба расми 10).

3. Дар муҳокимаи умумии инкорӣ, ҳам термини мубтадо ва ҳам термини хабар муштарак мебошанд. Масалан, «Ҳеҷ як таҷовузкор сулҳдӯст намебошад». Дар ин муҳокима термини мубтадо ба ҳаҷми пуррааш гирифта шудааст, зеро дар ин ҷо фикр дар бораи ҳамаи таҷовузкорон меравад (ҳеҷ як таҷовузкор ва ҳамаи таҷовузкорон як маъно доранд), бинобар ин термини мубтадои ин муҳокима муштарак мебошад. Термини хабари ин муҳокима «сулҳдӯст» ба ҳаҷми пуррааш гирифта шудааст, зеро дар ин ҷо гап дар бораи ҳамаи сулҳдӯстҳо меравад, пас, термини хабар ҳам муштарак мебошад.



Расми 11.

Ҳаҷми терминҳои мубтадо ва хабари муҳокимаи умумии инкориро бо доираҳо ишора мекунем. (Нигар ба расми 11).

4. Дар муҳокимаи ҷузъии инкорӣ термини мубтадо номуштарак ва термини хабар муштарак мебошад.

Масалан, «Баъзе ҳикояҳо асарҳои ғоявӣ намебошанд». Дар ин муҳокима термини мубтадо «баъзе ҳикояҳо» ба ҳаҷми пуррааш гирифта нашудааст, чунки фикр дар ин ҷо танҳо дар бораи баъзе ҳикояҳо меравад, пас, термини мубтадо номуштарак аст.

Термини хабари ин муҳокима «асарҳои ғоявӣ» ба ҳаҷми пуррааш гирифта шудааст, зеро дар ин ҷо фикр дар бораи ҳамаи асарҳои ғоявӣ меравад, ки онҳо ба гурӯҳи баъзе ҳикояҳо дохил намешаванд, бинобар ин термини хабари ин муҳокима муштарак мебошад.

Ҳаҷми терминҳои мубтадо ва хабари муҳокимаи ҷузъии инкориро бо доираҳо ишора менамоем. (Нигар ба расми 12).




Расм 12.

Дар ин расм доираи нақшинок (*S*) муштарак набудани терминро доираи холӣ (*P*) муштарак будани терминро мефаҳмонад.

Ба ҳамин тариқ, дар бораи ҳаҷми терминҳои муҳокима чунин хулосаи мухтасар баровардан мумкин аст: **дар муҳокимаҳои умумӣ термини мубтадо муштарак буда, дар муҳокимаҳои ҷузъӣ номуштарак мебошад; дар муҳокимаҳои инкорӣ термини хабар муштарак буда, дар муҳокимаҳои тасдиқӣ номуштарак мебошад.**

Барои ин ки муштаракӣ ва номуштаракии терминҳои муҳокимаҳо бо осонӣ ба хотир дошта шавад, мо онҳоро ба воситаи нақша ифода менамоем. (Нигар ба расми 13).




Расм 13.

Дар ин нақша аломати + (ҷамъ) муштаракии терминро мефаҳмонад, аломати — (тарҳ) номуштаракии терминро мефаҳмонад. Аломати ҷои якумро ишғолкунанда термини мубтадоро мефаҳмонад, аломати ҷои дуюмро ишғолкунанда термини хабарро мефаҳмонад.

## § 7. МУҲОКИМАҲОИ ВУҶУДӢ, ХУСУСИЯТ ВА МУНОСИБАТ

Аз ҷиҳати дар муҳокима инъикос кардани вуҷуд доштан ё надоштани ягон предмет, мутааллуқӣ ё номутааллуқии ягон хусусият ба предмет, мавҷудӣ ё номавҷудии ягон муносибат дар байни предметҳо, муҳокима ба се навъ тақсим мешавад.

1) Муҳокимаи вуҷудӣ. 2) Муҳокимаи хусусият. 3) Муҳокимаи муносибат.

1. **Муҳокимаи вуҷудӣ** дар воқеият мавҷуд будан ё мавҷуд набудани ягон предметро инъикос мекунад. Масалан: «Дар СССР сохти ҷамъияти социалистӣ мавҷуд аст», «Дар Англия сохти ҷамъияти социалистӣ мавҷуд нест», «Дар Моҳ ҳаёт вуҷуд надорад».

Муҳокимаи вуҷудӣ барои дониш аҳамияти калон дорад.

2. **Муҳокимаи хусусият** ба предмет дахл доштан ё дахл надоштани ягон хусусиятро ифода мекунад. Масалан: «Ин гули сурх мебошад», «Иморати мактаби олии мо зебо аст».

Ин навъи муҳокима на танҳо мутааллуқӣ ё номутааллуқии хусусиятро бо предмет, балки ҳолати предметро ҳам инъикос мекунад.

Масалан: «Ин дарьё ором мебошад».

3. **Муҳокимаи муносибат.** Муҳокимаи муносибат муносибатҳои гуногуни предметҳои воқеиятро инъикос менамоянд. Ин муҳокимаҳо муносибатҳои ҳамзамонӣ, фазоӣ, баробарӣ, нобаробарӣ ва ғайраҳоро инъикос мекунанд. Масалан, «Кӯҳи Помир аз кӯҳи Тиёншон баландтар аст», «Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамзамони А. Навоӣ мебошад», «Карим бародари Раҳим аст» ва ғайраҳо.

Ин муҳокимаҳо муносибатҳои баробарӣ ва нобаробариро инъикос менамоянд. Масалан, «*A* бо *B* баробар аст», «*B* аз *A* хурдтар аст», «*A* аз *B* калонтар аст».

Одатан аломати $>$ маънои «зиёдтар» ва аломати $<$ маънои «хурдтар»-ро мефаҳмонад. Чунончи, муҳокимаи «*A* аз *B* зиёдтар аст», ки он чунин ифода мешавад: $A>B$, муҳокимаи «*A* аз *B* хурдтар аст» чунин ифода мешавад: $A<B$.

Таркиби муҳокимаҳои муносибат аз таркиби муҳокимаҳои дар боло зикршуда фарқ мекунад. Дар таркиби муҳокимаи муносибат чунин аъзоҳо мавҷуданд:

1. Мафҳуми аъзои пешояндии муносибати мазкур;
2. Мафҳуми аъзои пасояндии муносибати мазкур;
3. Мафҳуми муносибати мазкур;
4. Бандак.

Масалан, дар муҳокимаи $A>B$ мафҳуми «*A*» мафҳуми аъзои пешояндии муносибати мазкур аст; мафҳуми «*B*» мафҳуми аъзои пасояндии муносибати мазкур; мафҳуми «зиёдтар ($>$)» мафҳуми худи муносибат мебошад, бандак муносибати $>$-ро дар байни предметҳои *A* ва *B* муқаррар менамояд.

Баъзан аъзои пешояндии муносибатро бо ҳарфи *X*, аъзои пасояндии муносибатро бо ҳарфи *У*, муносибатро бо ҳарфи *R* ишора менамоянд. Гуфтор дар бораи он ки предмети *У* муносибати *R* дорад, бо чунин формула ифода меёбад:

$$R(X, У)$$

**Агар предмети *X* ба предмети *У* муносибати *R* надорад гӯем, пас ин гуфтор бо формулаи зерин ифода мешавад:**

$$\bar{R}(X, У)$$

Муҳокимаи муносибат баъзан муносибатҳои ададии (миқдории) бештар мураккабро ҳам ифода менамояд. Масалан, таносуби баробари предметҳо бо чунин муҳокимаҳои муносибат — муодилаи математикӣ ифода карда мешавад:

$$(a + B)^2 = a^2 + 2ab + b^2; \; a^m \cdot a = a^m + n$$

Инак, мисол барои навъи дигари муҳокимаи баробарӣ:

$$Z = X + Y + 1$$

Мисол барои навъи дигари муҳокимаи нобаробарии математикӣ:

$$Z \neq X + Y + 1$$

Ин муҳокимаи нобаробарӣ чунин маъно дорад:

$$Z > X + Y + 1$$

ё ки

$$Z < X + Y + 1$$

Ин гуна навъҳои муҳокимаро мантиқи ҳозиразамон ошкор мекунад, қоидаҳои онҳоро муқаррар намуда, ҳарҷониба меомӯзад.

## § 8. МУҲОКИМАҲОИ ЭҲТИМОЛӢ ВА ЭЪТИБОРНОК

Ҳангоми баёни муҳокима ҳақ ё дурӯғ будани он баъзан тахмин карда мешавад. Агар шахсе дар бораи ҳақ ё дурӯғ будани муҳокимаи баён кардаистодааш шакку шубҳа дошта бошад, ӯ муҳокимаи эҳтимолӣ изҳор мекунад, яъне ҳақ ё дурӯғ будани муҳокимаи баён намудаистодаашро тахмин мекунад.

Азбаски муҳокимаҳои баёншаванда ҳақ ё дурӯғанд, ё ба таври эҳтимол гуфта мешаванд, онҳо ба ду: ба 1) эҳтимолӣ ва 2) эътиборнок тақсим мешаванд.

### Муҳокимаи эҳтимолӣ

Агар дар муҳокима ба предмети фикр тааллуқ доштан ё надоштани ягон нишона бо дараҷаи муайяни тахминкунӣ тасдиқ ё рад карда шавад, ин гуна муҳокима муҳокимаи эҳтимолӣ ном дорад.

Формулаи муҳокимаи эҳтимолӣ чунин аст: «*S* эҳтимол *P* аст», «*a* ва *в*, эҳтимол, муносибати *R* доранд».

Муҳокимаҳои эҳтимолӣ бо сабабҳои гуногун ба вуҷуд меоянд.

Баъзан муҳокимаҳои эҳтимолӣ аз он сабаб ба вуҷуд меоянд, ки ҳанӯз илми ҳозира барои ҳалли масъалаҳои муайян

ҷавоби пурраи эътиборнок надодааст. Масалан: Эҳтимол, дар моҳи июнь дар Душанбе борон борад» ё «Эҳтимол, дар Марс ҳаёт вуҷуд дошта бошад».

Баъзан муҳокимаҳои эҳтимолӣ дар натиҷаи ин ё он фактро пурра надонистани одами фикр кардаистода ба миён меояд. Масалан: «Эҳтимол, рафиқам ба университети Москва дохил шуда бошад».

Баъзан муҳокимаҳои эҳтимолӣ ба сабаби ба ягон кор ё амал фикри қатъӣ надоштан ба вуҷуд меояд. Масалан: «Эҳтимол, имтиҳони адабиётро бо баҳои аъло супорам».

Бо мурури замон муҳокимаҳои мазкури эҳтимолӣ метавонанд ба муҳокимаҳои ҳақ ё дурӯғ мубаддал гарданд.

## Муҳокимаи эътиборнок

Муҳокимаҳои эътиборнок ҳамчун муҳокимаҳои ҳақ ё дурӯғ изҳор карда мешаванд. Формулаи муҳокимаи эътиборнок чунин аст: «$S—P$ аст» ё «$S—P$ нест» ва «а $R$ в». Мисол: «Забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳинду европоӣ дохил мешавад», «Заволи капитализм ногузир аст». Муҳокимаҳои эътиборнок ба ду навъ: муҳокимаи воқеият ва муҳокимаи зарурӣ тақсим мешаванд.

Дар муҳокимаи воқеият ба предмет тааллуқ доштан ва тааллуқ надоштани ягон нишона қайд карда мешавад. Муҳокимаи воқеият чизе ки дар айни ҳол дар воқеияти реалӣ мавҷуд аст, инъикос менамояд.

Масалан: «Халқи советӣ ба даврани сохтмони васеи коммунизм гузаштааст», «Нависанда Максим Рыльский барои китобҳои ашъораш: «Гулҳо ва ангур» ва «Уфуқҳои дурдаст» сазовори Лауреати мукофоти Ленинӣ гардид», «Дар шаҳри Панҷакент музеи кишваршиносӣ мавҷуд аст» ва ҳоказо.

Агар муҳокима дар байни предмет ва ягон нишона ҳатман ва ногузир вуҷуд доштан ё надоштани алоқаро инъикос намояд, ин гуна муҳокимаро муҳокимаи зарурӣ меноманд.

Масалан: «Ғалабаи коммунизм дар ҷаҳон ногузир мебошад», «Ҳеҷ як фикр бе забон ба вуҷуд намеояд».

Дар байни предметҳо ва хусусиятҳо алоқаи зарурӣ ва ҳатмӣ мавҷуд аст, ки алоқаи зарурии байни онҳоро муҳокимаи зарурият инъикос мекунад. Муҳокимаи зарурият дорои аҳамияти бузург аст. Таълимоти асосии илмӣ бо ёрии муҳокимаҳои зарурият ифода карда мешаванд. Ба ҳамин тариқ, дар муҳокимаи эҳтимолӣ будан ё набудани чизе ё предмете инъикос меёбад. Дар муҳокимаи воқеият чизе ки дар айни замон мавҷуд аст ё мавҷуд нест, инъикос меёбад, дар муҳокимаи зарурият чизе ки ҳатмӣ ва ё зарурист, ифода меёбад.

## § 9. МУҲОКИМАҲОИ ҚАТЪИ, ШАРТӢ ВА МУНФАСИЛ

Дар муҳокима ба предмет тааллуқ доштани нишона инъикос ва ё муқаррар карда мешавад, ки ягон нишона нафақат ба ҳамин предмет тааллуқ дорад ё танҳо ба ҳамин предмет тааллуқ дорад. Аз ин ҷиҳат муҳокимаҳо ба муҳокимаҳои мутааллуқӣ, дохилкунанда ва ҷудокунанда тақсим мешаванд:

а) Дар муҳокимаи мутааллуқӣ мансуб будани ягон нишона ба ҷинси муайяни предметҳо тасдиқ ё рад карда мешавад. Аммо дар ин муҳокима ба дигар предметҳо ҳам тааллуқ доштан ё надоштани ҳамон нишона ба назар гирифта намешавад. Масалан, «Ин таърихшиносон воқеаҳои таърихиро меомӯзанд», «Абдураҳмони Ҷомӣ устоди Алишер Навоӣ мебошад».

б) Дар муҳокимаи дохилкунанда дониш ифода мёбад, ки дар вай ягон нишона нафақат ба ҳамин предмет хос будан ё хос набуданаш, балки дигар ҷиҳатҳо низ инъикос мёбанд. Масалан, «Абӯалӣ ибни Сино мантиқшинос буд», «Алиев студент мебошад», «Усмонов ҳуқуқшинос аст». Фарқи муҳокимаи дохилкунандаро аз муҳокимаи мутааллуқӣ аз маъно ва матни (контексти) нутқ фаҳмида мешавад.

Барои муҳокимаи дохилкунандаи алоҳидаро аз муҳокимаи мутааллуқӣ фарқ кардан, бояд вай ба тарзи зерин ифода карда шавад: «На фақат Абӯалӣ ибни Сино донандаи мантиқ мебошад», «На танҳо Алиев студент аст», «На фақат Усмонов ҳуқуқшинос мебошад».

в) Дар муҳокимаи ҷудокунанда хосияти махсуси предмете (ё ҷинси предметҳо) инъикос мёбад, ки вай фарқи як предметро аз дигар предметҳо нишон медиҳад.

Дар айни замон муҳокимаи ҷудокунанда ба муҳокимаҳои ҷудокунандаи тоқа, ҷудокунандаи ҷузъӣ ва ҷудокунандаи умумӣ тақсим мешавад. Масалан, «А. Фирдавсӣ муаллифи «Шоҳнома» мебошад», «Танҳо баъзе студентоне, ки асарҳои бадеӣ эҷод менамоянд, нависандагони навқалам мебошанд», «Фақат баъзе таърихшиносон ва танҳо таърихшиносон археолог мебошанд», «Танҳо партияе, ки ба назарияи пешқадам такья мекунад, роли мубоизи пешқадамро мебозад» ва ҳоказо.

Ҳамаи навъи муҳокимаҳое, ки то ҳол дида баромадем, дар таркиби худ фақат якто мубтадои мантиқӣ ва якто хабари мантиқӣ доштанд. Вале муҳокимаҳое ҳастанд, ки қисмҳои таркибиашонро на танҳо мафҳумҳои мубтадо ва хабар, муҳокимаҳои алоҳида низ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, муҳокимаҳо аз ҷиҳати таркиби худ ба ду навъ: 1) муҳокимаи содда ва 2) муҳокимаи мураккаб тақсим мешаванд.

1. **Муҳокимаи содда.** Қисмҳои таркибии муҳокимаи соддаро танҳо терминҳои мубтадо ва хабар ташкил медиҳанд.

Муҳокимаҳои мутааллукӣ, дохилкунанда, ҷудокунанда ва ғайра муҳокимаҳое, ки дар боло баён карда шудаанд, муҳокимаҳои қатъӣ мебошанд. Дар муҳокимаи қатъӣ дар байни терминҳои мубтадо ва хабар ягон шарте мавҷуд нест. Аз ҳамин сабаб ин гуна навъҳои муҳокимаро муҳокимаҳои қатъӣ меноманд.

2. **Муҳокимаи мураккаб.** Муҳокимаҳое, ки аз муҳокимаҳои содда таркиб ёфтаанд, *муҳокимаҳои мураккаб* ном доранд. Муҳокимаҳои мураккаб дорои сохти мураккаб мебошанд. Дар байни муҳокимаҳои содда ва мураккаб муносибатҳое мавҷуданд, ки онҳо ба алоқаи ҷумлаҳои содда ва мураккаб монанданд.

Агар ҷумлаҳои мураккаб ба воситаи алоқаманд намудани ҷумлаҳои содда бо ёрии пайвандакҳои гуногуни грамматикӣ таркиб ёбанд, вале муҳокимаҳои мураккаб ба воситаи алоқаманд намудани муҳокимаҳои содда бо ёрии пайвандакҳои мантиқии гуногун, масалан, *«ва»*, *«агар он гоҳ»*, *«ё»* ва ғайра, таркиб мeёбанд.

Пайвандакҳои грамматикӣ аз мантиқӣ фарқ мекунанд.

Пайвандакҳои грамматикӣ чунин воситаҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо ҷумлаҳои содда бо ҳам алоқаманд мешаванд. Дар вақти аз ҷумлаҳои содда ташкил ёфтани ҷумлаҳои мураккаб ҳақ ё дурӯғ будани ин ҷумлаҳо ба назар гирифта намешавад. Фақат он чиз ба назар гирифта мешавад, ки ҷумлаи мураккаби аз ҷумлаҳои содда ташкильёбанда қатъи назар аз он ки ҷумлаи мазкур ҳақ аст, дорои маънои муайян буда, мувофиқи қоидаҳои грамматикаи забони мазкур сохта мешавад.

Фарқи пайвандакҳои мантиқӣ аз пайвандакҳои грамматикӣ аз он иборатанд, ки пайвандакҳои мантиқӣ чунин алоқаи байни муҳокимаҳо мебошанд, ки дар вақти тавсиф танҳо ҳақ ё дурӯғ будани онҳо ба эътибор гирифта, дигар маъноҳои алоқаи байни фикрҳо (масалан, маъноҳои замон, макон, мақсад, сабаб ва ғайра) ба эътибор гирифта намешаванд.

Ҳар як муҳокима ё ҳақ ва ё дурӯғ мебошад. Ин хусусиятҳои муҳокимаҳо **маънои мантиқии** онҳо ба шумор мераванд. Қисмҳои таркибии муҳокимаи мураккабро на танҳо мафҳумҳои мубтадо ва хабар, балки муҳокимаҳои содда ташкил медиҳанд. Албатта, дар таркиби ҳар як муҳокимаи соддаи таркибӣ мафҳумҳои мубтадо ва хабар мавҷуданд. Ба гурӯҳи муҳокимаҳои мураккаб чунин навъҳои муҳокима дохил мешаванд:

а) Муҳокимаи шартӣ (импликативӣ). Муҳокимаи шартӣ яке аз навъҳои муҳокимаи мураккаб мебошад. Чунин муҳокимаи мураккабе, ки дар натиҷаи алоқаманд намудани ду муҳокимаи содда ба воситаи пайвандаки мантиқии *«агар... он гоҳ», «пас»* ташкил мeёбад, *муҳокимаи шартӣ* ном

дорад. Қисмҳои таркибии муҳокимаи шартиро муҳокимаҳои соддае, ки дорои терминҳои мубтадо ва хабар мебошанд, ташкил медиҳанд. Масалан, «Агар лекция бодиққат гӯш карда шавад, он гоҳ вай дуруст аз худ карда мешавад», «Агар калима мураккаб бошад, он гоҳ дар таркиби он ду реша ва аз он зиёд реша мешавад», «Агар одам ҷиноят содир карда бошад, пас ӯро ҷазо медиҳанд» ва ғайраҳо.

Муҳокимаи таркибие, ки баъд аз пайвандаки мантиқии *«агар»* ва пеш аз *«он гоҳ»* омадааст, **асоси** муҳокимаи шартӣ ҳисоб шуда, муҳокимае, ки баъди пайвандаки *«он гоҳ»* оварда шудааст, **натиҷаи** муҳокимаи шартӣ ба шумор меравад. Агар асоси муҳокимаи шартиро бо аломати А ишора намоем ва натиҷаашро бо аломати В, дар ин сурат сохти муҳокимаи шартӣ бо формулаи зерин ифода карда мешавад. «Агар *А*, он гоҳ *В*».

Пайвандаки мантиқии *«агар... он гоҳ»* ин тавр таъриф карда мешавад:

Пайвандаки мантиқии *«агар... он гоҳ»* чунин алоқаи ду муҳокимаи соддаи нави шартиро ташкил мекунад, ки агар асос ҳақ бошаду натиҷа дурӯғ бошад, дӯруғ мешавад, агар асос ва натиҷа ҳақ бошанд ва агар асос дурӯғу натиҷа ҳақанд ва дар он мавриде, ки асос ва натиҷа дурӯғанд, муҳокимаи шартӣ ҳақ мешавад.

Пайвандаки мантиқии *«агар... он гоҳ»* бо аломати зерин ишора карда мешавад: → Пас, муҳокимаи шартӣ бо чунин формула ифода меёбад: *«А → В»*.

Пайвандаки мантиқии *«агар... он гоҳ»* ба воситаи ҷадвали зерин ифода меёбад:

| *А* | *В* | *А → В* |
|---|---|---|
| *ҳ* | *ҳ* | *ҳ* |
| *ҳ* | *д* | *д* |
| *д* | *ҳ* | *ҳ* |
| *д* | *д* | *ҳ* |

Дар ин ҷо маънои ҳақ бо ҳарфи *«ҳ»* ишора карда шуда, маънои дурӯғ бо ҳарфи *«д»* ишора карда шудааст.

Ҷадвали дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки танҳо дар он мавриде ки *А* ҳақ асту *В* дурӯғ, муҳокимаи шартии *«А → В»* дурӯғ мешавад.

Дар он мавридҳое, ки *А* ҳақ ва *В* ҳақ, *А* дурӯғ ва *В* ҳақ, *А* дурӯғ ва *В* дурӯғ, муҳокимаи шартӣ *«А → В»* ҳақ мешавад.

Алоқаи байни асос ва натиҷае, ки бо муҳокимаи шартӣ ифода меёбад, баъзан бевосита алоқаи сабабии байни ҳодисаҳои воқеияти реалиро инъикос менамояд, «Агар борон борад, за-

мин тар мешаьад», «Агар халқҳои ҷаҳон кори сулҳро ба дасти худ гиранд, он гоҳ сулҳ, мустаҳкам ва пойдор мегардад».

Дар воқеияти реалӣ «омадани борон» сабаб буда, «тар шудани замин» натиҷаи реалӣ мебошад, мисли ҳамин «тафсондани оҳан» сабаб буда, «васеъ шудани ҳаҷми он» натиҷаи реалӣ аст, «кори сулҳро ба дасти худ гирифтани халқҳои ҷаҳон» сабаб буда, «пойдор ва мустаҳкам гардидани сулҳ» натиҷа мешавад.

Баъзан асос ва натиҷаи мантиқӣ бо сабаб ва натиҷаи реалӣ мувофиқ намеоянд. Масалан, дар муҳокимаи «Агар об ях карда бошад, ҳаво хунук аст». Дар ин ҷо ҳолати баръакс мушоҳида карда мешавад, яъне «хунук будани ҳаво» сабаби реали ва «ях кардани об» бошад, натиҷаи реалӣ мебошад. Вале ин ва муҳокимаҳои ба ин монанд на ин ки бевосита, балки бавосита алоқаҳои сабабии воқеиятро инъикос менамоянд.

Баъзан муҳокимаҳои шартӣ ба ҳам баробар мавҷуд будани нишонаҳоро инъикос менамояд. Масалан, «Агар ҷумла мураккаб бошад, он гоҳ дар таркиби он ҷумлаи тобеъкунанда ва тобеъшаванда мавҷуданд».

Муҳокимаҳои шартӣ ғайр аз алоқаҳои сабабӣ, бо ҳам баробар вуҷуд доштани нишонаҳо ва дигар хел алоқаҳои зарурии ҳодисаҳои воқеиятро инъикос мекунанд. Вале муҳокимаи шартӣ ҳамеша бо ёрии пайвандаки «агар..., он гоҳ» ташкил намеёбад. Баъзан муҳокимаи шартӣ бо ёрии дигар воситаҳои мантиқӣ ҳам ифода меёбанд. Баъзан, баръакс, ҷумлаҳое ҳастанд, ки дар таркиби худ пайвандакҳои «агар... он гоҳ» дошта, вале муҳокимаи шартиро ифода намекунанд. Чунончи, «Агар Раҳмонов дар соли хониши гузашта суст бошад, имсол яке аз талабагони беҳтарини синф аст». Дар ин ҷумла пайвандаки «агар» бошад ҳам, вале вай ифодаи муҳокимаи шартӣ нест.

Муҳокимаҳои шартӣ барои илм ва фаъолияти амалӣ аҳамияти калон доранд.

б) Муҳокимаи мунфасил (дизъюнктивӣ). Чунин муҳокимаи мураккабе, ки дар натиҷаи алоқаманд намудани муҳокимаҳои содда ба воситаи пайвандаки мантиқии «ё» ташкил меёбад, муҳокимаи мунфасил меноманд.

Пайвандаки мантиқии «ё» ду маъно дорад. Пайвандаки «ё» маънои қатъияи ҷудокунӣ (мунфасили қатъӣ) ва маънои пайваста — ҷудокунӣ (мунфасили суст) дорад.

Масалан, дар муҳокимаи: «Ин калима ё исми хос ($A$) ё исми ҷинс ($B$) мебошад» пайвандаки «ё» маънои қатъияи ҷудокунӣ дорад.

Дар муҳокимаи мазкур чунин фикр тасдиқ карда мешавад:

1) Ин калима, албатта, яке аз ду навъи исм мебошад.

2) Ин калима ҳам исми хос ва ҳам исми ҷинс шуда наметавонад.

Бинобар ин, муҳокимаи мураккаби дар боло зикршуда танҳо дар он мавриде ки яке аз ду муҳокимаҳои таркибӣ ҳақ буда, дигараш дурӯғ аст, ҳақ мешавад ва агар ҳар ду муҳокимаҳои таркиби дурӯғ ва ё ҳар дуяшон ҳам ҳақ бошанд, дурӯғ мешавад.

Аз ин сабаб пайвандаки қатъиян ҷудокунанда ба тарзи зерин таъриф карда мешавад: пайвандаки қатъиян ҷудокунанда «ё» чунин алоқаи ду муҳокимаи аввалин муҳокимаи нави мураккабро ташкил медиҳад, ки ин муҳокимаи мураккаб танҳо дар он мавриде ки яке аз муҳокимаҳои соддаи таркибӣ ҳақ буда, дигараш дурӯғ бошад, ҳақ мешавад ва агар ҳар ду муҳокимаҳои таркибӣ дурӯғ бошанд ё ҳар ду муҳокимаҳои таркибӣ ҳақ бошанд, муҳокимаи нави мураккаб дурӯғ мешавад.

Пайвандаки қатъиян ҷудокунандаи «ё» бо чунин аломат ишора карда мешавад: $\overline{\vee}$. Пас, муҳокимаи «*A* ё *B*» ба тарзи зерин навишта мешавад: «$A \overline{\vee} B$».

Таърифи пайвандаки мантиқии қатъиян ҷудокунанда ба тарзи ҷадвали зерин навишта мешавад:

| *A* | *B* | $A \overline{\vee} B$ |
|---|---|---|
| ҳ | ҳ | д |
| ҳ | д | ҳ |
| д | ҳ | ҳ |
| д | д | д |

Аз ҷадвали дар боло баёнгардида маълум мешавад, ки муҳокимаи мураккаби «$A \overline{\vee} B$» дар он мавриде ки муҳокимаи *A* ҳақ бошад, муҳокимаи *B* дурӯғ аст ва дар он мавриде ки муҳокимаи *A* дурӯғу *B* ҳақ бошад, ҳақ мешавад. Дар дигар мавридҳо муҳокимаи мураккаби «$A \overline{\vee} B$» дурӯғ мешавад.

Дар муҳокимаи «Студенте ки кори дипломиашро бомуваффақият ҳимоя кард ё боистеъдод аст *(A)* ё бағайрат *(B)*», пайвандаки «ё» маънои пайвастаҷудокунӣ дорад.

Дар муҳокимаи зикршуда фикри зерин тасдиқ карда мешавад:

1) Студент кори дипломиашро бомуваффақият ҳимоя кард, чунки вай ё боистеъдод аст ё бағайрат ё ҳам боистеъдод ва ҳам бағайрат аст.

2) Агар студент на истеъдод медошт ва на ғайрат, кори дипломиашро бомуваффақият ҳимоя карда наметавонист.

Бинобар ин, муҳокимаи мураккаби зикршуда дар мавриде ки ҳатто яке аз муҳокимаҳои соддаи таркибиаш ҳақ бошад, ҳақ мешавад ва агар ҳар ду муҳокимаи таркибиаш дурӯғ бошад, дурӯғ мешавад.

Аз ин сабаб пайвандаки пайваста-ҷудокунандаи *«ё»* ба тарзи зерин таъриф карда мешавад: пайвандаки пайваста-ҷудокунан-

дан «ё» чунин алоқаи ду муҳокимаи аввали муҳокимаи нави мураккабро ташкил мекунад, ки ин муҳокимаи мураккаб танҳо дар он мавриде ки ақаллан яке аз муҳокимаҳои таркибиаш ҳақ бошад, ҳақ мешавад ва агар ҳар ду муҳокимаи таркибиаш дурӯғ бошад, дурӯғ мешавад. Пайвандаки пайваста-ҷудокунандаи «ё» бо аломати: $\vee$ ифода карда мешавад.

Таърифи пайвандаки пайваста-ҷудокунандаи «ё» ($\vee$) бо ҷадвали зерин ифода карда мешавад:

| $A$ | $B$ | $A \vee B$ |
|---|---|---|
| ҳ | ҳ | ҳ |
| ҳ | д | ҳ |
| д | ҳ | ҳ |
| д | д | д |

Аз ҷадвали дар боло баёнгардида маълум мешавад, ки муҳокимаи мураккаби «$A \vee B$» дар он мавриде ки муҳокимаҳои $A$ ва $B$ ҳақанд ва дар он мавриде ки муҳокимаи $A$ ҳақ буда, муҳокимаи $B$ дурӯғ аст ва дар он мавриде ки муҳокимаи $A$ дурӯғ буда муҳокимаи $B$ ҳақ аст, ҳақ мешавад ва дар он мавриде ки муҳокимаҳои $A$ ва $B$ дурӯғанд, дурӯғ мешавад.

Бинобар ин, муҳокимаи мунфасил ба ду навъ тақсим мешавад: 1) муҳокимаи мунфасили қатъияи ҷудокунанда; 2) муҳокимаи мунфасили пайваста-ҷудокунанда.

Маънои муҳокимаи мунфасил бо тағъир ёфтани тартиби аъзоҳои он дигаргун намешавад. Агар муҳокимаи «$A \vee B$» ҳақ бошад, он гоҳ муҳокимаи «$B \vee A$» ҳам ҳақ мешавад; агар муҳокимаи «$A \overline{\vee} B$» дурӯғ бошад, он гоҳ муҳокимаи «$B \vee A$» ҳам дурӯғ мешавад. Агар муҳокимаи $A \vee B$ ҳақ бошад, он гоҳ муҳокимаи «$B \vee A$» ҳақ мешавад, агар муҳокимаи «$A \vee B$» дурӯғ бошад, он гоҳ муҳокимаи «$B \vee A$» ҳам дурӯғ мешавад.

Муҳокимаҳои мунфасил на фақат аз ду муҳокимаи содда, балки аз якчанд муҳокимаҳои содда ҳам ташкил меёбанд. Муҳокимаҳои мунфасиле ки аз якчанд муҳокимаи содда ташкил ёфтаанд, бо формулаи зерин ишора карда мешаванд: «$A_1$, ё $A_2$, ё $A_3$, ё $A_4$, ё... $An$».

Муҳокимаҳои мунфасили қатъияи ҷудокунандае, ки аз ду зиёд муҳокимаҳои содда ташкил ёфтаанд, агар яке аз муҳокимаҳои таркибиашон ҳақ буда, дигарашон дурӯғанд, ҳақ мешаванд. Масалан, муҳокимаи «Ин маҷмӯаи шеърҳо ё маҷмӯаи шеърҳои шоири $A_1$ ё шоири $A_2$ ё шоири $A_3$» танҳо дар мавриде ки яке аз муҳокимаҳои таркибиаш ҳақ буда, дутои дигараш дурӯғ бошад, ҳақ мешавад. Агар муҳокимаи «Ин маҷмӯаи шеърҳо маҷмӯаи шеърҳои шоири $A_1$ аст», ҳақ бошад, ду муҳокимаи дигар («Ин маҷмӯаи шеърҳо маҷмӯаи шеърҳои шоири $A_2$ аст» ва «Ин маҷ-

мӯаи шеърхо маҷмӯаи шеърҳои шоири $A_3$ аст») дурӯғанд, зеро ки маҷмӯаи шеърҳо, ки маҷмӯаи шеърҳои $A_1$ бошанд, дар айни ҳол маҷмӯаи шеърҳои шоири $A_2$ ва шоири $A_3$ шуда нометавонанд.

Муҳокимаи мунфасили пайваста-ҷудокунандаи аз ду зиёд муҳокимаҳои содда ташкилёфта, агар ақаллан яке аз муҳокимаҳои таркибиаш ҳақ бошад, ҳақ мешавад.

в) Муҳокимаи пайвасткунанда (конъюнктивӣ). Муҳокимаҳои мураккабе ки дар натиҷаи алоқаманд намудани муҳокимаҳои содда ба воситаи пайвандаки мантиқии *«ва»* ташкил меёбанд, муҳокимаҳои пайвасткунанда ном доранд.

Пайвандаки мантиқии *«ва»* бо ёрии аломати $\wedge$ ишора карда мешавад.

Масалан, «Раҳматов дар колхоз кор мекунад *(A)* ва дар мактаби олӣ мехонад *(B)*». Ин студент аълохон *(A)* ва ҷамоатчии фаъол аст *(B)*».

Пайвандаки мантиқии *«ва»* ба тарзи зерин таъриф карда мешавад.

Пайвандаки мантиқии *«ва»* чунин алоқаи муҳокимаҳои соддаи муҳокимаи мураккаби навро ташкилкунандае мебошад, ки дар он агар муҳокимаҳои таркибиаш ҳақ бошанд, пас муҳокимаи мураккаби нав ҳақ мешавад, вале агар яке аз муҳокимаҳои таркибиаш дурӯғ бошад, дурӯғ мешавад.

Таърифи пайвандаки мантиқии *«ва»* ($\wedge$) бо ёрии ҷадвали зерин ифода карда мешавад:

| *A* | *B* | *A* ∧ *B* |
|---|---|---|
| *ҳ* | *ҳ* | *ҳ* |
| *ҳ* | *д* | *д* |
| *д* | *ҳ* | *д* |
| *д* | *д* | *д* |

Аз ин ҷадвал маълум мегардад, ки муҳокимаи мураккаби пайвасткунандаи «$A \wedge B$» дар он мавриде ки муҳокимаҳои таркибии *A* ва *B* ҳақ бошанд, ҳақ мешавад ва дар дигар мавридҳо дурӯғ мешавад.

Масалан, баёноти айбдор, ки аз пайвастшавии якчанд муҳокимаҳо иборат буда, воқеаи муайянро ифода менамояд, агар ҳар як муҳокимаи баён намудааш ҳақ бошад, ҳақ мешавад ва дар дигар мавридҳо дурӯғ мешавад.

Аз ин мисол маълум мегардад, ки ба воситаи пайвандаки *«ва»* на фақат ду муҳокимаи содда, балки якчанд муҳокимаҳо низ алоқаманд карда мешаванд.

Муҳокимаи пайвасткунандае, ки муҳокимаҳои соддаи бисёреро дар бар мегирад, бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$A_1 \wedge A_2 \wedge A_3 \wedge \dots \wedge An».$$

Пайвандаки мантиқии пайвасткунанда дар забон на танҳо бо ёрии *«ва»* ифода меёбад, балки ба воситаи пайвандакҳои *«у»*, *«боз»*, *«ҳам»* ва ғайра низ ифода меёбад.

Маънои муҳокимаи мураккаби пайвасткунанда бо тағйирёбии тартиби аъзоҳои он тағйир намеёбад. Чунончи, агар муҳокимаи «$A \wedge B$» ҳақ бошад, дар он сурат муҳокимаи «$B \wedge A$» ҳам ҳақ мешавад ва агар муҳокимаи «$A \wedge B$» дурӯғ бошад, он гоҳ муҳокимаи «$B \wedge A$» ҳам дурӯғ мешавад.

## § 10. ИНКОРИ МУҲОКИМА

Инкори муҳокима чунин амали мантиқиест, ки ба воситаи он сохти муҳокима тағйир дода мешавад. Дар натиҷаи амали мантиқии инкор аз муҳокимаи аввалӣ чунин муҳокимае пайдо мешавад, ки агар муҳокимаи аввалӣ дурӯғ бошад, ин муҳокима ҳақ мешавад ва агар муҳокимаи аввалӣ ҳақ бошад, ин муҳокима дурӯғ мешавад.

Агар муҳокимаи аввалиро бо аломати $A$ ишора намоем ва муҳокимае ки дар натиҷаи инкори муҳокимаи мазкур ба вуҷуд меояд, бо аломати $\overline{A}$ яъне бо $A$ ва аломати инкор ишора кунем, дар ин сурат ҳақ ва дурӯғ будани муҳокимаҳои $A$ ва $\overline{A}$-ро бо ҷадвали зерин ифода намудан мумкин аст:

| $A$ | $\overline{A}$ |
|---|---|
| ҳ | д |
| д | ҳ |

Аз ин ҷадвал маълум мегардад, ки агар муҳокимаи $A$ ҳақ бошад, он гоҳ инкори он, яъне муҳокимаи $\overline{A}$ дурӯғ мешавад ва баръакс агар муҳокимаи $A$ дурӯғ бошад, дар он сурат муҳокимаи $\overline{A}$ ҳақ мешавад.

Дар илми мантиқ муҳокимаи $A$ ва $\overline{A}$ муҳокимаҳои баҳамзид ном доранд.

Инкори муҳокимаи шартӣ бо формулаи зерин навишта мешавад:

$$«\overline{A \to B}»$$

формулаи мазкур ин тавр хонда мешавад: «$A \to B$ дурӯғ аст», яъне аз муҳокимаи $A$ муҳокимаи $B$ дурӯғ мебарояд.

Амали инкори муҳокимаи мураккаб бо хати калоне дар болои тамоми формула ифодаёфта, ишора карда мешавад.

Инкори муҳокимаи мунфасили пайваста-ҷудокунанда бо чунин формула ифода меёбад:

$$«A \overline{\vee} B»$$

формулаи мазкур ин тавр хонда мешавад: «Муҳокимаи «$A$ ё $B$» ҳақ гӯем», дурӯғ аст.

Инкори муҳокимаи мураккаби пайвасткунанда бо чунин формула навишта мешавад: «$A \wedge B$». Формулаи мазкур ин тавр хонда мешавад:

«Инкор карда мешавад, ки $A \wedge B$».

## § 11. МУНОСИБАТИ БАЙНИ МУҲОКИМАҲО

Хусусияти муҳимми муҳокима ҳақ будани он мебошад. Ҳақ ё дурӯғ будани муҳокимаро донистан аҳамияти калон дорад. Барои дар процесси тафаккур дар баҳсу мунозира дониста гирифтани дар бораи ин ё он масъала ҳақ ва дурӯғ будани муҳокимаҳо бояд муносибати байни муҳокимаҳо аз худ карда шавад.

Дар байни муҳокимаҳое, ки мазмунашон як хел буда, шаклашон гуногун аст, муносибатҳои муайян дида мешаванд. Барои донистани муносибати муҳокимаҳои мазмунашон як хелу шаклашон гуногун бояд мазмун ва шакли онро фаҳмид.

Мазмуни муҳокимаро ҳамон предметҳо ва нишонаҳое, ки дар ин муҳокима инъикос ёфтаанд, ташкил медиҳанд. Мазмуни муҳокимаро баъзан материяи муҳокима ҳам меноманд. Сифат ва миқдор шакли муҳокимаро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки муҳокимаҳо аз ҷиҳати сифат ва миқдори худ ба чор навъ тақсим мешаванд: муҳокимаи умумии тасдиқӣ, ҷузъии тасдиқӣ, умумии инкор ва ҷузъии инкор. Ин чор навъи муҳокима чор шакли муҳокимаро ташкил медиҳанд. Агар дар ҳамин чор навъи муҳокима ҳам як хел предметҳо ва нишонаҳо инъикос ёбанд, пас, ин муҳокимаҳо, мазмунан як хел, вале шаклан гуногун мешаванд.

Масалан, муҳокимаҳои «Ҳамаи ин шахсон адабиётшинос мебошанд», «Ҳеҷ яке аз ин шахсон адабиётшинос намебошанд», «Баъзеи ин шахсон адабиётшиносанд» ва «Баъзеи ин шахсон адабиётшинос нестанд» аз ҷиҳати мазмун як хел буда, шаклан гуногунанд, зеро ҳамаи ин муҳокимаҳо як хел предмет ва нишонаҳои онро инъикос намуда, аз ҷиҳати сифат ва миқдори худ фарқ мекунанд. Дар байни ҳамин гуна муҳокимаҳо муносибатҳои муайян дида мешаванд. Муносибати байни муҳокимаҳои мазмунашон як хел ва шаклашон гуногун аз он иборат аст, ки аз дониста гирифтани ҳақ ё дурӯғ будани яке аз онҳо, ҳақ ва дурӯғ будани дигари онҳо муқаррар карда мешавад. Маълум аст, ки ин чор навъи муҳокимаҳои дар боло зикргардида бо ҳарфҳои алоҳида *А* (муҳокимаи умумии тасдиқӣ), *i* (муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ), *E* (муҳокимаи умумии инкорӣ) ва *O* (муҳокимаи ҷузъии инкорӣ) ишора карда мешаванд. Бинобар ин, ҳақ ва дурӯғ будани




Расми 14.

яке аз ин муҳокимаҳо аниқ бошад, дар асоси донистани муносибати байни онҳо, ҳақ ё дурӯғ будани дигари ин муҳокимаҳоро муқаррар кардан мумкин аст.

Одатан дар илми мантиқ, муносибати байни муҳокимаҳои мазмунашон як хел ва шаклашон гуногун ба воситаи чоркунҷае,

ки мураббаи мантиқӣ ном дорад, нишон дода мешавад. (Нигар ба расми 14).

Аз ин мураббаи мантиқӣ маълум мегардад, ки дар байни муҳокимаҳои умумии тасдиқӣ *(A)* ва умумии инкорӣ *(E)* муносибати муқобилӣ мавҷуд аст. Муносибати муқобилӣ чунин маънӣ дорад, ки ин гуна муҳокимаҳо якбора ҳақ нашуда, баъзан якбора дурӯғ ҳам мешаванд.

Дар байни муҳокимаҳои умумии тасдиқӣ *(A)* ва ҷузъии инкорӣ *(O)* ва дар байни муҳокимаҳои умумии инкорӣ *(E)* ва ҷузъии тасдиқӣ *(i)* муносибати зиддият мавҷуд аст, ки ин гуна муҳокимаҳо якбора на дурӯғ мешаванд, на ҳақ. Агар яке аз онҳо дурӯғ бошад, дигараш ҳақ мешавад ва, баръакс, яке аз онҳо ҳақ бошад, дигараш дурӯғ мешавад.

Дар байни муҳокимаҳои умумии тасдиқӣ *(A)* ва ҷузъии тасдиқӣ *(i)* ва дар байни муҳокимаҳои умумии инкорӣ *(E)* ва ҷузъии инкорӣ *(O)* муносибати тобеият вуҷуд дорад, ки мувофиқи ин муносибат аз ҳақ будани муҳокимаи умумӣ ҳақ будани муҳокимаи ҷузъӣ аз дурӯғ будани муҳокимаи ҷузъӣ, дурӯғ будани муҳокимаи умумӣ пайдо мешавад, вале аз муҳокимаи дурӯғи умумӣ ҳамеша муҳокимаи ҷузъии дурӯғ намебарояд ва аз муҳокимаи ҷузъии ҳақ ҳамеша муҳокимаи умумии ҳақ намебарояд.

Дар байни муҳокимаҳои ҷузъии тасдиқӣ *(i)* ва ҷузъии инкорӣ *(O)* муносибати муқобилияти поёнӣ мавҷуд аст, ки мувофиқи ин муносибат муҳокимаҳои *i* ва *O* якбора дурӯғ намешаванд, вале онҳо якбора ҳақ шуда метавонанд.

Ин муносибатҳоро барои дурусттар фаҳмида гирифтан якчанд мавридҳои зеринро таҳлил мекунем:

Дар мавриди якӯм чунин муҳокимаҳоро дида мебароем:

1) «Ҳамаи империалистҳо истисморкунандаанд» (Ин муҳокимаи *A* — ҳақ аст).

2) «Баъзе империалистҳо истисморкунандаанд» (Ин муҳокимаи *i* — ҳақ аст).

3) «Ҳеҷ як империалист истисморкунанда нест» (Ин муҳокимаи *E* — дурӯғ аст).

4. Баъзе империалистҳо истисморкунанда нестанд» (Ин муҳокимаи *O* — дурӯғ аст).

Ба ҳамин тариқ, дар мавриди якӯм муҳокимаи *A* ҳақ, *i* ҳақ, *E* дурӯғ ва *O* дурӯғ аст.

Ин гуна муносибатро бо расми зерин ишора менамоем:

1)




Дар мавриди дуйӯм чунин муҳокимаҳоро дида мебароем:

1. «Ҳеҷ як давлати капиталистӣ барои манфиати меҳнаткашон хизмат намекунад» (Ин муҳокимаи *E* ҳақ аст).

2. «Баъзе давлатҳои капиталистӣ барои манфиати меҳнаткашон хизмат намекунанд» (Ин муҳокимаи *O* ҳақ аст).

3. «Ҳамаи давлатҳои капиталистӣ барои манфиати меҳнаткашон хизмат мекунанд» (Ин муҳокимаи *A* дурӯғ аст).

4. «Баъзе давлатҳои капиталистӣ барои манфиати меҳнаткашон хизмат мекунанд» (Ин муҳокимаи *i* дурӯғ мебошад).

Ин муносибатро бо расми зерин нишон медиҳем:

2)

| | A | E | |
|---|---|---|---|
| A | дурӯғ | ҳақ | E |
| i | дурӯғ | ҳақ | O |

Пас, дар мавриди дуйӯм муҳокимаи *E* ҳақ, *O* ҳақ, *A* дурӯғ ва *i* дурӯғ аст.

Дар мавриди сейӯм муҳокимаҳои зеринро дида мебароем:

1. «Баъзе давлатҳои Шарқ мамлакатҳои халқии демократӣ мебошанд» (Ин муҳокимаи *i* ҳақ аст).

2. «Баъзе давлатҳои Шарқ мамлакатҳои халқии демократӣ нестанд» (Ин муҳокимаи *O* ҳақ аст).

3. «Ҳамаи давлатҳои Шарқ мамлакатҳои халқии демократӣ мебошанд» (Ин муҳокимаи *A* дурӯғ мебошад).

4. «Ҳеҷ як давлати Шарқ мамлакати халқии демократӣ намебошад» (Ин муҳокимаи *E* дурӯғ мебошад).

Ба ҳамин тариқ, дар мавриди сейӯм муҳокимаи *i* ҳақ, *O* ҳақ, *A* дурӯғ ва *E* дурӯғ мебошад. Ин мавридро бо расми зерин нишон медиҳем:

3)

| | | | |
|---|---|---|---|
| A | дурӯғ | дурӯғ | E |
| i | ҳақ | ҳақ | O |

Агар ба мо дурӯғ будани муҳокимаи *A* ё ҳақ будани муҳокимаи *O* маълум бошад, дар асоси ин ҳақ ва дурӯғ будани муҳокимаҳои дигарро муқаррар карда наметавонем, чунки агар муҳокимаи *A* ҳақ бошад, муҳокимаи *E* мувофиқи мавриди дуйӯм ҳақ аст ва мувофиқи мавриди сейӯм дурӯғ мебошад. Мисли ҳамин, агар ҳақ будани муҳокимаи *O* маълум бошад, мо ба воситаи мантиқ ҳақ ва ё дурӯғ будани муҳокимаи *i*-ро муқаррар карда наметавонем, зеро муҳокимаи *i* дар он вақт мувофиқи мавриди дуйӯм дурӯғ ва дар мавриди сейӯм ҳақ мешавад. Пас ин мавридҳоро якҷоя карда як мавриди номуайяниро пайдо мекунем, ки онро ин тавр ишора кардан мумкин аст:

1)

| | | | |
|---|---|---|---|
| A | дурӯғ | номуайян | E |
| i | номуайян | ҳақ | O |

Мафҳуми номуайянӣ чунин маъно дорад, ки муҳокимаи мазкур ё ҳақ ва ё ин ки дурӯғ мебошад.

Агар ба мо дурӯғ будани муҳокимаи *E* ва ё ҳақ будани муҳокимаи *i* маълум бошад ҳам, ба воситаи мантиқ ҳақ ва ё дурӯғ будани муҳокимаи *A* ва муҳокимаи *O*-ро муқаррар карда наметавонем, чунки дар ин вақт мувофиқи мавриди якӯм муҳокимаи *A* ҳақ (муҳокимаи *O* дурӯғ) мешавад, мувофиқи мавриди сейӯм муҳокимаи *A* дурӯғ (муҳокимаи *O* ҳақ) мешавад. Пас, мавридҳои якӯм ва сейӯмро якҷоя карда, мавриди дуйӯми номуайянро пайдо мекунем. Ин гуна мавриди номуайянро бо расми зерин нишон медиҳем:

2)

| A | | E |
|---|---|---|
| | номуайян | дурӯғ |
| | ҳақ | номуайян |
| *i* | | O |

Мавридҳои дар боло дидашударо ба назар гирифта, дар бораи муҳокимаҳои мазмунашон якхелаю шаклашон гуногун ба тарзи мухтасар хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

1. Агар ҳақ будани муҳокимаи *A* маълум бошад, он гоҳ муҳокимаи *i* ҳақ, муҳокимаи *E* дурӯғ ва *O* дурӯғ мешавад.

2. Агар дурӯғ будани муҳокимаи *A* маълум бошад, он гоҳ муҳокимаи *O* ҳақ, муҳокимаи *E* ва муҳокимаи *i* номуайян (яъне ё ҳақ, ё дурӯғ) мемонад.

3. Агар ҳақ будани муҳокимаи *E* маълум бошад, он гоҳ муҳокимаи *O* ҳақ, муҳокимаи *A* ва муҳокимаи *i* дурӯғ мешавад.

4. Агар дурӯғ будани муҳокимаи *E* маълум бошад, он гоҳ муҳокимаи *i* ҳақ, муҳокимаи *A* ва муҳокимаи *O* номуайян мемонанд.

5. Агар ҳақ будани муҳокимаи *i* маълум бошад, он гоҳ муҳокимаи *E* дурӯғ, муҳокимаи *A* ва муҳокимаи *O* номуайян мемонад.

6. Агар дурӯғ будани муҳокимаи *i* маълум бошад, он гоҳ муҳокимаи *E* ва муҳокимаи *O* ҳақ ва муҳокимаи *A* дурӯғ мешавад.

7. Агар ҳақ будани муҳокимаи *O* маълум бошад, он гоҳ муҳокимаи **A** дурӯғ, муҳокимаи *E* ва муҳокимаи *i* номуайян мемонад.

8. Агар дурӯғ будани муҳокимаи *O* маълум бошад, он гоҳ муҳокимаи *A* ва муҳокимаи *i* ҳақ ва муҳокимаи *E* дурӯғ мешавад.

Чунинанд муносибатҳои муҳокимаҳои мазмунашон якхела ва шаклашон гуногун. Донистани муносибати байни муҳокимаҳо барои аз фикрҳо дуруст хулоса баровардан ва фикрҳои ҳақро аз фикрҳои дурӯғ ҷудо карда тавонистан аҳамияти калон дорад.

## БОБИ V

# ҚОНУНҲОИ АСОСИИ МАНТИҚӢ

## § 1. МАФҲУМИ УМУМӢ ОИД БА ҚОНУНҲОИ МАНТИҚӢ

Тафаккури дуруст яке аз шартҳои зарурии донистани ҳақиқат аст.

Барои донистани воқеияти реалӣ дуруст будани тафаккур яке аз шартҳои асосӣ мебошад. Хислатҳои тафаккури дуруст муайянӣ, мунтазамӣ, пайдарҳамӣ ва асоснокии он мебошад. Номуайянӣ — дар хулосабарорӣ, исботкунӣ ба якчанд маъно кор фармудани як мафҳум, зиддияти байни ҳамдигарии фикрҳо, дар як вақт ҳам тасдиқ кардан, ҳам рад намудани фикрҳои ба ҳам зид, дар бораи ягон предмет ҳақ эътироф намудани муҳокимаҳо, фикрҳои беасос, дар бораи нодурустии тафаккур шаҳодат медиҳанд.

Муайянӣ, мунтазамӣ, асоснокии фикрро, ки яке аз шартҳои дониста гирифтани ҳақиқат мебошад, ба воситаи қонун ва қоидаҳои мантиқӣ ифода карда мешавад.

Қонунҳои асосии тафаккури муайян, мунтазам ва асоснок чор навъанд: қонуни айният, қонуни зиддият, қонуни истиснои салоса ва қонуни асоси басанда. Ин қонунҳои тафаккури мантиқӣ характери умумӣ дошта, онҳо нисбат ба ҳамаи шаклҳои фикр: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ ва исбот амал мекунанд.

Дар рафти амалиёт бо мафҳум, муҳокима ва хулосабарорӣ қувваи ҳаракати қонунҳои мантиқӣ зоҳир мегардад. Аз ин сабаб қонунҳои асосии мантиқӣ аз қоидаҳои мантиқӣ фарқ доранд. Қоидаҳои мантиқӣ танҳо нисбат ба ин ё он шакли тафаккур амал мекунанд. Бинобар ин, мафҳум қоидаҳои ба худ хос дорад, ки дар бораи онҳо дар боло сухан рафт. Хулосабарорӣ низ қоидаҳои ба худ хос дорад, ки мо онҳоро баъдтар дида мебароем. Қонунҳои мантиқӣ бошанд, нисбат ба ҳамаи шаклҳои фикр амал мекунанд.

Аз нуқтаи назари мантиқи материалистӣ на танҳо тафаккур ва шаклҳои он, балки қонунҳои мантиқӣ низ инъикоси воқеияти реалӣ мебошанд.

Бар хилофи ин таълимоти илмии ҳақиқӣ мантиқшиносони идеалист нисбат ба воқеияти реалӣ якӯмин будани қонунҳои тафаккурро исбот карданӣ мешаванд.

Идеалистони объективӣ даъво карданӣ мешаванд, ки гӯё олами моддӣ, инсон, тафаккур ва қондаҳои тафаккур офаридашуда, маҳсули ким-чӣ хел рӯҳияи мутлақи абадӣ аст.

Идеалистони субъективӣ чунин даъво мекунанд, ки гӯё қонунҳои мантиқӣ хусусияти аслии тафаккур, маҳсули шуури одам буда, инъикоси олами моддӣ намебошад ва амалиёти инсон ба ирода ва ихтиёри худи ӯ вобаста аст.

Ба фикри Кант қондаҳои илм на ин ки инъикоси қонунҳои табиат, балки хирад ба табиат қонунҳоро ба таври амри қатъӣ ҷорӣ мекунад.

Мантиқи материалистӣ ин гуна ақидаҳои зиддиилмиро рад намуда, таълим медиҳад, ки тафаккур ва қонунҳои он инъикоси реалии объективие мебошад, ки берун аз шуури инсон вуҷуд дошта ба он вобаста нест. Чи навъе ки В. И. Ленин қайд менамояд, «... қонунҳои тафаккур на танҳо аҳамияти субъективӣ доранд, яъне қонунҳои тафаккур шаклҳои мавҷудияти воқеии предметҳоро инъикос менамоянд, аз ин шаклҳо фарқ надошта, балки ба онҳо тамоман монанд ҳастанд...» [1].

Қонунҳои тафаккур инъикоси ҷиҳатҳо, муносибати муайяни предметҳои олами моддӣ мебошанд ва дар натиҷаи фаъолияти амалӣ-истеҳсолии инсон мустаҳкам гардида, дар айни замон исботро талаб намекунанд.

Бинобар ин, қонунҳои тафаккур дорои чунин мазмунанд, ки ин мазмун ба хоҳиш ва иродаи шахси ҷудогона ва умуман ба инсоният вобаста нест. Шахси алоҳида ва умуман инсоният бо хоҳиш ва иродаи худ мазмуни объективии қонунҳои мантиқиро бекор карда ё тағйир дода наметавонад. Бинобар ин, мазмуни объективии қонунҳои тафаккурро вайрон кардан мумкин нест. Дар процесси тафаккури нодуруст талаботе, ки аз ин мазмуни объективӣ сар мезанад, вайрон карда мешаванд. Пас, мазмуни объективии қонун ва талабот, нормае ки аз вай бароварда мешавад, айнан як чиз нест. Норма ва талаботи қонунҳо дар вақти содир гардидани хатоҳои мантиқӣ вайрон карда мешаванд. Вале мазмуни объективии қонун ҳеҷ гоҳ вайрон намешавад. Чунончи, ду фикр, ду муҳокимаи ба ҳам зидди дар бораи як чиз гуфташуда мувофиқи мазмуни объективии қонуни зиддияти мантиқӣ дар як вақт ҳақ шуда наметавонанд. Дар асоси ин мазмуни объективӣ талаб карда мешавад, ки ду фикри ба ҳам зидди дар бораи як чиз гуфташуда дар як вақт набояд ҳақ дониста шавад. Агар ин гуна фикрҳо ҳақ шуморида шаванд, талаботи қонуни зиддият вайрон карда шуда, вале худи ин фикрҳои ба

---

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷ. 14, саҳ. 419.

ҳам зид ҳеҷ гоҳ ҳақ намешаванд ва мазмуни объективии ин қонуни мантиқӣ вайрон намешавад.

Мисли қонуни зиддият дигар қонунҳои мантиқӣ ҳам характери объективӣ доранд, ки вайро одам дигар карда ва тағьир дода наметавонад. Дар он мавридҳое, ки тафаккури мо номуайян, зиддиятнок ва беасос мегардад, талаботи қонунҳои мантиқӣ вайрон карда мешаванд.

## § 2. ҚОНУНИ АЙНИЯТ

Мазмуни қонуни якӯми тафаккури мантиқӣ чунин ифода карда мешавад: **фикр, мафҳуми айниятдор, фарқнок** намешавад. Мувофиқи қонуни айният ҳар як фикр, мафҳум дорои мазмуни муайяни конкретӣ мебошад, пас, ин мафҳум дар доираи муайяни хулосабарорӣ ва исботкунӣ чанд бор такрор шавад ҳам, мазмуни худро гум намекунад. Масалан, дар рафти хулосабарорӣ ё исботкунӣ мафҳуми «қаҳрамони асари бадеӣ» кор фармуда шуда, чанд бор такрор шавад ҳам, мазмуни худро гум намекунад; ё ки дар вақти тафаккур мафҳуми «халқ» ба кор бурда шавад ва ин мафҳум борҳо такрор шавад ҳам, мазмуни худро гум намекунад. Аз ин сабаб қонуни айниятро кайҳо боз дар илми мантиқ бо ёрии формулаи «*A*—*A* аст», «*A*=*A*», «*A*≡*A*» (яъне *A* эквиваленти *A*) ифода мекунанд. Маънои ин формула иборат аз он аст, ки мафҳуми *A* мазмуни муайяни конкретӣ дорад ва ин мафҳум дар процесси тафаккур, хулосабарорӣ, исботкунӣ борҳо ба кор бурда шавад ҳам, *A* будани худро гум намекунад.

Бинобар ин қонуни айният талаб мекунад, ки ҳар як мафҳум, фикр дар рафти фикркунӣ, хулосабарорӣ ва исботкунӣ бояд айнан ба мазмуни худаш кор фармуда шавад. Дар процесси тафаккур, мулоҳиза як мафҳум бо дигар мафҳум, як фикри дорои мазмуни муайяни конкретӣ бо фикри дорои дигар мазмуни конкретӣ набояд иваз карда шавад. Агар як мафҳум бо мафҳуми дигар иваз карда шуда, фикрҳои конкретӣ аралаш карда шаванд, аз ин гуна фикрҳо хулосаи дуруст баровардан мумкин нест.

Мазмуни ин қонуни мантиқиро халқ кайҳо бо чунин ибораҳо ифода кардааст: «Ман дар гӯям, ту девор мегӯӣ», «Ман тут гӯям, ту бед мегӯӣ», «Ман дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл», «Дарро задам, девор кафид» ва ҳоказо.

Ин қонуни айният, бешубҳа, бо гузаштани вақт тағьир ва инкишофи мазмуни мафҳумро рад намекунад. Мазмуни мафҳумҳо тағьир меёбанд, тараққӣ мекунанд. Ин қонуниист. Мафҳуми «Давлати халқи тоҷик дар асри X» ва мафҳуми «Давлати халқи тоҷик дар замони ҳозира» қатъиян ва мазмунан фарқ доранд; ё ки мафҳум дар бораи шаҳри Душанбеи солҳои бистӯм ва мафҳум дар бораи шаҳри Душанбеи солҳои шастӯм аз ҷиҳати мазмун ба куллӣ фарқ мекунад. Ин гуна тараққиёти мазмуни маф-

ҳумҳоро қонуни айнияти мантиқӣ инкор намекунад. Ин қонуни мантиқӣ таълим медиҳад, ки ҳар як мафҳум дар доираи хулосабарорӣ, исботкунии аниқ, бояд айнан ба мазмуни худаш кор фармуда шавад, яъне фикрҳо, мафҳумҳои мо муайян ва аниқ бошанд. Дар дохили як хулосабарорӣ, фикркунӣ набояд як мафҳум бо дигар мафҳум иваз карда шавад.

Дар Юнони қадим одамоне буданд, ки онҳо барои дар баҳсу мунозира ғолиб баромадан бошуурона ва қасдан қонунҳои мантиқиро, аз ҷумла, қонуни айниятро вайрон мекарданд ва онҳо бо номи софистҳо машҳур гардида буданд.

Инак, яке аз гуфтори софистҳо:

> Он чизе ки ту гум накардӣ, ту дорӣ,
> Ту шохҳоро гум накардай
> ___
> Пас, ту шох дорӣ.

Албатта, дар ин ҷо хулосаи баровардашуда ғалат мебошад. Барои чӣ ин хулоса ғалат, дурӯғ аст? Зеро дар ин ҷо қонуни айният вайрон карда шуда, як мафҳум, яъне мафҳуми «гум накардай» ба ду маъно кор фармуда шудааст. Дар муҳокимаи якӯм мафҳуми «гум накардай» ба он чизҳое дахлдор аст, ки онҳо ба одам тааллуқ доранд, дар муҳокимаи дуйӯм мафҳуми «гум накардай» ба он чизе (яъне шох) дахлдор аст, ки ин чиз ба одам хос намебошад. Маҳз аз сабаби ба ду маъно кор фармудани ҳамин мафҳум хулоса ғалат баромадааст.

Қонуни айният муайян, аниқ будани мафҳумҳоро дар ҳудуди ин ё он хулосабарорӣ талаб мекунад. Ин қонун номуайянии мазмуни мафҳумҳо ва думаъногии онҳоро рад мекунад.

Аз ин сабаб мутафаккирон, шахсони машҳур барои тафаккури дуруст аҳамияти калон доштани муайянӣ, аниқ ва возеҳ будани мазмуни мафҳумро борҳо қайд намудаанд.

Доҳиёни Партияи Коммунистӣ доимо дар рафти баҳсу мунозира ва муҳокима аралаш накардани мафҳумро талаб намуда ва ба думаъногӣ, ноаниқӣ, норавшании фикр роҳ намедоданд ва таъкид мекарданд, ки пеш аз баҳсу мунозира бояд мазмуни мафҳумҳои ба кор бурдашаванда возеҳ, аниқ, муайян карда шаванд. В. И. Ленин ва шогирдони ӯ ҳамеша аҳамияти илми мантиқро барои тафаккури дуруст қайд намуда, душманони оммаи меҳнаткашонро, ки мафҳумҳоро аралаш карда, як мафҳумро бо мафҳуми дигар иваз менамуданд, фош мекарданд.

В. И. Ленин дар яке аз асарҳояш фикрҳои бемантиқи оппортунист Каутскийро танқид карда навишта буд, ки дар бораи калимаҳо баҳсу мунозира кардан беақлист, вале барои мубоҳиса бурдан, пеш аз ҳама, бояд мазмуни мафҳумҳо аниқ карда шаванд.

## § 3. ҚОНУНИ ЗИДДИЯТ

Қонуни зиддият қонуни дуйӯми тафаккури мантиқӣ мебошад. Мазмуни қонуни зиддият чунин ифода карда мешавад: муҳокимаҳо, фикрҳо, гуфторҳои зиддиҳамдигарӣ дар бораи айнан ҳамин предмет баён гардида, агар онҳо дар як нисбат ва дар як вақт гирифта шаванд, якбора ҳақ намешаванд. Масалан, муҳокимаҳои зеринро аз назар мегузаронем: 1) «Кӯҳи Помир баланд аст»; 2) «Кӯҳи Помир баланд нест». Ин ду муҳокима — муҳокимаҳои ба ҳам зиданд, пас, мувофиқи таълими қонуни зиддият ин гуна муҳокимаҳо якбора ҳақ намешаванд. Вале, агар дар бораи чизе дар вақтҳои гуногун фикрҳои гуногун гуфта шаванд, ва ё умуман вақтҳои гуногун ба назар дошта шавад, пас дар байни ин муҳокимаҳо зиддият пайдо намешавад. Масалан, ин тавр гӯем: 1) «Ироқ — мамлакати ниммустамлика мебошад» ва 2) «Ироқ мамлакати мустақил аст». Агар муҳокимаи якӯмро изҳор намуда, солҳои 1950 ба назар дошта шавад ва муҳокимаи дуйӯмро ифода карда, солҳои 1964 ба назар дошта шавад, пас дар байни ин ду муҳокимаҳо зиддият ба вуҷуд намеояд. Бинобар ин, қонуни зиддият ин гуна фикрҳо, муҳокимаҳое ки дар байни ҳамдигар зиддият надоштаро инкор намекунад. Масалан: «Каримов аълохон мебошад» ва «Каримов аълохон намебошад»-ро мегирем. Дар ин ҷо Каримов аълохон намебошад гуфта истода соли гузаштаи хониш ба назар гирифта мешавад, Каримов аълохон мебошад, гуфта истода соли хониши чорӣ ба назар гирифта мешавад, ки дар байни ин тавр муҳокимаҳо зиддият ба миён намеояд, зеро мумкин Каримов дар соли хониши гузашта аълохон набуда, дар соли хониши чорӣ аълохон шуда бошад. Нисбат ба ҳамин гуна муҳокимаҳо ин қонуни мантиқӣ амал намекунад.

Чи тавре ки маълум аст, мувофиқи таълимоти материализми диалектикӣ дар олами моддӣ зиддиятҳои бисьёре мавҷуданд, ки онҳо мазмун, манбаи тағйирот ва тараққиёти ҳодисаҳоро ташкил медиҳанд. Ин гуна зиддиятҳои ҳаёт, ки олам танҳо ба воситаи онҳо инкишоф меёбад, қонуни зиддият онҳоро рад намекунад. Ин қонуни мантиқӣ умуман ба зиддиятҳои диалектикӣ вобаста нест. Қонуни зиддияти мантиқӣ танҳо зиддиятҳои бемаънӣ, сафсатаро манъ мекунад. Ин қонун—қонуни фикр аст. Дар тамоми амалиёти хулосабарорӣ ва исботкунӣ қувваи ҳаракати ин қонун зоҳир мегардад. Бинобар ин, дар вақти тафаккур бояд ин қонуни мантиқиро ба асос гирифта, ба зиддиятҳои бемаънӣ роҳ дода нашавад. Ҳар як фикр дар бораи чизе ки набошад, бояд аз зиддиятҳои мантиқӣ озод бошад, зеро мавҷудияти маҳз ҳамин гуна зиддиятҳо боиси нодурустии фикр, бемантиқии он мегардад. Агар ба ҳамин гуна зиддиятҳои бемаънӣ роҳ дода шавад, дар он маврид аз фикр, муҳокима, гуфторҳои изҳоргардида, хулосаи дуруст баровардан мумкин нест ва мо дар он

маврид фикри ҳақро исбот намуда, фикри дурӯғро рад карда ҳам наметавонем.

Қонуни зиддият фикрҳо, муҳокимаҳо, гуфторҳои ба ҳамзидди дар як нисбат гирифташударо якбора дар як вақт ҳақ надонистанро талаб мекунад. Агар ҳамин гуна фикрҳо, муҳокимаҳо ҳақ шуморида шаванд, талаби қонуни мазкур вайрон шуда, фикр номунтазам ва нодуруст мешавад.

Қонуни зиддият бо формулаи «$A \wedge \overline{A}$» ифода карда мешавад, ки дар ин ҷо $A$ ифодаи ҳар як муҳокима буда, $\overline{A}$—муҳокимаест, ки муҳокимаи $A$-ро инкор менамояд ва хатти калони дар болои формула баён гардида, инкори муҳокимаи мураккаби «$A \wedge A$»-ро мефаҳмонад. Формулаи мазкур чунин маъно дорад: дар як вақт муҳокимаи $A$ ва инкори он ҳақ шуда наметавонанд.

Шакли фикр, муҳокимаҳои дар байни ҳамдигар зиддияти мантиқӣ дошта гуногун мешаванд.

Барои муҳокимаҳои баҳамзид чунин мисолҳоро меорем:

1. «Ин ҷумла — ҷумлаи мураккаб аст» ва «Ин ҷумла — ҷумлаи мураккаб нест».
2. «Гражданини **X** ҷинояткор аст» ва «Гражданини **X** бовиҷдон аст».
3. «Ҳеҷ як студенти забоншинос қонунҳои олами заррачаҳои физикиро намеомӯзад» ва «Ҳамаи студентони забоншинос қонунҳои олами заррачаҳои физикиро меомӯзанд».
4. «Ҳамаи нависандагон — нависандагони классик мебошанд» ва «Баъзе нависандагон — нависандагони классик намебошанд».
5. «Ҳеҷ як давлати африкоӣ — давлати халқӣ намебошанд» ва «Баъзе давлатҳо халқӣ мебошанд».
6. «Агар талаба лекцияро бодиққат гӯш кунад, он гоҳ вай дарсро нағз аз худ мекунад» ва «Талаба лекцияро бодиққат гӯш карда, вале дарсро нағз аз худ накардааст».

Ҳар як муҳокимаҳои ҷуфти дар боло зикргардида дар байни худ зиддият доранд, пас онҳо якбора ҳақ намешаванд, зеро дар яке аз онҳо як чиз тасдиқ карда шавад, дар дигараш ҳамон чиз рад мешавад ва ё дигар чиз тасдиқ карда мешавад. Бинобар ин, мувофиқи талаби қонуни зиддият ҳамин гуна фикр, муҳокимаҳои дорои зиддият набояд якбора ҳақ шуморида шаванд.

Мисли дигар қонунҳои мантиқӣ қонуни зиддият ҳам ҷиҳатҳои муайяни воқеияти реалиро инъикос менамояд. Дар воқеият дар айни замон ягон чиз вуҷуд дошта ва вуҷуд надошта наметавонад; ба ягон чиз ягон хосият, нишона дар як вақт ва ба як маъно ҳам хос ва ҳам хос нашуда наметавонад. Агар дар як вақт ба чизе як нишона хос бошад, дар оянда худи ҳамин чиз дар натиҷаи тағйирот ва тараққиёт нишонаи дигаре пайдо мекунад. Қонуни зиддияти мантиқӣ ба ин гуна тағйирот ва тараққиёт вобаста нест. Ин қонун таъкид мекунад, ки дар як вақт ду фикри дар бораи ягон чиз гуфташудаи зиддиҳамдигар ҳақ намешавад. Ин қонуни мантиқӣ дар бораи дурӯғ будани муҳокимаҳо ҳеҷ чизе намегӯяд. Дар бораи дурӯғии муҳокимаҳои баҳамзид қонуни сеюми тафаккури дуруст — қонуни истиснои салоса баҳс мекунад.

## § 4. ҚОНУНИ ИСТИСНОИ САЛОСА

Мувофиқи таълими қонуни истисноп салоса ду фикр, ду муҳокимаи баҳамзидди дар бораи як предмет гуфташуда, дар як вақт ва дар як нисбат гирифта шаванд, якбора дурўғ намешаванд. Яке аз ин муҳокимаҳо ҳақ бошад, дигараш дурўғ ва, баръакс, яке аз онҳо дурўғ бошад, дигараш ҳақ мешавад ва фикри сейўм истисно карда мешавад.

Яъне аз ду муҳокимаи баҳамзид — муҳокимаи мусбат ва манфӣ, муҳокимаи тасдиқӣ ва инкор, якеаш, албатта, ҳақ, дигараш дурўғ мешавад.

Барои муҳокимаҳои баҳамзидде, ки нисбат ба онҳо қонуни истисноп салоса амал мекунад, мисолҳои зеринро меоварем:

1. «Ин калима сифат аст» ва «Ин калима сифат нест».
2. «Ҳамаи шоирони советӣ достон эҷод карданд» ва «Баъзе шоирони советӣ достон эҷод накарданд».
3. «Ҳеҷ як коргар асари бадеӣ эҷод намекунад» ва «Баъзе коргарон асари бадеӣ эҷод мекунанд».
4. «Агар калима мураккаб бошад, он гоҳ вай аз якчанд калимаҳои содда иборат мешавад» ва «Ин калима мураккаб аст, вале аз якчанд калимаҳои содда иборат нест».

Аз ин муҳокимаҳои баҳамзид, албатта, якташ ҳақ буда, дигараш дурўғ мебошад.

Дар бораи қонуни истисноп салоса сухан ронда, мо бояд фарқи муҳокимаҳои баҳамзидро аз муҳокимаҳои баҳам муқобил нишон диҳем.

Муҳокимаҳои баҳамзид чунин муҳокимаҳое мебошанд, ки дар яке аз онҳо ягон чиз тасдиқ ва дар дигараш ҳамон чиз инкор карда мешавад. Яъне, муҳокимаҳои баҳамзид якеаш муҳокимаи мусбӣ бошад, дигараш муҳокимаи манфӣ аст. Масалан, дар муҳокимаи «Ин студент аълохон аст» ба ин студент тааллуқ доштани сифати аълохонӣ тасдиқ карда шудааст ва дар муҳокимаи «Ин студент аълохон нест» тааллуқ доштани сифати аълохонӣ нисбат ба ин студент инкор карда шудааст.

Муҳокимаҳои баҳам муқобил чунин муҳокимаҳое мебошанд, ки дар яке аз онҳо ягон чиз тасдиқ карда шавад, дар дигараш чизи дигар тасдиқ карда мешавад. Бинобар ин, муҳокимаҳои баҳам муқобил ҳар дуяшон ҳам муҳокимаҳои тасдиқӣ мебошанд. Масалан, «Кўҳи Помир баланд мебошад» ва «Кўҳи Помир паст мебошад»; «Ин мусиқӣ асари бастакор Чайковский мебошад» ва «Ин мусиқӣ асари бастакор Шостакович мебошад» муҳокимаҳои баҳам муқобиланд ва ғайра.

Қонуни истисноп салоса фақат нисбат ба муҳокимаҳои баҳамзид амал мекунад ва нисбат ба муҳокимаҳои баҳам муқобил амал намекунад. Аз муҳокимаҳои баҳамзид яктоаш ҳақ бошад, дигараш дурўғ мешавад ва фикри сейўм вуҷуд дошта наметавонад, бинобар ин фикри сейўм истисно карда мешавад.

Масалан, агар ки «Ин қалам сиёҳ аст» ва «Ин қалам сиёҳ нест» гӯем, дар ин ҷо муҳокимаи дуюм маънои ҳамаи муҳокимаҳои муқобили муҳокимаи якӯм бударо дар бар мегирад. Аниқтараш муҳокимаи «Ин қалам сиёҳ нест» дорои маънои «Ин қалами сурх аст», «Ин қалам кабуд аст» ва ҳоказо мебошад. Пас, дар ин ҷо фикри сеюм истисно карда мешавад.

Қонуни зиддият бошад, нисбат ба ҳар ду навъи ин муҳокимаҳо — муҳокимаҳои баҳамзид ва муҳокимаҳои баҳам муқобил амал мекунад.

Қонуни истисноі салоса бо формулаи зерин ишора карда мешавад:

$$«A \vee \bar{A}»$$

Қонуни истисноі салоса инъикоси ҷиҳатҳои муайяни воқеият мебошад. Дар олами моддӣ дар айни замон дар предмет ягон хусусият ё вуҷуд дорад ё вуҷуд надорад. Ин ҷиҳатҳои воқеиятро маҳз ҳамин қонуни мантиқӣ инъикос менамояд.

Қонуни истисноі салоса талаб мекунад, ки ду фикр, муҳокимаи баҳамзид дар айни замон набояд ҳақ шуморида шавад. Ин талаби қонуни истисноі салосаро иҷро карда, дар вақти хулосабарорӣ, исботкунӣ ва инкор фикрҳои баҳамзидро ҳақ нашуморидан яке аз шартҳои тафаккури мантиқӣ мебошад.

Қонуни истисноі салоса ҳақ ё дурӯғ будани муҳокимаи алоҳида гирифташударо муайян карда наметавонад. Ҳақ ё дурӯғ будани муҳокимаи алоҳида гирифташударо қонуни чорӯми мантиқ — қонуни асоси басанда нишон медиҳад.

## § 5. ҚОНУНИ АСОСИ БАСАНДА

Қонуни асоси басанда таълим медиҳад, ки ҳар як фикри ҳақ асос дорад. Бинобар ин, барои ҳақ донистан ҳар як фикр, муҳокима, назария бояд асоснок карда шавад, Фикр, ё муҳокимае ки асос надорад, ҳақ намебошад.

Барои асоснок кардани ин ё он фикр — фикр ва муҳокимаҳое, ки аз ин пеш мантиқан ё ба воситаи таҷриба, ё бо амалия исбот карда шудаанд, оварда мешаванд. Ба ҳар ик гуфтор набояд бовар кард, бояд асоснокӣ, исботнокии он муайян карда шавад. Масалан, барои асоснок кардани муҳокимаи «Системаи интихоботии СССР системаи дар ҳақиқат демократӣ мебошад» ба сифати асос фикрҳои зерини дар амал исботгардида: «Ҳамаи гражданинҳои мамлакати мо қатъи назар аз моликияти хусусӣ доштан ё надоштанашон, касбу ҳунар, партиявият, миллату ҷинс ва нажодашон ҳуқуқи интихоб шудан ва интихобот доранд» далел оварда мешавад.

Асоснокии фикр дар бораи мантиқан дуруст будани он шаҳодат медиҳад ва, баръакс, беасосии он — бемантиқии фикрро нишон медиҳад.

Маҳз аз ин сабаб бояд ҳар як илм таълими худро асоснок кунад. Адабиётшинос барои ин ё он нависандаро нависандаи бузург гуфтан, фикри худро бо факту ҳуҷҷатҳои сершумор, таҳлил намудани асарҳои ҳамон нависанда нишон медиҳад, таърихшинос дар бораи маданияти бои ин ё он халқ сухан ронда, фикри худро ба воситаи воқеаҳо, факту ҳуҷҷатҳои бисьёре асоснок мекунад.

Фикри асоснок чунин фикрест, ки ҳақ будани он аз муҳокимаҳо, далелҳои аз ин пеш исботгардида муайян карда шудааст. Чунин асосро, ки аз он ҳақ будани фикри асоснокшаванда ҳосил мешавад, асоси басанда меноманд. Ҳар як фикри ҳақ асоси муайян дорад.

Дар доираи донишҳои илмӣ назарияҳое ҳастанд, ки онҳо дар айни ҳол ҳамчун ҳақиқати комилан эътиборнок исбот нашудаанд ва онҳо ҳамчун донишҳои эҳтимолӣ ва тахминан ҳақ мавҷуданд. Ин гуна донишҳои эҳтимолӣ ҳам асоси муайян доранд ва онҳо на ҳамчун дониши эътиборнок, балки ҳамчун дониши эҳтимолӣ асосноканд. Бинобар ин, қонуни асоси басандаро умуман қонуни асос номидан мумкин аст, зеро асоси нокифоя ва ғайрибасанда асос намебошад. В. И. Ленин дар ин бора сухан ронда фикри философ Гегельро дастгирӣ намуда, қайд кардааст, ки асоси нокифоя, ғайрибасанда асос намебошад. Асоси ҳақиқӣ чунин асосест, ки бояд аз вай то як дараҷа ҳақ будани фикри исботшаванда барояд.

Қонуни асоси басанда — қонуни умумии тафаккури дуруст мебошад. Бинобар ин, амали ин қонун нисбат дар ҳамаи шаклҳои фикр: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ ва исботкунӣ зоҳир мегардад.

Қонуни асоси басанда алоқаҳои зарурии предметҳои оламӣ моддиро инъикос менамояд.

Масалан, чунин дониш: «Дар ин ҷо борон борида истодааст», барои муҳокимаи «Дар ин ҷо замин тар шуда истодааст», асос мешавад. Дар воқеият боридани борон сабаб буда, тар шудани замин натиҷа мебошад. Ҳамин тавр баъзан қонуни асоси басанда, алоқаи сабабии предметҳоро инъикос менамояд. Қонуни мазкур дар баъзе мавридҳо дигар хел алоқаҳои ҳодисаҳоро ҳам инъикос мекунад. Чунончи, кунҷҳои секунҷа ба ҳамдигар баробар бошанд, он гоҳ тарафҳои он секунҷа низ ба ҳамдигар баробаранд. Дар вақти тафаккур қисми якӯм ва баъзан қисми дуйӯми ин гуфтор ҳамчун асос кор фармуда мешавад. Дар ин ҷо маълум мегардад, ки қонуни асоси басанда ғайр аз муносибати сабабии предметҳо дигар алоқаҳои ҳодисаҳои воқеиятро ҳам инъикос мекунад.

Мувофиқи талабе, ки аз мазмуни қонуни асоси басанда мебарояд, барои ҳақ донистани ҳар як муҳокима ва фикр вай

бояд бо дигар муҳокимаҳои аз ин пеш исботгардида, асоснок карда шавад.

Ҳамин тариқ, ба талаботи қонунҳои мантиқӣ риоя кардан, яке аз шартҳои тафаккури дуруст мебошад. Дар натиҷаи ба ҷо овардани талаботи қонунҳои мазкур фикрҳои мо муайяну саҳеҳ, мунтазам, пай дар ҳам ва асоснок мегарданд.

БОБИ VI

# ХУЛОСАБАРОРӢ

## § 1. ХУЛОСАБАРОРИИ БЕВОСИТА ТАЪРИФИ ХУЛОСАБАРОРӢ

Фақат як қисми хурдтарини донишҳо бо ёрии органҳои ҳиссиёт пайдо карда мешаванд ва исбот талаб намекунанд. Масалан, чунин донишҳои мо: «Имрӯз ҳаво офтоб аст», «Ин гули сурх хушбӯй мебошад», «Ин калима ин тавр навишта шудааст» ва ғайраҳо исботро талаб намекунанд. Ҳақ будани ин донишҳо бо органҳои ҳиссиёт тасдиқ карда мешаванд. Шахсе, ки ба хушбӯй будани ин гул боварӣ пайдо накунад, мо мегӯем, ки «бубин, бӯй каш» ва он шахс бӯй кашида истода ба ҳақ будани ин гуфтор боварӣ пайдо мекунад. Ин гуна донишро дониши бевосита меномаид. Дониши бевосита чунин донишест, ки он бо ёрии органҳои ҳиссиёт пайдо карда мешавад ва дар бораи ҳақ будани худ исбот талаб намекунад. Аммо чунин донишҳоро мегирем: «Забон воситаи алоқаи одамон дар ҷамъият мебошад», «Барои тараққиёти ҷамъият автоматӣ кунонидани истеҳсолот аҳамияти бузурги революционӣ дорад», «Тоҷикон халқҳои қадимтарини ҷаҳон мебошанд». Ин гуна донишҳоро бевосита бо ёрии органҳои ҳиссиёт пайдо кардан мумкин нест ва ҳақ будани ин гуна донишҳоро бо ёрии органҳои ҳиссиёт ҳам исбот карда намешавад. Ин тавр донишҳо маҳсули чандин хулосабарориҳост.

**Хулосабарорӣ чунин шакли тафаккурест, ки дар вай аз як ё якчанд муҳокимаҳо ҳамчун хулоса муҳокимаи нав бароварда аз чизи маълум ба чизи номаълум мегузарем.**

Дар хулосабарорӣ бо ёрии ақл аз баъзе муҳокимаҳои маълум муҳокимаи нав бароварда мешавад.

Бинобар ин ҳар як хулосабарорӣ аз ду қисми таркибӣ иборат мешавад:

1. Дониш ва муҳокимаҳои маълуме, ки аз онҳо муҳокимаи нав бароварда мешавад.

2. Муҳокимаи наве, ки аз он муҳокима ва донишҳои маълум бароварда мешавад.

**Дониш ва муҳокимаҳои аввалине, ки аз онҳо муҳокимаи нав мебарояд, муқаддима** номида мешавад ва муҳокимаи наве ки аз муқаддимаҳо бароварда мешавад, онро **хулоса** меноманд.

Масалан:

1. Ҳамаи адабиётшиносон бо асарҳои классикӣ шинос мебошанд.
2. Студентони мо адабиётшинос мебошанд.

---

Пас, студентони мо бо асарҳои классикӣ шиносанд.

Дар ин хулосабарории муҳокимаҳои: «Ҳамаи адабиётшиносон бо асарҳои классикӣ шинос мебошанд» ва «Студентони мо адабиётшиносанд», муқаддима буда, муҳокимаи «Студентони мо бо асарҳои классикӣ шиносанд» хулосаи он аст.

Хулосабарорӣ аз ҷиҳати хелҳо ба се тақсим мешавад:

1. **Хулосабарории дедуктивӣ;**
2. **Хулосабарории индуктивӣ;**
3. **Хулосабарории традуктивӣ.**

Дар хулосабарории дедуктивӣ аз дониш, фикр, муҳокимаҳои нисбатан умумие, ки он чун муқаддима ба кор бурда мешавад, ба хулосаи дараҷаи нисбатан ҷузъӣ мегузарем.

Масалан, хулосабарории дедуктивии зеринро мебинем:

1. Ҳамаи таърихшиносони советӣ марксист мебошанд.
2. Ин шахс — таърихшиноси советӣ аст.

---

Пас, ин шахс — марксист мебошад.

Дар ин ҷо хулоса аз дониши дараҷаи муайяни умумӣ (яъне, ҳамаи таърихшиносони советӣ) ба дониши нави ҷузъӣ (ин шахс) мегузарад.

Дар хулосабарории индуктивӣ аз муҳокима ва фикрҳои ҷузъӣ хулосаи умумӣ бароварда мешавад.

Масалан:

Колхози ба номи В. И. Ленин — колхози пахтакор аст.
Колхози ба номи «Роҳи нав» — колхози пахтакор аст.
Колхози ба номи Шаталов — колхози пахтакор аст.
Колхози ба номи «Ленинград» — колхози пахтакор аст.
Колхози ба номи «Москва» — колхози пахтакор аст.
Колхозҳои ба номи В. И. Ленин, «Роҳи нав», ба номи Шаталов, «Ленинград», «Москва» ҳамаи колхозҳои райони моро ташкил медиҳанд.

---

Пас, ҳамаи колхозҳои райони мо пахтакор мебошанд.

Чунон ки мебинем, дар ин ҷо (хулоса) аз донишҳои нисбатан ҷузъӣ (яъне аз донишҳои дар бораи колхозҳои алоҳида) ба дониши нави хулосавии нисбатан умумӣ (яъне, ба дониши оид ба ҳамаи колхозҳои райони мо) гузаштем.

Дар хулосабарории традуктивӣ аз ҷиҳати ҳаҷм муқаддимаҳо ва хулоса бо ҳам баробар мешаванд.

Масалан:

Шаҳри Москва аз шаҳри Ленинград калонтар аст.
Шаҳри Ленинград аз шаҳри Киев калонтар аст.

---

Пас, шаҳри Москва аз шаҳри Киев калонтар аст.

Чи навъе ки мебинем, дар ин ҷо хулоса аз дониши ҳаҷмаш муайян (яъне шаҳри Москва аз шаҳри Ленинград калонтар аст) ба дониши хулосавии ҳаҷмаш ба он баробар (яъне ш. Москва аз ш. Киев калонтар аст) мегузарад.

Аз ҷиҳати миқдори муқаддимаҳо хулосабарорӣ ба ду навъ тақсим мешавад: 1) хулосабарории бевосита ва 2) хулосабарории бавосита.

Дар хулосабарории бевосита фақат аз як муқаддима дониши нави хулосавӣ бароварда мешавад. Чунончи, «ҳамаи ҳуқуқшиносон қонунҳои давлатиро нағз медонанд, пас, ҳеҷ як шахсе ки қонунҳои давлатиро нағз намедонад, ҳуқуқшинос намебошад». Ин хулосабарории бевосита аст, зеро дар ин ҷо танҳо аз як муқаддима хулоса бароварда шуд.

Дар хулосабарории бавосита аз якчанд (яъне аз ду ё аз ин зиёд) муқаддимаҳо хулоса бароварда мешавад. Мисол барои хулосабарории бавосита:

«Ҳамаи ҳуқуқшиносон қонунҳои давлатро нағз медонанд».
«Қаҳрамонов — ҳуқуқшинос мебошад.

---

Пас, Қаҳрамонов қонунҳои давлатиро нағз медонад.

Бо ёрии хулосабарорӣ ҳамеша ҳамчун хулоса дониши нав пайдо карда мешавад. Дар навъҳои гуногуни хулосабарорӣ, дониши хулосавии нав ҳам гуногун мешавад. Чунончи, дар хулосабарориҳои дедуктивӣ дониши нави хулосавӣ аз он иборат аст, ки дар ин ҷо предметҳои нишонаи умумидошта, ки он бо муқаддимаҳо ифода ёфтааст, дар хулоса ба предметхое, ки дорои нишонаи ҷузъӣ ё нишонаи фардӣ мебошанд, мегузаранд.

Дар хулосабарории индуктивӣ бошад, дониши нави хулосавӣ аз он иборат аст, ки дар ин ҷо предметҳои дорои нишонаи фардӣ ё ҷузъӣ, ки бо муқаддимаҳо ифода ёфтаанд, дар хулоса ба предметҳое мегузаранд, ки онҳо дорои нишонаи умумӣ мебошанд. Дар хулосабарории традуктивӣ дониши нави хулосавӣ аз он иборат аст, ки дар ин ҷо предметҳои бо ёрии муқаддимаҳо ифодаёфта, дар хулоса нишонаҳои нав пайдо мекунанд.

Азбаски ба воситаи хулосабарорӣ дониши наве пайдо мешавад, ин амали мантиқӣ барои дониста гирифтани олами моддӣ ва тадқиқоти илмӣ аҳамияти бузург дорад.

Тамоми донишҳои илмӣ-назариявӣ дар натиҷаи хулосабарорӣ ба вуҷуд меоянд. Донишҳои илмӣ — системаи ба тарзи муайян алоқамандгардидаи донишҳои хулосавӣ мебошанд.

Аммо бояд қайд намуд, ки ҳар як хулосабарорӣ дониши ҳақ намедиҳад. Барои аз хулосабарорӣ дониши хулосавии ҳақ

баровардан бояд ду шарти зеринро ба ҷо овард: якум, донишҳо, муҳокимаҳое, ки ҳамчун муқаддимаҳои хулосабарорӣ ба кор бурда мешаванд, бояд ҳақ бошанд.

Дуюм, дар вақти хулосабарорӣ ба талаботи қонуну қоидаҳои мантиқӣ бояд риоя карда шавад. Агар яке аз ин шартҳо вайрон карда шавад, хулоса ғалат ва дурӯғ мебарояд.

Масалан:

Дар қуллаҳои кӯҳҳои паст баъзе растаниҳо месабзанд.
Қуллаҳои кӯҳҳои Ҳимолой паст мебошанд.

---

Пас, дар қуллаҳои кӯҳҳои Ҳимолой баъзе растаниҳо месабзанд.

Дар ин ҷо дониши хулосавӣ («Дар қуллаҳои кӯҳҳои Ҳимолой баъзе растаниҳо месабзанд») ғалат баромад, барои он ки яке аз муқаддимаҳо («Қуллаҳои кӯҳҳои Ҳимолой паст мебошанд») дурӯғ аст. Агар талаботи ягон қонун ва қоидаи мантиқӣ ба ҷо оварда нашавад, дониши хулосавӣ ғалат мебарояд.

Масалан:

Ҳамаи нависандагони маъруфи советӣ асарҳои бадеии сермазмуни ғоявӣ менависанд.
Баъзе нависандагони республикаамон нависандагони маъруфи советӣ мебошанд.

---

Пас, ҳамаи нависандагони республикаамон асарҳои бадеии сермазмуни ғоявӣ менависанд.

Дар ин ҷо дониши хулосавӣ («Ҳамаи нависандагони республикаамон асарҳои бадеии пурмазмуни ғоявӣ менависанд») ғалат аст, чунки яке аз қоидаҳои хулосабарорие вайрон карда шуд, ки мувофиқи он агар яке аз муқаддимаҳо муҳокимаи ҷузъӣ бошад, пас хулоса ҳам муҳокимаи ҷузъӣ мешавад.

Дар баъзе мавридҳои алоҳида яке аз муқаддимаҳо муҳокимаи ғалат бошад ҳам, хулоса ҳақ мебарояд.

Масалан:

Ҳамаи нависандагон драматург мебошанд.
Погодин нависанда мебошад.

---

Пас, Погодин — драматург мебошад.

Дар ин ҷо яке аз муқаддима («Ҳамаи нависандагон драматург мебошанд») муҳокимаи ғалат аст, вале дар хулоса муҳокима ҳақ баромад.

Ҳатто дар баъзе мавридҳо ҳар ду муқаддимаҳо дурӯғ бошанд ҳам, мумкин аст, ки хулоса ҳақ барояд.

Масалан:

Ҳамаи математикҳо илми грамматикаро чуқур меомӯзанд.
Ҳамаи забоншиносон — математик мебошанд.

---

Пас, ҳамаи забоншиносон илми грамматикаро чуқур меомӯзанд.

Дар ин хулосабарорӣ қатъи назар аз он ки ҳар ду муқаддимаҳо ҳам муҳокимаҳои ғалат мебошанд, хулоса ҳақ баромад. Вале ин гуна мисоли алоҳида аз қоида берун аст; ҳамчун қоида барои хулосаи ҳақ баровардан бояд муқаддимаҳо ҳақ бошанд, нисбат ба он муқаддимаҳо қоидаҳои мантиқӣ бояд дуруст татбиқ карда шавад.

Дар натиҷаи татбиқ намудани қоидаи умумии муайян дар ҳар як хулосабарорӣ аз муқаддимаҳо хулоса баровардa мешавад. Ин қоидаи умумӣ асоси хулосабарориро ташкил медиҳад.

Масалан:

*Диаметри доираи A бо диаметри доираи B баробар аст.*
*Диаметри доираи B бо диаметри доираи C баробар аст.*

*Пас, диаметри доираи A ба диаметри доираи C баробар аст.*

Дар ин хулосабарорӣ қоидаи умумие, ки мувофиқи он «Агар ду предмет аз ягон ҷиҳат бо предмети сеюм баробар бошанд, он гоҳ онҳо аз ҳамин ҷиҳат ба ҳамдигар баробар мебошанд», татбиқ карда шудааст.

Ин гуна қоидаҳои умумии ҳар як навъи хулосабарорӣ исботи мантиқиро талаб намекунанд. Ҳақ будани онҳо аён аст, зеро дар натиҷаи ҳазорҳо бор такрор гардидани фаъолияти амалӣ исбот шудаанд. В. И. Ленин навишта буд, ки фаъолияти амалии инсон шуури инсонро миллиардҳо бор ба такрор кардани шаклҳои гуногуни мантиқӣ оварда расонидаанд, ки ҳоло ин шаклҳо (қоидаҳои исботро талабнакунанда) дорои аҳамияти аксиома мебошанд.

Фаъолияти амалии инсон на фақат қоидаҳои хулосабарорӣ, балки дуруст будани ҳар як шакли фикрро ҳам муайян мекунад. Азбаски ҳамаи қоида ва шаклҳои мантиқӣ инъикоси алоқаи муайяни муносибатҳои зарурии предметҳои олами моддӣ мебошанд, пас, дурустӣ, мувофиқ омадани ин қоида ва шаклҳо ба ҳамон алоқамандиҳои зарурии олами объективӣ ба воситаи фаъолияти амалии инсон исбот карда мешаванд.

## § 2. ХУЛОСАБАРОРИИ БЕВОСИТА

Хулосабарории бевосита яке аз навъҳои хулосабарорӣ мебошад. Дар хулосабарории бевосита фақат аз як муқаддима хулоса баровардa мешавад. Дар натиҷаи хулосабарории бевосита сифат ё миқдори муҳокимаи ҳамчун муқаддима гирифташуда тағйир меёбад, вале маънои объективии он дигаргун намешавад. Аз ин сабаб баъзе мантиқшиносон мегӯянд, ки аз хулосабарории бевосита дониши нав ҳосил намешавад. Дар ҳақиқат бо ёрии хулосабарории бевосита мазмуни муҳокимаи муқаддимавӣ саҳеҳтар, равшантар мегардад ва он ҷиҳатҳое, ки ба мо маълум нестанд, ошкор карда мешаванд. Азбаски ин хуло-

сабарорӣ ҷиҳатҳои номаълумро ошкор карда, тарафҳои дигари муҳокимаи муқаддимавии дар шуури мо ниҳон бударо ошкор менамонд, пас, худи ҳамин чиз дониши нав пайдо кардан аст.

**Хулосабарории бевосита якчанд шакл дорад.**

Шаклҳои асосии хулосабарории бевосита чунинанд:

1. Гардониш; 2. Табдил ва 3. Муқобилгузории муҳокима.

### 1. Гардониш

**Гардониш чунин шакли хулосабарории бевосита аст, ки дар вай мубтадои муҳокимаи муқаддимавӣ ба хабари муҳокимаи хулосавӣ ва хабари муҳокимаи муқаддимавӣ ба мубтадои муҳокимаи хулосавӣ мубаддал мегардад.**

Бо ёрии гардониш хулосаи нав бароварда мешавад, зеро дар ҳар як муҳокима на фақат мубтадо дониши предметҳоро, балки хабар ҳам донишро дар бораи предметҳои муайян дар бар мегирад.

Ба воситаи гардониш аз ҳар як навъи муҳокима хулоса баровардан мумкин аст:

а) Гардониши муҳокимаи умумии тасдиқӣ (муҳокимаи А).

Муҳокимаи умумии тасдиқӣ дар натиҷаи гардониш ба муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ мубаддал мешавад. Масалан, муҳокимаи умумии тасдиқии «Ҳамаи давлатҳои буржуазӣ манфиати синфҳои истисморкунандаро ҳимоя мекунанд», дар натиҷаи гардониш ба муҳокимаи ҷузъии тасдиқии «Баъзе давлатҳое, ки манфиати синфҳои истисморкунандаро ҳимоя мекунанд, давлатҳои буржуазӣ мебошанд», мубаддал мешавад. Бинобар ин, гардониши муҳокимаи умумии тасдиқӣ бо формулаи зерин ифода меёбад:

$$\frac{SaP}{PiS}$$

Дар натиҷаи гардониш одатан миқдори муҳокима тағьир меёбад, яъне муҳокимаи умумӣ ба муҳокимаи ҷузъӣ мубаддал мешавад. Чунин гардонише, ки дар натиҷаи он миқдори муҳокима тағьир меёбад, гардониши маҳдудгардида меноманд.

Агар дар натиҷаи гардониш миқдори муҳокима тағьир наёбад, ин гуна гардонишро гардониши оддӣ меноманд. Гардониши муҳокимаи умумии тасдиқӣ гардониши маҳдудгардида мебошад. Агар муҳокимаи умумии тасдиқӣ ифодаи таърифи мафҳум бошад, он гоҳ гардониши вай гардониши оддӣ мешавад. Чунончи, муҳокимаи «Фонетика илми забоншиносӣ мебошад, ки сохти овозҳои нутқро меомӯзад» дар натиҷаи гардониш ба муҳокимаи «илми забоншиносӣ, ки сохти овозҳои нутқро меомӯзад, фонетика ном дорад» мубаддал мешавад.

б) Гардониши муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ (муҳокимаи *I*).

Муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ дар натиҷаи гардониш ба муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ мубаддал мешавад.

Масалан, муҳокимаи «Баъзе коркунони хоҷагии қишлоқ Қаҳрамонони Меҳнати Социалистӣ мебошанд» ба муҳокимаи «Баъзе Қаҳрамонони Меҳнати Социалистӣ — коркунони хоҷагии қишлоқ мебошанд» мубаддал мешавад.

Гардониши муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ бо чунин формула ифода меёбад:

$$\frac{SiP}{PiS}$$

в) Гардониши муҳокимаи умумии инкорӣ (муҳокимаи Е).

Муҳокимаи умумии инкорӣ дар натиҷаи гардониш ба муҳокимаи умумии инкорӣ мубаддал мешавад. Масалан, муҳокимаи «Ҳеҷ як давлати буржуазӣ — давлати инсонпарвар намебошад» ба муҳокимаи «Ҳеҷ як давлати инсонпарвар — давлати буржуазӣ намебошад» мубаддал мешавад.

Формулаи гардониши муҳокимаи умумии инкорӣ чунин аст:

$$\frac{SeP}{PeS}$$

Дар баъзе мавридҳо, агар хабари муҳокимаи умумии инкории муқаддимавӣ предмети тоқаро ифода намояд, пас дар натиҷаи гардониш муҳокимаи тоқаи инкорӣ ба амал меояд. Масалан, муҳокимаи «Ҳеҷ як студенти синфи мо Назаров намебошад», ба муҳокимаи тоқаи инкорӣ «Назаров студенти синфи мо намебошад» мубаддал мегардад.

г) Муҳокимаи ҷузъии инкорӣ дар амал барнагарданда аст.

Масалан, муҳокимаи «Баъзе талабагон аъзои комсомол намебошанд» бояд дар натиҷаи гардониш ба муҳокимаи умумии инкории «Ҳеҷ як аъзои комсомол — баъзе талабагон намебошанд» мубаддал шавад, ин гуна ифода мазмуни муҳокимаи муқаддимавиро тағйир медиҳад ва маънои мафҳуми «баъзе талабагон» норавшан мемонад; пас, муҳокимаи ҷузъии инкорӣ амалан барнамегардад.

### 2. Табдил

**Табдил чунин хулосабарории бевосита аст, ки дар натиҷаи он сифати муҳокима тағйир ёфта, вале мазмунаш дигаргун намешавад. Дар натиҷаи табдил муҳокимаи тасдиқӣ ба муҳокимаи инкорӣ ва, баръакс, муҳокимаи инкорӣ ба муҳокимаи тасдиқӣ мубаддал мегардад.**

Дар амал табдил чунин маъно дорад, ки дар рафти он пайвандаки муҳокимаи муқаддимавӣ баръакси худаш тағьир дода шуда, хабари ҳамон муҳокима бо мафҳуми зидди он иваз карда мешавад.

Чунончи, муҳокимаи $S—P$ аст ба муҳокимаи «$S$ ғайри $P$ нест» ва муҳокимаи «$S—P$ нест» ба муҳокимаи «$S$ ғайри $P$ аст», мубаддал мешавад.

Масалан, «Адабиёт илми партиявӣ аст», пас «Адабиёт илми ғайрипартиявӣ намебошад».

Ҳар як навъи муҳокима қатъи назар аз миқдори он, қобилияти табдилъёбиро дорад.

а) Муҳокимаи умумии тасдиқӣ дар натиҷаи табдил ба муҳокимаи умумии инкорӣ мубаддал мешавад. Яъне муҳокимаи умумии тасдиқии «Ҳамаи $S—P$ мебошад» ба муҳокимаи умумии инкории «Ҳеҷ як $S$ ғайри $P$ намебошад», табдил меёбад. Масалан, муҳокимаи умумии тасдиқии «Санъаткорони советӣ мубориздони сулҳ мебошанд», ба муҳокимаи «Санъаткорони советӣ одамони ғайримубориздони сулҳ намебошанд», мубаддал мешавад.

б) Муҳокимаи умумии инкорӣ ба муҳокимаи умумии тасдиқӣ табдил меёбад. Дар натиҷаи табдил муҳокимаи умумии инкории «хеҷ як $S—P$ нест» ба муҳокимаи «Ҳамаи $S$-хо ғайри $P$ мебошанд», мубаддал мешавад. Масалан: муҳокимаи «Ҳеҷ як аълохон талабаи танбал намебошад» ба муҳокимаи «Ҳамаи аълохонҳо талабаҳои ғайританбал мебошанд» мубаддал мешавад.

в) Муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ ба муҳокимаи ҷузъии инкорӣ табдил меёбад. Дар натиҷаи табдил муҳокимаи ҷузъии тасдиқии «Баъзе $S—P$ аст» ба муҳокимаи ҷузъии инкории «Баъзе $S$ ғайри $P$ нест», мубаддал мешавад. Масалан, дар натиҷаи табдил муҳокимаи «Баъзе хонандагон санъатдӯст мебошанд» ба муҳокимаи «Баъзе хонандагон одамони ғайрисанъатдӯст намебошанд» мубаддал мешавад.

г) Муҳокимаи ҷузъии инкорӣ ба муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ табдил меёбад. Дар натиҷаи табдил муҳокимаи ҷузъии инкории «Баъзе $S—P$ нест» ба муҳокимаи ҷузъии тасдиқии «баъзе $S$ ғайри $P$ мебошад», мубаддал мешавад. Масалан, муҳокимаи «Баъзе давлатҳои Европа давлатҳои халқии демократӣ намебошанд», ба муҳокимаи «Баъзе давлатҳои Европа давлатҳои ғайри демократии халқӣ мебошанд» мубаддал мешавад.

Табдил яке аз навъҳои оддитарини хулосабарории бевосита мебошад. Бо ёрии табдил дониши нави ба назар намоён пайдо карда намешавад. Аммо тафаккур дар амалиёти табдил барои бо ягон мақсад саҳеҳтар кардан, каму беш фарқи фикрро нишон додан ба кор бурда мешавад. Муайян кардани фарқ ва ҷиҳатҳои фикр барои ошкор кардани аниқ ва равшан намудани фикр аҳамияти калон дорад.

### 3. Муқобилгузории муҳокима

Муқобилгузории муҳокима (хабари мантиқӣ) ҳам яке аз шаклҳои хулосабарории бевосита мебошад.

Муқобилгузории хабари мантиқӣ — якҷоя намудани ғардониш ва табдил мебошад. Дар рафти муқобилгузории хабари мантиқӣ, аввал муҳокимаи муқаддимавӣ гардонида шуда, баъд табдил дода мешавад.

Муқобилгузории хабари мантиқӣ аз гардониш бо мубтадои мантиқии муҳокимаи хулосавӣ фарқ мекунад. Дар рафти гардониш хабари мантиқии муҳокимаи муқаддимавӣ ба мубтадои муҳокимаи хулосавӣ мубаддал мешавад. Дар вақти муқобилгузории хабари мантиқӣ мафҳуме, ки ба хабари муҳокимаи муқаддимавӣ муқобил аст, ҳамчун мубтадои муҳокимаи хулосавӣ гирифта мешавад.

Дар натиҷаи муқобилгузории муҳокимаи умумии тасдиқӣ муҳокимаи умумии инкорӣ пайдо мешавад.

Масалан, муҳокимаи умумии тасдиқии «Ҳамаи студентон — хонанда мебошанд»-ро таҳлил мекунем. Мафҳуми «ғайрихонандагон» муқобили мафҳуми хабари муҳокимаи мазкур мешавад. Ин мафҳумро мубтадои муҳокимаи дигар мекунем ва аз муҳокимаи «Ҳамаи студентон — хонанда мебошанд» маълум аст, ки ҳеҷ як студент ба ҷинс ё гурӯҳи ғайрихонандагон дохил намешавад. Инро ба эътибор гирифта метавон гуфт, ки ҳеҷ як ғайрихонанда ба гурӯҳи студентон дохил намешавад, мо метавонем муҳокимаи умумии инкориро чунин баён кунем: «Ҳеҷ як ғайрихонандагон студент намебошад».

Аз муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ ба воситаи муқобилгузорӣ хулоса намебароянд ва дар ин мавриди хулосаи баровардашуда бо роҳи сунъӣ пайдо карда мешавад.

Муҳокимаҳои инкорӣ дар натиҷаи муқобилгузорӣ ба муҳокимаҳои тасдиқӣ мубаддал мегарданд. Дар натиҷаи муқобилгузорӣ муҳокимаҳои умумии инкорӣ ба муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ мубаддал мешавад. Чунончи, муҳокимаи умумии инкории «Ҳеҷ як асари мусиқӣ асари манзум намебошад», ба муҳокимаи ҷузъии тасдиқии «Баъзе асарҳое, ки асарҳои назмӣ намебошанд ва танҳо баъзе асарҳое, ки манзум нестанд, асарҳои мусиқӣ мебошанд» мубаддал мешавад.

Дар натиҷаи муқобилгузории муҳокимаи ҷузъии инкорӣ муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ ба миён меояд. Масалан, муҳокимаи ҷузъии инкории «Баъзе студентони университети мо таърихшинос намебошанд» ба муҳокимаи ҷузъии тасдиқии «Баъзе студентони ғайритаърихшинос студентони университети мо мебошанд», мубаддал мешавад.

БОБИ VII

# ХУЛОСАБАРОРИҲОИ ДЕДУКТИВӢ СИЛЛОГИЗМИ ҚАТЪӢ

## § 1. ТАЪРИФИ УМУМИИ СИЛЛОГИЗМ

Яке аз навъҳои хулосабарории бавосита дедуктивӣ силлогизм мебошад. Силлогизм хулосабарории бавосита аст, зеро дар вай аз ду муқаддима хулоса бароварда мешавад. Дар силлогизм яке аз муҳокимаҳои муқаддимавӣ нисбат ба муҳокимаи хулосавӣ аз ҷиҳати ҳаҷм умумитар мешавад.

Бинобар ин, дар силлогизм аз муҳокимаи умумӣ ба муҳокимаи ҷузъӣ мегузаранд. Аз ин сабаб силлогизм хулосабарории дедуктивӣ мебошад.

Дар таркиби силлогизм се муҳокима мавҷуд аст. Аз ин муҳокимаҳо дутоаш муқаддима буда, муҳокимаи сеюм, ки аз муқаддимаҳо бароварда мешавад, хулоса ном дорад. Ин се муҳокимаи таркиби силлогизм аз се мафҳум иборат аст. Ин мафҳумҳои таркибӣ — **терминҳои силлогизм** ном доранд. Термине, ки ҷои мубтадоро дар хулоса ишғол менамояд, **термини хурд** ва термине, ки ҷои хабари хулосаро ишғол менамояд, **термини калон** ном дорад. Муқаддимае, ки дар таркиби он термини калон вуҷуд дорад, **муқаддимаи калон** меноманд ва муқаддимае, ки дар таркиби он термини хурд мавҷуд аст, **муқаддимаи хурд** ном дорад. Термине, ки дар ҳар ду муқаддима — муқаддимаи калон ва муқаддимаи хурд — вуҷуд дошта, муносибати байни терминҳои калон ва хурдро муайян менамояд, **термини миёна** ном дорад. Термини миёна дар силлогизм роли муҳимро мебозад. Ин термин дар ҳар ду муқаддима вуҷуд дошта муносибати байни терминҳои калон ва хурдро нишон медиҳад. Терминҳои калон ва хурдро одатан **терминҳои канорӣ** меноманд.

Азбаски муқаддима ва хулосаи ин хулосабарорӣ муҳокимаҳои соддаи қатъӣ мебошанд, худи ин хулосабарорӣ ҳам силлогизми соддаи қатъӣ ном дорад.

Терминҳои силлогизмро одатан дар илми мантиқ бо ёрии ҳарфҳои лотинӣ ишора менамоянд. Термини калонро бо ҳарфи *P*, термини хурдро бо ҳарфи *S* ва термини миёнаро бо ҳарфи *M* ишора менамоянд.

Масалан:

1. Роман асари насрӣ мебошад.
2. «Ғуломон» роман аст.

---

3. Пас, «Ғуломон» асари насрӣ мебошад.

Дар ин силлогизм термини калон «асари насрӣ», термини хурд «Ғуломон» ва термини миёна «роман» мебошад. Муҳокимаи якум муқаддимаи калон ном дорад, зеро дар таркиби он термини калон мавҷуд аст, муҳокимаи дуюм муқаддимаи хурд мебошад, чунки дар таркиби он термини хурд хаст. Термини миёна дар ҳар ду муқаддима вуҷуд дошта, муносибати байни терминҳои калон ва хурдро муайян менамояд, ки ин муносибатро мо дар муҳокимаи сеюми нав — хулоса мебинем. Терминҳои таркиби силлогизмро бо ёрии ҳарфҳо ишора намоем, ки формулаи зерин пайдо мегардад.

Ҳамаи $M$ — $P$ мебошад
Ҳамаи $S$ — $M$ аст

---

Пас, ҳамаи $S$ — $P$ мебошад

**Силлогизм чунин хулосабарории бавоситаи дедуктивӣ мебошад, ки дар вай муносибати ду термин (яъне терминҳои $S$ ва $P$) бо ёрии термини сеюм (термини $M$) муайян карда мешавад.**

Силлогизм чунин хулосабарорӣ мебошад, ки агар муқаддимаҳои вай муҳокимаҳои ҳақ бошанд, хулосаи он ҳам ҳамеша ҳақ мебарояд ва агар он муқаддимаҳо ё яке аз онҳо муҳокимаи эҳтимолӣ бошад, хулоса низ муҳокимаи эҳтимолӣ ё тахминан ҳақ мешавад.

Масалан:

Ҳамаи талабагони аълохон боғайрат мебошанд.
Алиев, эҳтимол, аълохон бошад.

---

Пас, Алиев, эҳтимол, боғайрат бошад.

Хулосаи ин силлогизм тахминан ҳақ мебошад, ин хулоса сифати эҳтимолӣ дорад, барои он ки муқаддимаи хурд («Алиев, эҳтимол, аълохон бошад») тахминан ҳақ аст.

Агар муқаддимаҳои силлогизм муҳокимаҳои ҳақиқии эътиборнок бошанд, хулоса ҳам ҳатман дониши эътиборнок мешавад.

## § 2. АКСИОМАИ СИЛЛОГИЗМ

Хулосаи силлогизм ба чунин қоидаи талабнакунандаи исбот асос ёфтааст, ки ин қоида аксиомаи силлогизм ном дорад.

Аксиомаи силлогизм чунин ифода карда мешавад: чизе ки оид ба як гурӯҳ, ҷинси предметҳо тасдиқ (ё рад) карда мешавад, ин чизи тасдиқшаванда (ё чизи радшаванда) ба ҳар як

предмети гурӯҳӣ ва ҷинси мазкур ҳам тааллуқ дорад. Баъзан ин аксиомаи силлогизмро (чи тавре ки Кант баён кардааст) ин тавр ҳам ифода мекунанд: «нишонаи нишона — нишонаи худи предмет мебошад». Яъне, агар ба ягон предмет ягон нишона хос бошад ва ба ин нишона ҳам дар навбати худ дигар нишона хос бошад, ин нишонаи охирин ҳам, нишонаи ҳамон предмет мебошад. Бо иборан дигар ифода менамоем: агар маълум бошад, ки ҳар як предмети ҷинси *А* дорои нишонаи *Б* аст, пас, ҳар як предмети ба ҷинси *А* тааллуқдор дорои нишонаи *Б* мебошад, ва баръакс, агар маълум бошад, ки ҳар як предмети ҷинси *А* дорои нишонаи *Б* набошад, пас, ҳар як предмете ки ба ҷинси *А* тааллуқ дорад, дорои нишонаи *Б* намебошад.

Чунончи, агар ба мо пионер (*P*) будани ҳар як талабаи синфи чорӯми «*А*» маълум бошад ва пас аз он фаҳмем, ки Тоҳиров талабаи синфи чорӯми «*А*» аст, пас мо гуфта метавонем, ки Тоҳиров ҳам пионер аст. Ин хулосабарориро ба намуди силлогизм ба тарзи зерин ифода менамоем:

Ҳамаи талабаҳои синфи чорӯми «*А*» пионер мебошанд.
Тоҳиров — талабаи синфи чорӯми «*А*» мебошад.

---

Пас, Тоҳиров — пионер аст.

*Муносибати* терминҳои силлогизмро аз нуқтаи назари ҳаҷм ифода намоем, ин муносибат чунин маънӣ дорад: агар ҳаҷми термини миёна (*M*) ба ҳаҷми термини калон (*P*) дохил шавад ва ҳаҷми термини хурд (*S*) ба ҳаҷми термини миёна (*M*) дохил шавад, пас ҳаҷми термини хурд (*S*) ба ҳаҷми термини калон (*P*) дохил мегардад. Ин қоидаро ба мисоли дар боло баён гардида, татбиқ менамоем. Агар талабагони синфи IV «*А*» (*M*) ба гурӯҳи пионерон (*P*) дохил шаванд, Тоҳиров (*S*) ба гурӯҳи талабагони синфи IV «*А*» (*M*) дохил шавад, пас Тоҳиров (*S*) ба гурӯҳи пионерон (*P*) дохил мешавад.

Ин муносибати ҳаҷмҳои терминҳои *M*, *P* ва *S*-ро бо чоркунҷаҳо ишора мекунем. (Нигар ба расми 15).



Расми 15.

Мисли ҳамин, баръакс, агар ҳаҷми термини миёна (*M*) ба ҳаҷми термини калон (*P*) дохил нашавад, ҳаҷми термини хурд (*S*) ба ҳаҷми термини миёна (*M*) дохил шавад, он гоҳ ҳаҷми термини хурд (*S*) ба ҳаҷми термини калон (*P*) дохил намешавад. Масалан, ҳеҷ як асари фоҷиавӣ (*M*) ба асарҳои мазҳакавӣ (*P*) дохил намешавад. «Отелло» (*S*) ба асарҳои фоҷиавӣ (*M*) дохил шавад, пас «Отелло» (*S*) ба асарҳои мазҳакавӣ (*P*) дохил намешавад. Ин хулосабарориро ба тарзи силлогизм баён менамоем.

Ҳеҷ як асари фоҷиавӣ (*M*) асари мазҳакавӣ (*P*) намебошад.
«Отелло» (*S*) асари фоҷиавӣ (*M*) мебошад.

Пас, «Отелло» (*S*) асари мазҳакавӣ (*P*) намебошад.

Ин муносибати ҳаҷми терминҳои *M*, *P* ва *S*-ро бо ёрии чор-




Расми 16.

кунҷаҳо ифода менамоем (Нигар ба расми 16).

Чунин аст, мазмуни аксиомаи силлогизм.

## § 3. ШАКЛҲОИ СИЛЛОГИЗМ

Дар таркиби муқаддимаҳо термини миёна ҷои гуногунро ишғол менамояд. Термини миёна метавонад ба ҷои мубтадои муқаддимаи хурд ва ба ҷои хабари муқаддимаи калон, дар ҳар ду муқаддима ҳам ба ҷои хабар ё ба ҷои мубтадоояд. Мавқеи термини миёнаро дар муқаддимаҳо ба назар гирифта, чор шакли силлогизмро аз якдигар фарқ мекунанд.

Дар шакли якӯми силлогизм термини миёна ба ҷои мубтадои муқаддимаи калон омада, дар муқаддимаи хурд ба ҷои хабар меояд. Масалан:

Ҳамаи аъзоёни бригадаи меҳнати коммунистӣ (*M*) пешқадамони истеҳсолот (*P*) мебошанд.
Ин рафиқон (*S*) аъзои бригадаи меҳнати коммунистӣ (*M*) мебошанд.

Пас, ин рафиқон (*S*) пешқадамони истеҳсолот (*P*) мебошанд.

Шакли якӯми силлогизм бо формулаи зерин ишора карда мешавад:

$$\frac{\begin{array}{c} M - P \\ S - M \end{array}}{S - P}$$

Дар шакли дуйӯми силлогизм термини миёна дар муқаддимаи калон ва ҳам дар муқаддимаи хурд ба ҷои хабар меояд.

Шакли дуйӯми силлогизмро бо формулаи зерин ишора мекунем:

$$\frac{\begin{array}{c}P - M \\ S - M\end{array}}{S - P}$$

Масалан:

Ҳамаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ *(P)* партиявӣ *(M)* мебошанд.
Математика *(S)* илми партиявӣ *(M)* намебошад.

---

Пас, математика *(S)* илми ҷамъиятшиносӣ *(P)* намебошад.

Дар шакли сейӯми силлогизм термини миёна дар муқаддимаи калон ва ҳам дар муқаддимаи хурд ба ҷои мубтадо меояд. Шакли сейӯми силлогизм бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$\frac{\begin{array}{c}M - P \\ M - S\end{array}}{S - P}$$

Масалан:

Беҳтарин муборизони *сулҳ дар ҷаҳон (M) Лауреати Мукофоти байналхалқии Ленинӣ (P)* мебошанд.
Баъзе беҳтарин муборизони *сулҳ дар ҷаҳон (M)* ҷамоатчиёни советӣ *(S)* мебошанд.

---

Пас, баъзе ҷамоатчиёни советӣ *(S) Лауреати Мукофоти байналхалқии Ленинӣ (P)* мебошанд.

Дар шакли чорӯми силлогизм термини миёна дар муқаддимаи калон ба ҷои хабар омада, дар муқаддимаи хурд ба ҷои мубтадо меояд.

Шакли чорӯми силлогизм ба воситаи формулаи зерин ишора карда мешавад:

$$\frac{\begin{array}{c}P - M \\ M - S\end{array}}{S - P}$$

Мисол:

Ҳамаи ҷавонони пешқадами *советӣ (P)* аъзои *комсомол (M)* мебошанд.
Ҳамаи комсомолон *(M)* ёрдамчиёни фаъоли партия *(S)* мебошанд.

---

Пас, баъзе ёрдамчиёни фаъоли партия *(S)* ҷавонони советӣ *(P)* мебошанд.

**Шаклҳои силлогизм чунин навъҳои силлогизм мебошанд, ки онҳо аз ҳамдигар бо мавқеи термини миёна дар муқаддимаҳо фарқ мекунанд.**

## § 4. НАМУДҲОИ СИЛЛОГИЗМ

Маълум аст, ки муҳокимаҳои қатъӣ ба чор навъ: муҳокимаи умумии тасдиқӣ *(А)* муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ *(i)*, муҳокимаи умумии инкорӣ *(Е)* ва муҳокимаи ҷузъии инкорӣ *(О)*, тақсим мешаванд. Ҳар як навъи ин муҳокимаҳоро ҳамчун муқаддимаи силлогизм ба кор бурдан мумкин аст.

Мумкин аст, ки муқаддимаи калон ва муқаддимаи хурд, муҳокимаҳои умумии тасдиқӣ *(А)* бошанд, метавонанд ҳар ду муқаддима ҳам муҳокимаҳои умумии инкорӣ *(Е)* бошанд ва мумкин аст, ки муқаддимаи хурд муҳокимаи умумии инкорӣ (Е) бошаду муқаддимаи калон муҳокимаи умумии тасдиқӣ *(А)*, ё мумкин аст ҳар ду муқаддима ҳам муҳокимаи ҷузъии тасдиқӣ *(i)* бошад ва ҳоказо. Ҳамаи ин гуна пайвастшавии муҳокимаҳоро ба назар гирем, ҳар як шакли силлогизм аз ҳамин гуна 16 пайвастшавии муҳокима пайдо мешавад ва барои ҳамаи чор шакли силлогизм 64 пайвастшавии муҳокима ба амал меояд. Ин пайвастшавиҳо аз инҳо иборатанд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1) *AA* | 5) *EE* | 9) *ii* | 13) *OO* |
| 2) *AE* | 6) *EA* | 10) *iA* | 14) *OA* |
| 3) *Ai* | 7) *Ei* | 11) *iE* | 15) *OE* |
| 4) *AO* | 8) *EO* | 12) *iO* | 16) *Oi* |

**Намудҳои силлогизм чунин навъҳои силлогизм мебошанд, ки онҳо аз ҳамдигар бо сифат ва миқдори муҳокимаҳое, ки муқаддимаҳоро ташкил медиҳанд, фарқ мекунанд.**

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки аз ҳамаи ин гуна вобасташавиҳои муҳокимаҳо хулосаи дуруст баровардан мумкин нест, зеро бисьёрии ин гуна вобасташавии муҳокимаҳо ба қоидаҳои силлогизм зид мебошанд, ки ин қоидаҳои силлогизмро мо дар поён дида мебароем.

## § 5. ҚОИДАҲОИ СИЛЛОГИЗМ

Дуруст тартиб додани силлогизм ба якчанд қоидаҳо вобаста аст. Дар асоси донистa гирифтани ин қоидаҳо намудҳои дурусти силлогизмро ҷудо карда гирифтан мумкин аст. Қоидаҳои силлогизм аз инҳо иборатанд:

**1. Ҳар як силлогизм бояд фақат аз се термин иборат бошад.**

Ин қоида аз худи таърифи силлогизм сар мезанад. Маълум аст, ки дар силлогизм муносибати байни терминҳои *(S)* ва *M* ва ҳам муносибати байни *P* ва *M* мавҷуд аст, бояд ҳамчун хулоса муносибати байни терминҳои *S* ва *P* муайян карда ша-

вад. Агар чор термин вуҷуд дошта бошад, он гоҳ термини миёнаи алоқамандкунанда намешавад. Дар ин гуна маврид термини *S* бо термини *M* муносибатдор шуда, термини *P* бошад, бо термини дигар — бо термини *X* муносибатдор мешуд. Агар бо ёрии як калима ду мафҳуми мазмунҳояш гуногун ифода карда шуда, онҳо ҳамчун як мафҳум эътироф карда шаванд, пас ин гуна хатогӣ рӯй медиҳад.

Барои мисол силлогизми зеринe, ки ҳамин гуна хато дорад, дида мебароем:

Ҳамаи вулканҳо — кӯҳ мебошанд.
Ҳамаи гейзерҳо — вулкан мебошанд.

Пас, ҳамаи гейзерҳо — кӯҳ мебошанд.

Дар ин хулосабарорӣ қоидаи зикргардида вайрон карда шудааст, чунки дар ин ҷо се термин набуда, балки чор термин вуҷуд дорад. Дар ин хулосабарорӣ чор термин мавҷуд аст, чунки калимаи «вулкан» дар доираи ҳамин хулосабарорӣ ба ду маъно (мафҳум) кор фармуда шудааст. Дар муҳокимаи якӯм мафҳуми «вулкан» маънои кӯҳҳои оташфишон фаҳмида мешавад, ки дар дохили онҳо моддаҳои гудохта ҳаракат мекунанд. Дар муҳокимаи дуюм бошад, мафҳуми «вулкан» — ҳар навъ оташфишоне, ки аз қаъри замин ба амал меояд, фаҳмида мешавад.

Дар айни замон дар силлогизм набояд ду мафҳум бошад, зеро агар ду мафҳум вуҷуд дошта бошад, он гоҳ хулоса такрор шуда омадани яке аз муқаддимаҳо мешавад.

**2. Термини миёна бояд дар яке аз муқаддимаҳо муштарак бошад.**

Яъне термини миёна дар яке аз муқаддимаҳо ба ҳаҷми пуррааш гирифта шавад.

Агар термини миёна дар яке аз муқаддимаҳо ба ҳаҷми пуррааш гирифта нашуда бошад, он гоҳ муносибати байни терминҳои *S* ва *P*-ро муайян кардан имконнопазир аст. Масалан, чунин муҳокимаҳоро дида мебароем:

Ҳамаи студентҳои синфи мо шарқшинос мебошанд.
Ин одамон шарқшинос мебошанд.

Дар ин ҷо термини миёна — мафҳуми «Шарқшинос мебошанд» ва дар ҳар ду муқаддима ҳам ба ҷои хабар омадааст. Ҳар дуи ин муқаддимаҳо — муҳокимаҳои умумии тасдиқӣ мебошанд ва ба мо маълум аст, ки дар муҳокимаҳои умумии тасдиқӣ хабари мантиқӣ номуштарак аст, яъне термини хабар ба ҳаҷми пуррааш гирифта намешавад.

Дар ҳақиқат термини миёна дар ин ҷо «Шарқшинос» ба ҳаҷми пуррааш гирифта нашудааст, зеро ки ба гурӯҳи шарқшиносон ғайр аз студентони синфи мо студентҳои дигар синфҳо, ди-

гар мактабҳои олии шарқшиносӣ, олимон ва ғайра дохил мешаванд.

Пас, ин одамон мумкин аст, ки шарқшинос буда, вале студентони синфи мо набошанд.

Агар термини миёна ё ба ҷои мубтадои муҳокимаи умумӣ ё ба ҷои хабари муҳокимаи инкорӣ ояд, он гоҳ муштарак, яъне ба ҳаҷми пуррааш гирифта мешавад. Дар ин ду муҳокимаи зикргардида термини миёна на мубтадои муҳокимаи умумӣ мебошад ва на хабари муҳокимаи инкорӣ, пас вай номуштарак аст.

**3. Терминҳое, ки дар муқаддимаҳо муштарак намебошанд, бояд дар хулоса ҳам номуштарак шаванд.**

Маълум аст, ки дар хулосаи силлогизм муносибати байни терминҳои *S* ва *P* дар асоси муносибати онҳо ба термини *M* муайян карда мешавад. Бинобар ин, дар хулоса дар бораи *S* ва *P*, ки дар муқаддимаҳо баён шудаанд, бояд фақат дар бораи ҳамон *S* ва *P*-ҳо фикр равад.

Агар дар муқаддима дар бораи як қисми *S* ё дар бораи баъзе *P* фикр равад, дар хулоса дар бораи ҳамаи *S* ё ҳамаи *P*-ҳо фикр пайдо кардан хато мешавад.

Мисоли зеринро дида мебароем:

Ба ҳамаи таҷовузкорон бояд ҷазо дода шавад.
Ин гражданин таҷовузкор намебошад.

---

Пас, ба ин гражданин бояд ҷазо дода нашавад.

Ин гуна хулоса қонунан аз муқаддимаҳо намебарояд, зеро ин гражданин мумкин аст, таҷовузкор набошад, вале ҷинояти дигаре содир карда бошад.

**4. Аз ду муқаддимаи инкорӣ ҳеҷ як хулоса баровардан мумкин нест.**

Дар муҳокимаҳои инкорӣ ҳаҷми термини мубтадо аз дохили ҳаҷми термини хабар берун меистад. Агар ҳар ду муқаддимаҳо ҳам муҳокимаҳои инкорӣ бошанд, он гоҳ ҳаҷми терминҳои *S* ва P аз дохили ҳаҷми термини *M* берун меистанд. Пас, муносибати байни терминҳои *S* ва *P*-ро муқаррар кардан имконпазир мегардад.

Мисоли зеринро дида мебароем:

Ҳеҷ яке аз аъзоёни кружоки мо мусиқии симфониро дӯст намедоранд.
Азимов аъзои кружоки мо намебошад.

Аз ин ду муҳокима хулосаи «Азимов мусиқии симфониро дӯст намедорад», намебарояд, зеро мумкин аст, ки Азимов аъзои кружоки мо набошад, вале мусиқии симфониро дӯст дорад.

**5. Агар яке аз муқаддимаҳо муҳокимаи инкорӣ бошад, хулоса ҳам муҳокимаи инкорӣ мешавад.**

Агар яке аз муқаддимаҳо муҳокимаи инкорӣ буда, дигараш муҳокимаи тасдиқӣ бошад, он гоҳ ҳаҷми яке аз терминҳои канорӣ ба ҳаҷми термини миёна дохил шуда, ҳаҷми термини канории дигар аз дохили ҳаҷми термини миёна берун мешавад.

Мисоли зеринро таҳлил мекунем:

Ҳамаи одамони боинсоф моликияти давлатиро муҳофизат мекунанд.
Гражданин *X* моликияти давлатиро муҳофизат намекунад.

---

Пас, гражданин *X* одами боинсоф намебошад.

Дар ин ҷо ҳаҷми термини калон «одамони боинсоф» ба ҳаҷми термини миёна «моликияти давлатиро муҳофизаткунандагон» дохил мешавад, лекин ҳаҷми термини хурд «гражданин X» ба ҳаҷми термини миёна «моликияти давлатиро муҳофизаткунандагон» дохил намешавад, пас, ҳаҷми термини хурд аз ҳаҷми термини калон берун мебошад.

**6. Аз ду муқаддимаи ҷузъӣ ҳеҷ як хулоса баровардан мумкин нест.**

Агар ҳар ду муқаддимаҳо ҳам аз муҳокимаҳои ҷузъӣ (яъне муҳокимаҳои *I* ва *O*) иборат бошанд, пас аз онҳо хулоса намебарояд. Маълум аст, ки дар муҳокимаҳои ҷузъӣ фикр дар бораи як қисми ҳаҷми термини мубтадо меравад, бинобар ин номуайян аст, ҳар ду ин қисмҳо бо як қисми муайяни ҳаҷми термини миёна мувофиқ меоянд ё ба қисмҳои гуногуни ҳаҷми термини миёна дахл доранд.

Масалан:

Баъзе пешқадамони истеҳсоли хоҷагии қишлоқ — Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ мебошанд.
Баъзе колхозчиёни мо пешқадамони истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ мебошанд.

---

Пас, баъзе колхозчиёни мо Қаҳрамонони Меҳнати Социалистӣ мебошанд.

Ин гуна хулоса аз муқаддимаҳои баёншуда, ҳатман намебарояд, зеро мумкин аст, ки колхозчиёни мо пешқадамони истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бошанду Қаҳрамонони Меҳнати Социалистӣ набошанд.

**7. Агар яке аз муқаддимаҳо муҳокимаи ҷузъӣ бошад, пас хулоса ҳам муҳокимаи ҷузъӣ мешавад.**

Агар яке аз муқаддимаҳо муҳокимаи ҷузъӣ бошад, он гоҳ ҳаҷми термини миёна бо яке аз терминҳои канорӣ қисман муносибат пайдо мекунад. Аз ин рӯ хулоса ҳам ҷузъӣ мешавад.

Масалан:

Одамони пешқадами мамлакати социалистӣ хурофотчӣ намебошанд.
Баъзе одамон хурофотчӣ мебошанд.

---

Пас, баъзе одамон — одамони пешқадами мамлакати социалистӣ намебошанд.

Қондаҳои силлогизм аз инҳо иборатанд. Барои аз силлогизм хулосаи дуруст баровардан бояд ба қондаҳои зикршуда риоя кард.

## § 6. ХАРАКТЕРИСТИКАИ ШАКЛҲОИ СИЛЛОГИЗМ

Ҳар як шакли силлогизм маънои ба худ хос дорад ва дар процесси тафаккур дорои аҳамияти муайяни дарккунист.

Агар қондаҳои силлогизм ва мавқеи термини миёна дар муқаддимаҳо ба назар гирифта шаванд, намудҳои дурусти шаклҳо ба миён меоянд.

Дар натиҷаи ба назар гирифтани қондаҳо ва мавқеи термини миёна дар муқаддимаҳо чор намуди зерини шакли якўми силлогизм ба миён меояд: *AA*, *EA*, *AI* ва *EI*.

Ин чор намудро бо якдигар муқоиса намуда мебинем, ки дар шакли якўми силлогизм муқаддимаи калон муҳокимаи умумӣ буда, муқаддимаи хурд муҳокимаи тасдиқӣ мебошад.

Нақшаи намуди якўми шакли якўми силлогизм чунин ифода меёбад:

$$\frac{\begin{matrix} MaP \\ SaM \end{matrix}}{SaP}$$

*Мисол:*

Ҳамаи афсонаҳои халқӣ — асарҳои эпикӣ мебошанд.
Ҳамаи ин қиссаҳо афсонаҳои халқӣ мебошанд.

---

Пас, ҳамаи ин қиссаҳо — асарҳои эпикӣ мебошанд.

Нақшаи намуди дуюми шакли якўми силлогизм чунин ифода меёбад:

$$\frac{\begin{matrix} MeP \\ SaM \end{matrix}}{SeP}$$

**Мисол:**

Ҳамаи ҳикояҳо асарҳои насрӣ мебошанд.
Ҳеҷ як ғазал ҳикоя намебошад.

---

Пас, ҳеҷ як ғазал — асари насрӣ намебошад.

Нақшаи намуди сеюми шакли якўми силлогизм чунин ифода карда мешавад:

$$\frac{\begin{matrix} MaP \\ SiM \end{matrix}}{SiP}$$

**Мисол:**

Ҳамаи мамлакатҳои социалистӣ коммунизм месозанд.
Баъзе мамлакатҳои Шарқ — мамлакатҳои социалистӣ мебошанд.

---

Пас, баъзе мамлакатҳои Шарқ — коммунизм месозанд.

Формулаи намуди чорӯми шакли якӯми силлогизм чунин ифода меёбад:

$$\frac{\begin{matrix} MeP \\ SiM \end{matrix}}{SoP}$$

Мисол:

> Ҳамаи мубтадоҳои ҷумлаҳо ба саволҳои кӣ ва чӣ ҷавоб медиҳанд.
> Баъзе калимаҳои ин ҷумла ба саволҳои кӣ ва чӣ ҷавоб намедиҳанд.
>
> ---
>
> Пас, баъзе калимаҳои ин ҷумла мубтадо нестанд.

Шакли якӯми силлогизм барои пайдо намудани дониш аҳамияти калон дорад. Фақат ба воситаи шакли якӯми силлогизм муҳокимаи умумии тасдиқӣ пайдо карда мешавад, ки ин муҳокима, барои дониш аҳамияти калон дорад.

Шакли якӯми силлогизмро дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ татбиқ намудан ҳам аҳамияти калон дорад.

Суд кори ҷиноятӣ ё худ гражданиро ба воситаи дар ҳамин шакли силлогизм алоқаманд намудани факт, воқеаи ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии гражданиро дар асоси нормаи муайяни ҳуқуқи ҷиноятӣ ё гражданӣ ҳал мекунад. Масалан, ҷавобгар *X* дар фалон сана бо кирдори худ ба гражданин *M* ба маблағи 300 сӯм зарар расонидааст, пас, бояд аз ҷавобгар *X* ба даъвогар ҳамин зарар ба тариқи ҷарима рӯёнида шавад. Дар ин хулосабарории зикршуда қоидаи умумӣ, ки бо норма ё қонуни ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, муқаддимаи калон буда, факти ҳуқуқвайронкуние, ки суд вайро муқаррар кардааст, муқаддимаи хурд, он қароре ки суд баровардааст, хулоса мебошад.

Шакли дуйӯми силлогизм чор намуди дурусти зерин дорад:

*EA, AE, Ei, AO*

Ин намудҳоро бо якдигар муқоиса карда мебинем, ки дар шакли дуйӯм муқаддимаи калон ҳамеша муҳокимаи умумӣ буда, яке аз муқаддимаҳо муҳокимаи инкорӣ мебошад. Азбаски дар шакли дуйӯм термини миёна дар ҳар ду муқаддима ҳам ба ҷои хабар меояд, пас, он муқаддимае, ки дар вай термини миёна муштарак аст, муҳокимаи инкорӣ мешавад.

Формулаи намуди якӯми шакли дуйӯми силлогизм чунин ифода меёбад:

$$\frac{\begin{matrix} PeM \\ SaM \end{matrix}}{SeP}$$

Мисол:

> Дар мамлакатҳои демократии халқӣ ҳамаи гражданинҳо баробарҳуқуқанд.
> Дар ШМА ҳамаи гражданинҳо баробарҳуқуқ нестанд.
>
> ---
>
> Пас, ШМА мамлакати демократии халқӣ намебошад.

Формулаи намуди дуйӯми шакли дуйӯми силлогизм ин тавр ифода меёбад:

Мисол:

$$\frac{\begin{matrix}PaM\\ SeM\end{matrix}}{SeP}$$

Мисол:

Дар мамлакатҳои демократии ҳақиқӣ граждаиинҳо баробарҳуқуқанд.
Дар мамлакатҳои капиталистӣ ҳамаи граждаиинҳо баробарҳуқуқ намебошанд.

---

Пас, мамлакатҳои капиталистӣ — мамлакатҳои демократии ҳақиқӣ намебошанд.

Намуди сейӯми шакли дуйӯми силлогизм чунин ифода карда мешавад:

$$\frac{\begin{matrix}PeM\\ SiM\end{matrix}}{SOP}$$

Мисол:

Ҳеҷ як калимаи мураккаб аз як реша иборат намебошад.
Баъзе калимаҳои ин ҷумла аз як реша иборатанд.

---

Пас, баъзе калимаҳои ин ҷумла — калимаҳои мураккаб намебошанд.

Намуди чорӯми шакли дуйӯми силлогизм чунин ифода меёбад:

$$\frac{\begin{matrix}PaM\\ SOM\end{matrix}}{SOP}$$

Мисол:

Ҷамъияти пешқадамтарини замони ҳозира — ҷамъияти социалистӣ мебошад.
Баъзе мамлакатҳои Шарқ — ҷамъияти социалистӣ намебошанд.

---

Пас, баъзе мамлакатҳои Шарқ — ҷамъияти пешқадамтарини замони ҳозира намебошанд.

Шакли дуйӯми силлогизм барои пайдо намудани дониш аҳамияти муайян дорад. Ин шакли силлогизм барои рад намудан, инкор кардани фикрҳо ва муҳокимаҳои дурӯғ бештар ба кор бурда мешавад. Шакли дуйӯми силлогизм бештар дар вақти баҳсу мунозира, мубоҳиса бо мақсади инкор кардани фикри ғалат кор фармуда мешавад.

Шакли сейӯми силлогизм шаш намуди дурусти зерин дорад:

*AA, IA, AI, EA, OA, EI*

Ин намудҳоро бо ҳамдигар муқоиса намуда, мо мебинем, ки дар шакли сейӯми силлогизм муқаддимаи хурд ҳамеша му-

ҳокимаи тасдиқӣ буда, хулоса ҳамеша муҳокимаи ҷузъӣ мешавад.

Формулаи намуди якӯми шакли сейӯми силлогизм ин тавр ифода меёбад:

$$\begin{array}{c} MaP \\ \underline{MaS} \\ SiP \end{array}$$

Мисол:

Студентони синфи мо — таърихшинос мебошанд.
Студентони синфи мо — аъзоёни кружоки философия мебошанд.

---

Пас, баъзе аъзоёни кружоки философия — таърихшинос мебошанд.

Формулаи намуди дуйӯми шакли сейӯми силлогизм чунин ифода меёбад:

$$\begin{array}{c} MiP \\ \underline{MaS} \\ SiP \end{array}$$

Мисол:

Баъзе асарҳои философии Абӯалӣ ибни Сино гум шудаанд.
Ҳамаи асарҳои философии Абӯалӣ ибни Сино ёдгориҳои машҳури илмҳои асри миёна мебошанд.

---

Пас, баъзе ёдгориҳои машҳури илмҳои асри миёна гум шудаанд.

Формулаи намуди сейӯми шакли сейӯми силлогизм чунин ифода меёбад:

$$\begin{array}{c} MaP \\ \underline{MiS} \\ SiP \end{array}$$

Мисол:

Ҳамаи муаллимони мо бо асарҳои Рӯдакӣ шинос мебошанд.
Баъзе муаллимони мо забоншинос мебошанд.

---

Пас, баъзе забоншиносон бо асарҳои Рӯдакӣ шинос мебошанд.

Формулаи намуди чорӯми шакли сейӯми силлогизм ин тавр ифода карда мешавад:

$$\begin{array}{c} MeP \\ \underline{MaS} \\ SOP \end{array}$$

Мисол:

Ҳар як ҳуқуқшинос қонунҳои микромирро нағз намедонад.
Ҳамаи ҳуқуқшиносон ҷамъиятшинос мебошанд.

---

Пас, баъзе ҷамъиятшиносон қонунҳои микромирро нағз намедонанд.

Формулаи намуди панҷуми шакли сеюми силлогизм ин тавр ифода меёбад:

$$\frac{\begin{array}{c}MOP\\ MaS\end{array}}{SOP}$$

Мисол:

Баъзе талабагони синфи мо вақташонро бекор намегузаронанд.
Ҳамаи талабагони синфи мо хондани адабиёти бадеиро дўст медоранд.

---

Пас, баъзе талабагоне, ки хондани адабиёти бадеиро дўст медоранд, вақташонро бекор намегузаронанд.

Формулаи намуди шашуми шакли сеюми силлогизм ин тавр ифода меёбад:

$$\frac{\begin{array}{c}MeP\\ MiS\end{array}}{SOP}$$

Мисол:

Ҳеч як инсондўст ҷангро намехоҳад.
Баъзе инсондўстон одамони мамлакатҳои капиталистӣ мебошанд.

---

Пас, баъзе одамони мамлакатҳои капиталистӣ ҷангро намехоҳанд.

Аҳамияти дарккунии шакли сеюми силлогизм нисбат ба шаклҳои якум ва дуюм камтар мебошад. Аҳамияти ин шакли силлогизм аз он иборат аст, ки бо ёрии он ба предмет хос будани ду хел нишона муқаррар карда мешавад ва дар баъзе мавридҳо ин шакл барои рад намудани муҳокимаҳои умумии ғалат кор фармуда мешавад.

Намудҳои шакли чоруми силлогизм чунин ифода меёбанд: *AA, AE, IA, EA, EI.*

Формулаи намуди якуми шакли чорум чунин аст:

$$\frac{\begin{array}{c}PaM\\ MaS\end{array}}{SiP}$$

Мисол:

Ҳамаи халқҳои Тоҷикистон — гражданинҳои СССР мебошанд.
Ҳамаи гражданинҳои СССР — барпокунандагони коммунизм мебошанд.

---

Пас, баъзе барпокунандагони коммунизм — халқҳои Тоҷикистон мебошанд.

Формулаи намуди дуюми шакли чоруми силлогизм чунин ифода карда мешавад:

$$\frac{\begin{array}{c}PaM\\ MeS\end{array}}{SeP}$$

Мисол:

Он ҳиссаи нутқ, ки ҳаракат ва ҳолати предметро ифода мекунад, феъл мебошад.
Ҳеҷ як феъл — сифат намебошад.

---

Пас, ҳеҷ як сифат — ҳиссаи нутқи ҳаракат ва ҳолати предметро ифода намекунад.

Формулаи намуди сеӯми шакли чорӯми силлогизм чунин аст:

$$\frac{\begin{array}{c} PiM \\ MaS \end{array}}{SiP}$$

Мисол:

Баъзе романҳо асарҳои пандомез мебошанд.
Ҳамаи асарҳои пандомез дорои аҳамияти тарбиявианд.

---

Пас, баъзе чизҳое, ки дорои аҳамияти тарбиявианд, роман мебошанд.

Формулаи намуди чорӯми шакли чорӯми силлогизм чунин ишора карда мешавад:

$$\frac{\begin{array}{c} PeM \\ MaS \end{array}}{SoP}$$

Мисол:

Ҳеҷ як химик — таърихшинос намебошад.
Ҳамаи таърихшиносон илми археологияро нағз медонанд.

---

Пас, баъзе шахсоне, ки илми археологияро нағз медонанд, химик намебошанд.

Формулаи намуди панҷӯми шакли чорӯм чунин аст:

$$\frac{\begin{array}{c} PeM \\ MiS \end{array}}{SOP}$$

Мисол:

Ҳеҷ як ғазал — қасида намебошад.
Баъзе қасидаҳо асарҳои шоирони мо мебошанд.

---

Пас, баъзе асарҳои шоирони мо — ғазал намебошанд.

Баъзе мантиқшиносон мегӯянд, ки шакли чорӯми силлогизм дорои аҳамияти дарккунӣ набуда, характери сунъӣ дорад. Аммо қатъӣ назар аз он ки ин шакл дар амалиёти тафаккур кам ба кор бурда мешавад, вай аҳамияти махсус дорад.

Бо ин шакл муносибати мафҳумҳои навъӣ нисбат ба мафҳумҳои ҷинсӣ муқаррар кардашуда барои донista гирифтани мафҳуми ҷинсӣ бештар ба кор бурда мешавад.

## § 7. ХУЛОСАБАРОРИИ ШАРТӢ ВА ШАРТИЮ ҚАТЪӢ

То ин дам мо хулосабароріе, ки ҳар ду муқаддимааш ва хулосааш муҳокимаҳои қатъӣ буда, силлогизм ном дорад, дида баромадем. Лекин маълум аст, ки ғайр аз муҳокимаҳои қатъӣ навъи дигари муҳокимаҳо, чунончи, муҳокимаҳои шартӣ ва мунфасил ҳам мавҷуданд. Бинобар он, хулосабарориҳое ҳам мавҷуданд, ки қисми таркибии онҳоро муҳокимаҳои шартӣ ва мунфасил ташкил медиҳанд.

Хулосабарориҳое, ки яке аз муқаддимаҳояшон муҳокимаи шартӣ мебошад, хулосабарории шартӣ ном доранд.

Хулосабарориҳои шартӣ ба ду навъ тақсим мешаванд:

1) Хулосабарориҳои шартии холис ва 2) хулосабарориҳои шартию қатъӣ.

**1. Хулосабарории шартии холис.**

**Хулосабарории бавоситае, ки ҳар ду муқаддима ва хулосаяш муҳокимаҳои шартӣ мебошанд, хулосабарории шартии холис меноманд.**

Масалан:

Агар дар заводу колхозҳо кори тарбияи коммунистӣ дуруст ба роҳ монда шуда бошад, шуурнокии меҳнаткашон тарафт баланд мешавад.
Агар шуурнокии меҳнаткашон тарафт баланд гардад, он гоҳ планҳои истеҳсолӣ бомуваффақият иҷро мешавад.

---

Пас, агар дар заводу колхозҳо кори тарбияи коммунистӣ дуруст ба роҳ монда шуда бошад, планҳои истеҳсолӣ бомуваффақият иҷро карда мешавад.

Аз ин мисол маълум аст, ки дар муқаддимаи якӯми хулосабарории шартии холис фикре баён карда шудааст, ки мувофиқи он агар дар воқеият як ҳодиса вуҷуд дошта бошад, ҳодисаи дигаре низ мавҷуд аст. Дар муқаддимаи дуюм чунин фикре баён карда мешавад, ки мувофиқи он, агар дар воқеият ҳамон ҳодисаи дуюм вуҷуд дошта бошад, пас, ҳодисаи сеюм низ вуҷуд дорад. Ҳамчун хулоса чунин фикр мебарояд, ки мувофиқи он, агар дар воқеият ҳодисаи якӯм мавҷуд бошад, пас ҳодисаи сеюм ҳам вуҷуд дорад.

Маълум аст, ки **муҳокимаи шартӣ** аз ду қисм: асос ва натиҷа иборатанд. Дар силлогизми шартии холис натиҷаи муҳокимаи муқаддимавии якӯм, асоси муҳокимаи муқаддимавии дуюм мебошад ва, пас, хулоса бароварда мешавад, ки асоси муҳокимаи якӯми муқаддимавӣ мавҷуд бошад, он гоҳ натиҷаи муҳокимаи муқаддимавии дуюм ҳам вуҷуд дорад.

Ин қоидаи умумии хулосабарории шартӣ чунин ифода карда мешавад: **натиҷаи натиҷа — натиҷаи худи асос мебошад.**

Формулаи хулосабарории шартии холис чунин ифода мееёбад:

Агар *А — Б* бошад, он гоҳ *В — Г* мешавад;
Агар *В — Г* бошад, он гоҳ *Д — Е* мешавад.

---

Пас, агар *А — Б* бошад, он гоҳ *Д — Е* мешавад.

2. Хулосабарории шартию қатъй.

**Хулосабарориҳои бавоситае, ки яке аз муқаддимаҳояшон муҳокимаи қатъй аст, хулосабарории шартию қатъй ном дорад.**

Хулосабарории шартию қатъй боз ду шакл дорад:

1. Дар шакли якуми хулосабарории шартию қатъй муқаддимаи калон муҳокимаи шартӣ буда, муқаддимаи хурд муҳокимаи қатъии тасдиқӣ мебошад ва хулосаи он ҳам муҳокимаи қатъии тасдиқӣ мешавад.

Формулаи шакли якуми хулосабарории шартию қатъй чунин ифода меёбад:

Агар *А — В* бошад, он гоҳ *С — Д* мешавад;
*А — В* мебошад.
---
Пас, *С — Д* аст.

Ин шакли хулосабарории шартию қатъй **хулосабарории шартию қатъии тасдиқкунанда** ном дорад.

Мисол:

Агар дар мамлакат сохти ҷамъияти капиталистӣ бошад, он гоҳ дар он ҷамъият мубориза синфии байни истисморкунандагон ва истисморшавандагон вуҷуд дорад.
Дар ШМА сохти ҷамъияти капиталистӣ мавҷуд аст.
---
Пас, дар ШМА муборизаи синфии байни истисморкунандагон ва истисморшавандагон вуҷуд дорад.

2. Дар шакли дуюми хулосабарории шартию қатъй муқаддимаи калон муҳокимаи шартӣ буда, муқаддимаи хурд муҳокимаи қатъии инкорӣ мебошад, аз ин рӯ, хулоса ҳам муҳокимаи қатъии инкорӣ мешавад.

Формулаи шакли дуюми хулосабарории шартию қатъй чунин ифода меёбад.

Агар *А — В* бошад, он гоҳ *С — Д* мешавад;
*С — Д* намебошад.
---
Пас, *А — В* намебошад.

Мисол:

Агар ҷумла мураккаб бошад, он гоҳ вай ба якчанд ҷумлаҳои содда тақсим мешавад.
Ин ҷумла ба якчанд ҷумлаҳои содда тақсим намешавад.
---
Пас, ин ҷумла ҷумлаи мураккаб намебошад.

Ин шакли хулосабарории шартию қатъй **хулосабарории шартию қатъии инкорӣ** ном дорад.

Асоси хулосабарории шартиро қоидаи умумии алоқаи байни асос ва натиҷа ташкил медиҳад. Ин қоидаи умумии алоқаи байни асос ва натиҷаи муҳокимаи шартӣ, чӣ навъе ки дар боло зикр шуда буд, ба тарзи зерин ифода меёбад:

1. Агар ду муҳокимаи солдаи дорои алоқаи байни асос ва натиҷа буда, муҳокимаи шартиро ташкил диҳанд, он гоҳ аз ҳақ будани асос натиҷаи ҳақ мебарояд ва аз дурӯғ будани натиҷа асоси дурӯғ мебарояд:

2. Аз ҳақ будани натиҷа асоси ҳақ намебарояд (зеро мумкин аст ин натиҷа натиҷаи асоси дигар бошад) ва аз асоси дурӯғ натиҷаи дурӯғ намебарояд (зеро мумкин аст натиҷа асоси дигар дошта бошад, ки аз вай ҳақ барояд).

Чунин аст қоидаи умумии хулосабарории шартӣ.

### § 8. ХУЛОСАБАРОРИИ МУНФАСИЛ ВА МУНФАСИЛИ ҚАТЪӢ

Хулосабарорие, ки яке аз муқаддимаҳояш муҳокимаи мунфасил аст, хулосабарории мунфасал ном дорад.

Хулосабарории мунфасил ду навъ мешавад:

1. Хулосабарории мунфасили холис.
2. Хулосабарории мунфасили қатъӣ.

**Хулосабарорие, ки муқаддимаи калон, муқаддимаи хурд ва хулосааш муҳокимаҳои мунфасил аст, хулосабарории мунфасили холис номида мешавад.**

Формулаи хулосабарории мунфасили холис чунин аст:

*A* — ё *B*, ё *C* аст;
*C* — ё *D*, ё *E* аст.
*A* — ё *B*, ё *D*, ё *E* аст.

Пас,

Мисол:

Формацияҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ё бесинф (коммунистӣ), ё синфӣ мешаванд.
Формацияҳои ҷамъиятӣ-иқтисодии синфӣ ё ғуломдорӣ, ё феодалӣ ва ё капиталистӣ мешаванд.

Пас, формацияҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ё ғуломдорӣ, ё феодалӣ, ё капиталистӣ ва ё коммунистӣ мешаванд.

Дар хулосабарории мунфасили қатъӣ муқаддимаи калон муҳокимаи мунфасил буда, муқаддимаи хурд муҳокимаи қатъӣ мебошад, пас, хулоса ҳам муҳокимаи қатъӣ мешавад.

Хулосабарории мунфасили қатъӣ ду намуд дорад. Намуди якӯми хулосабарории мунфасили қатъӣ **хулосабарории мунфасили қатъии тасдиқии инкорӣ** ном дорад. Яъне дар ин ҷо ба воситаи тасдиқ инкор карда мешавад. Дар намуди якӯми хулосабарории мунфасили қатъӣ муқаддимаи калон муҳокимаи мунфасил буда, муқаддимаи хурд муҳокимаи қатъии тасдиқӣ мебошад, дар ин сурат хулоса муҳокимаи қатъии инкорӣ мешавад.

Формулаи намуди якӯми хулосабарории мунфасили қатъӣ ба таври зерин ифода меёбад:

*A* — ё *B*, ё *C*, ё *Д* аст.
*A* — *B* мебошад.

Пас, *A* — *C* ва *Д* намебошад.

**Масалан:**

Студентони курси мо аз забонҳои хориҷӣ ё забони ҳиндӣ, ё забони арабӣ, ё забони форсиро меомӯзанд.
Маълум шуд, ки студентони курси мо забони ҳиндиро меомӯхтанд.

---

Пас, студентони курси мо забонҳои арабию форсиро намеомӯзанд.

**Мисоли дигар:**

Ин рубоиро ё Рӯдакӣ, ё Дақиқӣ ва ё Балхӣ навиштааст.
Ин рубоиро Рӯдакӣ навиштааст.

---

Пас, ин рубоиро Дақиқӣ ва Балхӣ наанавиштаанд.

Дар намуди дуюми хулосабарории мунфасили қатъӣ, муқаддимаи калон муҳокимаи мунфасил буда, муқаддимаи хурд муҳокимаи қатъии инкорӣ мебошад ва хулоса муҳокимаи қатъии тасдиқӣ мешавад. Ин намуди дуюми хулосабарории мунфасили қатъӣ **хулосабарории мунфасили қатъии инкорӣ-тасдиқӣ** номида мешавад. Яъне дар ин ҷо ба воситаи инкоркунӣ тасдиқ карда мешавад.

Формулаи намуди дуюми хулосабарории мунфасили қатъӣ ба таври зерин ифода меёбад.

*А* — ё *В*, ё *С* ва ё *Д* аст;
*А* — *С* ва *Д* намебошад.

---

Пас, *А* — *В* мебошад.

**Масалан:**

Мубтадои грамматикии ин ҷумлаҳои таҳлилшаванда ё исм, ё ҷонишин ва ё шумора мебошад.
Мубтадои грамматикии ин ҷумлаҳо ҷонишин ва шумора намебошанд.

---

Пас, мубтадои грамматикии ин ҷумлаҳо исм мебошанд.

**Мисоли дигар:**

Ин кори ҷиноятиро ё шахси *А*, ё шахси *Б*, ё шахси *В* содир кардааст.
Дар натиҷаи тафтиш маълум гардид, ки ин кори ҷиноятиро шахси *Б* ва шахси *В* содир накардааст.

---

Пас, ин кори ҷиноятиро шахси *А* содир кардааст.

Ин гуна шаклҳои хулосабарорӣ дар ҳар гуна соҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба кор бурда мешаванд. Чунончи, тадқиқотчии адабиёт, таърихшинос бо мақсади муқаррар кардани муаллифи ягон асари дастнависи қадимӣ дар асоси омӯхтани асарҳои муайян чунин муҳокимаро кор мефармоянд, ки мувофиқи он муаллифи ҳамин дастнавис ё шоири *Б*, ё шоири *В*, ё шоири *Г* мебошад. Ин муҳокимаи мунфасил муқаррар намудани муаллифи асарро хеле осон мекунад. Аз тадқиқотҳои оянда маълум мегардад, ки шоири *Б* ва шоири *В* муаллифи ҳамон асар намебошанд. Пас, тадқиқотчӣ аз хулосабарории мунфасил истифода бурда, муқаррар мекунад, ки муаллифи ҳамон дастнавис шоир *Г* мебошад.

Ҳамин тариқ, тадқиқотчиён дар процесси тафаккур, аз хулосабарории мунфасил барои корҳои тадқиқоти илмӣ ва амалӣ истифода мебаранд.

## § 9. ХУЛОСАБАРОРИИ ШАРТИЮ МУНФАСИЛ

Дар хулосабарориҳои шартию мунфасил муқаддимаҳо муҳокимаи шартию мунфасил мешавад. Дар баъзе хулосабарориҳои шартию мунфасил муқаддимаи калон аз ду ё аз ду зиёд муҳокимаҳои шартӣ иборат бошад, пас муқаддимаи хурд муҳокимаи мунфасил мешавад. Ин гуна хулосабарориҳои шартию мунфасилро хулосабарориҳои **лемматикӣ** меноманд.

Хулосабарориҳои лемматикӣ якчанд шакл доранд:

а) **Дилемма.** Яке аз шаклҳои хулосабарории лемматикӣ дилемма мебошад. Муқаддимаҳои дилемма аз муҳокимаҳои шартӣ ва мунфасил иборатанд.

Аз хулосабарории дилеммавӣ ду хел хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳар дуи онҳо ҳам ҷиҳатҳои манфӣ доранд. Ин ду хулосаи баровардашуда, альтернативҳо номида мешавад. Дар дилемма танҳо яке аз ҳамин альтернативҳо интихоб карда мешавад, зеро роҳи сеюми ҳал кардани масъала вуҷуд надорад.

Дилемма ду навъ мешавад:

1. Д и л е м м а и  с о з а н д а  (к о н с т р у к т и в ӣ).
2. Д и л е м м а и  в а й р о н к у н а н д а  (д е с т р у к т и в ӣ).

Дар дилеммаи созанда, муқаддимаи калон дар намуди альтернативҳо ду шартро муқаррар менамояд ва аз ин ду шарт ду натиҷа мебарояд: муқаддимаи хурд, танҳо имконпазирии ҳамин ду шартро муайян мекунад, хулосаи он муҳокимаи мунфасил мешавад.

Формулаи дилеммаи созанда чунин ифода меёбад:

Агар *А — Б* бошад, он гоҳ *А — В* мешавад,
агар *А — Г* бошад, он гоҳ *А — Е* мешавад.
*А* — ё *Б* ва ё *Г* мебошад.

---

Пас, *А* — ё *В* ва ё *Е* мебошад.

Масалан, дар арафаи имтиҳон студент мумкин аст ин тавр андеша кунад: «Агар ман дар арафаи имтиҳон шаб хоб накарда хонда бароям, он гоҳ истироҳат накарда, ба имтиҳон монда шуда меоям; агар ман хонда набароям, он гоҳ ба имтиҳон тайёрӣ дида наметавонам. Лекин дар арафаи имтиҳон ман ё мехонам, ё истироҳат мекунам. Пас, ман ё истироҳат накарда ба имтиҳон монда шуда ҷавоб медиҳам, ё ба имтиҳон бе тайёрӣ меоям» (яъне студент дар ин ҳар ду маврид ҳам бад ҷавоб медиҳад).

М и с о л и  д и г а р: шахсе ки китоби хуберо пайдо кардаанист, вай чунин фикр мекунад: «Агар ман пул медоштам, ин китоби хубро мехаридам ва агар ман одами беviҷдон мебудам, ҳамин китоби хуби китобхонаро аз худ мекардам. Ҳоло ман ин ки-

чобро нахаридаам ва на аз худ кардаам, пас ман на одами пулнок мебошам ва на одами бевичдон хастам».

Дар дилеммаи вайронкунанда муқаддимаи калон мухокимаи шартии махсусе мебошад, ки асоси ин муҳокима асоси муқаррарӣ буда, натичаи ин мухокима — муҳокимаи мунфасил мебошад; муқаддимаи хурд имконпазирии ин ду натичаи аз он мухокима баровидаро инкор мекунад ва дар хулоса асос рад карда мешавад.

Формулаи дилеммаи вайронкунанда ин тавр ифода меёбад.

> *Агар А — Б бошад, он гоҳ А — ё В ва ё Г мешавад.*
> *А — на В ва на Г мебошад.*
> ---
> *Пас, А — Б намебошад.*

Мисол:

> Агар чумлаи грамматикӣ муҳокимаро ифода кунад, пас вай ё ҳақ ва ё дурӯғ мешавад.
> Ин чумла на ҳақ ва на дурӯғ аст.
> ---
> Пас, ин чумлаи грамматикӣ муҳокимаро ифода намекунад.

Ғайр аз дилемма чунин хулосабарориҳои лемматикие мавчуданд, ки дар онҳо ду қарор не, балки се ё аз се зиёд қарорҳоро ҳамчун хулоса баровардан мумкин аст.

Хулосабарории шартию мунфасил, ки аз вай се қарор баровардан имконпазир мебошад, трилемма ном дорад.

Агар аз хулосабарориҳои шартию мунфасил аз се қарор зиёдтар қарорҳоро ба тарзи хулоса бароварда шавад, ин гуна хулосабарориҳои шартию мунфасил полилемма ном доранд.

Барои трилемма хулосабарории зерин мисол шуда метавонад. Шахси бовичдоне, ки ба ягон хатогӣ роҳ додааст, чунин фикр мекунад: «Агар ин рафиқи ман, ки аз хатогии ман хабардор аст, агар вай дӯсти ман бошад, пас ба ман барои ба хатогиам иқрор шудан ва дар оянда айбамро ислоҳ карданам ёрӣ мерасонад; агар вай худаш одами гунаҳкор бошад, айбамро мепӯшонад ва агар вай одами бевичдон бошад, маро сафед мекунад. Лекин ин шахс на ба иқрор шудани хатогиам ва ислоҳ кардани он маслиҳат дод, на айбамро пӯшондаӣ шуд ва на маро сафед карда нишон дод, пас, вай на дӯсти ман аст, на худаш гунаҳгор ва на одами бевичдон мебошад».

Чунинанд навъҳои асосии хулосабарории шартию мунфасил.

## § 10. ХУЛОСАБАРОРИИ МУХТАСАР ВА МУФАССАЛ

Дар процесси тафаккур на ҳамеша тамоми қисмҳои таркиби хулосабарорӣ ифода карда мешавад. Аксар вақт яке аз қисмҳои таркиби хулосабарорӣ баён карда нашуда, фикран ба назар дошта мешавад. Бинобар ин, аксар вақт хулосабарории мухтасар ба кор бурда мешаванд.

**Хулосабароріе, ки яке аз қисмҳои таркибиаш изҳор нашуда, вале фикран ба назар дошта мешавад, замир (энтимема) ном дорад.** Замир се намуд дорад.

Намуди якӯми замир чунин хулосабарории мухтасарест, ки дар вай муқаддимаи калон изҳор карда нашуда, фикран ба назар дошта шудааст. Формулаи намуди якӯми замир чунин аст:

*S—M* мебошад, пас *S—P* мебошад;
ё ки *S—P* мебошад, чунки *S—M* аст.
Мисол: Ин шахс марксист аст.

---

Пас, ин шахс партиявияти адабиётро эътироф менамояд.

Дар ин ҷо муқаддимаи калон: «Ҳамаи марксистон партиявияти адабиётро эътироф менамоянд» изҳор карда нашуда, фикран дар назар дошта шудааст.

Агар ҳамаи қисмҳои таркибии ин хулосабарориро барқарор намуда, ифода кунем, чунин мешавад:

Ҳамаи марксистон партиявияти адабиётро эътироф менамоянд.
Ин шахс марксист мебошад.

---

Пас, ин шахс партиявияти адабиётро эътироф менамояд.

Мисоли дигар, ин шахс марксист нест, чунки вай партиявияти адабиётро эътироф намекунад. Ин мисол бо нақшаи зерин ифода меёбад:

*S—M* нест, пас, *S—P* намебошад.

**Намуди дуйӯми** замир чунин хулосабарории мухтасаре мебошад, ки дар вай муқаддимаи хурд баён карда нашуда, фикран дар назар дошта мешавад.

Формулаи намуди дуйӯми замир ин тавр ишора карда мешавад:

*M—P* мебошад, пас, *S—P* аст, ё ки: *S—P* аст, чунки *M—P* мебошад.

Мисол: ҳамаи марксистон диктатураи пролетариатро эътироф менамоянд, пас, ин шахс ҳам диктатураи пролетариатро эътироф мекунад.

Дар ин замир муқаддимаи хурд: «Ин шахс марксист мебошад» партофта шуда, вале фикран дар назар дошта шудааст. Агар ҳамаи қисмҳои таркибии ин хулосабарорӣ баён карда шаванд, ин тавр мешавад:

Ҳамаи марксистон диктатураи пролетариатро эътироф мекунанд.
Ин шахс марксист мебошад.

---

Пас, ин шахс диктатураи пролетариатро эътироф мекунад.

Мисол барои ҳамин гуна намуди замире, ки аз вай хулосаи инкорӣ мебарояд:

«Ҳамаи пешқадамони истеҳсолот нормаҳои худро барзиёд иҷро мекунанд, пас, ин одам пешқадами истеҳсолот намебошад».

Дар ин замир муқаддимаи хурд «Ин одам нормаҳои худро барзиёд иҷро намекунад», изҳор карда нашуда, фақат ба назар дошта шудааст.

Ҳамаи қисмҳои таркибии ин хулосабарорӣ баён карда шавад, чунин намудро мегирад:

Ҳамаи пешқадамони истеҳсолот нормаҳои худро барзиёд иҷро мекунанд.
Ин одам нормаҳои худро барзиёд иҷро намекунад.

---

Пас, ин одам пешқадами истеҳсолот намебошад.

Замири муқаддимаи хурдаш партофташудае, ки аз вай хулосаи инкорӣ бароварда мешавад, бо формулаи зерин ишора кардан мумкин аст.

*M—P* мебошад, пас *S—P* нест.

**Намуди сеюми** замир чунин хулосабарории мухтасаре мебошад, ки дар вай хулоса изҳор карда нашуда, вале фикран ба назар дошта мешавад.

Ин намуди сеюми замир бо формулаи зерин ифода меёбад:

*S — M* мебошад, *M — P* аст.

*Мисол*: Ҳамаи комсомолон дар хониш барои дигар хонандагон ибрат мешаванд, ту комсомол ҳастӣ.

Дар ин замир хулоса «Ту бояд барои дигар хонандагон ибрат шавӣ» баён нашуда, балки фикран дар назар дошта шудааст.

Агар ҳамаи қисмҳои таркибии ин хулосабарорӣ ифода ёбанд, чунин намудро мегирад:

Ҳамаи комсомолон дар хониш барои дигар хонандагон ибрат мешаванд.
Ту комсомол ҳастӣ.

---

Пас, ту бояд барои дигар хонандагон ибрат шавӣ.

Мисол барои ҳамин гуна намуди замире, ки аз вай хулосаи инкорӣ мебарояд:

Ҳамаи талабагони аълохони ҳақиқӣ боинтизом мебошанд, ту боинтизом нестӣ.

Дар ин ҷо хулоса «Ту талабаи аълохони ҳақиқӣ намебошӣ» баён нашуда, балки фикран ба назар дошта шудааст.

Ҳамин гуна намуди замире, ки аз вай хулосаи инкорӣ мебарояд, бо ин тавр формула ифода меёбад:

*S—M* намебошад, *M* бошад *P* аст.

Дар процесси тафаккур одатан мо бештар хулосабарориҳои алоҳидаро ба кор набурда, балки як хулосабарориро бо дигар хулосабарорӣ вобаста карда ва хулосабарории дуюмро бо хулосабарории сеюм вобаста менамоем ва ҳоказо. Дар ин гуна пайвастшавиҳои хулосабарорӣ хулосаи хулосабарории якум муқаддимаи хулосабарории дуюм мешавад, хулосаи хулосабарории дуюм муқаддимаи хулосабарории сеюм мешавад ва ҳоказо.

**Чунин хулосабарории муфассале, ки дар он хулосаи хулосабарории аввалӣ муқаддимаи хулосабарории сонӣ мебошад, полисиллизм, яъне силлогизми муфассал ном дорад.**

Силлогизмҳои муфассал ду навъ мешаванд: 1) силлогизмҳои муфассали пешраванда (прогрессивӣ) ва 2) силлогизмҳои муфассали таназзулӣ (регрессивӣ).

Дар силлогизмҳои муфассали пешраванда хулосаи хулосабарории аввалӣ муқаддимаи калони хулосабарории сонӣ мешавад. Дар силлогизмҳои муфассали таназзулӣ хулосаи хулосабарории аввалӣ муқаддимаи хурди хулосабарории сонӣ мешавад.

Мисол барои силлогизми муфассали пешраванда (прогрессивӣ).

Ҳамаи илмҳои ҷамъиятӣ характери партиявӣ доранд.
Адабиёт яке аз илмҳои ҷамъиятӣ мебошад.

---

Пас, адабиёт характери партиявӣ дорад.

Адабиёт характери партиявӣ дорад.
Назарияи адабиёт яке аз қисмҳои илми адабиёт мебошад.

---

Пас, назарияи адабиёт характери партиявӣ дорад.

Мисол барои силлогизми мураккаби таназзулӣ (регрессивӣ):

Халқҳои мамлакатҳои социалистӣ бунёдкорони ҷамъияти коммунистӣ мебошанд.
Мамлакатҳои халқии демократӣ мамлакатҳои социалистӣ мебошанд.

---

Пас, халқҳои мамлакатҳои халқии демократӣ бунёдкорони ҷамъияти коммунистӣ мебошанд.

Бунёдкорони ҷамъияти коммунистӣ — халқҳои озод ва бахтиёри ҷаҳон мебошанд.
Халқҳои мамлакатҳои халқии демократӣ бунёдкорони ҷамъияти коммунистӣ мебошанд.

---

Пас, ҳамаи халқҳои мамлакатҳои халқии демократӣ халқҳои озод ва бахтиёри ҷаҳон мебошанд.

Силлогизмҳои мураккаби пешраванда бо формулаи зерин ишора карда мешавад:

1. $B — A$ аст.
$C — B$ аст.

---

Пас, $C — A$ аст.

2. $C — A$ аст;
$Д — C$ аст.

---

Пас, $Д — A$ аст.

Силлогизмҳои мураккаби таназзулӣ бо чунин формула ифода карда мешаванд.

1. *В* — *А* аст.
   *С* — *В* аст.

   ---
   *Пас, С — А мешавад.*

2. *А* — *Д* аст.
   *С* — *А* аст.

   ---
   *Пас, С — Д аст.*

Дар процесси тафаккур баъзан яке аз муқаддимаҳои силлогизмҳои мураккаб изҳор карда нашуда, фақат фикран ба назар дошта мешавад. *Силлогизмҳои мураккабе, ки дар онҳо яке аз муқаддимаҳо баён намешаванду танҳо фикран мавҷуданд, соритҳо ном доранд.*

Сорит ду навъ мешавад: 1. Сорити аристотелӣ; 2. Сорити гоклений. Мисол барои сорити аристотелӣ.

С. Улуғзода — драматург аст.
Драматург — нависанда аст.
Нависанда — санъаткор аст.
Санъаткор — зиёӣ аст.
Зиёӣ коркуни меҳнати фикрӣ аст.

---
Пас, С. Улуғзода коркуни меҳнати фикрӣ аст.

Дар ин пайвастшавии хулосабарориҳо муқаддимаи хурди ҳар як хулосабарории алоҳида баён нашудааст. Агар ин силлогизми ихтисор муфассал ифода ёбад, чунин мешавад:

1. Драматург нависанда мебошад.
   С. Улуғзода — драматург аст.

   ---
   Пас, С. Улуғзода нависанда аст.

2. Нависандагон — санъаткоранд.
   С. Улуғзода нависанда аст.

   ---
   Пас, С. Улуғзода санъаткор аст.

3. Санъаткорон зиёӣ мебошанд.
   Пас, С. Улуғзода зиёӣ аст.

   ---
   Пас, С. Улуғзода зиёӣ аст.

4. Зиёӣ коркуни меҳнати ақлӣ мебошад.
   С. Улуғзода — зиёӣ аст.

   ---
   Пас, С. Улуғзода коркуни меҳнати ақлӣ аст.

Дар сорити аристотелӣ одатан муқаддимаи хурд ошкоро ифода намеёбад. Дар сорити аристотелӣ хулосаи силлогизми якӯм муқаддимаи хурди силлогизми дуйӯм мешаваду вале баён карда нашуда, фикран ба назар дошта мешавад. Хулосаи силло-

гизми дуйўм муқаддимаи силлогизми сейўм мешавад, лекин изҳор карда нашуда, фикран ба назар дошта мешавад ва ҳоказо.

Мисол барои сорити гоклениӣ:

Илмҳои ҷамъиятшиносиро омўхтан савияи маданӣ-сиёсии одамро баланд мебардорад. Илми таърих — илми ҷамъиятшиносӣ мебошад.
Таърихи СССР — яке аз қисмҳои таърихи умумӣ мебошад.
Таърихи халқи тоҷик яке аз қисмҳои таърихи СССР мебошад.

Пас, таърихи халқи тоҷикро омўхтан савияи маданӣ-сиёсии одамро баланд мебардорад.

Дар ин сорити гоклениӣ муқаддимаи калон баён карда нашуда, фикран ба назар дошта шудааст. Агар мо ин соритро ба таври силлогизми мураккаби пурра баён намоем, чунин силлогизми мураккаби аз се хулосабарории содда иборатбуда, пайдо мешавад:

1. Омўхтани илмҳои ҷамъиятшиносӣ савияи маданӣ-сиёсии одамро баланд мебардорад.
   Илми таърих — илми ҷамъиятшиносӣ мебошад.

   Пас, илми таърихро омўхтан савияи маданӣ-сиёсии одамро баланд мебардорад.

2. Илми таърихро омўхтан савияи маданӣ-сиёсии одамро баланд мебардорад.
   Таърихи СССР яке аз қисмҳои таърихи умумӣ мебошад.

   Пас, таърихи СССР-ро омўхтан савияи маданӣ-сиёсии одамро баланд мебардорад.

3. Таърихи СССР-ро омўхтан савияи маданӣ-сиёсии одамро баланд мебардорад
   Таърихи халқи тоҷик яке аз қисмҳои таърихи СССР мебошад.

   Пас, таърихи халқи тоҷикро омўхтан савияи маданӣ-сиёсии одамро баланд мебардорад.

## § 11. ХУЛОСАБАРОРИИ МУНОСИБАТ

Ғайр аз хулосабарориҳои зикршуда, хулосабарориҳои муносибат мавҷуданд. Муқаддимаҳои ин гуна хулосабарориҳоро муҳокимаҳои муносибат ташкил медиҳанд. Баъзан силлогизм ҳам аз муҳокимаҳои муносибат ташкил меёбад, лекин дар силлогизм ин гуна муҳокимаҳо аз нуқтаи назари муносибате, ки ин муҳокимаҳо ифода менамоянд, мушоҳида карда намешавад. Дар силлогизм ин гуна, муҳокимаҳои муносибат аз ҷиҳати хусусияти умумиашон, ки дар силлогизм ҳамчун асос (муқаддима) ба кор бурда шуда, аз онҳо натиҷа (хулоса) мебароид, дида мешаванд.

Дар хулосабарории муносибат ин гуна муҳокимаҳо танҳо аз нуқтаи назари он муносибате, ки онҳо ифода менамоянд, муайян карда мешавад.

Намуди зохирии ин хулосабарорихо бо силлогизм монанд бошад хам, фарки чиддӣ дорад. Дар ин хулосабарорихои муносибат се термин не, балки чор термин мавчуд аст. Азбаски дар таркиби хулосабарории муносибат термини миёна вучуд надорад, ин хулосабарорӣ ба коидахои силлогизм тобеъ нест.

Хулосабарорихои муносибат муносибатхои гуногуни предметро ифода мекунанд. Муносибатхои баробарӣ ва нобаробарии предметхо, ки бо мафхумхои «бештар», «камтар», «болотар», «пасттар» ва гайра баён карда мешаванд, муносибатхои хамзамонӣ, пасу пеш ба миён омадани вокеаро ифода менамоянд.

Масалан:

Диаметри кураи *A* бо диаметри кураи *E* баробар аст.
Диаметри кураи *B* бо диаметри кураи *C* баробар аст.

---

Пас, диаметри кураи *A* бо диаметри кураи *C* баробар аст.

Хулосабарории зикршуда хулосабарории муносибат буда, мукаддимахо ва хулосаи он чунин мухокимахои муносибат мебошанд, ки онхо баробарии предметхоро ифода мекунанд.

Асоси ин гуна хулосабарорихоро коидаи умумии зерин ташкил медихад: ду предмете, ки аз ягон чихат бо чизи сеюм баробаранд, дар айни замон онхо бо якдигар низ баробаранд.

Ин гуна хулосабарорихои баробарӣ на факат баробарии хачм, балки баробарии сохт ва таркиби предметхо, баробарии овозхои (садохои) нутк, мусикӣ ва аз чихати дигар баробарии предметхоро ифода менамоянд.

Намудхои асосии ин гуна хулосабарории муносибати баробарӣ бо формулахои зерин ишора карда мешаванд:

$$\frac{\begin{matrix}A=B\\B=C\end{matrix}}{A=C}\qquad\frac{\begin{matrix}B=A\\B=C\end{matrix}}{A=C}\qquad\frac{\begin{matrix}A=B\\C=B\end{matrix}}{A=C}\qquad\frac{\begin{matrix}B=A\\C=B\end{matrix}}{A=C}$$

Аз нуктаи назари мантик хамаи ин намудхо як шаклро ифода мекунанд. Дар мухокимаи баробарӣ дар байни мубтадо ва он чизе, ки бо вай мубтадо баробар аст, фарк нест.

Бинобар ин, ин хулосабарорихоро аз чап ба рост ва баръакс, аз рост ба чап хондан мумкин аст.

Инак, мисоли хулосабарории нобаробарӣ:

$$\frac{\begin{matrix}a>в\\в>c\end{matrix}}{\text{Пас, } a>c.}\qquad\frac{\begin{matrix}a<в\\в<c\end{matrix}}{\text{Пас, } a<c.}$$

Мисол ба навъи дигари хулосабарории баробарӣ:

$$\frac{\begin{matrix}a+b=c+d\\c+d=x+y\end{matrix}}{a+b=x+y}$$

Ин гуна хулосабарорихои мувосибат бештар дар сохаи математика, дар сохаи забоншиносй, таърих ва дигар сохахои илм ба кор бурда мешаванд.

Дар хулосабарорихои муносибати нобаробарй дарачахои гуногуни нобаробарии предметхо ифода меёбанд:

Мисол:

Шахри Душанбе аз шахри Ленинобод калонтар аст.
Шахри Тошкент аз шахри Душанбе калонтар аст.
___
Пас, шахри Тошкент аз шахри Ленинобод калонтар аст.

Ё ки Абдурахмони Чомй аз Алишери Навой пештар таваллуд ёфтааст.
Алишери Навой аз Хилолй пештар таваллуд ёфтааст.
___
Пас, Абдурахмони Чомй аз Хилолй пештар таваллуд ёфтааст.

Мисоли дигар:

Хучанд аз Кўлоб кадимтар аст.
Кўлоб аз Душанбе кадимтар аст.
___
Пас, Хучанд аз Душанбе кадимтар аст.

Хамин тарик, дар катори силлогизм хулосабарории муносибат мавчуданд, ки илми мантик навъхои гуногуни онхоро омўхта, коидахои онхоро муайян мекунад.

БОБИ VIII

# ХУЛОСАБАРОРИИ ИНДУКТИВӢ

## § 1. ТАЪРИФИ ХУЛОСАБАРОРИИ ИНДУКТИВӢ

Хулосабарории индуктивиро одатан индукция меноманд. Индукция ҳамчун хулосабарорӣ аз якчанд ҷиҳатҳо аз хулосабарории дедуктивӣ фарқ дорад.

Фарқи муҳимми хулосабарории индуктивӣ аз хулосабарории дедуктивӣ аз он иборат аст, ки дар индукция аз донишҳо, муқаддимаҳои якка ва ҷузъӣ хулосаи умумӣ мебароранд. Хулосаи индукция ҳамеша аз ҷиҳати умумияти ҳаҷми худ нисбат ба муқаддимаҳо васеътар, калонтар мебошад. Ғайр аз ин хулосаи индукцияи ҳақиқӣ доимо тахминан хақ мешавад. Бо ёрии хулосабарории индуктивӣ ҳеҷ гоҳ дониши ҳақиқии эътиборнок пайдо карда наметавонем. Чунки агар дар муқаддимаҳои индукция фикр дар бораи қисми муайяни баъзе предметҳо, чизҳо равад, дар хулосаи ин хулосабарорӣ фикр дар бораи ҳамаи предметҳои ҳамон ҷинс меравад. Бинобар ин, хулосабарории индуктивӣ дониши моро зиёд ва васеъ менамояд, зеро агар муқаддимаҳо дониш дар бораи як қисми ҷинси предметҳои муайян бошанд, хулосаи индукция дониши ҳамаи предметҳои ҳамон ҷинс мебошад.

Дар олами моддӣ предмет ва ҳодисаҳои алоҳида мавҷуданд. Ин предмет ва ҳодисаҳои алоҳида дорои ҷиҳатҳои умумӣ мебошанд. Ҷиҳатҳои умумии предметҳо моҳият, қонуниятн онҳоро ташкил медиҳанд. Ҳамин ҷиҳатҳои умумӣ, яъне моҳият, қонуниятҳои предмет ва ҳодисаҳои олами моддӣ бо ёрии хулосабарории индуктивӣ донистa гирифта мешаванд.

Эҷодкорони таълимоти марксизм-ленинизм аҳамияти муҳимми хулосабарории индуктивиро доимо таъкид мекарданд. Дар баробари ин онҳо ҳамеша мефаҳмонанд, ки доннше ки бо ёрии индукция ба вуҷуд меояд, тахминан ҳақ аст ва ҳақиқати мутлақ шуда наметавонад. В. И. Ленин дар қайдҳои философиаш дар бораи индукция таваққуф намуда чунин гуфтааст: «Ҳақиқати бағоят оддӣ, ки бо роҳи бағоят оддии индуктивӣ ҳосил шуда

бошад, ҳамеша нопурра аст, зеро таҷриба ҳамеша нотамом мебошад»[1].

Дар ҳақиқат таърихи илм шаҳодат медиҳад, ки донишҳое ки бо ёрии хулосабарориии индуктивӣ пайдо гардидаанд, дар зарфи даҳҳо, садҳо солҳо ҳамчун ҳақиқати раднашавандаи эътиборнок ба шумор мерафт, вале таҷриба ғалат будани онҳоро нишон дод.

Масалан, олимон дар натиҷаи борҳо дар ҷойҳои гуногун мушоҳида кардани мурғи қу ба хулосае омада буданд, ки «Ҳамаи мурғони қу пари сафед доранд».

Ин хулосаи индуктивӣ дар бораи ранги сафед доштани мурғи қу дар зарфи чандин солҳо ҳамчун ҳақиқати раднашаванда дониста мешуд. Вале сонитар олимон дар соҳилҳои Австралия мурғҳои қуро дидаанд, ки парҳои сиёҳ ҳам доштаанд ва бо ҳамин ғалат будани хулосаи индуктивии зикршуда маълум гардид.

**Индукция чунин хулосабарориии бавосита мебошад, ки дар вай аз донишҳо, муқаддимаҳои ҷузъӣ хулосаи умумӣ мебароянд ва хулосааш доимо характери эҳтимолӣ дорад.**

Хулосабарориии индуктивӣ аз ҷиҳати сохти таркибиашон ва хулосаҳояшон, ба ду навъ тақсим мешавад:

1. Хулосабарориии индуктивии мукаммал.
2. Хулосабарориии индуктивии номукаммал.

## § 2. ИНДУКЦИЯИ МУКАММАЛ

Бо ёрии хулосабарориии индуктивӣ одатан фактҳо, воқеаҳои мушоҳидашаванда ва тадқиқшаванда ҷамъбаст карда мешаванд.

Дар олами моддӣ миқдори фактҳо, воқеаҳо, ҳодисаҳои мушоҳидашаванда, тадқиқшаванда ё кам аст ё бисёру беохир аст. Агар фактҳо, ҳодисаҳои миқдорашон нисбатан маҳдуд ҷамъбаст карда шаванд, дар ин маврид хулосабарориии индуктивии мукаммал ба кор бурда мешавад ва агар тадқиқ кардани фактҳо, ҳодисаҳои миқдорашон хеле бисёр лозим шавад, пас хулосабарориии индуктивии номукаммал ба кор бурда мешавад.

Вақте ки мо индукцияи мукаммалро ба кор мебарем, пеш аз ҳама, миқдори факт ва ҳодисаҳои ҷинси предметҳои омӯхтаистода, тадқиқшавандаро бояд аниқ кунем ва баъд аз он ба ҳар як предмети ҷинси тадқиқшаванда хос будани хусусият, нишонаи ҷамъбастшавандаро ошкор кунем.

Масалан:

РСФСР Конститутсияи худро дорад.

Республикаи Советии Социалистии Украина Конститутсияи худро дорад.

---

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 38, саҳ. 179.

Республикаи Советии Социалистии Белоруссия Конституцияи худро дорад.
Республикаи Советии Социалистии Ўзбекистон Конституцияи худро дорад.
Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон Конституцияи худро дорад. Дигар республикаҳои Советӣ ҳам ҳамин тавр.
РСФСР, Украина, Белоруссия, Ўзбекистон, Тоҷикистон ва дигар республикаҳо— Республикаҳои Иттифоқӣ мебошанд.

---

Пас, аз ин хулоса бароварда мешавад, ки «Ҳамаи республикаҳои иттифоқӣ конституцияи худро доранд»

Мисоли дигарро мебинем: адабиёти бадеиро омўхта истода ба чунин хулоса меоем, ки адабиёти бадеӣ воситаи тавонои донистан ва аз нав сохтани олам мебошад. Мусиқӣ, театр, кино, рассомӣ ва дигарҳо низ воситаи тавонои дониста гирифтан ва аз нав сохтани олам аст. Ҳамаи навъҳои санъатро ба назар гирифта хулоса бароварда мегўем, ки «Санъат воситаи тавонои дониста гирифтан ва аз нав сохтани олам мебошад».

Бо ёрии индукцияи мукаммал ҳамчун хулоса на фақат муҳокимаи тасдиқӣ, балки муҳокимаи инкорӣ ҳам баровардан мумкин аст. Агар муқаддимаҳо муҳокимаҳои тасдиқӣ бошанд, пас, хулоса ҳам муҳокимаи тасдиқӣ мешавад ва агар муқаддимаҳо муҳокимаи инкорӣ бошанд, пас, хулоса ҳам муҳокимаи инкорӣ мешавад. Чунончи, дар вақти кофтукови археологӣ тангаҳои қадимиро омўхта истода ба хулосае меоем, ки ҳеҷ як кадом аз он тангаҳои ёфтаамон дар асри V сохта нашудаанд.

Мисоли дигар: дастнависҳо, асарҳои ягон шоири гузаштаро алоҳида-алоҳида тадқиқ карда истода, ба хулосае меоем, ки «ин шоир ба воситаи фалон вазн шеър нанавиштааст».

**Индукцияи мукаммал чунин хулосабарории бавосита мебошад, ки бо ёрии он дар асоси омўхтани ҳамаи предметҳои (навъҳои) ҷинси муайян хулосаи умумӣ бароварда мешавад.**

Индукцияи мукаммал бо формулаи зерин ишора карда мешавад:

$A - P$ аст.
$B - P$ аст.
$C - P$ аст.
$A, B, C$ ҳамаи навъҳои $S$-ро ташкил медиҳанд.

---

Пас, ҳамаи $S$-ҳо $P$ мебошанд.

Дар асоси омўхтани предметҳо, навъҳои алоҳида ба воситаи индукцияи мукаммал дониши умумӣ пайдо мекунем.

Индукцияи мукаммал аз ҷамъбасткунии оддӣ фарқ дорад. Аз муқаддимаҳои дар боло зикршуда дониши ҷамъбастгардидаи зерин пайдо мешавад:

$A - P$ аст.
$B - P$ аст.
$C - P$ аст.

---

Пас, $A, B, C - P$ мебошанд.

Ин мисол хулосабарории индуктивӣ набуда, балки вобастакунӣ, ҷамъбасткунии оддӣ мебошад.

Бо ёрии индукцияи мукаммал дониши умумии эътиборнок пайдо мекунем.

Дар таърихи илми мантиқ дар бораи аҳамияти донишбахшии индукцияи мукаммал байни мантиқшиносон баҳсу мунозира мерафт. Баъзе мантиқшиносон индукцияи мукаммалро ҷамъбасткунии оддӣ дониста, онро ҳамчун хулосабарорӣ эътироф намекарданд.

Вале индукцияи мукаммал хулосабарории бавоситае мебошад, ки бо ёрии он дониши нав пайдо мекунем. Дониши умумӣ ки бо ёрии индукцияи мукаммал дар бораи ҷинси муайяни предметҳо пайдо менамоем, аз ҷамъбасткунии муҳокимаҳое, ки предметҳои алоҳидаро ифода менамоянд, тамоман фарқ мекунад.

Дониши умумие, ки бо ёрии индукцияи мукаммал бароварда мешавад, на танҳо ҷамъи донишҳо дар бораи предметҳои алоҳидаи ҳамин ҷинс, балки ин дониши умумӣ таърифи ҳамин ҷинсро то як дараҷа ҳам дар бар мегирад. Ба воситаи индукцияи мукаммал аз донишҳои ҷузъӣ ба донишҳои умумӣ мегузарем.

Баъзан бо ёрии индукцияи мукаммал аз омӯхтан, донистa гирифтани қисмҳои ягон предмет ба донистa гирифтани худи ҳамон предмет мегузарем. Дар рафти омӯхтани қисмҳои ягон чиз муқаррар карда мешавад, ки ба ҳар як қисми чизи мазкур нишонаи муайян, хусусият хос аст, пас, аз ин хулоса бароварда мешавад ва ҳамин нишона, хусусият ба худи ҳамон чиз хос аст. Масалан, кори ҳар як бригадаи пахтакори фалон колхозро омӯхта истода, мебинем, ки ҳар кадоми ин бригадаҳо ӯҳдадории ба зиммаи худ гирифтаашро иҷро кардааст, пас, аз ин хулоса бароварда мешавад, ки колхози мазкур ӯҳдадории гирифтаашро иҷро намудааст.

Дар ин гуна маврид дар бораи ҷинси мазкури предметҳо не, балки дар бораи предмети алоҳида хулоса бароварда мешавад.

Индукцияи мукаммал омӯхтан, тадқиқ намудани ҳамаи фактҳо, предметҳои алоҳидаи ҷинси муайянро талаб менамояд. Вале мо дар вақти тадқиқу омӯзиш бо чунин предмет, ҳодисаҳо вомехӯрем, ки миқдори онҳо хеле бисёр мебошанд. Дар ин гуна маврилҳо на индукцияи мукаммал, балки индукцияи номукаммалро ба кор мебарем.

## § 3. ИНДУКЦИЯИ НОМУКАММАЛ

Индукцияи номукаммал хулосабарории бавосита мебошад. Дар индукцияи номукаммал ҳам аз фактҳо, муҳокимаҳои якка, ҷузъӣ хулосаи умумӣ бароварда мешавад, яъне дар ин ҷо ҳам аз дониши ҷузъӣ ба дониши умумӣ мегузарем.

Фарқи индукцияи номукаммал аз индукцияи мукаммал аз он иборат аст, ки дар ин чо дар асоси омӯхтаи, тадқиқ намудани баъзе предметҳо ва навъҳо хулосаи умумӣ бароварда мешавад. Маълум аст, ки дар индукцияи мукаммал барои ин ки мо дар бораи ҷинси муайян хулосаи умумӣ барорем, бояд ҳамаи предмет, навъҳои ҷинси мазкурро омӯзем.

Дар индукцияи номукаммал бошад, фақат дар асоси омӯхтан, тадқиқ намудани баъзе предметҳо, навъҳо, дар бораи ҳамин ҷинс хулосаи умумӣ бароварда мешавад.

Дар олам ҷинси муайяни предметҳо предметҳои тоқа ва навъии бисьёрро дар бар мегирад ва ҳамаи он предметҳои алоҳидае ки ҳамон ҷинси предметҳо дар бар мегирад, ба ҳисоб гирифтан, омӯхтан имконнопазир аст. Аз ин сабаб дар бораи ҷинси предметҳо дар асоси омӯхтани танҳо баъзе предметҳои алоҳида хулоса мебарорем.

Масалан, дар натиҷаи мушоҳида мебинем, ки ба баъзе предметҳо нишонаи муайян хос мебошад, пас, аз ин ҷо хулоса мебарорем, ки ба ҳамаи предметҳои ҷинси мазкур ҳамин гуна нишона хос аст.

Борҳо такрор шудани ҳодисаҳои ба ҳамдигар монанд мушоҳида карда шаванд, аз ин хулоса бароварда мешавад, ки ҳамин ҳодиса ҳамеша ба вуҷуд меояд. Масалан, баъзан баъди фурӯ рафтани офтоб осмон ранги сурхтоб пайдо карда дар рӯзи дигар вазидани шамол мушоҳида карда мешавад. Аз ин хулоса бароварда мегӯем, ки шафақи шом сурхтоб шавад, пас дар рӯзи дигар шамол мешавад. Монанди ҳамин чунин мақоли халқ «Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад» ба миён омадааст. Монанди ҳамин, халқ дар ҳаёти худ беадолатии шоҳони ҷамъияти гузаштаро дида, беадолатӣ — ва қашшоқии меҳнаткашон, харобгардии мамлакатро мушоҳида карда, хулосаи худро бо чунин мақол ифода карданд: «Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад».

Индукцияи номукаммал, бешубҳа, дониши моро васеъ менамояд, зеро дар ин ҷо дар муқаддимаҳо фикр дар бораи баъзе предметҳо равад, дар хулоса фикр дар бораи ҳамаи предметҳои ҳамон ҷинс меравад.

**Индукцияи номукаммал чунин хулосабарории бавоситаест, ки дар вай хулосаи умумӣ дар бораи ҷинси муайяни предметҳо дар асоси омӯхтани баъзе қисми муайяни предметҳои алоҳидаи ҳамон ҷинс бароварда мешавад.**

Хулосабарории индуктивии номукаммал ба ду навъ тақсим мешавад:

1) Индукцияи номукаммале, ки бо роҳи оддӣ ба ҳисоб гирифта мешавад ду ба ҳодисаҳои зид вонамехӯрад (ё ки индукцияи «машҳур»).

2) Индукцияи ба воситаи таҳлил ва интихоби фактҳое ки умумиятдиҳии тасодуфӣ истисно карда мешавад.

**а) Индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда.**

Дар ҳаёти ҳаррӯза якчанд бор такрор шудани ҳодисаҳои муайянро ба назар гирифта хулосаи умумӣ мебароранд. Барои хулосаи умумӣ баровардан, одатан, миқдори ҳамин ҳодисаҳои такроршаванда ба назар гирифта мешавад ва, агар бо ҳамин ҳодисаҳои мушоҳидагардида ягон ҳодисаи зид вохӯрад, ғалат будани хулоса ошкор мешавад. Маҳз аз ин сабаб мантиқшинос Бэкон ин навъи хулосабарории индукцияи номукаммалро — индукцияи номукаммали бо роҳи оддӣ ба ҳисоб гирифташаванда ва ба ҳодисаҳои зид вонахӯранда номидааст.

Масалан, дар таҷрибаи ҳаёт борҳо гурбаҳои сафеди чашми кабуддор вомехӯранд, ки онҳо кар мебошанд. Аз ин хулоса баровардa мешавад, ки «Ҳамаи гурбаҳои сафеди чашми кабуддор кар мебошанд».

Мисоли дигар: аз ҳаёти ҳаррӯзаи таҳсил фаҳмида мешавад, ки калимаҳои «Ленинград», «Қоҳира», «Лоҳутӣ», «Давлатов», «Офтоб» ва ғайра бо ҳарфи калон навишта мешаванд, маълум мегардад, ки ҳамаи ин калимаҳо исми хос мебошанд, пас мо чунин хулосаи умумиро мебарорем: «Ҳамаи исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд».

Бо ёрии ин индукция бо роҳи оддӣ ҳамчун хулоса дониши нав пайдо мекунем. Аммо дониши наве, ки ба воситаи индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда пайдо мекунем, дониши эҳтимолӣ, тахминӣ аст. Агар ҳодисаҳои бо ин роҳ ба ҳисобгиранда ҷамъбаст гардида, ягона ҳодиса, факти зид дучор шавад, ғалат будани хулоса зоҳир мегардад. Ҳақиқӣ будани хулосаи индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда танҳо ба миқдори фактҳо, ҳодисаҳои ҷамъбастшаванда алоқаманд аст. Миқдори фактҳо, ҳодисаҳои ҷамъбастгардида ҳар қадар ки бисьёр бошанд, дараҷаи ҳақ будани хулосаи индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда ҳам ҳамин қадар зиёд мешавад.

Хулосаи индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгирандаро ҳамчун дониши тахминӣ, фаразӣ эътироф намудан лозим аст. Барои фикри тахминӣ, дониши фаразӣ пайдо намудан индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда аҳамияти калони илмӣ дорад. Одатан донишҳои илмӣ дар асоси ба миён омадани фикрҳои фаразие, ки фаразия (гипотеза) ном доранд, ба вуҷуд меоянд. Аз ин сабаб индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда барои ташкильёбии фаразияҳои илмӣ аҳамияти муҳим дорад.

Азбаски бо ёрии индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда хулосаи ниҳоятдараҷа тахминӣ пайдо карда мешавад, ин навъи хулосабарорӣ воситаи исботи донишҳои илмӣ шуда наметавонад.

Бояд қайд намуд, ки индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда яке аз навъҳои индукцияи номукаммал мебошад. Ғайр аз

индукцияи бо роҳи оддӣ ба ҳисобгиранда дигар навъи индукцияи номукаммал вуҷуд дорад. Дар ин навъи индукцияи номукаммал фактҳо бо ёрии интихоби махсусе, ки ҷамъбасткунии тасодуфӣ истисно карда мешавад, умумият дода мешаванд. Ин гуна индукцияи номукаммал индукцияест, ки дар он ба воситаи таҳлил ва интихоби фактҳои умумиятдиҳии тасодуфӣ истисно карда мешавад.

**б) Индукцияи номукаммал ба воситаи таҳлил ва интихоби фактҳо, ки умумиятдиҳии тасодуфӣ истисно карда мешавад.**

Дар ин навъи хулосабарории индуктивӣ хулоса дар асоси омӯхтани баъзе фактҳои ҷинси муайян бароварда мешавад. Вале дар ин навъи индукцияи номукаммал хулоса танҳо, ба миқдори фактҳо асос наёфта, балки ба чунин фактҳое, ки махсус интихоб карда шуда, ҳамчун фактҳои муҳим ба шумор мераванд, асос меёбад. Бинобар ин, индукцияи номукаммали мазкур ба он миқдори ходисаҳо асос наёфта, балки ба табиат, моҳияти онҳо асос меёбад.

Дар ин ҷо умумиятдиҳии тасодуфии фактҳо тамоман истисно карда мешаванд. Дар ин навъи дуюми индукцияи номукаммал барои хулоса баровардан фактҳои зиёде лозим нест, дуруст тадқиқ намудани баъзе ҳодисаҳои интихобгардида кофист. Дар навъи мазкури индукцияи номукаммал на ин ки миқдори фактҳо, ходисаҳо, балки моҳият, табиати онҳо, аҳамияти махсус дорад. Аз ин сабаб хулоса дар ин ҷо танҳо ба ҳисобгирии ҳодисаҳо не, балки ба ҳодисаҳои бо роҳи таҳлил муайян ва интихоб гардида, асос меёбад. Аз ин шакли дуюми индукцияи номукаммали бо роҳи таҳлил ва интихоби фактҳо ба амаломада чунин хулосае мебарояд, ки ин хулосаро ҳодисаҳои зид инкор карда наметавонанд.

Масалан, одам борҳо мушоҳида намуда мебинад, ки ҳавои гармшуда ба боло меравад. Аз ин муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи гарм шудан ҳаҷми ҳаво васеъ шуда, зичиаш камтар мешаваду нисбат ба ҳавои хунуки атроф сабуктар шуда ба фишор боло мебарояд. Дар натиҷа чунин хулосаи умумӣ мебарояд:— «Ҳавои гарм боло мебарояд».

**Чунин индукцияи номукаммале, ки ба воситаи таҳлил ва интихоби фактҳо хулоса бароварда шуда, ба хулосааш зиддияте во намехӯрад, дар илми мантиқ индукцияи илмӣ ном дорад.**

## § 4. ИНДУКЦИЯИ ИЛМӢ

Дар олами моддӣ ҳамаи предмет ва ҳодисаҳо дар байни худ алоқаи зарурӣ доранд.

Яке аз шаклҳои алоқамандии зарурии ҳодисаҳои воқеияти реалӣ алоқамандии сабабии ҳодисаҳо мебошад. Алоқамандии сабабӣ аз алоқаи сабаб ва оқибат иборат аст. Дар во-

кеняти реалӣ ҳар як ҳодисаро дигар ҳодисае ё маҷмӯи ҳодисаҳо ба миён меорад.

Ҳодиса ё маҷмӯаи ҳодисаҳое, ки аз дигар ҳодиса пеш вуҷуд дошта, ин ҳодисаро пайдо мекунад, *сабаб* номида мешавад. Ҳодисае, ки баъд аз дигар ҳодиса ё ҳодисаҳо ба вуҷуд омада, аз тарафи ҳамон ҳодисаҳо ба миён оварда мешавад, *оқибат* номида мешавад.

Масалан, ба атрофи тири худ чарх задани Замин сабаби ба вуҷуд омадани рӯзу шаб аст ва ба вуҷуд омадани рӯзу шаб оқибати ба атрофи тири худ чарх задани Замин мебошад. Дар ҷамъият вуҷуд доштани моликияти хусусии воситаҳои истеҳсолот сабаби вуҷуд доштани синфҳо ва мубориза синфҳо мебошад ва мавҷуд будани синфҳо ва муборизаи синфӣ оқибати вуҷуд доштани моликияти хусусии воситаҳои истеҳсолот мебошад.

Алоқаи байни сабаб ва оқибат алоқаи қонунӣ мебошад, зеро ҳар як сабаб дар шароити муайян оқибати муайянро ба миён меорад.

Алоқамандии сабабӣ ба тамоми ҳодисаҳои табиат, ҷамъият хос аст. Дар олами реалӣ ҳодисаи бесабаб мавҷуд нест, ҳар як ҳодиса дар асоси сабаби муайян ба вуҷуд меояд.

Алоқаи байни сабаб ва оқибат алоқаи зарурӣ мебошад. Азбаски дар байни сабаб ва оқибат алоқаи қонунӣ мавҷуд аст ва сабаби муайян оқибати муайянро ба миён меорад, воқеаи ояндаро пешбинӣ кардан мумкин аст.

С а б а б в а о қ и б а т п а й д а р ҳ а м б а а м а л м е о я д. С а б а б ҳ а м е ш а п е ш а з о қ и б а т в а о қ и б а т п а с а з с а б а б б а м и ё н м е о я д. Вале ҳар як ҳодисае, ки пеш аз оқибат вуҷуд дорад, сабаб намешавад. Масалан, баъд аз шаб рӯз меояд, вале шаб сабаби ба вуҷуд омадани рӯз нест. Бинобар ин, ҳар гуна пайдарҳамии ҳодисаҳоро бо алоқамандии сабабии онҳо ба ҳам омехтан мумкин нест. Ҳар навъ пайдарҳамии ҳодисаҳоро бо алоқамандии сабабӣ аралаш кардан хатогии мантиқӣ содир кардан аст ва ин хатогии мантиқӣ бо ибораи «баъд аз ин, яъне аз сабаби ин» ифода карда шудааст. Масалан, хурофотпарастон ба ҳамин гуна хатогӣ роҳ дода исбот карданӣ мешаванд, ки гӯё паридани чашм сабаби ягон ҳодиса бошад, ё ки аз сари роҳи кас гузаштани гурбаи сиёҳ сабаби ягон бемуваффақиятӣ бошад ва ҳоказо. Дар ҳақиқат дар байни ин гуна ҳодисаҳо ҳеҷ як алоқаи сабабии зарурӣ вуҷуд надорад.

Дар соҳаи фаҳмонидани алоқаи сабабӣ ду хел равия — равияи идеалистӣ ва материалистӣ мавҷуд аст. Аз нуқтаи назари материалистӣ дар қатори предметҳои олами объективӣ алоқамандии сабабии ҳодисаҳо ҳам берун аз шуури одам ва новобаста ба он вуҷуд дорад. Донишҳое, ки дар бораи алоқамандии сабабӣ пайдо карда мешавад, инъикоси алоқамандии сабабии

ҳодисаҳое мебошанд, ки аз майнаи сари одам берун ва новобаста ба он вуҷуд доранд.

Мувофиқи ақидаи идеалистӣ алоқаи сабабӣ маҳсули майнаи инсон мебошад.

Азбаски эътироф намудани алоқаи сабабнокии ходисаҳо масъалаи вуҷуд доштани сабабҳои қашшоқии меҳнаткашон дар мамлакатҳои капиталистӣ, муборизаҳои синфӣ, революцияҳо, бекории оммаи меҳнаткашон, кризисҳои иқтисодӣ ва ғайраҳоро ба миён мегузорад, идеологҳои синфҳои истисморкунанда ин алоқамандии сабабиро маҳсули майнаи инсон шуморида, кӯшиш мекунанд, ки вайро рад кунанд.

Таҷрибаи ҳаёти инсон ва комьёбиҳои тамоми илмҳо ҳақ будани нуқтаи назари материалистиро тасдиқ намуда, бардурӯғ будани ақидаҳои идеалистиро исбот мекунад. Илми замони ҳозира ба принципи сабабии ҳодисаҳо такья намуда, сабабҳои ҳодисаҳои мураккаби олами моддиро кашф намуда, ба муваффақиятҳои нав ба нав муваффақ мегардад.

Таълимоти марксистӣ-ленинӣ метод, роҳҳо ва воситаҳои ошкор намудани алоқаи сабабии ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро муайян менамояд.

**Яке аз воситаҳое, ки алоқамандии ҳодисаҳои олами моддӣ ошкор карда мешаваду илми мантиқ вайро меомӯзад, индукцияи илмӣ ном дорад.**

Дар таърихи илми мантиқ бори аввал индукцияи илмӣ ва методҳои онро мантиқшиноси материалист Ф. Бэкон кор карда баромада буд. Бэкон методҳоеро кор карда баромад, ки ин методҳо барои ошкор кардани алоқаҳои сабабии ҳодисаҳо ба кор бурда мешаванд. Бо ёрии ин методҳо алоқаҳои сабабии ҳодисаҳои олами моддӣ исбот карда мешаванд. Барои ҳамин ҳам методҳои индукцияи илмиро методҳои исбот мешуморанд.

Бэкон панҷ методи исботкунии индуктивии сабаби ҳодисаҳоро муқаррар намуда буд.

Метод ва қоидаҳои индукцияи илмиро баъд аз Бэкон олимони англис Ҷон Гершел ва Ҷон Стюарт Милль пурратар ва саҳеҳтар ифода намудаанд.

## § 5. МЕТОДҲОИ АЛОҚАИ САБАБИИ ҲОДИСОТ

Методҳои тадқиқ ва исбот намудани сабаби ҳодисаҳои олами моддӣ 5 навъанд: 1. Методи монандӣ; 2. Методи тафовут; 3. Якҷоя ба кор бурдани методи монандӣ ва тафовут; 4. Методи тағйироти ҳамроҳ; 5. Методи бақияҳо.

Ин методҳои индукцияи илмӣ барои тадқиқ намудан ва исбот кардани сабаби ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият ба кор бурда мешаванд.

Пеш аз ба кор бурдани методҳои индукцияи илмӣ шароитҳои муайян лозиманд. **Шароитҳое, ки барои ба кор бурдани методҳои индукцияи илмӣ лозиманд, мушоҳида ва эксперимент номида мешавад.**

**Мушоҳида.** Мушоҳида амале мебошад, ки бевосита бо ёрии органҳои ҳиссиёт гузаронида шуда, предмет ва ҳодисаҳо чи таври ке ки дар воқеият мавҷуданд, ҳамон тавр омӯхта мешаванд. Дар вақти мушоҳида предмет ва ҳодисаҳои воқеият бо ёрии органҳои ҳиссиёт дарк карда мешаванд. Мушоҳидаи илмӣ дар асоси плани пешакӣ тартиб додашуда, бо мақсади иҷро намудани вазифаи муайян мунтазам ба амал оварда мешавад.

Масалан, ба осмон нигоҳ карда ситораҳо, системаи ситораҳо, мавқеи онҳоро бевосита омӯхтан, мушоҳида мебошад. Дар соҳаи илми табиатшиносӣ барои мушоҳида асбобҳои гуногун: телескоп, микроскоп ва ғайра ба кор бурда мешаванд, ки ин асбобҳо предмет ва ҳодисаҳои ба назар нонамоёнро калон карда нишон медиҳанд.

Дар соҳаи илми табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ мушоҳидакуниро ба кор бурда, ба воситаи он фактҳо ҷамъ карда мешаванд ва бо ёрии ин фактҳои тадқиқшуда фактҳои дигари ба онҳо монандро донист мегиранд. Дар ҳаёти ҳаррӯза мо фактҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳои гуногунро мушоҳида намуда, хусусият, нишонаҳои онҳоро муқаррар мекунем ва онҳоро дар асоси хулосабарорӣ ҷамъбаст менамоем. Ба воситаи мушоҳида фактҳо ҷамъ карда шаванд, бо ёрии индукция ин фактҳо умумият дода мешаванд. Дар рафти тадқиқоти амалӣ ва илмӣ мушоҳида бо донишҳои шоҳидӣ, гувоҳӣ пурратар карда мешавад. Агар кас ягон ҳодиса ё воқеаро бевосита мушоҳида карда натавонад, он гоҳ аз он фикрҳои дигар шахсе ки ҳамон чизро медонад, меомӯзад.

Масалан, таърихшинос ё адабиётшиносе, ки воқеаҳои давраҳои гузаштаро меомӯзад, аз фикрҳои далелноки шахсони ҳамон давра, ки онҳо чизҳои дидагӣ, мушоҳидакардагиашонро дар мактубҳо, хотираҳо, ёддоштҳо ифода кардаанд, истифода мебарад. Инчунин ҳуқуқшинос ҳам ягон кори гражданӣ ё ҷиноятиро бевосита мушоҳида карда омӯхта натавонад, он гоҳ фикри шоҳидонро меомӯзад.

**Эксперимент.** Эксперимент чунин амали даркқунӣ мебошад, ки дар рафти вай ҳодиса, предмети тадқиқшудаистода бо роҳи сунъӣ тағйир меёбад ва дониста мешавад. Дар рафти эксперимент тадқиқотчӣ шароити ба амал омадани ҳодисаи омӯхтаистодаро тағйир медиҳад ва он шароитро ба мақсади тадқиқот мувофиқ карда меомӯзад. Бо ёрии эксперимент ҳодисаи омӯхтаистодаро аз дигар ҳодисаҳои номуҳим ҷудо карда меомӯзем. Дар вақти эксперимент ҳодисаи тадқиқшавандаро бо роҳи муқаррарӣ пайдо мекунем ва онро мувофиқи мақсад борҳо такрор карда он ҷиҳатҳое, ки онҳоро бо ёрии мушоҳида омӯхтан душ-

вор аст, донista мегирем. Масалан, химик бо ёрии эксперимент аз ҷараёни электрикӣ истифода бурда, обро бо қисмҳои таркибиаш — водород ва кислород ҷудо карда меомӯзад. Дар физика, химия, биология, илми тиб ҳодисаҳои дохили атомӣ, ядроӣ, хусусиятҳои мавҷи радио, магнетизм ва ғайра ба воситаи эксперимент омӯхта мешавад.

Дарккунии экспериментӣ бо истеҳсолот зич алоқаманд аст. Ин дарккунии экспериментӣ дар лабораторияҳои гуногун, станцияҳо, участкаҳои таҷрибавӣ иҷро карда мешавад. Бинобар ин, тадқиқотчӣ ҳодисаҳоро ба воситаи эксперимент омӯхта истода талаботи истеҳсолотро қонеъ мегардонад.

Ҳамин тариқ, ба воситаи мушоҳида ва эксперимент фактҳо, ҳодисаҳои гуногун омӯхта мешаванд, ки дар асоси онҳо бояд хулоса баровард.

## Методи монандӣ

Дар методи монандӣ якчанд мавридҳо интихоб карда шуда, бо ҳам муқоиса карда мешаванд, ки онҳо танҳо аз як ҷиҳат ба якдигар монананд ва ҳамин ҷиҳати монандии онҳо сабаби ходисаи тадқиқ кардаистода мешавад.

Масалан, тадқиқотчӣ дар бораи пайдоиши рангҳои тиру камон тахминан фикр мекунад, ки сабаби пайдоиши рангҳои тирукамон аз мағзи ҷисми шаффофи дорои шакли муайян гузаштани нурҳои офтоб аст. Барои исботи ин фикр тадқиқотчӣ фактҳоро ҷамъ мекунад. Вай мушоҳида карда мебинад, ки рангҳои тирукамон дар қатраҳои шабнам, дар қатраҳои оби шаршараҳо, дар шишаҳои булӯрии шашқабата ва ғайра мавҷуданд.

Ҳамаи ин ҳодисаҳоро бо ҳамдигар муқоиса намуда мебинад, ки ягона шароите, ки онҳо бо ҳамдигар монананд, аз мағзи чизи шаффофи призмагӣ гузаштани нурҳои равшанӣ аст.

Маълум аст, ки тирукамон дар рӯзҳои офтобӣ, пас аз борон ба амал меояд. Аз ин ҷунин хулосае мебароянд, ки сабаби пайдо шудани тирукамон аз мағзи чизи шаффофи призмагӣ гузаштани нурҳои равшанӣ (яъне аз мағзи қатраҳои борон гузаштани нурҳои офтоб аст) мебошад.

Мисоли дигар: одамони нажод, миллат, синну сол, ҷинсашон гуногун дар мамлакатҳои гуногун ба касалии вараҷа гирифтор мешаванд. Барои сабаби касалии вараҷаро муқаррар кардан, ҳамаи ин ҳодисаҳоро месанҷанд. Маълум мешавад, ки ягона монандии онҳо газидани як навъи пашшае будааст, пас, хулоса мебароранд, ки сабаби пайдоиши касалии вараҷа газидани як навъ пашшае будааст.

Ҳамин тариқ, дар рафти мушоҳида ва эксперимент дар бораи ҳодисаи омӯхтаистода фикри тахминӣ пайдо мешавад. Ин фикри тахминиро бо методи индукцияи илмӣ исбот мекунем. Масалан, дар вақти тадқиқот фикри тахминӣ исбот мегардад, ки сабаби пайдоиши ҳодисаи *«а»* ҳодисаи *«А»* мебошад.

Барои исботи ин фикр аз фактҳои таҷриба чунин ҳодисаҳо интихоб карда мешаванд, ки дар онҳо *«а»* мавҷуд аст ва дар мавридҳои муқаддам ягона ҳодисаи монанд вуҷуд дорад. Тахмин мекунем, ки мавридҳои *ABC, ABD, ACD*-ро интихоб намудем ва баъд аз ин, мавридҳои *авс, авd, acd* пайдо кардем. Ин чизро мо бо нақшаҳои зерин ифода мекунем:

| Қатори ҳодисаҳои муқаддам: | Қатори ҳодисаҳои муттаохир |
|---|---|
| 1. *ABC* | *aвc* |
| 2. *ABD* | *aвd* |
| 3. *ACD* | *acd* |

Ин қаторҳои ҳодисаҳоро бо ҳамдигар муқоиса намуда мебинем, ки сабаби ҳодисаи *«а»*, ки муқаррар менамоем, ҳодисаи *«В»* шуда наметавонад, зеро ҳодисаи *«В»* дар мавриди сеюм вуҷуд надорад, вале ҳодисаи *«а»* пайдо шуд; ҳодисаи *«С»* сабаби ҳодисаи *«а»* шуда наметавонад, чунки дар мавриди дуюм *«С»* вуҷуд надорад, аммо ҳодисаи *«а»* пайдо шуд; ҳодисаи *«Д»* сабаби ҳодисаи *«а»* шуда наметавонад, зеро *«Д»* дар мавриди якум вуҷуд надорад, лекин ҳодисаи *«а»* пайдо шуд. Сабаби ҳодисаи *«а»* на ҳодисаи *«В»*, на *«С»* ва на *«Д»* мебошанд; ягона ҳодисаи монанде ки ҳодисаи *«а»*-ро ба амал меоварад, ҳодисаи *«А»* мебошад, пас, хулоса, бароварда мешавад, ки *«А»* сабаби *«а»* аст. Акнун ин методро бо формула ифода менамоем:

1. *ABC*.......................................................*aвc*.
2. *ABD*.......................................................*aвd*.
3. *ACD*.......................................................*acd*.

Пас, сабаби *а* ҳодисаи *А* аст.

Методи монандӣ чунин ифода карда мешавад: агар ду ё **аз ин зиёд мавридҳои ҳодисаи тадқиқкардаистода танҳо як шароити монанд дошта бошанд, пас, ҳамин шароит сабаби ҳодисаи тадқиқ шудаистода аст.**

Бо ёрии методи монандӣ хулоса баровардан хулосабарории индуктивӣ мебошад, чунки, хулосаи умумии *«А* сабаби *а* мебошад» дар натиҷаи омӯхтани ҳамаи ҳодисаҳои як ҷинс пайдо нашуда, балки дар асоси тадқиқ намудани як қисм, баъзе ҳодисаҳои ҳамин ҷинс ба амал меояд. Ғайр аз ин дар ин ҷо хулоса нисбат ба муқаддимаҳо дониши умумитар аст.

Хулосабарорӣ бо ёрии методи монандӣ дониши ҳақиқии эътибornок пайдо карда наметавонад. Агар инро мо бо диққат таҳлил кунем, ноаниқ будани хулосае, ки бо ёрии методи монандӣ ба-

роварда шуд, боз ҳам равшантар мегардад. Дар ҳақиқат мумкин аст, ки танҳо «*А*» сабаби ҳодисаи «*а*» набуда, балки «*А*» бо «*В*» ва ё бо «*С*», ё бо «*Д*» вобаста бошад, яъне танҳо «*А*» набуда, он ба ҳодисаи дигаре вобаста бошад.

Агар мо танҳо «*А*» сабаби «*а*» гӯем ҳам, хулоса аниқ намешавад, чунки агар дар айни замон ҳодисаи «*А*»-ро чизи оддӣ шуморем, инкишофи минбаъда шояд мураккаб будани ҳодисаи «*А*»-ро исбот кунад.

Бинобар ин, бо ёрии методи монанда хулосаи эҳтимолӣ пайдо намуда, дониши ҳақиқи эътиборнок пайдо карда наметавонем.

## Методи тафовут

Дар методи тафовут ду хел ҳодиса бо ҳамдигар муқоиса карда мешавад, ки дар мавриди якӯм ҳодисаи тадқиқшаванда ба вуҷуд меояд ва дар мавриди дуйӯм ба вуҷуд намеояд. Ин мавриди муқоиса танҳо бо як ҳодиса тафовут дорад. Ҳамин ҳодиса дар мавриди якӯм ба амал меояд ва дар мавриди дуйӯм вуҷуд надорад, пас, ҳодисаи тадқиқшаванда ҳам пайдо намешавад. Бинобар ин хулоса бароварда мешавад, ки ҳамин ҳодиса сабаби ҳодисаи тадқиқ кардаистода аст.

Масалан, дар ду қитъаи замин ҷуворимакка кошта мешавад: хок, намии ин заминҳо як хел мебошанд ва онҳо дар як вақт ва бо як хел усул кошта шудаанд. Лекин нуриҳои минералӣ ба замини якӯм баъд аз кишт дода мешаваду ба замини дуйӯм дода намешавад.

Ҳосили қитъаи замини якӯм нисбат ба ҳосили қитъаи замини дуйӯм беҳтар ва зиёдтар мешавад. Аз ин ҷо хулоса бароварда мешавад, ки сабаби серҳосилии замини якӯм нуриҳои минералӣ пошидан аст.

Ё ки ҷараёни электрикӣ аз мағзи оби тоза гузарад, ин об ба водород ва кислород ҷудо намешавад. Лекин агар ба об камтар кислота (туршӣ) омехта карда шавад, он гоҳ ин оби туршшуда дар вақти гузаштани ҷараёни электрикӣ ба водород ва кислород ҷудо мешавад. Пас, кислота сабаби бо ҷараёни электрик ҷудо шудани об мебошад.

Формулаи хулосабарорӣ бо ёрии методи тафовут чунин ифода меёбад:

| Қатори ҳодисаҳои муқаддам: | Қатори ҳодисаҳои муттаохир: |
|---|---|
| 1. *ABC* | *abc* |
| 2. *BC* | *bc* |

Пас, *А* сабаби *а* мебошад.

Бо ёрии ин методи тафовут ҳам дониши ҳақиқии эътиборнок пайдо кардан мумкин нест. Аз ин метод хулосаи эҳтимолӣ пайдо карда мешавад.

Ба формулаи дар боло ифодаёфта бо диккат нигоҳ кунем, маълум мегардад, ки мумкин аст, танҳо ҳодисаи *«А»* сабаби ҳодисаи *«а»* набуда, якчоя кардани *«А»* бо *«В»* ё бо *«С»* ва ё ин ки бо *ВС* бошад. Бинобар ин хулосаи *«А»* сабаби *а* мебошад» пурра асоснок нест, зеро мумкин аст *«А»* як қисми сабаби *«а»*-ро ташкил диҳад.

Нисбат ба методи монандӣ методи тафовут натиҷабахш аст. Ин методи тафовут бештар дар вақти дарккунии экспериментали ба кор бурда мешавад.

Хулосае, ки аз методи тафовут бароварда мешавад, тахминан ҳақ буда, ҳеч гоҳ тамоман ғалат намешавад ва дараҷаи ҳақ будани методи хулосаи мазкур нисбат ба дараҷаи ҳақ будани хулосаи методи монандӣ баландтар аст. Агар дар баробари ба миён гузоштани ҳодисаи *«А»* — ҳодисаи *«а»*, ки сабабашро муқаррар карданием, ба амал ояд ва бо баробари нест шудани ҳодисаи *«А»* ҳодисаи *«а»* нест шавад, пас, шубҳае нест, ки дар байни ҳодисаҳои *«А»* ва *«а»* алоқаи сабабӣ пайдо мешавад.

Бо ёрии методи тафовут на фақат сабаби ҳодисаҳои тадқиқшаванда, балки натиҷаи ҳодисаҳои омӯхтаистодаро ҳам муқаррар кардан мумкин аст. Масалан, духтур одами касали ҳарорати организмаш баландшударо муолиҷа кардаистода доруи муайянро медиҳад ва мебинад, ки баъд аз хӯрдани ин дору ҳарорати организми одами касал пасттар мешавад, пас, аз ин ҷо хулоса мебарояд, ки сабаби паст шудани ҳарорати организми нотоб хӯрдани ҳамон дору аст.

Бинобар ин, методи тафовутро чунин ифода менамоем: агар мавриде ки ҳодисаи тадқиқшаванда рӯй диҳад ва мавриде ки ҳамин ҳодиса рӯй надиҳад, ғайр аз шароит танҳо дар мавриди якӯм мавҷуд бошад, пас ин шароити ягонае ки ҳамин ду мавридҳо аз якдигар тафовут доранд, сабаби ҳодисаҳои омӯхташаванда аст.

Методи тафовут барои пайдо намудани дониш аҳамияти калон дорад. Ин методи индукцияи илмӣ барои ошкор намудан, дониста гирифтани алоқамандии ҳодисаҳои олами моддӣ-табиӣ ва ҷамъият васеъ ба кор бурда мешавад.

Олимон дар вақти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз ин методи индукцияи илмӣ истифода бурда, ба комьёбиҳои намоёни илмӣ муваффақ гардидаанд.

**Якчоя ба кор бурдани методи монандӣ ва тафовут**

Дар боло мо методҳои монандӣ ва тафовутро алоҳида дида баромадем. Аммо баъзан дар вақти тадқиқот ҳар дуи ин методҳо якчоя татбиқ карда мешавад. Якчоягии методҳои монандӣ ва тафовут методи мураккаб ном дорад. Методҳои мо-

нандӣ ва тафовут қисмҳои таркибии он методи якҷоягиро ташкил медиҳанд. Баробар ё пайдарҳам татбиқ намудани якчанд методҳо дараҷаи эҳтимолии хулосаро зиёд мекунад.

Дар методи якҷояшавӣ аввал бо ёрии методи монандӣ хулоса мебарорем ва баъд аз он ин хулосаи баровардашуда, ба воситаи методи тафовут санҷида мешавад. Масалан, навъи муайяни растаниро кошта нурии фосфат дода месанҷем. Дар натиҷа мебинем, ки ҳосили баланде гирифтаем. Дар ин ҷо ба воситаи методи монандӣ хулоса бароварда мешавад, ки сабаби ҳосили баланд натиҷаи дар замин мавҷуд будани нурии фосфат будааст. Ба воситаи методи тафовут ин хулоса санҷида мешавад, яъне тухми ҳамон растаниро ба ҳамон замин мекорему вале нурии фосфат намедиҳем ва мебинем, ки ҳосил хеле кам шудааст. Бо ҳамин хулосаи аввалине ки бо ёрии методи монандӣ бароварда шуда буд, тасдиқ мешавад.

Якҷояшавии методи монандӣ ва тафовут бо формулаи зерин ифода карда мешавад.

| | Ҳодисаҳои муқаддам: | Ҳодисаҳои мутаххир: |
|---|---|---|
| қатори I. | Мавриди 1) *ABC* | *abc* |
| | Мавриди 2) *ABD* | *abd* |
| қатори II. | Мавриди 1) *BC* | *bc* |
| | Мавриди 2) *BD* | *bd* |

Пас, *A* сабаби *a* мебошад

Чи навъе ки мебинем, мавридҳои қатори якӯм ифодаи хулосабарорӣ бо ёрии методи монандӣ мебошад. Ин хулосаи методи монандӣ ба воситаи методи тафовут ду бор бо ёрии муқоиса намудани мавридҳои якӯмини ҳар ду қатор ва мавридҳои дуюмини ҳар ду қатор тасдиқ карда мешавад.

## Методи тағйироти ҳамроҳа

Баъзан барои муқаррар намудани сабаби ҳодисаи тадқиқ кардашаванда методи монандӣ ва тафовутро ба амал татбиқ намудан душвор мешавад. Дар ин гуна мавридҳо методи сеюми индукцияи илмӣ-методӣ тағйироти ҳамроҳа ба кор бурда мешавад.

Бо ёрии методи тағйироти ҳамроҳа ҳодисае, ки сабаби ҳодисаи тадқиқшаванда тахмин карда мешавад, тағйир додаистода дигар ҳодисаҳоро тағйир намедиҳем: агар бо тағйир ёфтани ҳамон ҳодиса (яъне ҳодисаи *A*) ҳодисаи тадқиқ кардашаванда (яъне *a*) тағйир ёбад, пас, хулоса бароварда мешавад, ки *A* сабаби *a* мебошад.

Масалан, бо ёрии ин метод таъсири Моҳро ба сатҳи замин муайян кардан мумкин аст. Мушоҳида карда мебинем, ки дар баробари нисбат ба замин тағйир ёфтани мавқеи Моҳ, дар Замин ҳодисаҳои муайян ба миён меоянд. Мо мебинем, ки дар ба-

робари нисбат ба Замин тағйир ёфтани мавқеи Моҳ баландӣ, пастии оби уқёнус тағйир меёбад ва ҷойҳое, ки тағйир меёбад, чунин қисмҳои замин мебошанд, ки онҳо ба Моҳ хеле наздик ё хеле дуртаранд, пас, аз ин хулоса бароварда мешавад, ки ҳаракати моҳ умуман ё қисман сабаби ҷазршавии оби уқёнус мебошад.

Мисоли дигар: дар баробари тағйирёбӣ, афзоиши ҳаёти иқтисодии мамлакатамон, пешравӣ ба сӯи коммунизм, дар мамлакат миқдори воқеаҳои ҷиноятӣ кам мешавад, бинобар ин, хулоса мебарорем, ки сабаби камшавии корҳои ҷиноятӣ тағйироти ҳаёти иқтисодии ҷамъияти советӣ мебошад.

Методи тағйироти ҳамроҳа бо формулаи зерин ифода меёбад:

| Ҳодисаҳои муқаддам: | Ҳодисаҳои муттаохир: |
|---|---|
| $A_1BC$ | $a_1bc$ |
| $A_2BC$ | $a_2bc$ |
| $A_3BC$ | $a_3bc$ |

Пас, *A* сабаби *a* мебошад.

Чи тавре ки мебинем, бо тағйирёбии ҳодисаи *A* ҳодисаи *a* низ тағйир меёбад, ҳодисаҳои *B* ва *C* тағйир наёфтаанд, бинобар ин *BC* сабаби ҳодисаи *a* нест.

Қоидаи хулосабарорӣ, методи тағйироти ҳамроҳа чунин ифода карда мешавад: Ҳар як ҳодисае, ки бо тағйирёбии ҳодисаи дуюм ба тарзи муайян тағйир меёбад, пас дар байни ин ҳодисаҳо алоқаи сабабӣ мавҷуд аст.

Методи тағйироти ҳамроҳа дар он мавриде, ки ҳодисаи муқаддами тағйирёфтанистодаро аз ҳодисаи тадқиқшаванда ҷудо кардан имконнопазир аст, ба амал татбиқ карда мешавад.

Масалан, фишори газро зиёд кардаистода мушоҳида мекунем, ки ҳаҷми вай хурд мешавад, пас, хулоса мебарорем, ки тағйирёбии ҳаҷми фишор сабаби тағйирёбии ҳаҷми газ будааст. Аммо фишорро аз ҷисм (яъне газ) тамоман ҷудо кардан мумкин нест, вай танҳо зиёд ё кам карда мешавад.

Чун методҳои дигари индукцияи илмӣ аз методи тағйироти ҳамроҳа низ хулосаи ҳақиқӣ пайдо кардан мумкин нест. Хулосаи ин метод характери эҳтимолӣ дорад. Бо ёрии методи тағйироти ҳамроҳа дар ҳар як маврид чигунагии алоқаи сабабиро аниқ кардан имконнопазир аст. Агар ҳодисаҳои *ABC* пеш аз ҳодисаи *a* ва ҳодисаҳои $A_1BC$ пеш аз ҳодисаҳои $a_1bc$ оянд, пас мумкин аст, бо методи тағйироти ҳамроҳа хулоса бароварда шавад, ки ҳодисаи *A* комилан сабаби ҳодисаи *a* аст ва метавон гуфт, ки ҳодисаи *A* қисман сабаби ҳодисаи *a* мебошад. Вақте ки *ABC* ва *abc* қатъиян як хел тағйир ёфта, дар айни замон тағйирёбии *A* ҳодисаи *a* ба тарзи муайян тағйир ёбад, умуман, ҳодисаи *A*, сабаби ҳодисаи *a* буданаш норавшан мемонад. Чунки мумкин аст, ки ҳодисаҳои *A* ва *a* ҳар дуяш натиҷаи

сабаби дигар ҳодиса бошанд ва мумкин баръакс ҳодисаи *А* натиҷа буда, ҳодисаи *а* сабаб бошад. Бинобар ин бо ёрии методи тағйироти ҳамроҳа фақат дониши эҳтимолӣ пайдо кардан мумкин аст.

## Методи бақияҳо

Методи бақияҳо дар вақти тадқиқ намудани ҳодисаҳои мураккаб ба кор бурда мешавад. Агар ягон ҳодисаи мураккаб дигар ҳодисаи мураккабро ба миён орад ва маълум бошад, ки сабаби қисми муайяни натиҷаи пайдошуда қисми муайяни ҳодисаи мураккаби якӯм аст, пас, хулоса бароварда мешавад, ки сабаби қисми боқимонда қисми боқимондаи ҳодисаи якӯм аст.

Методи бақияҳои индукцияи илмӣ бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

| Ҳодисаҳои муқаддам: | Ҳодисаҳои муттаохир: |
|---|---|
| *АВСД* | *авсд* |
| *В* | *в* |
| *С* | *с* |
| *Д* | *д* |

Пас, *А* сабаби *а* мебошад.

Бо ёрии ин методи индукцияи илмӣ сайёраи Нептун кашф карда шудааст. Муқаррар карданд, ки ҳаракати сайёраи Уран бо орбитаи ҳисоб кардашудаи ин сайёра мувофиқ нест. Ҳаракати сайёраи Уран баъзан суст шуда, баъзан тез мешуд. Мебоист сабаби ин вайроншавии ҳаракати сайёраи Уранро муқаррар мекарданд. Ҷисмҳои дигари осмонии дар он давра тадқиқшуда ба ҳаракати Уран чӣ қадар таъсир мерасонанд, аниқ буд. Вақте ки олимон ин таъсирҳоро ҳисоб карда буданд, боз як қисми вайроншавии ҳаракати сайёраи Уран боқӣ монда буд, ки сабаби онро мебоист исбот мекарданд. Олимон тахмин карданд, ки ба ҳаракати Уран, қисми дигари ҷисми осмонии боқимонда таъсир мерасонад. Олим Леверрье мавқеи ин ҷисми осмонии дар он вақт номаълум — сайёраи навро ҳисоб карда баромад, баъд аз он телескопи пурқувваттаринро ба ҳамон ҷои тахмин кардашуда рост гузоштанд. Дар натиҷа он сайёра муайян карда шуд ва Нептун ном гирифт. Дар илми астрономия бо ҳамин метод сайёраи Плутон ҳам кашф карда шуда буд.

Мисоли дигар: Дар спекторҳои ҷисмҳои мураккаб ғайр аз хатҳое, ки элементҳои маълум ба вуҷуд меоранд, хатҳои навро ошкор намуда, хулоса мебарорем, ки дигар элементҳои нави дар соҳаи илм номаълум мавҷуданд. Ҳамин тавр дар илми физика ва химия элементҳои гелий, цезий, рубидий, полоний ва ғайра кашф карда шуданд.

Методи бақияҳои индукцияи илмӣ чунин ифода меёбад: агар аз ягон ҳодисаи мураккаб ҳамон қисме ки натиҷаи дигар ҳодисаҳои мураккаб мебошад, баровардя шавад, пас, қисми боқимондаи ҳамон ҳодиса сабаби қисми боқимондаи ҳодисаи тадқиқ кардашаванда аст.

Методи бақия дар соҳаҳои гуногуни илм ва амалиёти ҳаррӯза барои муқаррар намудани сабаби ҳодисаҳои гуногун васеъ татбиқ карда мешавад.

БОБИ IX

# ҚИЁС

*(Аналогия)*

## § 1. МАФҲУМИ ҚИЁС

Маънии луғавии қиёс муқоиса мебошад. Қиёс барои муайян намудани монандӣ ва фарқи предмет ва ҳодисаҳои омӯхташаванда дар кори амалии ҳаррӯза ва илмӣ-тадқиқотӣ васеъ ба кор бурда мешавад. Вале танҳо муқоиса намудани ду предмет ё ҳодиса маънои хулоса баровардanро надорад. Баъзан бо мақсади ошкор кардани монандӣ ва тафовути ду ҳодиса муқоиса кор фармуда шуда, вале аз он ҳеҷ як хулоса бароварда намешавад.

Дар илми мантиқ ғайр аз ин маънои оддии муқоиса навъи махсуси хулосабарорӣ мавҷуд аст, ки онро **хулосаи қиёсӣ** меноманд.

Қиёс чунин хулосабарорист, ки дар вай дар асоси монандии ду предмет ва ҳодиса аз як ҷиҳат, хусусиятҳо дар бораи монандии ҳамон предметҳо, ҳодисаҳо аз дигар ҷиҳат хулоса бароварда мешавад.

Дар вақти хулосабарорӣ ба воситаи муқоиса монандии ду предметро ба асос гирифта, хулосаи тахминӣ бароварда мешавад, ки ин предметҳо аз дигар ҷиҳатҳо ҳам монанданд.

Масалан, ба воситаи муқоиса чунин хулоса бароварда мешавад, ки дар сайёраи Марс ҳаёт ва табиати органикӣ вуҷуд дорад. Сайёраи Марс бо Замин аз якчанд ҷиҳатҳо монанд аст. Дар сайёраи Марс ҳам монанди Замин атмосфера (ҳаво, фишори он) шабу рӯз, тобистону зимистон мешавад, дар вақти баҳору тобистон рӯи сатҳи Марс кабуд шуда, дар тирамоҳ зард мешавад ва ҳоказо. Аз ин хулоса мебарояд, ки дар сайёраи Марс ҳам м ки ди Замин, эҳтимол, табиати органикӣ вуҷуд дошта бошаулоса

Ин хулосаи қиёсиро таҳлил карда мебинем, ки да димаҳо нишонаи монандии ду предмет (Замин ва Мардмети А ёфтааст, ғайр аз ин яке аз ин предметҳо дорои ҷуад, он гоҳ (вуҷуд доштани табиати органикӣ) мебошад, киредметҳо аз дуюм хос будани ҳамин нишона номаълум аст. Аланд будани

ад ҳамеша нис-

Методи бақияҳои индукцияи илмӣ чунин ифода меёбад: агар аз ягон ҳодисаи мураккаб ҳамон қисме ки натиҷаи дигар ҳодисаҳои мураккаб мебошад, бароварда шавад, пас, қисми боқимондаи ҳамон ҳодиса сабаби қисми боқимондаи ҳодисаи тадқиқ кардашаванда аст.

Методи бақия дар соҳаҳои гуногуни илм ва амалиёти ҳаррӯза барои муқаррар намудани сабаби ҳодисаҳои гуногун васеъ татбиқ карда мешавад.

## БОБИ IX

# ҚИЁС

*(Аналогия)*

### § 1. МАФҲУМИ ҚИЁС

Маънии луғавии қиёс муқоиса мебошад. Қиёс барои муайян намудани монандӣ ва фарқи предмет ва ҳодисаҳои омӯхташаванда дар кори амалии ҳаррӯза ва илмӣ-тадқиқотӣ васеъ ба кор бурда мешавад. Вале танҳо муқоиса намудани ду предмет ё ҳодиса маънои хулоса бароварданро надорад. Баъзан бо мақсади ошкор кардани монандӣ ва тафовути ду ҳодиса муқоиса кор фармуда шуда, вале аз он ҳеҷ як хулоса бароварда намешавад.

Дар илми мантиқ ғайр аз ин маънои оддии муқоиса навъи махсуси хулосабарорӣ мавҷуд аст, ки онро **хулосаи қиёсӣ** меномand.

Қиёс чунин хулосабарориест, ки дар вай дар асоси монандии ду предмет ва ҳодиса аз як ҷиҳат, хусусиятҳо дар бораи монандии ҳамон предметҳо, ҳодисаҳо аз дигар ҷиҳат хулоса бароварда мешавад.

Дар вақти хулосабарорӣ ба воситаи муқоиса монандии ду предметро ба асос гирифта, хулосаи тахминӣ бароварда мешавад, ки ин предметҳо аз дигар ҷиҳатҳо ҳам монанданд.

Масалан, ба воситаи муқоиса чунин хулоса бароварда мешавад, ки дар сайёраи Марс ҳаёт ва табиати органикӣ вуҷуд дорад. Сайёраи Марс бо Замин аз якчанд ҷиҳатҳо монанд аст. Дар сайёраи Марс ҳам монанди Замин атмосфера (ҳаво, фишори он), шабу рӯз, тобистону зимистон мешавад, дар вақти баҳору тобистон рӯи сатҳи Марс кабуд шуда, дар тирамоҳ зард мешавад ва ҳоказо. Аз ин хулоса мебарояд, ки дар сайёраи Марс ҳам монанди Замин, эҳтимол, табиати органикӣ вуҷуд дошта бошад.

Ин хулосаи қиёсиро таҳлил карда мебинем, ки дар муқаддимаҳо нишонаи монандии ду предмет (Замин ва Марс) инъикос ёфтааст, ғайр аз ин яке аз ин предметҳо дорои чунин нишона (вуҷуд доштани табиати органикӣ) мебошад, ки ба предмети дуюм хос будани ҳамин нишона номаълум аст. Азбаски ин пред-

метҳо бо нишонаҳои худ ба ҳам монанданд, пас, хулоса бароварда мешавад, ки онҳо аз ҷиҳати нишонаи мазкур ҳам монанданд.

Дар илми мантиқ дар бораи моҳияти хулосаи қиёсӣ ду хел ақида ҳаст.

Баъзе мантиқшиносон хулосабарории қиёсиро хулосабарории индуктивӣ мешуморанд, зеро хулосаи вай ҳамеша характери ҳақиқати эҳтимолӣ дорад ва он дониши наве ки ҳамчун хулоса бароварда мешавад, ба он предметҳои наве ки дар муқаддима инъикос наёфтаанд, тааллуқ дорад. Қиёс ба чунин қоидаи умумии хулосабарории индуктивӣ асос ёфтааст, ки мувофиқи ин қоида сабабҳои муайян дар шароитҳои маълуми тағйирнаёбанда, натиҷаҳои муайянро ба миён меоваранд.

Бо ақидаи баъзе мантиқшиносон хулосаи қиёсӣ на ин ки индукция, балки навъи махсуси хулосабарории дедуктивӣ мебошад. Мувофиқи ин ақида хулосаи қиёсӣ навъи махсуси хулосабарории дедуктивӣ мебошад, зеро агар дар силлогизм вазифаи термини миёнаро айнан як мафҳум иҷро кунад, дар хулосаи қиёсӣ вазифаи термини миёнаро мафҳумҳои ба ҳам монанд иҷро менамоянд.

Дар силлогизми қатъӣ, ки бо формулаи:

$$\frac{\begin{array}{c} M - P \\ S - M \end{array}}{S - P}$$

ифода мешавад, дар ҳар ду муқаддима ҳам роли термини миёнаро айнан як мафҳум ($M$) иҷро мекунад. Дар хулосаи қиёсӣ термини миёнаи ҳақиқӣ не, балки ду термини ба ҳамдигар монанд мавҷуданд. Пас, хулосаи қиёсӣ ба воситаи формулаи зерин ифода меёбад:

$$\frac{\begin{array}{l} M\ (a,\ в,\ c)\ \text{дорои нишонаи } P \text{ аст.} \\ S \text{ бо } M \text{ бо нишонаҳои } a,\ в,\ c \text{ худ монанд аст.} \end{array}}{\text{Пас, эҳтимол } S \text{ дорои нишонаи } P \text{ бошад.}}$$

Дар мисоли зикршуда, термини М Замин ва нишонаҳои онро (сайёра, атмосфера, шабу рӯз, тобистону зимистон шудан ва ҳоказоро) ифода мекунад. Термини $S$ мафҳуми Марсро ифода менамояд. Лекин нишонаҳои $a$, $в$, $c$, ки дар муқаддимаҳои якӯм ва дуйӯм мавҷуданд, айнан як хел набуда, балки бо ҳамдигар монанд мебошанд. Аз ин сабаб дар формулаи ин хулосабарорӣ нишонаҳои предмети дуйӯм (Марсро) ба воситаи $a_1$ $в_1$ $c_1$ ифода мекунем; дар ин маврид формулаи хулосаи қиёсӣ чунин ифода меёбад:

$$\frac{\begin{array}{l} M\ (a,\ в,\ c)\ \text{дорои нишонаи } P \text{ аст.} \\ S \text{ дорои нишонаи } M\ (a_1,\ в_1,\ c_1) \text{ аст.} \end{array}}{\text{Пас, эҳтимол, } S \text{ дорои нишонаи } P \text{ бошад.}}$$

Дар ҳақиқат хулосаи қиёсӣ як навъи хулосабарории индуктивӣ мебошад, зеро мафҳумҳое ки айнан як маъно доранд ва

мафҳумҳои ба ҳамдигар аз ягон ҷиҳат монанд (пас, предметҳоч ба ҳамдигар аз ягон ҷиҳат монанд) дар байни худ тафовути калон доранд.

Ҳеҷ гоҳ монандӣ маънои айниятро намефаҳмонад. Ғайр аз он дар хулосаи қиёсӣ ҳамаи хусусиятҳои хулосабарории индуктивӣ равшан дида мешаванд. Аз хулосаи қиёсӣ ҳамеша хулосаи эҳтимолӣ пайдо мешавад. Аз ин хулосабарорӣ ҳеҷ гоҳ дониши ҳақиқии эътиборнок пайдо намешавад, чунки аз ягон ҷиҳат, хусусият, монандии предметҳо барои аз дигар ҷиҳат, ин хусусиятҳо ва предметҳо монанд гуфта хулоса баровардан асос шуда наметавонад. Дар хулосабарории индуктивӣ ва дар хулосаи қиёсӣ ҳам, аз муқаддимаҳои якка ва ҷузъӣ хулоса бароварда мешавад. Фарқи байни онҳо аз он иборат, аст, ки ба воситаи индукция хулосаи умумӣ бароварда шавад, хулосаи қиёсӣ муҳокимаи ҷузъӣ мебошад. Дар хулосаи қиёсӣ хулоса дар асоси омӯхтани як қатор ходисаҳо бароварда нашуда, балки дар асоси тадқиқ намудани миқдори муайяни нишонаҳои монанд бароварда мешавад.

Азбаски хулосаи қиёсӣ ҳамеша танҳо дониши эҳтимолӣ медиҳад, бинобар ин, ин навъи хулосабарорӣ ҳамчун методи исбот ба кор бурда намешавад.

## § 2. ШАРТҲОИ ДАРАҶАИ ЭҲТИМОЛИИ ҚИЁС

Дониши эҳтимолӣ дараҷаи гуногун дорад. Бинобар ин, аҳамияти илмӣ доштани дониши эҳтимолиро дараҷаи он муайян мекунад. Дараҷаи эҳтимолии дониш ҳар қадар ки баланд бошад, аҳамияти илмии ин дониш низ ҳамон қадар баланд мегардад ва, баръакс, дараҷаи эҳтимолии дониш чӣ қадаре ки паст бошад, барои илм аҳамияти ин дониш низ ҳамон қадар кам мешавад.

Чӣ навъе ки қайд кардем, аз қиёс дониши эҳтимолӣ ҳосил мешавад. Аммо ин донишҳои эҳтимолие, ки дар натиҷаи муқоиса бароварда мешавад, метавонанд дараҷаи кам ё зиёд дошта бошанд. Баланд бардоштани дараҷаи эҳтимолии хулосаи қиёс ба иҷрои якчанд шартҳо вобаста аст. Шартҳои зиёдкунандаи дараҷаи эҳтимолии хулосаи қиёс чунинанд:

Якум, дараҷаи эҳтимолии хулосаи қиёс бо миқдори нишонаҳои монандии предметҳои муқоисашаванда вобаста аст. Ҳар қадаре ки нишонаҳои монандии онҳо бисьёр бошад, дараҷаи эҳтимолии хулоса низ ҳамон қадар баланд мешавад ва ҳар қадар, ки нишонаҳои фарққунанда кам бошад, дараҷаи эҳтимолии хулоса ҳам ҳамон қадар баланд мегардад.

Агар муқаррар карда шавад, ки предмети *B* бо предмети *A* аз 10 нишонаҳои муқаррариаш 9 нишонаи монанд дорад, он гоҳ дараҷаи эҳтимолии хулоса дар бораи монандии ин предметҳо аз дигар ҷиҳат ба 9 : 10 баробар мешавад. Барои баланд будани дараҷаи эҳтимолии хулоса бояд нишонаҳои монанд ҳамеша нис-

бат ба нишонаҳои фарқкунанда бештар бошад. Аммо нишонаҳои фарқкунанда набояд нишонаҳои фарқкунандаи ҷиддӣ бошанд. Агар нишонаҳои фарқкунанда ягон нишонаи фарқкунандаи ҷиддиро дар бар гиранд, пас, аз онҳо хулоса баровардан имконнопазир аст. Масалан, маълум ки барои ҳаёти органикӣ дар замин мавҷуд будани обу ҳаво, дараҷаи муайяни гармию хунукӣ ҳатмист. Агар дигар ҷисмҳои осмонӣ аз ҳамин ҷиҳат бо замин тамоман фарқ кунанд, пас, дар бораи дар он ҷо ҳам мавҷуд будани ҳаёти органикӣ ягон хулосае баровардан мумкин нест.

Масалан, сайёраҳои бузург Муштарӣ (Юпитер), Зуҳал (Сатурн), Уран ва Нептун бо Замин аз якчанд ҷиҳатҳо бо ҳам монанданд. Он сайёраҳо ҳам монанди Замин дар атрофи Офтоб чарх мезананд, курашакланд, дар он ҷо ҳам шабу рӯз мешавад ва ҳоказо. Фақат ҳамин гуна нишонаҳои монандии онҳоро ба назар гирифта ва қатъи назар аз фарқияти онҳо дар бораи дар онҳо мавҷуд будани ҳаёти органикӣ хулоса баровардан хатост. Чунки дар байни Замин ва он сайёраҳои бузург фарқи ҷиддӣ мавҷуд аст. Дар сатҳи рӯи он сайёраҳо атмосфера ниҳоятдараҷа паст, хунукӣ аз 140 дараҷа то 200 дараҷа мерасад. Дар онҳо гази метан бисьёр мебошад. Сайёраҳои Муштарӣ (Юпитер) ва Зуҳал (Сатурн) бошанд, дар таркибашон аммиак доранд, ки дар ин гуна шароитҳо он ҳаёти органикие, ки дар Замин ҳаст, дар он ҷо вуҷуд надорад. Бинобар ин, ҳақиқат ё эҳтимолӣ будани хулоса дар бораи дар сайёраҳои зикршуда мавҷуд будани ҳаёти органикӣ хеле маҳдуд аст.

Дуюм, дараҷаи эҳтимолии хулосаи қиёс ба моҳияти нишонаҳои монанд вобаста аст. Нишонаи монанд барои предметҳои муқоиса кардашстода ҳар қадаре ки муҳимтар бошанд, дараҷаи эҳтимолии хулоса ҳам ҳамон қадар баланд мешавад.

Сеюм, дараҷаи эҳтимолии хулоса бо донистани характери нишонаҳои муқоиса кардашаванда вобаста аст.

Дар вақти тадқиқот, барои аз қиёс хулосаи дуруст баровардан шароит, қонуни соҳаҳои гуногуни олами моддӣ бояд ба назар гирифта шавад. Масалан, монандии биологии олами ҳайвонот ва одамро ба назар гирифта аз ҳар ҷиҳат онҳо ба ҳамдигар монанд гуфтан тамоман нодуруст аст. Баъзе ҷамъиятшиносони буржуазӣ бо мақсади ҳимоя намудани манфиатҳои синфи худ мехоҳанд, ки қонунияти олами ҳайвонотро ба муносибатҳои ҷамъияти инсон татбиқ намоянд.

Меньшевикон революцияҳои буржуазии давраҳои гузаштаро бо революцияи соли 1905 рус муқоиса карда исбот карданӣ буданд, ки роҳбари революция бояд танҳо буржуазияи либералӣ шавад. В. И. Ленин беасос будани ин муқоисаи меньшевиконро нишон дода, шароити нави конкретиро ба назар гирифта исбот намуд, ки дар чунин шароит синфи пролетариат бояд роҳбари революцияи демократии буржуазӣ шавад.

Хулосаи қиёсӣ дорои аҳамияти муайяни илмӣ мебошад. Як қисми комьёбиҳои илмӣ бо ёрии қиёс муқаррар карда шудаанд. Тадқиқотчии ягон соҳаи илм на фақат бо ҷамъ намудани фактҳо машғул мешавад, балки баъзан аз қиёс истифода бурда, алоқамандии ҳодисаҳои омӯхтаистодаашро муқаррар намуда, назарияи илмиро ба миён меорад.

Баъзан хулосае, ки бо ёрии қиёс пайдо мешавад, дар зарфи чандин вақтҳо ҳамчун дониши танҳо тахминӣ, эҳтимолӣ мемонад. Баъзан хулосаи қиёс ҳамчун асоси тадқиқоти оянда — фарзия ба кор бурда шуда, ба воситаи фактҳо ва хулосабарориҳо исбот карда мешавад, бинобар ин, ба назарияи илмӣ табдил меёбад. Аз ин сабаб хулосаи қиёс барои тадқиқоти илмӣ роли хеле муҳимро мебозад, зеро ин гуна хулосаҳо ҳамчун асоси аввалини тадқиқоти оянда хизмат мекунанд.

БОБИ X

# ИСБОТ ВА ИНКОР

## § 1. МАФҲУМИ ИСБОТ

Чи навъе ки маълум аст, илм — системаи муайяни алоқамандии донишҳо мебошад. Ин алоқамандии донишҳои илмиро бевосита дидан мумкин нест. Агар ҳақ будани ҳар як дониши илмӣ аён мебуд, он гоҳ илм исботро талаб намекард.

Дар ҳақиқат ҳақ будани бисьёр донишҳои илмӣ аён набуда, балки дар тадқиқи алоқаи байни ин дониш ва донише, ки вайро асоснок менамояд, муқаррар карда мешавад. Танҳо як қисми хурди донишҳои илмӣ исботро талаб намекунанд. Ин гуна донишҳо аксиома ном доранд. Масалан, ба ададҳои баробар ададҳои баробар илова карда шавад, ададҳои баробар низ ба миён меоянд.

Аксиомаҳо на ин ки барои ҳақиқатҳои аёнӣ буданашон исботро талаб намекунанд. Аксиомаҳо ҳақиқатҳои тамоман бешубҳа намебошанд, балки чунин ҳақиқатҳое мебошанд, ки дар худуди фанни мазкур исботро талаб наменамоянд ва ҳақиқат будани онҳо аз тамоми натиҷаҳое, ки аз ҳамин аксиомаҳо мебароянд, муайян карда шуда, бо амалиёт исбот мешавад. Ин гуна донишҳо дар зарфи ҳазорҳо сол дар амалия ва таҷриба санҷида шуданашон номи аксиомаро гирифтаанд.

Аксиомаҳо як қисми хурдтарини илмро ташкил медиҳанд. Ҳақиқат будани қисми бисьёри донишҳои илмӣ бевосита дида нашуда, балки ба воситаи исботкунӣ муқаррар карда мешавад.

Бинобар ин, исбот шарти муҳимми тафаккури илмӣ, шарти зарурии ҳар навъ далелҳои илмӣ мебошад. Фикри беасос фикри ғайриилмӣ мебошад. Ҳар гуна далели илмӣ ё муҳокима дониши илмӣ шуда метавонад.

Исбот шарти зарурии тамоми илмҳо мебошад. Ҳар як фикри ҷамъиятшинос, ки он масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад, бояд асоснок бошад.

Аз ин сабаб эҷодкорони марксизм-ленинизм ҳамеша дар асарҳои худ донишҳои навро на танҳо кашф, балки онро чун донишҳои нав исбот ҳам кардаанд.

Бинобар ин мантиқӣ будани тафаккур дар асоснокии он зоҳир шуда, баръакс, бемантиқӣ ва ғайриилмӣ будани тафаккур дар беасосӣ, бедалелӣ, исботнашавандагии он зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, исбот қисми муҳимми илми мантиқро ташкил медиҳад.

**Исботи мантиқӣ — ҳақиқат будани ягон муҳокимаро ба воситаи дигар муҳокимаҳо, донишҳо, фикрҳое, ки ҳақиқат буданашон бешубҳа аст, муқаррар мекунад.**

Дар вақти исбот муҳокимае, ки мехоҳем ҳақ будани онро муайян намоем, аз дигар муҳокимаҳое, ки ба ҳақ буданашон шубҳае нест, бароварда мешавад.

Шакли исбот хулосабарорӣ мебошад. Исбот ба воситаи хулосабарорӣ ба амал меояд. Аз хулосабарорие, ки дар вай муқаддимаҳояшон ҳақанд ва ин муқаддимаҳо мувофиқи қонунҳои мантиқӣ ба ҳам алоқамананд, ва фақат хулосаи ҳақ бароварда мешавад, балки он хулоса ҳамчун дониши ҳақ исбот мешавад.

Бо мақсади исбот ҳамаи навъҳои хулосабарорӣ — хулосабарориҳои дедуктивӣ ва индуктивӣ ба кор бурда мешаванд. Вале исбот аз хулосабарории муқаррарӣ фарқ дорад. Исбот, одатан дар шакли оддии хулосабарорӣ не, балки дар шакли мураккаби хулосабарориҳо ба миён меояд. Ҳамин гуна вобастагиҳои хулосабарорие, ки дорои як хел сохти мантиқӣ мебошанд, исбот ном доранд. Барои мисол исботкунии алоҳидаи зеринро таҳлил мекунем.

Агар Республикаи Демократии Булғория давлати сулҳдӯст гӯем. Барои исбот кардани ин муҳокима гуфта мешавад, ки Республикаи Демократии Булғория давлати социалистӣ аст, ҳамаи давлатҳои социалистӣ бошанд, сулҳдӯстанд. Ва ё мисоли дигар: агар ин шахс сарҳадчии диловари Иттифоқи Советӣ гӯем, барои исботи ин фикр гуфта мешавад, ки ин шахс доимо ҳушёрона сарҳадди Иттифоқи Советиро посбонӣ карда, борҳо вайронкунандагони сарҳадди мамлакатамонро даст гирифта буд ва барои ин корҳои ҷасуронаш бо орден ва медальҳои Иттифоқи Советӣ мукофотонида шудааст. Ё агар гӯем, ки ин калима дар ин ҷумла мубтадои грамматикӣ мебошад, барои исботи ин фикр изҳор менамоем, ки ин калима дар ҷумла ба саволи ***кӣ?*** ҷавоб медиҳад; ҳар калимае ки дар ҷумла ба саволҳои ***кӣ?*** ва ***чӣ?*** ҷавоб медиҳад, мубтадои грамматикӣ мебошад.

Аз мисолҳои дар боло зикршуда, маълум мегардад, ки исбот бо қонуни асоси басанда алоқаи мустаҳкам дорад. Мувофиқи қонуни асоси басанда ҳар як фикре, ки асоси басанда дорад, фикри ҳақ мебошад. **Нишон додани асоси басандаи муҳокима барои муқаррар кардани ҳақ будани он, исбот номида мешавад.**

## § 2. ТАРКИБИ ИСБОТ

Дар ҳар як исбот, қатъи назар аз он ки кадом фикр, дар вай исбот карда мешавад, таркибан ба се қисм тақсим мешавад: 1. Тезис. 2. Асоси исбот (далелҳо) ва 3. Тарзи исбот.

### Тезиси исбот

Муҳокима, гуфторе, ки ҳақ (ё дурӯғ) будани вай ба воситаи исбот муайян карда мешавад, тезис ном дорад. Ҳақ будани тезиси исбот шудаистода равшан набуда, бо ёрии исбот муқаррар мегардад. Дар илм ҳар як фикр, қатъи назар аз аёнӣ ё ноаёниаш исбот карда мешавад. Масалан, қаламро ба як стакани пур аз об андозем, ба назари мо қалам дар даруни об гӯё кат менамояд, вале дар ҳақиқат қалам кат нест. Агар дар миёнаи роҳе, ки аз ду тараф қаторҳои дарахтҳо мавҷуданд, истода ба дур нигоҳ кунем, дарахтҳое, ки дар назди мо мутавозианд ва аз дур ба назар чунин менамоянд, ки ба якдигар расида истодаанд. Вале аз дур ҳам ин қаторҳои дарахтҳо мутавозианд.

Азбаски фикри аёнӣ моро баъзан фиреб медиҳад, дар илм танҳо ба аёнии дониш бовар намекунанд. Дониши ноаён исбот карда мешавад, зеро вай ноаён аст, вале дониши аёнӣ бо исбот санҷида мешавад.

Ҳақ ё дурӯғ будани тезис ба воситаи исбот санҷида мешавад.

**Исботе, ки ба воситаи он ҳақ будани тезис муқаррар карда мешавад, исботи оддӣ ном дорад. Исботе, ки бо ёрии он дурӯғ будани тезис муайян карда мешавад, инкор ном дорад.** Агар дурӯғ ва ғалат будани тезиси муайян ошкор карда шавад, он инкори ҳамон тезис мешавад.

Исбот дар ҳамон маврид беноқсон мешавад, ки дар натиҷаи он ҳақ будани тезиси исбот шудаистода (ё дурӯғ будани тезиси радшаванда) муайян карда шавад.

Исботе, ки ин гуна натиҷа намедиҳад, исботи **хато ё ноаниқ** мебошад.

Тезиси исботшаванда аслан ҳақиқат бошад, яъне ба воқеият мувофиқ ояд, исбот ҳам бомуваффақият ба анҷом мерасад. Он чизеро бомуваффақият исбот кардан мумкин аст, ки вай аслан ҳақиқат аст ва дурӯғ будани он чизеро, ки он аслан дурӯғ аст, исбот кардан имконпазир аст.

Бинобар ин, якӯмин шарти бомуваффақият ба анҷом расондани исбот аслан ҳақиқат будан ва дар инкор аслан дурӯғ будани тезис аст.

Агар тезис аслан дурӯғ бошад, ҳарчанд саъю кӯшиш намоем ҳам, ҳақ будани вайро муқаррар кардан мумкин нест. Инчунин агар тезис аслан ҳақиқат бошад, бо ҳеҷ як кӯшиш ва роҳе

дурӯғ будани вайро исбот кардан мумкин нест. Фикри асоснок ва ҳақиқатро рад кардан мумкин нест. Мисоли равшани ин шикаст хӯрдани идеологҳои синфи буржуазия мебошад, ки онҳо мехостанд марксизмро инкор намоянд. Дар бораи ин гуна шахсон В. И. Ленин навишта буд, ки «Чандин солҳо боз олимон ва олимтарини Европа бодабдаба изҳор мекунанд (ва газетачӣёну журналистон такрор ва нақл мекунанд), ки «танқид» аллакай марксизмро аз мавқеаш зада ғалтондааст ва бо вуҷуди ин ҳар як танқидчии нав бо роҳи тирборон кардани ин мавқеи гӯё хиробшуда, боз аз сари нав ба кор шурӯъ мекунад» [1].

## Асоси исбот (далелҳо)

Дар вақти исботкунӣ ҳақ ё дурӯғ будани тезиси муайян аз муҳокимаҳои муайян сар мезанад.

Он донишҳо, муҳокимаҳое, ки дар вақти исбот ба асос гирифта мешавад ва аз онҳо ҳақ будани тезиси исбот кардаистода мебароянд, **асосҳо** ё ки далелҳои исбот ном доранд.

Ҳамчун асоси (далелҳои) исбот донишҳои гуногун ба кор бурда мешаванд. Ба сифати асоси исботкунӣ: а) донишҳо дар бораи фактҳои алоҳидаи санҷидашуда; б) таърифи мафҳумҳо; в) аксиомаҳо; г) донишҳои аз ин пеш исботшудаи фанни мазкур ё ки теоремаҳо, ба кор бурда мешаванд.

а) донишҳо дар бораи фактҳои алоҳидаи санҷидашуда ҳамчун асоси исбот. Дар процесси исботи тезис ба сифати асос донишҳо дар бораи фактҳои алоҳидаи санҷидашуда ба кор бурда мешаванд. Муҳокимаҳо дар бораи фактҳои алоҳидаи санҷидашуда яке аз муҳимтарин навъҳои асос ба шумор мераванд.

Донишҳои мо дар бораи натиҷаҳои таҷриба, эксперимент, мушоҳидакунӣ, донишҳо оид ба факт, воқеаҳои алоҳида, оид ба предмет ва ҳодисаҳои алоҳида, оид ба дастнавис, ёдгорӣ, ёддоштҳо ва ғайра ҳамчун донишҳо дар бораи фактҳои санҷидашуда мебошанд. Ҳақ будани муҳокимаҳо оид ба фактҳо ба воситаи органҳои ҳиссиёт муайян карда мешавад. Маълум аст, ки дар баъзе маврид органҳои ҳиссиёт воқеиятро нодуруст инъикос менамоянд. Аммо бо ин аҳамияти муҳокимаҳо оид ба фактҳо инкор карда намешавад. Амалия барои факти ҳақро аз факти ғалат ҷудо карда гирифтан имконият медиҳад. Барои ошкор намудани фактҳои ғалат ва санҷида, донистa гирифтани фактҳо фаъолияти амалии инсон ёрӣ мерасонад.

Дар аксар маврид дар вақти бо асос исбот кардани ягон тезис нишон дода мешавад, ки ҳамин тезис ҳамчун натиҷа аз донишҳо оид ба фактҳои санҷидашуда ҳатман сар мезанад. Барои ҳақ будани донишҳои чунин илмҳо: химия, физика, таърих,

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 5, саҳ. 103.

адабиёт, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра, муҳокимаҳо оид ба фактҳои санҷидашуда, аҳамияти хеле калон доранд. Мутафаккирони машҳури ҷаҳон барои исбот хеле аҳамиятнок будани муҳокимаҳои оид ба фактҳои санҷидашударо борҳо таъкид намудаанд. Олими бузурги советӣ академик Павлов ба ҷавонони советӣ муроҷиат намуда гуфта буд, ки донишҳо дар бораи фактҳо асоси беҳтарини илмӣ мебошанд. «Қаноти парранда чӣ қадаре ки мукаммал набошад,— навишта буд академик Павлов,— вай ба ҳаво такья накарда, ба боло парида наметавонист. Фактҳо барои олим ҳамчун ҳаво заруранд, бе вай шумо парида наметавонед. Бе факт назарияҳои шумо зӯрзании беначиҷа аст»[1].

Барои исботи ҳуқуқшиносҳо муҳокимаҳо оид ба фактҳои алоҳидаи санҷидашуда хеле аҳамияти калон дорад. Дар процесси суд исботи ин ё он қарори суд чунин анҷом меёбад: вазифаи асосии суд ба таври қатъӣ муқаррар намудани фактҳое ки ба воқеаи тафтиш кардаистода дахлдор аст ва бо ёрии ин фактҳо муносибати ин ё он шахсро (дар процесси ҷиноятӣ айбдорро ва дар процесси гражданӣ даъвогар ё ҷавобдиҳандаро) ба воқеаи мазкур муқаррар намудан, ба ин фактҳо аз нуқтаи назари талабот ва принципҳои ҳуқуқи моддӣ баҳо додан, дар процесси ҷиноятӣ бошад, ғайр аз ин ба ҳаракат, кори айбдор аз нуқтаи назари ба ҷамъият то чӣ дараҷа хавфнокии он баҳо додан ва мувофиқи ҳамин ба вай ягон хел чораи ҷазодиҳиро татбиқ намудан иборат аст. Бинобар ин, муҳокимаҳо оид ба фактҳои санҷидашуда ҳамчун асоси исбот дар амалиёти суд васеъ ба кор бурда мешаванд.

В. И. Ленин навишта буд, ки муҳокимаҳо, донишҳои фактии санҷидашудаи бешубҳа — бар хилофи ҷумлаҳои маъмул ва боваркунониҳо тезиси асоснок намудаистодаро равшан исбот менамоянд.

«Фактҳо — чизи қайсар,— мегӯяд зарбулмасали англисӣ. Фактҳои аниқи бешубҳа, ки бо алоқамандии ҳамдигар гирифта мешаванд на танҳо «қайсар», балки бешубҳа чизи исботкунанда низ мебошанд»,— таъкид намуда буд В. И. Ленин.

Ҳамин тариқ, дониш, муҳокимаҳо дар бораи фактҳои санҷидашуда ҳамчун асоси мантиқии исбот хизмат мекунад.

б) Таърифи мафҳум ҳамчун асоси исбот. Ба сифати асоси исбот на фақат муҳокимаҳо оид ба фактҳои алоҳидаи санҷидашуда, балки таърифи мафҳумҳои асосии илми мазкур ҳам ба кор бурда мешаванд. Дар илмҳои назарӣ, мисли математика, геометрия, физикаи назарӣ, иқтисоди сиёсӣ ва ғайра таърифи мафҳумҳо асоси тадқиқотро ташкил медиҳанд. Аммо дар ҳар як илм мафҳумҳое ҳам вомехӯранд, ки аз онҳо исбот сар нашуда, балки анҷом меёбад. Ҳамин гуна таърифҳои мафҳум низ ҳамчун асос ба кор бурда мешаванд. Лекин пеш аз он

[1] И. П. Павлов. Асарҳо, ҷилди 1, саҳ. 27.

ки ин гуна таърифҳо ҳамчун асос ба кор бурда шаванд, баъд онҳо исбот карда шаванд.

Дар рафти тадқиқот ҳар як муҳокимаро дар он маврид ки вай ба таърифҳои дар илми мазкур қабулшуда зид набошад, онро чун дониши ҳақ эътироф намудан лозим аст.

Мафҳумҳои асосӣ, ки илми мазкур дар бар мегирад, таърифи аниқ надошта бошанд, ин илм таълимот, муҳокимаҳои худро исбот карда наметавонад. Масалан, агар дар илми забоншиносӣ мафҳумҳои асосии фанни мазкур: «фосила», «калима», «ҷумла», «ҳиссаи нутқ», «исм», «феъл» ва ҳоказо таъриф нашуда бошанд, он гоҳ ин фан таълимоти худро исбот карда наметавонад. Дар илми иқтисоди сиёсӣ қариб исботи ҳамаи донишҳое, ки ин фан дар бар мегирад, ба таърифи мафҳумҳои «истеҳсолот», «қуввахои истеҳсолкунанда», «муносибатҳои истеҳсолӣ», «капитал», «мол», «пул», «арзиши мубодила», «арзиши иловагӣ», «кредит» ва ғайра асос ёфтааст.

Таърифҳои мафҳум, ки ҳақ будани онҳоро таҷриба, фаъолияти амалии ҷамъиятии инсон муқаррар намудааст, ҳамчун асоси исботкунӣ амал карда, аз онҳо ҳатман ҳақ будани тезиси исботшаванда ҳосил мегардад.

в) Аксиомаҳо ҳамчун асоси исбот. Ғайр аз фактҳои санҷидашуда ва таърифи мафҳумҳои асосӣ инчунин дар як қатор илмҳо, аз ҷумла илми математика ҳамчун асоси исбот аксиомаҳоро ба кор мебарем.

Муҳокимаҳое, ки дар ҳудуди фанни мазкур ҳамчун дониши ҳақ ва исбот талабнакунанда ба шумор мераванд, аксиомаҳо ном доранд. Ба аксиома гуфтори зерин мисол шуда метавонад: «аз байни ду хел нуқта як ва танҳо як хати рост мегузарад». Ба воситаи ин аксиома теоремаи «ду хати рост танҳо дорои як нуқтаи умумист», исбот карда мешавад. Фарз кунем, ки гуфтори «ду хати рост танҳо дорои як нуқтаи умумист» дурӯғ аст ва тахмин мекунем, ки ду хел хати рост аз байни ду хел нуқтаҳои Р ва В мегузаранд. Дар ин маврид аз байни ду хел нуқтаҳои Р ва В ду хел хати ростро гузаронидан мумкин аст. Агар гуфтори мазкур ҳақ бошад, пас, аксиомае, ки «аз байни ду хел нуқта як ва танҳо як хати рост мегузарад» мегӯяд, дурӯғ мешавад, ки ин имконнопазир аст. Бинобар ин теоремаро рад кардан — ба аксиомаи мазкур зид мебарояд ва бо ҳамин теоремаи ба миёнгузошта исбот карда мешавад.

Аксиомаҳо, ҳамчун асоси исботкуниҳои математикӣ дар ҳудуди фанни мазкур исботро талаб намекунад. Вале ин ҳаргиз чунин маъно надорад, ки онҳо ҳамчун асос ва принципҳои илмҳои математикӣ умуман исбот нашудаанд. Аксиомаҳо ҳамчун асоси исбот бе исбот, танҳо бо боварӣ кардан қабул карда нашудаанд. Ҳақиқат будани аксиомаҳои математика, ки асоси исботро ташкил медиҳанд, на ҳамеша санҷишу исботро талаб меку-

наид, зеро онҳо дар зарфи ҳазорҳо сол дар таҷриба, ҳаёт ва дар тамоми фаъолияти амалии инсон тасдиқ шудаанд.

Ҳамин тариқ, аксиомаҳо ҳамчун донишҳое, ки дар доираи фанни мазкур исботро талаб накарда, ҳақ будани онҳо дар таҷриба ва амалия санҷида шудаанд, ҳамчун асоси исботи мантиқӣ ба кор бурда мешаванд.

г) Донишҳои муқаддам исботшуда ҳамчун асоси исбот. Ғайр аз навъҳои дар боло зикршудаи асос, донишҳои аз ин пеш исботгардида низ ба кор бурда мешаванд. Муҳокимаҳои оид ба қонунҳои табиат ва ҷамъият, ки ба воситаи хулосабарориҳои индуктивӣ ба миён омада, дар таҷриба, амалиёт борҳо санҷида шудаанд, ҳамчун асоси исбот истифода бурда мешаванд.

Масалан, дар илмҳои физика, химия, забоншиносӣ ва ғайра бо роҳи мушоҳида, таҷриба ва индукция қонунҳои муайян муқаррар мегарданд, дар натиҷаи борҳо санҷидан ҳақ будани онҳо тасдиқ мегардад ва дар қисми назарии илмҳои мазкур ҳамон донишҳо ҳамчун асоси исбот истифода бурда мешаванд.

Навъи дигари донишҳои аз ин пеш исботшуда ҳам мавҷуданд, ки роли асоси исботкуниро мебозанд. Ҳақ будани ин гуна донишҳо ба воситаи таърифи мафҳумҳо ё аксиомаҳо муқаррар карда мешавад.

Дар илмҳои математикӣ баъзе муҳокимаҳои исботшаванда бевосита бо ёрии аксиома ва таърифи мафҳумҳо исбот карда мешаванд. Баъзан бо ёрии аксиома ва таърифи мафҳумҳо муҳокимаи исботшаванда бевосита исбот карда намешавад, балки бо ёрии аксиома ва таърифҳо муҳокимаҳои муайян исбот гардида, ба воситаи ин муҳокимаҳо ҳақ будани дигар донишҳо муқаррар карда мешаванд.

Масалан, дар вақти исбот кардани теорема оид ба саҳни секунҷа, параллелограмм ва дигар шаклҳо, барои ҳақиқатии онҳоро исбот кардан ҳамчун асоси мантиқӣ на фақат таърифи мафҳуми «саҳн» ва ғайра ва на танҳо аксиома оид ба хатҳои мувозӣ, балки теоремаи зерини пеш аз ин исботшудае ба кор бурда мешаванд, ки мувофиқи он: агар саҳни квадрат бо паҳлуҳои воҳид ҳамчун воҳид чен карда шавад, он гоҳ саҳни ҳар як росткунҷа ба ҳосили зарби паҳлӯяш бо баландиаш баробар аст.

Ҳамин тариқ, дар вақти исбот ҳамчун асос донишҳои гуногун: муҳокимаҳо оид ба фактҳо, таърифи мафҳумҳо, аксиомаҳо ва муҳокимаи муқаддам исботшуда, истифода бурда мешаванд.

д) Тарзи исбот (намоиш). Дар рафти исбот ба воситаи асосҳо ҳақ будани тезиси исботшаванда ё дурӯғ будани тезиси радшаванда нишон дода мешавад. Бинобар ин, барои исбот асосҳои ҳақро ёфтан ва бо ёрии онҳо ҳақ (ё дурӯғ) будани тезисро муқаррар намудан аҳамияти калон дорад. Вале дар бисёр маврид ҳо донист гирифтани асосҳои ҳақиқие, ки ҳақ будани тезисро эътироф мекунад, кифоя нест. Ғайр аз ин бояд

нишон дода шавад, ки дар байни тезис ва асосҳое, ки ҳақ будани онҳо ба ҳақ будани тезис вобаста аст, чӣ навъ алоқа вуҷуд дорад.

Бинобар ин, алоқаи мантиқии муҳокимаҳое, ки он натиҷаи муайяни мантиқӣ мебошад, тарзи исбот ё ки намоиш ном дорад. Намоиш аз як қатор хулосабарориҳо иборат аст, ки муқаддимаҳои онҳо асосҳои исботи мазкур буда, хулосаи охирини онҳо тезиси исботшаванда аст. Алоқамандии асосҳо хулосаҳое, ки аз асосҳо бароварда мешаванду натиҷаашон заруран эътироф намудани ҳақиқатии тезиси исботшаванда аст, тарзи исбот мебошад.

Алоқаманд намудани асосҳое, ки дар охир ба ҳақ донистани тезиси исботшаванда меорад, як хел намешавад. Ин гуна алоқамандӣ ба худи асосҳо ва тезиси исботшаванда вобаста аст. Барои исбот намудани алоқамандии онро бояд муайян кунем. Исбот кори оддӣ набуда, кори мураккаби эҷодист.

Азбаски муайян намудани ин гуна алоқамандии асосҳо кори мураккаби эҷодист, исботи баъзе ҳодисаҳо дар зарфи даҳҳо сол ҳанӯз ҳал нагардидааст.

Ба ҳамин тариқ, тарзи исбот ё ки намоиш муайян намудани алоқамандии асосҳо ва тезиси исботшаванда буда, дар натиҷаи ба анҷом расидани намоиш ҳақ (ё дурӯғ) будани тезис муқаррар мегардад.

## § 3. НАВЪҲОИ ИСБОТ

**Исбот ба ду навъ тақсим мешавад**: 1. Исботкунӣ; 2. Инкор. Исботкуние, ки ба воситаи он ҳақ будани тезис муқаррар мегардад, одатан исботкунӣ ном дорад. Исботкуние, ки ба воситаи он дурӯғ будани тезис муқаррар мегардад, инкор ё ки радкунӣ ном дорад. Дурӯғ будани тезис бо якчанд усулҳои мантиқӣ ошкор карда мешавад. Одатан ин кор чунин исботест, ки ба воситаи он дар байни муҳокимаи радшаванда ва муҳокимаҳои ҳақиқие, ки ҳамчун асос оварда мешаванд, муносибати муқобилӣ муайян карда мешавад. Маълум аст, ки мувофиқи таълимоти қонуни зиддияти мантиқӣ ду муҳокимаи ба ҳамдигар муқобил якбора ҳақ намешавад, бинобар ин, аз ҳақ будани муҳокимаҳое, ки ба муҳокимаи радшаванда муқобиланд, дурӯғ будани муҳокимаи радшаванда ҳосил мешавад. Пас, барои рад кардани чунин муҳокимаҳои муқобили муҳокимаи радшавандаро ёфтан лозим аст, ки ҳақ будани онҳо аниқ бошад.

Масалан, агар сардорони ягон давлати таҷовузкор изҳор намоянд, ки онҳо тарафдори сулҳ мебошанд, ин изҳороти дурӯғ бо нишон додани далелҳое ки ба вай зиданд, рад карда мешавад.

Аммо барои рад кардани тезиси дурӯғ на фақат донишҳо оид ба фактҳои санҷидашуда истифода бурда мешаванд. Баъзан бо мақсади исботи дурӯғии тезис ҳамчун асос муҳокимаҳое, ки пеш

аз ин исбот шудаанд, ба кор бурда мешаванд. Масалан, фикр дар бораи он ки ҳамаи феълҳо ҳаракатро ифода менамоянд, ба воситаи ба ин фикр муқобил гузоштани фикр дар бораи он ки феълҳои холатро ифодакунанда ҳам мавҷуданд, рад карда мешавад. Мисоли дигар, фикр дар бораи он ки ҳеҷ як ҷумла аз як калима иборат нест, бо нишон додани фикр дар бораи он ки баъзе ҷумлаҳо аз як калима иборатанд, рад карда мешавад. Дар ин ҷо ба воситаи муҳокимаи ҷузъӣ муҳокимаи умумӣ, фикри умумӣ рад карда мешаванд.

Агар ягон шахс хоҳад, ки ҳақ будани ин ё он тезисро исбот кунад, он гоҳ барои тасдиқ намудани тезиси мазкур асос меорад.

Мумкин аст, ки тезиси ба миёнгузошта рад карда шавад, дар ин сурат тезис бояд ҳимоя карда шавад.

Бинобар ин, агар тезис инкор шуда истода бошад ё тахмин карда шавад, ки вай рад карда мешавад, дар ҳамин мавриди ҳақ будани тезисро исбот намудан ҳимоя ном дорад.

Аз ин ҷост, ки ҳимояи диссертация барои гирифтани унвони илмии номзади фанҳо, доктори фанҳо ё ҳимояи лоиҳаи кори дипломӣ мегӯянд.

Радкунӣ (инкор) навъи муҳимми исботкунӣ аст. Барои ҳақиқатро муқаррар намудан бо фикри дурӯғ, муҳокимаи ғалат мубориза бурда, вайро рад (инкор) кардан лозим аст.

2. Аз ҷиҳати тарзи худ исботкунӣ ду навъанд:

1. И с б о т и  м у с т а қ и м.

2. И с б о т и  ғ а й р и м у с т а қ и м.

Исботе, ки дар вай асосҳо (далелҳо) бевосита ҳақ будани тезисро муайян мекунанд, исботи мустақим ном дорад. Дар исботи мустақим ҳақ будани тезис аз асосҳое ки ҳақанд, пайдо мешаванд. **Мо асосҳои (далелҳои) ҳақро оварда ҳақ будани тезисро тасдиқ менамоем, ки он исботи мустақим номида мешавад.**

Дар исботи ғайримустақим ҳақ будани тезис дар натиҷаи баъзе муҳокимаҳои дигар муқаррар карда мешавад.

Бинобар ин, дар исботи ғайримустақим ҳақ будани тезис дар натиҷаи исботкунии муҳокимаҳои дурӯғ, ки ба тезис зид мебошанд, муқаррар мегардад. Муҳокимаҳое, ки ба тезис зиданд, антитезис (яъне зиддитезис) ном дорад. Дар исботи ғайримустақим ба воситаи нишон додани дурӯғии антитезис, тезис исбот карда мешавад.

Исботи ғайримустақим ду навъ мешавад: а) и с б о т и  ғ а й р и м у с т а қ и м и  м у н ф а с и л; б) и с б о т и  ғ а й р и м у с т а қ и м и  а п а г о г и я в ӣ (*апагогиявӣ* к а л и м а и  ю н о н ӣ  б у д а,  м а ъ н о я ш *хулоса* мебошад).

Тезис дар исботи ғайримустақими мунфасил яке аз узвҳои фикри тахминиест, ки ин фикри тахминӣ ҳамаи фикрҳои имконпазири тахминиро оид ба предмети мазкур дар бар мегирад. Дар ин ҷо ғайр аз якто узв ҳамаи узвҳои фикри тахминӣ рад карда мешаванд. Ҳамин узви мустасно тезиси исботшаванда аст. Азбас-

ки вай истисно гардида, дигар фикрҳои тахминӣ рад карда мешаванд, пас, ҳамин фикри тахминии раднашуда ҳамчун фикри ҳақ эътироф карда мешавад. Ин исботи ғайримустақими мунфасилро чунин ифода кардан мумкин аст. Ба мо маълум аст, ки *А* фақат ё *В*, ё *С* ва ё *Д* мебошад. Ин муҳокимаи мунфасил аст. Бояд мо исбот намоем, ки *А* — *В* мебошад. Агар мо асосҳое меёфтем, ки онҳо муҳокимаи «*А* — *В* мебошад»-ро бевосита тасдиқ кунанд, он гоҳ ин исботи мустақим мешуд, вале мо ин гуна асосҳоро наёфтем. Бинобар ин исбот карда мешавад, ки *А* на *С* ва на *Д* мебошад, пас *А* — *В* мебошад.

Масалан, хақ будани таълимоти Коперник (асри XVI) дар бораи системаи гелиоцентрии олам ба ҳамин роҳ исбот карда шуда буд. Пеш аз ба амал омадани таълимоти Коперник таълимоти Птоломей (асри II) дар бораи системаи геоцентрии олам мавҷуд буд, ки мувофиқи он Замин беҳаракат ва маркази коинот буда, сайёраҳо ва ситораҳо дар атрофи Замин ҳаракат мекунанд. Ғайр аз ин астроном Тихо де Браге (асри XVI) тахмин мекард, ки сайёраҳо ва ситораҳо ба атрофи Офтоб чарх зада, Офтоб бошад, бо ҳамроҳони худ — сайёраҳо ба атрофи Замин ҳаракат мекунад.

Таълимоти тахминии Птоломей, Тихо де Браге ва Коперник ягона тарзҳои имконпазири фаҳмонидани ҳаракатҳои ба назар намоёншавандаи ҷисмҳои осмонӣ буданд. Бинобар ин, азбаски икишофи оянда илмҳо таълимоти тахминии Птоломей ва Брагеро тамоман инкор кард, таълимоти Коперник дар бораи системаи олам исбот гардид ва илм вайро қабул кард.

Исботи ғайримустақими мунфасилро дар вақти тадқиқот баъзен ҳуқуқшиносҳо, муфаттишҳо ҳам истифода мебаранд. Масалан, дар вақти тафтишот маълум мегардад, ки ҷинояти муайянро танҳо ё шахси *А*, ё *В*, ё *С* ва ё *Д* содир кардаанд ва баъд аз ин муқаррар мегардад, ки на шахси *В*, на *С* ва на *Д* ин ҷиноятро содир кардаанд, бо ҳамин исбот карда мешавад, ки ин ҷиноятро шахси *А* содир кардааст.

Дар исботи ғайримустақими апагогиявӣ ҳақ будани тезис ба воситаи рад намудани муҳокимаҳое, ки ба тезис зид аст, муқаррар карда мешавад. Дар ин ҷо исботи тезис ин тавр ба амал меояд. Мо мехоҳем, ки муҳокимаи «*А*—*В* аст»-ро исбот намоем. Лекин асосҳо, далелҳои ҳақиқие, ки аз онҳо ҳақ будани муҳокимаи «*А*—*В* аст» мебароянд, надорем.

Бинобар ин, муҳокимаи зидди тезиси дар боло зикршуда, «*А* — *В* намебошад»-ро гирифта истода тахмин мекунем, ки ин муҳокима ҳақ аст ва ҳамаи натиҷаҳои имконпазир аз вай бароварда мешаванд. Маълум мегардад, ки ин натиҷаҳо дурӯғанд, яъне ба воқеият мувофиқ нестанд, пас, ин дурӯғ будани антитезис — муҳокимаи «*А* — *В* намебошад»-ро нишон медиҳад. Бинобар ин, агар муҳокимаи «*А* — *В* намебошад» дурӯғ бошад, аз ин мувофиқи таълимоти қонуни истиснои салоса ҳақ будани тезиси «*А* — *В* мебошад», ҳосил мешавад. Ин гуна исботи мантиқӣ беш-

тар дар соҳаи илмҳои математикӣ ба кор бурда мешавад ва одатан ин навъи исботро исбот аз муқобил меноманд.

Масалан, олими машҳур Ньютон фикрро дар бораи он ки Замин кашидани обҳояшро бас накардааст, исбот менамояд. Агар Замин ба худ кашидани обҳояшро бас мекард, он гоҳ ҳамаи обҳои баҳр боло рафта ба сатҳи моҳтоб чорӣ мешуданд. Вале ҳамаи обҳои баҳр ба боло баромада ва ба сатҳи моҳтоб чорӣ нашуда истодаанд. Бинобар ин, Замин кашидани обҳояшро бас накардааст.

## § 4. УСУЛҲОИ ИНКОР

Дурӯғ будани тезис бо якчанд роҳҳо исбот карда мешавад, яъне тезисро ба воситаи рад кардани асосҳое, ки барои тасдиқ намудани он оварда мешавад ё ба воситаи рад кардани алоқаи байни тезис ва асосҳо, ё ба воситаи инкори худи тезис, рад намудан мумкин аст. Бинобар ин, инкор бо роҳҳои зерин ба амал меояд.

**Усули якӯми инкор**. Бо мақсади исбот кардани дурӯғии тезис ҳақ будани муҳокимае, ки ба тезис зид ё муқобил мебошад, исбот карда мешавад. Аз ҳақ будани муҳокимае, ки ба тезис зид ё муқобил аст, мувофиқи қонуни зиддият дурӯғ будани тезис мебарояд. Ин усули инкор хеле муҳим аст, зеро дар ин чо шахси инкоркунанда муҳокимаеро мустақилона исбот менамояд, ки вай бо тезиси инкоршаванда мухолиф мебошад.

**Усули дуюми инкор.** Бо усули дуюми инкор дурӯғ будани асосҳо, далелҳое, ки барои тасдиқ намудани тезис далел оварда мешаванд, ошкор карда мешавад. Агар дурӯғ будани асосҳо, далелҳое, ки барои тасдиқи тезис оварда шудаанд, исбот карда шаванд, пас бо ҳамин тезис инкор карда мешавад.

Аз қоидаи алоқамандии асос ва натиҷа ба мо маълум аст, ки аз асоси дурӯғ ҳамеша натиҷаи дурӯғ намебарояд, зеро мумкин аст, ҳақ будани натиҷаи мазкур аз дигар асосҳо барояд.

Дар исботи мантиқӣ тезис ҳамчун натиҷа ҳамеша аз асосҳо мебарояд. Бинобар ин, баробари исбот намудани дурӯғии асосҳое, ки барои тасдиқи тезис оварда мешаванд, доимо дурӯғии тезис инкор карда намешавад, чунки мумкин аст, ҳақ будани тезиси мазкур аз дигар асосҳое барояд, ки онҳоро шахси исботкунанда ёфта натавонистааст.

**Усули сеюми инкор.** Бо ин усули инкор нишон дода мешавад, ки аз асосҳо, далелҳои барои тасдиқи тезис овардашуда, ҳақ будани тезиси мазкур намебарояд. Дар ин ҷо мумкин аст, ки асосҳои барои тасдиқи тезис овардашуда, муҳокимаҳои ҳақ бошанд, вале муқаррар карда мешавад, ки аз ин асосҳо ҳақ будани тезиси мазкур намебарояд. Мумкин аст, аз ин асосҳо тезиси дигар ҳақ барояд, вале аз онҳо ҳақ будани тезиси ҳимоя шуданистода намебарояд. Бо ин усули инкор дурӯғ бу-

дани тезис мустақилона исбот карда нашуда, балки муайян карда мешавад, ки тезиси мазкур ҳамчун фикри ҳақ исбот карда нашудааст.

Ин усулҳои инкор дар баҳсу мунозира бештар ба кор бурда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки ин усулҳои инкор агар баробар кор фармуда шаванд, аҳамияти онҳо меафзояд.

## § 5. ҚОИДАҲОИ ИСБОТ

Барои дуруст ба анҷом расондани исботи мантиқӣ бояд ба қоидаҳои зерин риоя карда шавад.

***Қоидаи якум.*** **Тезис бояд муҳокимаи возеҳ ва аниқ бошад.** Агар тезиси исботшаванда ноаниқ бошаду ба шахси исботкунанда чӣ чизро исбот карданаш номаълум бошад, пас ин нокисии исботро нишон медиҳад. Шахси исботкунанда бояд тезиси исботашро барои худ аниқ ва равшан намояд. Баъзан лектор ё маърӯзачӣ фикрҳои худро изҳор намуда, асосу далелҳое меорад, то ки мулоҳизаҳоишро муфассал баён намояд. Лекин кас агар мазмуни лекция ё маърузаро бо диққат, бо мулоҳиза гӯш кунад, пас маълум мегардад, ки чаро далелу исботи маърӯзачӣ номуайяну ноаниқ аст. Мумкин аст фикрҳои изҳоршавандаи маърӯзачӣ дуруст бошанд, вале кадом фикрро исбот кардани вай номаълум мемонад. Дар ин гуна мавридҳо фикри исботшаванда — тезис аниқ муайян нашудааст. Бинобар ин, асосҳо, далелҳо ва мулоҳизаҳое, ки баён мешаванд, мазмунан дуруст бошанд ҳам, дар ин ҷо мувофиқи мақсад намебошанд.

Баъзан дар вақти баҳсу мунозира ду шахс чӣ чизро исбот кардани худро ба ҳамдигар дуруст нафаҳмонда, барои исботи тезисҳои худ саъю кӯшиш менамоянд. Аммо агар фикрҳои онҳоро бодиққату мулоҳиза гӯш кунем, мебинем, ки ҳар дуяшон ҳам як фикрро исбот карда истодаанд ва ба фикрҳои ҳамдигар розианд, бинобар ин ҳоҷати баҳсу мунозира нест. Ва баъзан, баръакс, дар вақти баҳсу мунозира ду шахс дар бораи чизҳои гуногун фикрҳои худро баён намуда мехоҳанд исбот кунанд ва фикрҳо — тезисҳои онҳо ба якдигар зиддияте надоранд, мулоҳизаҳои ҳар дуяшон ҳам хақ ё ғалат мебароянд, бинобар ин, дар ин ҷо ҳам ҳоҷати баҳсу мунозира нест. Ин гуна кҷфаҳмиҳо аз он сабаб ба миён меоянд, ки тезиси исботшаванда норавшан, номуайян мебошад.

***Қоидаи дуюм.*** **Тезис бояд то ба охири исботи мазкур айнан бо мазмуни худ кор фармуда шавад.**

Баъзан дар вақти исбот бо таҳлил намудани асосҳо, далелҳо ва инкор кардани фикрҳое, ки зидди тезис нигаронида шудаанд, машғул шуда, тезиси аввалини худро ба тарзи номаълум бо дигар фикр аралаш карда дар натиҷа ҳамин тезисе ки мехостед исбот кунед, исбот накарда, балки дигар фикрро исбот

карда мемонад. Ин гуна хатогӣ дар илми мантиқ, хатогии **иваз кардани тезис** ном дорад. Агар дар вақти исбот як тезис бо дигараш бошуурона, қасдан иваз карда шавад, ин гуна хатогӣ **софизм** ном дорад. Аз ин гуна софизмҳо идеологҳои синфҳои истисморкунанда, душманони оммаи меҳнаткаш бо мақсади дурӯғро ҳақ эълон кардан истифода мебаранд. Ин тавр хулосабарорҳои сохта — софизмҳои душманони синфи коргарро В. И. Ленин доимо танқид карда, онҳоро фош менамуд.

В. И. Ленин принципи федеративии ташкилъёбии партия, ки онро бундчиён дар солҳои 1901—1904 ба миён гузошта буданд, таҳлил намуда, дар мақолаи «Мавқеи Бунд дар партия», аз тарафи бундчиён аралаш ва иваз кардани мафҳумҳои гуногуни «қисми партия»-ро ошкор намуда, тамоман бемантикии афкорашонро сахт танқид карда буд.

Боз дар поёнтари ҳамин асараш В. И. Ленин ба ҳамин гуна шахсоне ки фикрҳои худро исбот карданӣ шуда, қоидаҳои оддии мантиқро вайрон мекунанд, аз «Фауст»-и нависанда Гёте иқтибос оварда менависад: «Бинобар ин, дӯсти азизам, ба шумо маслиҳат медиҳам, ки пеш аз ҳама мантиқро омӯзед!»[1].

***Қоидаи сеюм.*** **Асосҳо, далелҳое, ки барои тасдиқ кардани тезис оварда мешаванд, бояд муҳокимаҳои ҳақ бошанд.** Агар асосҳо, далелҳое ки барои тасдиқ намудани тезис оварда мешаванд, дурӯғ ё шубҳанок бошанд, пас, исбот ҳам ғалат ва нодуруст мешавад. Баъзан ҳамчун асос далеле, ки он бояд тезисро тасдиқ намояд, муҳокимаҳо оварда мешаванд, ки исботталабанд. Ҳамчун асос муҳокимае оварда мешавад, ки худи вай исботро талаб менамояд, яъне худаш шубҳанок мебошад ва ҳақ буданаш ҳанӯз муқаррар нашудааст. Ҳамин гуна асосро шахси исботкунанда истифода бурда истода, онро фикри ҳақиқии исботшуда эътироф мекунад.

Ба ҳамин гуна хатогии исбот «исботи» иқтисодчии реакционии англис Мальтус дар бораи афзоиши аҳолӣ мисол шуда метавонад. Мальтус нобаробарии иҷтимоии ҷамъияти капиталистиро тарафдорӣ намуда, исбот карданӣ мешуд, ки миқдори аҳолӣ бо роҳи прогрессияи геометрӣ афзуда ва ҳосилнокии замин, ки аҳолиро бо хӯрокворӣ таъмин мекунад, бо роҳи прогрессияи арифметикӣ меафзояд. Барои ин исботи худ ҳамчун далел Мальтус дар зарфи 25 сол ду бор зиёдшавии аҳолиро аз ҳаёти ШМА гирифта буд. Аммо ин асос ва далели Мальтус фикри ғалат, исбот нашуда буд. Дар ҳақиқат аҳолии ШМА дар давоми 25 сол не, балки дар зарфи дуру дароз на танҳо аз ҳисоби зиёдшавии халқи маҳаллӣ, балки аз ҳисоби аз Европа ба Америка кӯчидани одамон ду баробар афзудааст.

***Қоидаи чорум.*** **Далелҳо бояд барои тасдиқи тезис асоси кифоя бошанд.**

---

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 7, саҳ. 91.

Маълум аст, ки дар исбот далелҳо бо тезис ҳамчун асос бо натиҷа алоқаманд мебошанд. Дар исботи дуруст агар далелҳо ва асосҳо ҳақ бошанд, тезис ҳам ҳақ мебарояд. Баъзан барои тасдиқи тезис далелҳо, асосҳое оварда мешаванд, ки онҳо доништҳои ҳақ буда, вале барои тезис асос шуда наметавонанд.

Ин гуна хатогӣ дар илми мантиқ бо ибораи «намебарояд», «намеояд» ифода карда мешавад, яъне аз далелҳои овардашуда тезиси ҳақ намебарояд.

Ҳамин гуна хатогиро қасдан ҳайати вакилони давлатҳои бузурги Ғарб дар яке аз маҷлисҳои комиссия оид ба назорати қувваи атомӣ содир кардаанд. Онҳо бо ҳар роҳ масъалаи пешгузоштаи «Комиссияи назорати қувваи атомиро» ба хатогиҳо талқин намуда, ҳайати онро саргум карданӣ мешуданд.

Боз яке аз ҳамин гуна хатогиҳо аз гуфтори шартӣ ба гуфтори бешарт гузаштан аст. Агар фикри муайяни шароитҳои муайянро ба назар гирад, ҳақ мешавад, аммо дар вақти исбот вайро ҳамчун фикре ки дар ҳама шароитҳо ҳақ мебошад, эътироф намудан хатост.

Масалан, асосгузорони марксизм гуфтаанд, ки дар он мавриде, ки синфҳои ҷамъиятӣ аз байн мераванд, ҳокимияти давлатӣ ҳам лозим намешавад. Душманони марксизм ва ревизионистҳо ин фикрро нодуруст шарҳ дода мегӯянд, ки бояд давлати социалистӣ дар айни замон аз миён равад. Ин фикр тамоман хатост, зеро гуфтаи хирадмандонаи Маркс ва Энгельс оид ба давлати социалистӣ шароити дигарро дошт, ин фикр ҳамон шароитеро ки дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон социализм ғалаба карда ва системаи капиталистӣ аз миён тамоман меравад, асос ёфтааст. Азбаски ҳанӯз дар ҷаҳон ҳоло системаи капиталистӣ мавҷуд аст, Давлати Советӣ тамоман аз байн намеравад.

***Қоидаи панҷум.*** **Далелҳо, асосҳо бояд чунин муҳокимаҳое** асосҳо аз тезис бароварда мешаванд, содир мегардад. Дар ин исбот ҳақ будани тезис аз ҳақ будани асосҳо бароварда мешавад, вале ҳақ будани худи асосҳоро аз тезис баровардан мумкин нест. Ҳақ будани асосҳо бояд аз дигар муҳокимаҳои исботшуда бароварда шавад. Вайрон шудани ин қоида ба хатогие оварда мерасонад, ки ин хатогӣ «даврзании ноқис» ном дорад. Ин гуна хатогӣ дар он мавриде ки тезис аз асосҳо ва асосҳо аз тезис бароварда мешаванд, содир мегардад. Дар ин маврид дар ҳақиқат даврзании ноқис ба амал меояд.

Масалан, Маркс дар яке аз асарҳои худ «Музди кор нарх ва фоида» нишон медиҳад, ки иқтисодчиёни Англия ақидаҳои худро оид ба моҳияти «арзиши меҳнат» исбот карда истода, ба даврзании ноқис меоянд. Яке аз он иқтисодчиён мегӯяд, ки музди кор нархи молҳоро ба тартиб меорад, чунки зиёд шудани музди кор бояд сабаби баланд шудани нархҳо гардад. Аммо баъд аз ин вай акси ин фикрро исбот карда мегӯяд, ки аз зиёд кардани музди

кор вазъият беҳтар намешавад, зеро дар ин маврид нархи молҳо зиёд мешавад, чунки дар ҳақиқат музди кор бо нархи молҳо андоза карда мешавад. Маркс ба ҳамин ақидаи иқтисодчии мазкур баҳо дода мегӯяд, ки арзиши молҳоро арзиши меҳнат ва арзиши меҳнатро арзиши молҳо муайян мекунад, гуфтан маънои ба пасу пеш ҳаракат карда истодани даврзании нокисро ба амал овардан аст, ки аз ин ҳеҷ як хулосаи мусбат баровардан мумкин нест.

Маркс боз дар ҳамон асар моҳияти ҳамон даврзании нокисро ошкор намуда, менависад, ки: «Дар ҳамин ҷо мо агар ҳақиқатан ҳам мантиқан фикр рондаиро хоҳем, гаранг шуда мемонем. Ва ҳол он ки ҳомиёни ин таълимот чандон парвои мантиқ надоранд»[1].

***Қоидаи шашум.*** **Тезис бояд чунин хулосае бошад, ки вай мувофиқи қоидаҳои хулосабарорӣ аз асосҳое барояд.** Исбот бо ёрии хулосабарорӣ, яъне ба воситаи хулосабарории дедуктивӣ ё индуктивӣ ифода карда мешавад. Вале дар исбот тартиби алоқаи мантиқӣ дигар хел аст. Агар мо дар хулосабарории муқаррарӣ аз муқаддимаҳо ба хулоса гузарем, дар исбот акси он — аз хулоса (яъне тезис) ба муқаддимаҳо (яъне асосҳо) мегузарем. Бинобар ин, дар исбот бояд ба ҳамаи қоидаҳои хулосабарорӣ риоя карда шавад. Дар исбот ҳар як қоидаи хулосабарориро вайрон кардан хатои маҳз аст.

---

[1] К. Маркс ва Ф. Энгельс. Асарҳо, ч. XIII, қисми I. Партиздат ЦК ВКП(б), 1936, саҳ. 110.

БОБИ XI

# ФАРАЗИЯ (ГИПОТЕЗА)

## § 1. ТАЪРИФИ ФАРАЗИЯ

Фаразия яке аз шаклҳои мураккабтарини тафаккур мебошад. Вай ҳамчун шакли мураккаби тафаккур аз системаи мафҳумҳо, муҳокимаҳо ва хулосабарориҳо иборат аст.

Фаразия чунин шакли мураккаби тафаккурест, ки бо ёрии он ҳодисаҳо, воқеаҳо дарк карда мешаванд ва қонунияти пайдоиши онҳо ошкор мегардад.

**Фаразия чунин методи мураккаби тадқиқотест, ки ба воситаи он дониши тахминӣ дар бораи қонуният, сабаби ҳодисаҳои тадқиқшаванда пайдо карда мешавад.**

Пайдо кардани фаразия хеле кори мураккаб аст. Барои фикри тахминиро дар бораи фалон ҳодиса баён кардан қиёс роли муайянро мебозад. Тадқиқотчӣ монандии ҳодисаҳои омӯхтаистодаро бо ҳодисаҳое, ки қонуниятașон аз ин пеш муқаррар гардидааст, ошкор намуда фикри тахминиро баён карда мегӯяд, ки дар ин ҷо мумкин аст фалон навъи алоқамандии қонунӣ мавҷуд бошад. Барои тартиб додани ҳамин гуна фаразия тадқиқотчӣ аз тамоми донишҳои илмии ҷамъшуда истифода бурда, монандии ҳодисаи тадқиқшавандаашро бо фактҳои маълум ва тадқиқшудае, ки бо ҳодисаи мазкур наздиканд, муайян мекунад.

Таърихи илм шаҳодат медиҳад, ки бисёрии фаразияҳо дар асоси қиёс ба вуҷуд омадаанд.

Масалан, дар ибтидои асри XX олимон сохти атомро бо сохти системаи сайёраҳои Офтоб муқоиса карда, фаразияро дар бораи сохти атом ба вуҷуд овардаанд.

Ҳамин тавр мавҷҳои рӯи (сатҳи) обро мушоҳида карда, олимон дар бораи моҳияти мавҷии рӯшноӣ фаразияро ба вуҷуд оварда буданд.

Ҳамин тариқ, ба наздикӣ дар асоси қиёс фаразияи олими советӣ И. С. Шкловский дар бораи пайдоиши ҳамроҳони сунъии сайёраи Миррих пайдо шуд. Фаразияи мазкур чунин тартиб дода шудааст:

Миррих ду ҳамроҳ дорад. Ин ҳамроҳони Миррих қариб сад сол пеш аз ин кашф шудаанд. Онҳоро дидан ниҳоятдараҷа душвор аст. Ҳаҷми онҳо он қадар калон нест ва онҳо ба Миррих наздиканд. Рӯшнои сайёра дидани онҳоро душвор менамояд. Ин ҳамроҳони Миррих Фобос ва Деймос ном доранд, ки маънои луғавии ин калимаҳо Ваҳм ва Даҳшат мебошад. (Ба фикри кашфиётчӣ ин ҳамроҳони Миррих бояд ҳамин тавр ном дошта бошад, зеро Миррих ба ақидаи юнониёни қадим худои ҷанг аст).

Дар ибтидои асри XX олими рус Герман Струве мушоҳидаҳои хеле дуруст карда ҳамаи элементҳои орбитаи онҳоро муқаррар намуда буд. Дар асоси ин фикрҳо ба қонунҳои механикаи ҷисмҳои осмонӣ такья намуда, мавқеи онҳоро дар орбитаҳо дар ҳар як дақиқа ҳисоб карда баромадан мумкин аст. Дар соли 1945 астрономи америкоӣ Шарплес тадқиқ карда дид, ки Фобос нисбат бо ҳамон мавқее, ки аз ҳисобкуниҳои Струве ҳосил мешавад, бо орбитаи худ ба 2,5 дараҷа пеш ҳаракат кардааст.

Олим И. С. Шкловский бо ин ҳодиса машғул шуд. Вай барои ёфтани сабаби ҳамин тағйирёбии ҳаракати Фобос саъю кӯшиш намуд. Олим дар натиҷаи тадқиқи ҳаматарафаи илмӣ ба чунин хулоса омад. Фобос қатъи назар аз ҳаҷми бузургаш, дорои массаи хеле хурд аст. Ба ҳисоби миёна зичии вай ҳатто аз зичии ҳавои рӯизаминӣ ҳам хурдтар аст. Лекин ҷисми сар то сар сахт дорои ҳамин гуна массаи хеле хурд шуда наметавонад. Бинобар ин, мумкин аст, ки Фобос ҷисми сар то сар сахт набуда, балки монанди пуффак ё ки мисли бонкаи консервӣ бошад.

Сайёра ё ки Моҳро ҷисми холӣ тасаввур кардан кори душвор аст. Аммо ҳамроҳони сунъӣ, эҳтимол, ҳеҷ гоҳ ҷизи сар то сар сахт нашавад. Онҳо ҳамеша ҷисми пардаиоке мешаванд, ки дар дохилашон бояд одамон ва асбобҳои автоматӣ мавҷуд бошанд. Ҳамин тариқ, олими советӣ фаразияро дар бораи он ки ҳамроҳони Миррих сунъӣ мебошанд, баён намуд ва гуфт, ки онҳо эҳтимол миллиардҳо сол пеш аз ин аз тарафи мавҷудоти зиндаи бошуур, ки дар он давра онҳо дар ҳамин сайёра зиндагӣ мекарданд, сохта шуда бошанд.

Қиёс барои ба вуҷуд омадани фарзия хеле роли муҳимро мебозад. Чи тавре ки мебинем, фаразия оид ба ҳамроҳони сунъии Миррих ҳам дар асоси қиёс ба амал омадааст. Агарчи барои ба вуҷуд омадани фаразия қиёс роли муҳим бозад ҳам, муқоиса намудани ҳодисаҳои гуногун барои асоснок намудани гипотеза ҳанӯз кифоя нест. Фикри тахминӣ баъд аз бо як қатор фактҳо санҷидан, ба фаразияи илмӣ мубаддал мегардад. Барои фикри тахминиро асоснок намуда, ба фаразияи илмӣ табдил додан хулосабарории индуктивӣ ва дедуктивӣ роли калон мебозад.

Фаразия хеҷ гоҳ танҳо дар асоси як факт тартиб дода намешавад. Фикри тахминӣ бояд дар асоси фактҳо асоснок карда шавад.

Агар хулосабарории дедуктивӣ ба кор бурда нашавад, фикри тахминиро ба фаразия табдил додан, асоснок ва мустаҳкам кардани он аз як фаразия ба дигараш гузаштан имконнопазир аст. Ба дониш҈о, фактҳои ҷамъшуда муроҷиат намуда, онро бо эксперимент омӯхта, тадқиқотчӣ дар асоси фаразия хеле маводҳои фаровон ҷамъ менамоянд, ки дар асоси онҳо фаразия инкишоф ёфта, дараҷаи эътибornокиаш меафзояд ё бо фаразияи дигар иваз мешавад.

Барои инкишофи фаразия хулосабарории дедуктивӣ хеле роли калон мебозад. Мисоли зеринро аз таърихи илми физика дида мебароем.

Дар аввали асри XX илми физика бо мақсади фаҳмонидани сохти атом, фаразияро ба миён гузошта буд, ки мувофиқи он атом мисли системаи офтоб системаи мураккаб буда аз заррачаи заряди мусбат (ядро), ки онро заррачаҳои заряди манфӣ дошта, (яъне электронҳо) иҳота менамоянд, иборат аст. Электронҳо дар атрофи ядро аз сабаби кашиши заряди мусбат ва тела дода дур кардани электронҳои заряди манфӣ чарх мезананд.

Ин фаразия ҳанӯз асоснок нашуда буд. Сонитар маълум гардид, ки дар ин фаразия баъзе лаҳзаҳои дуруст бошанд ҳам, процессҳои энергетикии дохили атомиро равшан ифода намекард. Вақте ки мехостанд фаразияи зикршударо ба атоми водородӣ татбиқ кунанд, ноаниқиаш ошкор гардид, зеро атоми водород дар канораш танҳо як электрон дорад, бинобар ин, дар вай таъсири теладиҳӣ набуда, танҳо кашидани протон мавҷуд аст. Ин фаразия ба назарияи электро-магнитии Максвелл—Лоренц зид буд. Мувофиқи назарияи электро-магнитӣ заррачаи қувваи электрикдоштае, ки бо суръати тез ҳаракат мекунад, бояд бо энергияи худ шуоъ бароварда, сарф кунад. Агар фаразия дар бораи сохти сайёравии атом дуруст бошад, он гоҳ электроне, ки ба атрофи ядро бо суръати тез ҳаракат мекунад, бояд ҳатман шуоъ бароварда қувва сарф намояд. Лаҳзае нагузашта электрон бояд ба болои ядро афтода вайро бетараф карда, заррачаи бетарафро ташкил диҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳое, ки аз фаразияи сохти сайёравии атом мебароянд, чи навъе ки дар боло зикр гардид, аз дигар ҷиҳатҳо низ ба назарияи электромагнитӣ зид мебошад.

Ин мисол дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки аввалан фикри тахминӣ бо ёрии хулосабарории дедуктивӣ санҷида шуда, ҷиҳатҳои тасодуфии он дур карда мешавад, пас вай ба фикри тахминии асоснок, фаразияи илмӣ табдил меёбад.

Барои фикри тахминиро ба фаразия табдил додан ба қонун ва назарияҳои муқарраргардидаи илм мувофиқ ё номувофиқия

онро ба василаи хулосабарории дедуктивӣ санҷидан аҳамияти хеле калон дорад.

Фаразия ҳамчун методи мураккаби тадқиқот дар соҳаи омӯхтани ҳодисаҳои ҷамъият ҳам хеле аҳамияти калон дорад. Масалан, таълимоти материалистии таърих дар солҳои 40-уми асри гузашта дониши тахминӣ, яъне фаразия буд. Аммо ин таълимот чунин фаразия буд, ки «нахустин бор барои ба масъалаҳои таърихӣ ва ҷамъиятӣ бо назари мутлақо илмӣ нигоҳ кардан имконият ба вуҷуд меоварад»[1].

Пешвоёни бузург К. Маркс ва Ф. Энгельс барои исботи фаразияи зикршуда ҷамъияти капиталистиро дар асоси фактҳои раднашаванда таҳлил намуда, фикрҳои худро дар асари машҳури худ «Капитал» баён намудаанд. Бинобар ин, пас аз навишта шудани ин асари безавол, ки фаразия ба назарияи илмӣ табдил ёфт.

Дар замони ҳозира таълимоти марксистӣ-ленинирo тамоми таҷрибаи тараққиёти ҷамъият, ҳаракатҳои революционии пролетариати ҳамаи мамлакатҳо, ғалабаи Революцияи социалистӣ ва ҷамъияти социалистӣ дар мамлакати мо, ғалабаи революцияҳои социалистӣ дар мамлакатҳои демократии халқӣ, мубориза халқҳои мамлакатҳои мустамликавӣ барои озодӣ ва истиқлолият ба таври раднашаванда исбот намудаанд.

Фаразия дар соҳаи адабиётшиносӣ ҳам ба кор бурда мешавад. Баъзан адабиётшиносон барои муайян намудани муаллифи ин ё он асар дар вақти тадқиқот аз фаразия истифода мебаранд. Масалан, ба шарқшиносон маълум, ки миқдори рубоиёти Умари Хайём то алҳол муайян нашудааст. Як қисм рубоиёте ки ба Умари Хайём тааллуқ доранд, аз ҷиҳати маънӣ монанданду шаклан каму беш аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Барои муайян намудани хусусиятҳои ин қабил рубоиёти Умари Хайём шарқшиноси машҳур профессор Э. Е. Бертельс чунин фаразияро овардааст:

— Маълум аст, ки Умари Хайём дар шароити душвортарини таърихӣ зиндагонӣ карда, эҷод намудааст. Ҳатто таърихшиносон шеърҳои мутафаккирро ба «морҳои заҳрдори шариатро нешзананда» нисбат додаанд. Бинобар ин, фаҳмидан душвор нест, ки то чӣ дараҷа шоир аз тарафи рӯҳониёни мутаассиб таъқиб карда мешуд. Умари Хайём албатта, барои ҷамъ намуда паҳн кардани шеърҳояш имконият ҳам надошт ва барои ба тартиб даровардан онҳоро математики бузург кори асосии худ намешуморид. Эҳтимол, вай шеърҳои худро дар варақ, мусаввада ва коғазҳои алоҳида навишта ва дар он мавридҳое, ки ба хонаи ӯ баъзе олимони ҳамфикраш ҷамъ мешуданд, дар вақти сӯҳбату анҷуманҳо онҳоро ба дӯстонаш хонда додааст. Тасаввур кунед, ки панҷ рафиқи Хайём ба хонаи ӯ омада, ҳар яке

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 1, саҳ. 144.

аз онхо шеърхоро гӯш карда ва онхоро бо майли худ, бо таъбири худ ифода мекарданд. Ҳамин тариқ, камаш шаш хел рубоёт иншо гардид, ки соннтар дар вақти ҷамъ кардан, онхоро ҳамчун рубоётҳи алоҳидаи шоир эътироф кардаанд. Дар вақти рӯйнавис кардани дастхатҳо ҳам миқдори хелҳои рубоиҳо зиёд мешавад. Пас, хулоса баровардан метавонем, ки мазмун ва мавзӯи ин қабил рубоиҳое, ки то ба замони мо омада расидаанд, ба худи Умари Хайём таалluқ доранд».

Фаразия асосан бо ду роҳ ба амал меояд. Ин роҳ чунин аст: а) **Ҳодисаҳои шарҳдодашаванда оқибати сабаб ва қонунҳои муайян мебошанд. Агар сабаб бошад, пас, оқибат ҳам вуҷуд дорад.** Ин алоқаи байни сабаб ва оқибат бо ёрии хулосабарории шартию қатъӣ чунин ифода меёбад:

Агар *А* бошад, он гоҳ *В* мавҷуд аст.
*А* мавҷуд аст.
―――――――――――――――
Пас, *В* мавҷуд аст.

Дар вақти тартиб додани фаразия тарзи фикр баръакс мешавад, яъне монандии оқибатҳоро ба назар гирифта, аз мавҷуд будани оқибат, дар бораи мавҷуд будани асос хулоса мебарорем. *Масалан:*

Агар *А* бошад, он гоҳ *В* вуҷуд дорад.
*В* вуҷуд дорад.
―――――――――――――――
Пас, *А* вуҷуд дорад.

*Маълум аст, ки сабаби А оқибати В-ро ба миён меорад; бинобар ин, агар ҳодисаи В ба амал ояд, пас, хулоса мебароянд, ки бояд сабаби ин ҳодиса А бошад.*

Инак, мисоли одӣ: агар ин касалӣ зуком бошад, он гоҳ аломатҳои муайяни вай пайдо мешавад; шахси касал ҳамин гуна аломатҳо дорад, пас, вай касали зуком дорад.

Ба ҳамин тариқ, фаразия баъзан ҳамчун хулосабарории шартию қатъӣ тартиб дода шуда, дар вай аз мавҷудияти оқибат дар бораи мавҷуд будани асос хулоса мебарояд.

Азбаски дар фаразия аз вуҷуд доштани оқибат дар бораи вуҷуд доштани асос хулоса мебарояд, вай ҳамеша дониши тахминӣ, эҳтимолист, зеро мумкин аст, ки оқибат аз дигар асос барояд, бинобар ин, фаразия баъзан ҳақ ва баъзан дурӯғ мебарояд.

б) **Баъзан фаразия дар шакли дуюми силлогизми қатъие, ки ҳар ду муқаддимааш ҳам муҳокимаҳои тасдиқӣ мебошанд, ташкил меёбад.**

Чи тавре ки қайд кардем, шакли дуюми силлогизм ба тариқи зайл ифода карда мешавад:

*P — M* аст
*S — M* нест
―――――――――
Пас, *S—P* нест

Дар вақти тартиб додани фаразия дар асоси монандии нишонаҳо (хабари мантиқӣ) дар бораи монандии худи ин предметҳо (мубтадои мантиқӣ) хулоса мебарорем, бинобар ин, ин шакли силлогизм намуди зерин пайдо мекунад:

$$\frac{\begin{matrix} P - M \text{ аст} \\ S - M \text{ аст} \end{matrix}}{\text{Пас, } S - P \text{ аст.}}$$

Масалан, одами ба касалии зуком гирифторшуда аломатҳои муайян пайдо мекунад, ки одами касал ҳамин тавр аломатҳо дорад, пас, ин одам касалии зуком шудааст. Дар ин ҷо ҳам хулоса — дониш эҳтимолист, зеро ин аломатҳо мумкин аст, натиҷаи дигар касалӣ бошанд ва мантиқан ҳар як мубтадои мантиқӣ дорои хабари мантиқии бисьёре мебошад, бинобар ин, фаразия баъзан ҳақ ва баъзан ғалат мебарояд.

## § 2. АҲАМИЯТИ ИЛМИИ ФАРАЗИЯ

Фаразия ҳамчун методи мураккаби тадқиқот барои донистани сабаб, қонунҳои табиат ва ҷамъият аҳамияти бузург дорад. Олимони машҳуртарини даврахои гузашта ба фаразия баҳои баланд дода, онро ҳамчун воситаи муҳимми кашфиёти илм шумоҳидаанд.

Олими машҳури англис Ҷон Дальтон навиштааст, ки қимати фактҳо ва таҷрибаҳо дар он вақт фаҳмида мешавад, ки онҳо асоси таълимоти назариявӣ, фаразияе ки барои натиҷаҳои нави оянда ва пешбинӣ кардани фактҳои нав имконият диҳанд.

Олими бузург Менделеев гуфтааст, ки фаразияҳо барои илм ва омӯхтани он заруранд. Фаразияҳо чунин мунтазамӣ ва оддигии фикрҳоро ташкил мекунанд, ки бе онҳо фикри фарази ва эҳтимолиро қабул кардан душвор аст. Бинобар ин, бояд гуфт, ки: ба фаразияе, ки минбаъд мумкин аст ғалат барояд, бовар кардан афзалтар аст, нисбат ба ҳеч як фикри тахминӣ эътибор надодан. Фаразия тадқиқоти илмӣ — омӯхтани ҳақиқатро хеле осон ва фаҳмо мекунад.

Чӣ тавре ки таърихи илм шаҳодат медиҳад, бе фаразияҳо инкишофи донишҳои илмӣ душвор аст. Бисьёрии назарияҳои илмӣ, назарияи пайдоиш ва эволюцияи навъҳои Дарвин, таълимоти системаи даврагии элементҳои Менделеев ва ғайраҳо бори аввал ҳамчун фаразияҳои илмӣ ба миён омадаанд.

Дар замони ҳозира ҳам олимони машҳури ҷаҳон аз фаразия барои шарҳ додани ҳодисаҳо ва қонунҳои мураккабе ки ҳанӯз пурра дониста нашудаанд, истифода мебаранд. Илми замони ҳозира фаразияҳои гуногун: фаразияи пайдоиши системаи Офтоб, фаразияи пайдоиши ҳаёт дар Замин ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Бинобар ин, фаразия барои инкишофи донишҳои илмӣ роли бузургро мебозад.

Ҳамин тариқ, фаразия барои дониста гирифтани ҳодисаҳо ва қонунҳои олами моддӣ аҳамияти калон дорад ва фаразияе, ки ба воситаи маълумотҳо, фактҳо, натиҷаҳои таҷриба ва амалиёти истеҳсолию ҷамъиятии инсон мукаммал исбот карда шудаанд, ба назарияҳои илмӣ табдил меёбанд.

# МУНДАРИЧА

саҳ.

Аз муаллиф . . . . . . . . . . . 3

Боби I. **Предмет ва аҳамияти илми мантиқ** . . . . 5

§ 1. Воқеияти моддӣ ва донистани он . . . . 5
§ 2. Илми мантиқ . . . . . . . . . . 12
§ 3. Шаклҳои мантиқӣ . . . . . . . . 14
§ 4. Дониши хулосавӣ . . . . . . . . 17
§ 5. Қонунҳои мантиқӣ . . . . . . . . 18
§ 6. Ба қонун ва қоидаҳои мантиқӣ риоя кардан — шарти зарурии донистани ҳақиқат мебошад . . . . . . . 20
§ 7. Таърифи илми мантиқ . . . . . . . 21
§ 8. Аҳамияти илми мантиқ . . . . . . . 23
§ 9. Мухтасар дар бораи таърихи мантиқ . . . . 25

Боби II. **Мафҳум** . . . . . . . . . . . 33

§ 1. Хусусияти умумии мафҳум . . . . . . 33
§ 2. Мафҳум ва тасаввур . . . . . . . . 35
§ 3. Мафҳум ва калима . . . . . . . . . 37
§ 4. Мазмун ва ҳаҷми мафҳум . . . . . . 39
§ 5. Амалҳои асосии ташкилёбии мафҳум (муқоиса, анализ, синтез, абстракциякунӣ ва умумиятдиҳӣ) . . . . . 41
§ 6. Навъҳои мафҳум . . . . . . . . . 47
§ 7. Алоқаи байни мафҳумҳо . . . . . . . 49

Боби III. **Амалҳои мантиқӣ бо мафҳум** . . . . . 55

§ 1. Маҳдудкунӣ ва умумиятдиҳии мафҳум . . . . 55
§ 2. Таърифи мафҳум . . . . . . . . . 57
§ 3. Тақсими мафҳум . . . . . . . . . 66
§ 4. Классификация . . . . . . . . . . 69
§ 5. Амали мантиқии инкори мафҳум . . . . . 70
§ 6. Назариҳои мафҳум . . . . . . . . 71

Боби IV. **Муҳокима** . . . . . . . . . . 75

§ 1. Таърифи муҳокима . . . . . . . . 75
§ 2. Таркиби муҳокима . . . . . . . . 76
§ 3. Муҳокима ва ҷумла . . . . . . . . 77
§ 4. Навъҳои асосии муҳокима . . . . . . 79
§ 5. Тақсими муҳокима аз ҷиҳати сифат ва миқдор . . . 80
§ 6. Ҳаҷми терминҳо дар муҳокима . . . . . 83
§ 7. Муҳокимаҳои манҷуда, хусусият ва муносибат . . . 86
§ 8. Муҳокимаҳои эҳтимолӣ ва эътиборнок . . . . 88
§ 9. Муҳокимаҳои қатъӣ, шартӣ ва мунфасил . . . 90
§ 10. Инкори муҳокима . . . . . . . . . 97
§ 11. Муносибати байни муҳокимаҳо . . . . . . 98

Боби V. **Қонунҳои асосии мантиқӣ** . . . . . . . . . . . . . 102
§ 1. Мафҳуми умумӣ оид ба қонунҳои мантиқӣ . . . . . . —
§ 2. Қонуни айният . . . . . . . . . . . . . . . . . . 104
§ 3. Қонуни зиддият . . . . . . . . . . . . . . . . . 106
§ 4. Қонуни истиснои салоси . . . . . . . . . . . . . 108
§ 5. Қонуни асоси басинда . . . . . . . . . . . . . . 109
Боби VI. **Хулосабарорӣ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . 112
§ 1. Хулосабарории бевосита. Таърифи хулосабарорӣ . . . 112
§ 2. Хулосабарории бевосита. (Гардониш. Табдил. Муқобилгузорин муҳокима) . . . . . . . . . . . . . . . . . . 116
Боби VII. **Хулосабарории дедуктивӣ. Силлогизми қатъӣ** . . . . . 121
§ 1. Таърифи умумии силлогизм . . . . . . . . . . . —
§ 2. Аксиомаи силлогизм . . . . . . . . . . . . . . . 122
§ 3. Шаклҳои силлогизм . . . . . . . . . . . . . . . 124
§ 4. Намудҳои силлогизм . . . . . . . . . . . . . . . 125
§ 5. Қоидаҳои силлогизм . . . . . . . . . . . . . . . —
§ 6. Характеристикаи шаклҳои силлогизм . . . . . . . 130
§ 7. Хулосабарории шартӣ ва шартию қатъӣ . . . . . . 136
§ 8. Хулосабарории мунфасил ва мунфасили қатъӣ . . . 138
§ 9. Хулосабарории шартию мунфасил . . . . . . . . . 140
§ 10. Хулосабарории мухтасар ва муфассал . . . . . . 141
§ 11. Хулосабарории муносибат . . . . . . . . . . . . 146
Боби VIII. **Хулосабарории индуктивӣ** . . . . . . . . . . . . 149
§ 1. Таърифи хулосабарории индуктивӣ . . . . . . . . —
§ 2. Индукцияи мукаммал . . . . . . . . . . . . . . . 150
§ 3. Индукцияи номукаммал . . . . . . . . . . . . . . 152
§ 4. Индукцияи илмӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 155
§ 5. Методҳои алоқаи сабабии ҳодисот . . . . . . . . 157
Боби IX. **Қиёс. (Аналогия)** . . . . . . . . . . . . . . . . 167
§ 1. Мафҳуми қиёс . . . . . . . . . . . . . . . . . . 167
§ 2. Шартҳои дараҷаи эҳтимолии қиёс . . . . . . . . . 169
Боби X. **Исбот ва инкор** . . . . . . . . . . . . . . . . . 172
§ 1. Мафҳуми исбот . . . . . . . . . . . . . . . . . —
§ 2. Таркиби исбот. (Тезиси исбот. Асоси исбот) . . . 174
§ 3. Навъҳои исбот . . . . . . . . . . . . . . . . . 179
§ 4. Усулҳои инкор . . . . . . . . . . . . . . . . . 182
§ 5. Қоидаҳои исбот . . . . . . . . . . . . . . . . . 183
Боби XI. **Фарзия (Гипотеза)** . . . . . . . . . . . . . . . 187
§ 1. Таърифи фарзия . . . . . . . . . . . . . . . . . 187
§ 2. Аҳамияти илмии фарзия . . . . . . . . . . . . . 192

*Муҳаммад Болтаев*

**ЛОГИКА**

(на таджикском языке)

*Муҳаррир Асрор Раҷабов*

Муҳаррири техникӣ Р. Анисимова

Мусаҳҳеҳон Ҳ. Амонов ва К. Шарипов

Ба матбаа 21.XI-1964 супурда шуд. Ба чопаш 4.III-1966 имзо шуд. Ҷузъи чопӣ 12,25. Коғази 60×90[1]/[16]. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 11,47. Адади нашр 5000. Супориши № [illegible]. КЛ 02526. Нархаш 33 тин.

Душанбе. Комбинати полиграфии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба матбуот.